ШАРИФ РАҲИМЗОДА

МУОМИЛОТИ ПУЛӢ ВА ҚАРЗ

КИТОБИ ДАРСӢ

Шариф Раҳимзода

МУОМИЛОТИ ПУЛӢ ВА ҚАРЗ

(нашри дуюм)

Аз ҷониби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори мушовара аз 9 ноябри соли 2007, № 23/10-1) ба сифати китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаҳои иқтисодии мактабҳои олӣ тавсия шудааст

ДУШАНБЕ
«ЭР-граф»
2009

ББК 65.9(2)262+65.5
Р – 45

Муҳаррири масъул: академик Т.Н. Назаров

Муқарризон: профессор Ҳ.Н. Фақеров
профессор Б.И. Исоматов

Р – 45 Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз. – Душанбе: «ЭР-граф», 2009. – 450 с.

Ташкили дурусти муомилоти пулӣ, муносибатҳои қарзию бонкдорӣ яке аз шартҳои асосии пешрафти иқтисодиёти бозорӣ буда, донистани масъалаҳои марбут ба пулу қарз, тартиби ташкили гардиши самаранокии онҳо, шаклҳои муфиди ҳисоббаробаркунӣ ва масъалаҳои дигари вобаста ба онҳо гарави самаранокии фаъолияти бонки марказӣ, бонкҳои тиҷоратию сохторҳои дигари иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Пешбурди сиёсати дурусти пулию қарзӣ дар қалamрави кишвар вазифаи муҳими ҳукумату бонки марказӣ бошад ҳам, татбиқи бобарори он аз кордонию малакаи хуби мутахассисон вобаста аст. Аз ин рӯ, дар китоби дарсии пешниҳодшуда масъалаҳои назариявию амалии ташкили муомилоти пулӣ, қарзу бонкдорӣ, тарзҳои ҳисоббаробаркунӣ дар ҷумҳурии мо ва кишварҳои дигар шарҳ дода шудааст. Муаллиф бештар ба тартиби ҳозиразамону пешрафтаи бонкдории ҷаҳонӣ, хусусан аврупоӣ, ки асоси ташкили бонкдорӣ дар кишвари мо мебошад, такя кардааст.

Китоби дарсии мазкур аз ҷониби Шӯрои илмию методии Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон ҳамчун дастури таълимӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ, муаллимону аспирантон ва мутахассисони соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ тавсия шудааст.

ISBN 978-99947-42-05-2 © Шариф Раҳимзода, 2009

Ба ёди модари
азизу меҳрубонам –
Зоирамоҳи Муҳаббат, ки
беҳтарин ва муассиртарин
мураббию омӯзгорам буд.

КИТОБХОНАИ
Донишгоҳи технологии
Тоҷикистон
БИБЛИОТЕКА
Технологический университет
Таджикистана
ИНВ. № 20908

«Пули миллӣ яке аз рукнҳои
асосии истиқлолият ва муҳимтарин
нишонаи мустақилияти давлат аст».
Эмомалӣ Раҳмон

ОҒОЗ

Пул, қарз, бонк барои қисми зиёди ҷаҳониён унсурҳо (атрибутҳо)-и ҳамарӯзаи зиндагӣ гардидаанд. Ҳаёти ҳаррӯзаро бе доштани миқдори муайяни пул дар ҳамён тасаввур кардан мушкил аст. Дар кишварҳои пешрафта аз сабаби истифодаи ками пули накд ва гузариш ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ одамон ҳамарӯза бо бонк сару кор доранд. Акнун пас аз падид омадани бонкдории компютерӣ (pc-banking) ҳамкорӣ бо бонк ба ҳадде расидааст, ки одамон дар давоми шабонарӯз метавонанд аз хона набаромада пайваста амалиёти бонкӣ гузаронанд.

Мавҷудияти пул, қарз ва бонк имкон медиҳад, ки яке аз шартҳои асосии самаранокии иқтисодиёт, яъне пайвастагии доимии истеҳсолот, муомилот ва истеъмолот таъмин карда шавад. Ба шарофати истифодаи пул ҳисоббаробаркуниҳо миёни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон сари вақт амалӣ гардида, маблағҳои воридшуда барои додани музди меҳнат ва пӯшонидани харочотҳои дигар истифода мешаванд.

Ҳангоми нарасидани маблағҳои худӣ барои таъмини истеҳсоли пайвастаи молҳо ва хизматрасонӣ ширкату корхонаҳо аз қарз истифода мекунанд,

ки ба ин восита ҳам кормандон бекор наменомонанду ҳам истеъмолкунандагон молро сари вақт мегиранд.

Бонк муассисаест, ки ба масъалаҳои ҷалб намудани маблағҳои муваққатан озоди мардуму ширкатҳо ва истифодаи онҳо барои қарздиҳӣ, ташкили ҳисоббаробаркунии байни корхонаҳо, одамони алоҳида, нигоҳдории молҳои қиматбаҳои одамон ва ғайра сару кор дорад.

Ин китоб ба масъалаҳои назариявию амалии пулу қарз аз қабили зарурат, пайдоиш, вазифаҳо ва шаклҳои мухталифи онҳо, сохтори асъорӣ ва тартиби идоракунии муомилоти пулӣ бахшида шудааст. Дар равшан намудани масъалаҳои мазкур дар баробари омӯзиши васеи адабиёти илмӣ, инчунин аз асарҳои ба мавзӯи пул, қарз, бонку бонкдорӣ бахшидашудаи донишмандони маъруф, академикҳо Т. Назаров, Р. Раҳимов, профессорон Л. Лаврушин, Е. Жуков, Н. Титова, В. Усов, В. Иванова, Б. Исоматов, Н. Ашуров ва дигарон, ки аксари онҳо устодони муаллифи ин китоб маҳсуб мешаванд, истифода шудааст. Аз ин рӯ, муаллиф миннатдории худро аз донишмандони мазкур бо камоли ихлос баён медорад.

Ҳангоми таҳияи китоб муаллиф ба таҷрибаи 24-солаи устодию бонкдорӣ ва ҳисобдориаш такя намуда, қисман амалиёти бонкиеро мисол овардааст, ки дар таҷрибаи худ бевосита ба иҷро расонидааст, вале илму амалияи бонкдорӣ чизи карахтшуда нест ва ин навиштаҳо низ бо мурури замон бояд таҷдиди назар шаванд. Аз ин рӯ, муаллиф ба ҳамаи

онҳое, ки доир ба беҳтар кардани мазмуну сохтори китоб пешниҳодҳои худро ирсол медоранд, қаблан изҳори миннатдорӣ мекунад ва ният дорад, ки онҳоро дар нашрҳои оянда мавриди омӯзишу истифода қарор диҳад.

Тарзи истифодаи китоб.

Ин китоб аз дигар китобҳои дарсӣ бо баъзе хусусиятҳояш фарқ мекунад. Дар он на танҳо масъалаҳои марбут ба пулу қарз ва бонкдорӣ шарҳ дода шудаанд, балки барои мустаҳкам кардани дониши хонанда дар охири китоб мисолҳои ба ҳар мавзӯъ дахлдор замима шудаанд. Бинобар ин, ҳангоми омӯзиши мавзӯъҳои алоҳида хондани замимаҳо низ ба мақсад мувофиқ аст. Вале зарур аст, ки замимаҳо танҳо ҳангоми омӯзиши мавзӯъҳои дахлдор хонда шаванд, вагарна фаҳмидани мазмуни онҳо мушкил мегардад. Хусусияти дуюми китоб ин аст, ки дар он тартиби муомилоти пулию қарзӣ ва бонкдории кишварҳои пешрафтаи дунё низ тавсиф шудааст. Дар Тоҷикистони имрӯза қисме аз амалҳои дарҷёфта вуҷуд доранд, қисми дигар омодаи татбиқанд. Донишҷӯй, ки баъди чанд сол ба кори амалӣ шурӯъ мекунад, бояд аз ибтидо ба он омода бошад.

Мавзӯи 1

ПАЙДОИШИ ПУЛ, ЗАРУРАТ ВА МОҲИЯТИ ОН

1.1. Заминаҳои пайдоиши пул ва хосиятҳои зарурии он

Пул ин моли махсусест, ки бо мурури замон аз молҳои дигар ҷудо шуда, ҳамчун ченаки арзиш ва воситаи хариду фурӯш амал мекунад.

Таърихи тамаддуни башар аз пайдоиши одам, оила, қабилаҳо, халқиятҳо оғоз меёбад. Тараққиёти ҷамъият, маданият, истеҳсолот, гуногунии шароити зист, муносибу манфиатовар будани мавзеъҳои алоҳида барои истеҳсоли молҳои ҷудогона, пайдоишу пешрафти касби ҳунармандӣ зарурати тақсимоти ҷамъиятии меҳнатро ба миён овард.

Тақсимоти ҷамъиятии меҳнат дар навбати худ зарурати мубодилаи маҳсули меҳнат, яъне молро талаб кард, зеро сарфи назар аз истеҳсоли як ё якчанд намуди маҳсулот аз тарафи шахси алоҳида ҳар як фард ба садҳо намуди маҳсулот эҳтиёҷ дорад ва он пурра ё қисман бояд қонеъ гардонида шавад. Ҳамин тариқ, зарурати мубодилаи мол байни шах-

сони алоҳида, гурӯҳи одамон, мавзеъҳо ба миён омад.

Ин мубодилот аз шакли одӣ – ивази як намуди маҳсулот ба дигар намуди он то ба дараҷаи олии муомилот – истифодаи пул омада расид.

Дар зинаи аввали муомилот як мол ба моли дигар иваз карда мешуд. Масалан, мӯзадӯз мӯзаашро ба миқдори муайяни гандум иваз мекард. Бо мурури замон аз байни молҳо моли барои муомилот мувофиқтаре ҷудо шуда, чанд муддат ба сифати воситаи муомилот истифода шуд. Барои мисол дар баъзе мамлакатҳо ба сифати воситаи муомилот дар марҳалаҳои аввали тараққиёти ҷамъият табар истифода шудааст, дар дигаре – биринҷ, дар сеюмӣ – пашм ва ғайра.

Мардум бо мақсади дарёфти моли муносиб аз истифодаи як намуди мол ҳамчун воситаи муомилот ба истифодаи мол дигар мегузаштанд.

Барои мардум зарур буд, ки ин **моли** махсус **хосиятҳои зеринро доро бошад**:

– *аз тарафи ҷамъият эътироф шавад.* Эътирофи моли дилхоҳ аз тарафи ҳама шарти асосии истифодаи он ҳамчун пул мебошад. Қарори як гурӯҳи алоҳида дар бораи ҳамчун пул истифода шудани ягон моле, ки хосиятҳои зарурирo доро нест, барои ҷамъият аҳамияте надорад. Ҳатто қарори сохтори олии давлат шахси алоҳидаро маҷбур карда наметавонад, ки молеро ҳамчун пул эътироф кунад, зеро шахс дар аввал он молро ба ивази меҳ-

наташ гирад ҳам, баъдан дар кадом шакле, ки хоҳад, онро дар ҳамон шакл нигоҳ медорад. Сарфи назар аз сахтии қонунҳо дар баъзе аз мамлакатҳо имрӯз мардум ҳаракат мекунанд пулҳои ёфтаашонро дарҳол ба доллару евро ё молҳои қиматбаҳо иваз кунанд, зеро пастшавии қурби пули миллии ин мамлакатҳо ба онҳо зарар меорад.

– *барои истифода дар хариду фурӯш одию боварибахш бошад*. Моҳияти ин хосият аз он иборат аст, ки мардум воҳиди пулии ба шакл (стандарт)-и муайян надаровардаро ба ивази мол қабул намекунад. Масалан, агар чорворо ба сифати пул истифода кунем, азбаски бо гузашти вақт вазни он дигар мешавад, истифодаи он мувофиқи мақсад нест. Илова бар ин, фурӯшанда бовар дорад, ки харидор ба ӯ ба сифати воситаи пардохт чорвои солимро медиҳад, вале харидор барои додани чунин чорво ба ивази мол ҳавасманд нест, бинобар ин ҳаракат мекунад аз ҳисоби ба фурӯшанда додани чорвои носолиму хароб бурд кунад.

– *сабуку камҳаҷм бошад*. Зарур аст, ки моли ҳамчун пул истифодашаванда сабуку камҳаҷм бошад, то одамон тавонанд онро ба осонӣ бо худ гардонанд ё дар хона нигоҳ доранд. Масалан, ба сифати пул истифода кардани ангишт номуносиб аст, зеро барои хариди як гов чандин тоннаи онро бо харҷи зиёд ба бозор баровардан лозим меояд.

– *дорои арзиши устувор бошад.* Устувории арзиши моли ба сифати пул интихобшуда яке аз омилҳои асосии қобили қабул шуморидани он аз тарафи ҷамъият аст. Сарфи назар аз сабабҳои дигари мавҷуда мардум аз истифодаи пуле, ки арзишашро пайваста гум мекунад, даст мекашанд. Одамон кӯшиш мекунанд, ки пулҳояшонро ба молҳои пураразиш, қиматбаҳо ва ғайра иваз кунанд. Масалан, дар давраи аввали ворид кардани пули миллии тоҷикӣ (соли 1995) нобоварии мардум ба устувории қурби он боиси дарҳол ба доллар ё молҳои дигар иваз кардани он гардид. Дар қисме аз минтақаҳои ҷумҳурӣ ба ҳамин сабаб мардум пули русиро васеъ истифода мекард, ки ба иқтисодиёти Тоҷикистон зарари калон дошт.

– *имкон бошад, ки аслӣ будани он дарҳол санҷида шавад.* Пулҳои имрӯза аломату нишонаҳои гуногуни кимиёвӣ доранд, ки аз тарафи мардум ба осонӣ санҷида мешаванд. Дар давраи истифодаи тилло ҳамчун пул аслӣ будани он аз рӯи аломати мулоимиаш* санҷида мешуд, масалан, бо дандон.

*Тилло то дараҷае мулоим аст, ки аз як грамми он ресмони дарозиаш 3 км-ро танидан мумкин аст (7, 211).

– *тақсимшаванда бошад.* Моли ба сифати пул истифодашаванда бояд тақсимшаванда бошад, то одамон тавонанд андозаи пули ба арзиши мол баробарро пардохт намуда, бақияи онро бозпас

бигиранд. Сабаби истифода нашудани қисми зиёди молҳо ба сифати пул хосияти тақсимнашавандагии онҳо буд. Баъзе аз онҳо тақсимшаванда бошанд ҳам, баъди ба қисмҳо ҷудо шудан арзиши умумии қисмҳои алоҳида аз арзиши онҳо дар ҳоли якҷоягӣ камтар буд. Масалан, агар табар ба сифати пул истифода шавад, дар ҳолати ба қисмҳо ҷудо кардани он арзишашро гум мекунад.

– *имконияти истифодаи он дарозмуддат бошад.* Мӯҳлати истифодаи мол ҳамчун пул ба устувории арзиши он таъсир мерасонад. Агар мол дар натиҷаи истифода ба зудӣ хӯрда шавад ё шиканад, арзиши худро гум мекунад. Бинобар ин, истифодаи чунин мол ба сифати пул ба мақсад мувофиқ нест. Масалан, агар нонро ҳамчун пул* истифода барем, бешак ба зудӣ шикаста, майда мешавад ва агар роҳи пешгирӣ кардани ин нуқсонро ёбем ҳам, бо гузашти вақт он хушк шуда пӯпанак мезанад ва маҷбур мешавем аз истифодаи он ҳамчун пул даст кашем.

*Дар аввалҳои асри XI дар Бағдод нони чапотӣ чанд муддате ба сифати пул истифода шудааст.

Доштани ҳамаи хосиятҳои дар боло зикршуда шарти асосии истифодаи моли муайян ҳамчун пул буд. Ин аст, ки молҳои гуногуни як ё якчанд хосиятҳои дар боло зикршударо дошта паси ҳам ҳамчун воситаи хариду фурӯш истифода мешуданд ва ҳар бор моли нави истифодашаванда ба талаботи

мардум бештар мувофиқат мекард. Зарурати ёфтани моле, ки дорои хосиятҳои дар боло зикршуда бошад, мамлакатҳоро маҷбур сохт паси ҳам ба истифодаи тангаҳои мисин, нукрагин ва баъдан тиллоӣ ҳамчун воситаи муомилот гузаранд.

1.2. Таърихи пайдоиши пулҳои филиззӣ ва коғазӣ

То ҷое ки маълум аст, аввалин бор дар Осиёи Марказӣ тангаҳои тиллоии Ҳахоманишиён (асри VI пеш аз милод) ба муомилот бароварда шудаанд. Истилои Искандари Мақдунӣ ва арабҳо боиси аз номи онҳо ба муомилот баровардани тангаҳои тиллоӣ, нукрагин ва мисин гардид. Дар давраи ҳукмронии Сомониён тангаҳо бо номҳои динору дирам ва фулус (шакли танҳои он фалс, яъне тангаи мисин) дар муомилот истифода мешуданд.

Набудани сиёсати ягонаи пулӣ ва идораи мутамаркази он боиси аз тарафи ҳокимони Хатлон, Бадахшон, Хуҷанд, Истаравшану Рашт баровардани тангаҳои худӣ гардида буд (39). Истифодаи тангаҳо ҳамчун воситаи муомилот дар Осиёи Марказӣ то аввали асри XX давом кард (36, 239-257). Ғалабаи Инқилоби Октябр дар Бухорою қисматҳои дигари Осиёи Марказӣ боиси ба сохтори нави муомилоти пулӣ ворид гаштани ин минтақа гардид. (Барои ошноии пурратар ба таърихи пули миллӣ *ба замимаи 25 нигаред)*.

Русия ва кишварҳои дигари аврупоию осиёӣ вобаста ба пешрафти иқтисодиёташон чанд аср пештар ба сатҳи баланди ташкили муомилоти пулӣ – истифодаи пулҳои коғазӣ гузашта буданд.

Асоси то як давраи муайян ҳамчун пул истифода шудани тангаҳои мисин, нуқрагин ва тиллоӣ ба талаботи мардум мувофиқ будани онҳо будааст. Вале баъдтар маълум шуд, ки ин се филизи қиматбаҳо низ ҷиҳати истифода ҳамчун воситаи муомилот аз камбудиҳо холӣ набудаанд.

Тангаҳои нуқрагину тиллоӣ бо қиматҳои гуногун аз тарафи давлатҳо бароварда мешуданд. Аз сабаби он, ки нуқраю тилло филизҳои мулоиманд, оҳиста-оҳиста набаҳрасозоне* пайдо шуданд, ки бо роҳи кам кардани вазни онҳо даромади иловагӣ ба даст меоварданд. Набаҳрасозон инчунин бо роҳи бароришти тангаҳо аз тиллои пастсифат (масалан, ба ҷои истифодаи маҳаки** 995 истеҳсоли тангаҳо аз тиллои маҳаки 585) даромади зиёд мегирифтанд. Ҳатто гоҳо баъзе ҳукуматҳо низ ба ин гуна амалҳо даст задаанд. Бинобар ин, вазни тангаҳо ба қимати дар онҳо сабтшуда мувофиқат намекард ва ин раванд боиси паст шудани боварии мардум ба тангаҳои тиллоӣ ҳамчун воситаи муомилот гардид *(Нигаред ба замимаи 1)*.

*Набаҳрасоз – касе, ки тангаҳои қалбакӣ месозад.

**Маҳак дар миёни мардуми Тоҷикистон бештар бо номи русиаш – «проба» маъруф аст.

Илова бар ин, азбаски тангаҳо аз филизи қиматбаҳо буданд, аз як тараф, бо худ доштани онҳо хатарнок буд ва аз тарафи дигар, шароити махсуси нигоҳдориро талаб мекард. Бинобар ин, мардум дар ҳолати ногувор монда, роҳҳои беҳтари нигаҳдошти филизҳои қиматбаҳои худро меҷустанд. Ин буд, ки рафта-рафта ба ҳунармандони ҷавоҳирсоз, ки барои нигоҳ доштани тилло ва маҳсулоти тиллоиашон сандуқҳои оҳанини махсус (сейф) доштанд, мурочиат кардан гирифтанд.

Мардум тилловариҳои худро ба ин ҳунармандон барои нигоҳдорӣ супурда, ба ивазашон забонхат мегирифтанд. Ва ҳар бор вақти хариди маҳсулот забонхатро ба ҳунарманд дода, тиллояшонро гирифта ба фурӯшанда медоданд, ки он дар навбати худ тиллоро барои нигоҳдошт боз ба назди ҳунармандони сейфдор меовард. Бо мурури замон тарзи навишти ин забонхатҳо ба он мувофиқат кард, ки мардум онҳоро ба ҷои миқдори тиллои дар он нишондодашуда ҳамчун воситаи муомилот – пул қабул мекарданд. Албатта, ин амал дар сурате ба вуқӯъ мепайваст, ки агар ҳунарманди ин тиллоро нигоҳдоранда шахси номдору боварибахш мебуд.

Ҳамин тариқ, оҳиста-оҳиста ҷои нуқраю тиллоро забонхатҳо ё шаҳодатномаҳои ба таври муайян чопшуда гирифтанд ва азбаски нигоҳ доштани тиллою дигар филизҳои қиматнок фоидаи зиёд меовард, шахсоне пайдо шуданд, ки ин корро касби худ ихтиёр намуданд ва бо ҳам пайваста бунёди бонкҳои аввалинро асос гузоштанд.

Минбаъд забонхатҳои аз ҷониби бонкҳо баровардашуда вексел ном гирифтанд. Вексел ба гурӯҳи коғазҳои қиматноке дохил мешавад, ки соҳибаш бо роҳи навиштан дар пушти он ҳуқуқи гирифтани пулро ба каси дигар медиҳад. Векселҳо асосан барои ҳисобу китоби байниҳамдигарии одамон дар ҳолати хариди маҳсулоти нисбатан арзишашон баланд истифода мешаванд.

Пешрафти муомилоти молӣ зарурати бароришии пулҳои арзиши номиналиашон гуногунро ба миён овард. Дар баробари векселҳо бонкҳо ба баровардани шаҳодатномаҳое шурӯъ карданд, ки мардум ба онҳо «бонкнота» ном гузоштанд. Бонкнотаҳо коғазҳои қиматноки аз тарафи бонк баровардашудае буданд, ки бо талаби аввалин ба миқдори муайяни тилло иваз карда мешуданд.

Аввалин бор пулҳои коғазӣ (бонкнотаҳо) дар мамлакати Чин (соли 1273)*, баъдан дар сарзамини тоҷикон (охири асри XIII)** ва сипас дар Аврупою Амрико (асрҳои XVII–XVIII) ба чоп расиданд.

*Дар хусуси чоп ва истифодаи пулҳои коғазӣ дар мамлакати Чин сайёҳи номдори итолиёвӣ Марко Поло, ки дар он ҷо 17 сол умр ба сар бурда буд, маълумот медиҳад. Ҳангоми ҳукмронии сулолаи Юан (1271-1368) пулҳои коғазӣ ба миқдори зиёд чоп ва ҳамчун воситаи асосии муомилоти пулӣ дар мамлакати Чин истифода шудаанд. (7,111.)

**Бинобар хабари Рашидуддини Фазлуллоҳ дар сарзамини тоҷикон нас аз он ки Гайхоту – хони муғулии Элхонӣ (охири асри XIII) тамоми дороии хазинаҳои мамлакатро ба боди фано дод, Садруддини Занҷонӣ мулаққаб ба Садриҷаҳони тоҷикро сарвазири мамлакат эълон кард. Ба ӯ

ҳуқуқу имтиёзҳоеро дод, ки то ин дам дар ҳукуматҳои муғулии Осиёи Марказӣ ба ягон сарвазири тоҷик надода буданд ва аз ӯ дархост, то барои нигаҳдории хазинаи мамлакат аз харобшавӣ чорае ҷӯяд. Пас, Садриҷаҳон пули коғазиро, ки дар Чин бо номи «чов» маъруф буд, ҷорӣ кард. Вале ба сабаби ниҳоят харобу холӣ будани хазинаи мамлакат муомилоти пули коғазӣ дер давом накард (39,1197). *(Нигаред ба замимаи 35).*

Дар Русия аввалин пулҳои коғазиро соли 1769 дар давраи подшоҳии Екатеринаи II аз чоп баровардаанд.

Қадимтарин пули коғазии то имрӯз расида дар давраи ҳукмронии сулолаи Минг (солҳои 1368–1399) аз чоп бароварда шудааст.

Дар ҳудуди Тоҷикистони муосир пулҳои коғазӣ соли 1920 дар Бухорои шариф аз чоп баромадаанд, ки дар рӯяшон ба забони тоҷикӣ ибораҳои зарурӣ навишта шуда буданд.

Доллари ИМА, ки имрӯз дар аксари ҳолатҳо ба сифати пули ҷаҳонӣ истифода мешавад, таърихи пайдоиши аҷибе дорад *(Нигаред ба замимаи 2).*

Дар давраи аввал пулҳои коғазӣ аз тарафи бонкҳои тиҷоратӣ бароварда мешуданд ва он бонкҳо кафолати таъмин будани ин пулҳоро бо тилло ва дигар филизҳои қиматбаҳо медоданд. Вале баъдан дар натиҷаи муфлисшавӣ баъзе аз ин бонкҳо қобилияти пардохтпазирии худро гум карданд ва пулҳои аз тарафи онҳо ба муомилот баровардашуда беқурб шуданд, ки боиси зарар дидани қисме аз мардум ва паст шудани боварии онҳо ба ҳукумату бонкҳо гардид.

Бинобар ин, зарурати мутамарказонидани барориши пулҳои коғазӣ ва таъмини арзиши онҳо бо филизҳои қиматбаҳо, назорати гардиши пул ва таъмини устувории қурби он ба миён омад. Вобаста ба ин, мамлакатҳо пай дар пай ба ташкили бонкҳои эмиссионӣ гузаштанд, ки онҳо бо мурури замон номи «бонки марказӣ» ё «бонки миллӣ»*-ро гирифтанд. Дар Иттиҳоди Аврупо баъди ташкили Бонки марказии Аврупо (соли 1998) бонкҳои миллии мамлакатҳои аъзои он «бонкҳои марказии миллӣ» номида шуданд.

*Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ мафҳуми «бонки марказӣ» бештар истифода мешавад, зеро мафҳуми «бонки миллӣ» маънои бонки давлатиро дорад. Ин мафҳум метавонад нисбат ба ҳама бонкҳои давлатӣ истифода шавад, зеро онҳо моликияти миллианд, вале нисбат ба онҳо истифода кардани мафҳуми «бонки марказӣ» ғайриимкон аст. Бонки марказӣ сохтори ягона буда, ба он чунин ҳуқуқ аз ҷониби парламент дода мешавад.

1.3. Зарурат ва моҳияти пул

Асоси пайдоиш ва зарурати пул тараққиёти истеҳсолоти молӣ ва муомилоти молии ба он вобаста мебошад. Ташкили дурусту одилонаи муомилоти молӣ бе моли махсус – пул, ки ифодакунандаи меҳнати барои истеҳсоли моли муайян сарфшуда мебошад, имконнопазир аст.

Ҳамин тариқ, дар баробари тараққӣ кардани истеҳсолоти молӣ ва пешрафти додугирифт байни

БИБЛИОТЕКА
Технологического университета
Таджикистан
ИНВ. № 20908

молистеҳсолкунандагон зарурати истифодаи моли махсус – пул ва ташкили муомилоти пулӣ пайдо шуд.

Минтақаҳои гуногун ба сифати пул молҳои гуногунро истифода мебурданд. Бо мурури замон дар натиҷаи болоравии махсусгардонии истеҳсолот зарурати додугирифти байни минтақаҳо пайдо шуд. Шакли кӯҳнаи додугирифт, ки ба ивазкунии як мол ба моли дигар (бартер) асос ёфта буд, талаботи тоҷиронро қонеъ гардонида наметавонист, зеро, аз як тараф, ёфт шудани мизоҷоне, ки моли онҳо ба якдигар лозим бошад, мушкил буда, аз тарафи дигар, ҳангоми иваз намудани молҳо бо сабаби вуҷуд надоштани ченаки умумӣ яке аз тарафҳо зарар медид. Ташкили одилонаи хариду фурӯш талаб мекунад, ки андозаи харҷи меҳнати барои истеҳсоли мол сарфшуда дуруст ба ҳисоб гирифта шавад. Чунин баҳисобгирӣ бо ду роҳ мумкин аст: вақти корӣ ва пул.

Истифодаи вақти корӣ ҳамчун ченаки арзиш имконнопазир аст, зеро барои истеҳсоли молҳои якхела вобаста ба гуногунии таҷҳизоти истифодашаванда, малакаи коргарон, арзиши ашёи хом ва коркарди он вақти корӣ гуногун сарф мешавад. Бинобар ин, зарурати истифодаи роҳи дуюм, яъне истифодаи пул барои дуруст ба ҳисоб гирифтани харҷи меҳнат ба миён омад.

Пул ин моли махсуси дорои хусусиятҳои хосест, ки бо мурури замон аз молҳои дигар ҷудо шуда ҳамчун ҳамарзиш (эквивалент)-и умумӣ эътибор пайдо кардааст.

Моҳияти пул дар ягонагии 3 хусусияти он зоҳир мешавад:

– пул ҳамчун олоти бевоситаи мубодилаи умумӣ (П-М);
– пул ҳамчун олоти мустақили мубодила (П-П);
– пул ҳамчун олоти берунии ченаки меҳнат.

Муайянкунии арзиши мол ба воситаи пул шароити ивазшавии онро ба ҳамаи молҳои дигар фароҳам оварда, имкон медиҳад, ки пул ҳамчун олоти бевоситаи мубодилаи умумӣ истифода шавад. Дар вақти иҷрои ин хусусияти худ пул бевосита ба хариду фурӯши маҳсулот алоқаманд аст, яъне амали пул-мол (П-М) ба вуқӯъ мепайвандад.

Ҳамин тариқ, пул ҳамчун воситаи баҳамоӣ ё пайвадгари истеҳсолкунандагону истеъмолкунандагон баромад мекунад.

Дар ҳолати дуюм (пул ҳамчун олоти мустақили мубодила) он ба фурӯши мол алоқаманд набуда, аз як даст ба дасти дигар (П-П) барои истифодаи мақсаднок мегузарад. Масалан, аз тарафи бонк додани қарз ба мизоҷон, додани андоз аз тарафи аҳолӣ ва корхонаҳо ба буҷет, иҷрои ӯҳдадориҳои мизоҷон дар назди бонк ва ғайра.

Хусусияти сеюми ифодагари моҳияти пул ин ҳамчун олоти берунии ченаки меҳнат зуҳур кардани он аст. Тавре ки зикр гардид, ченаки дохилии меҳнат вақти корӣ буда, барои истифода дар

шароити истеҳсолоти молӣ мувофиқ нест. Маълум аст, ки ҳамаи молҳо дар бозор аз рӯи арзишашон фурӯхта мешаванд, бинобар ин муқоисаи арзиши онҳо ба арзиши моли махсус зарур аст. Агар шахси алоҳида барои қонеъ гардонидани талаботаш аз дигарон молеро гирифтанӣ бошад, пас ӯ бояд ба ивазаш моли махсус – ҳамарзиши умумиро пешниҳод кунад. Моли махсус – пул ба ивази меҳнат дода мешавад, аз ин рӯ, зарур аст, ки арзиши меҳнати ин шахс ба воситаи ҳамин моли махсус – пул муайян карда шавад.

Бо дарназардошти хусусиятҳои зикршуда, метавон хулоса кард, ки пул ҳамчун воситаи тақсим ва азнавтақсимшавии даромади миллӣ, ифодагари алоқаҳои иқтисодии байни корхонаҳо дар рафти истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, муносибатҳои иқтисодии корхонаҳою шахсони алоҳида бо давлат амал мекунад.

Мавзӯи 2

ВАЗИФА ВА НАМУДҲОИ ПУЛ

2.1. Вазифаҳои пул ва тавсифи онҳо

Моле, ки қобилияти ба ҳар моли дилхоҳ иваз шуданро дорад, ҳамарзиш (эквивалент)-и умумӣ номида мешавад.

Пул ҳамчун ҳамарзиши умумӣ аз давраи пайдошавиаш чунин вазифаҳои бо ҳам алоқамандро иҷро мекунад:

– *ченаки арзиш;*
– *воситаи муомилот;*
– *воситаи пардохт;*
– *воситаи андӯхт;*
– *пулҳои ҷаҳонӣ.*

Омӯзиши вазифаҳои мазкур дар пайдарҳамӣ ва алоқамандии зичи онҳо имконият медиҳад, ки моҳияти пулро беҳтар фаҳмем.

Ч е н а к и а р з и ш.

Бинобар маҳсули меҳнат будани ҳамаи молҳо, аз он ҷумла пул, арзиши онҳо бо ҳам муқоиса шаванда аст. Пул, ки моли дорои хусусиятҳои хос аст, вазифаи ченаки арзишро иҷро мекунад.

Вазифаи пул ҳамчун ченаки арзиш аз муайянкунии арзиши молҳои дигар иборат буда, ду хусусияти хос дорад: 1) онро пулҳои аслӣ – тилло ё нуқра иҷро мекунанд, зеро барои арзиши молҳои дигарро муайян намудан худи пул бояд маҳсули меҳнат буда, дорои арзиш бошад; 2) онро пулҳои идеалӣ, яъне фикран тасаввуркарда иҷро мекунанд. Масалан, барои муайян кардани арзиши мол зарур нест, ки миқдори муайяни тилло дошта бошем.

Дар ҳолати бо пул ифода кардани арзиши мол, меҳнати барои ин мол сарфшуда ба меҳнати барои истеҳсоли миқдори муайяни пул – тилло сарфшуда фикран ва дар асоси таносубҳои қабулшуда муқоиса карда мешавад.

Арзиши моли бо пул ифодаёфта нархи мол номида мешавад.

Ҳангоми истифодаи тилло ҳамчун пул нархи молҳо бевосита бо тилло муайян карда мешуд.

Истифодаи пули коғазӣ ҳамчун андозаи арзиш танҳо бо миқёс (масштаб)-и нарх – ифодаи тиллоии ба пул додашуда имконпазир аст. Миқёси нарх табиати техникӣ дошта, метавонад аз тарафи давлат ва ё дар бозор муайян карда шавад.

Дар Иттиҳоди Шӯравӣ як рубл ба 0,987412 грамм тиллои холис баробар карда шуда буд. Дар ИМА миқёси нархи як доллар соли 1900 ба 1,504 грамм, 1934 – 0,889 грамм, 1971 – 0,818 грамм, 1973 – 0,737 грамм тиллои холис баробар буд. Баъдан аз соли 1976 сар карда, ИМА аз муайян намудани нархи асъори худ ба таври маъмурӣ даст кашид ва акнун нархи он дар бозор вобаста ба пешниҳоду талабот муайян карда мешавад. 20 сентябри соли 2007 нархи як доллари амрикоӣ дар бозори ҷаҳонии тилло ба 0,04274 грамм тиллои холис баробар буд.

Ифодаи тиллоии пули миллии Тоҷикистон – сомонӣ ба воситаи пулҳои озод табдилшаванда ва бо таври савдои озод муайян мешавад. Қурби тиллоии пулҳои озод табдилшаванда дар бозорҳои ҷаҳонии савдои тилло муайян мегардад.

Ҳамин тариқ, пул ба сабаби маҳсули меҳнат буданаш ҳамчун ченаки арзиш амал мекунад ва иҷрои ин вазифа имконият медиҳад, ки додугирифти байни молистеҳсолкунандагону истеъмолкунандагон одилона амалӣ гардад.

Воситаи муомилот.

Пул ҳамчун воситаи муомилот дар вақти хариду фурӯш, ки гирифтани молу додани пул бо ҳам мувофиқ меоянд, истифода бурда мешавад. Моҳияти ин вазифа аз миёнаравии пул ҳангоми хариду фурӯши мол иборат аст.

Пул ҳамчун воситаи муомилот ду хусусият дорад: 1) онро пулҳои ҳақиқӣ* иҷро мекунанд, яъне

ҳангоми хариду фурӯш пули воқеӣ истифода мешавад; 2) азбаски дар ин сурат истифодаи пул муваққатӣ аст, ин вазифаро пулҳои камарзиш** иҷро мекунанд.

*Пулҳои ҳақиқӣ гуфта, муаллиф истифодаи бевоситаи пулҳои коғазӣ ё филиззиро ҳангоми хариду фурӯш дар назар дорад, яъне дигар намудҳои ҳисоббаробаркунӣ ба монанди аз суратҳисоби харидор ба суратҳисоби фурӯшанда гузаронидани пул, дар оянда додани пули фурӯш ва ғайра хоси ин вазифа нестанд. Масалан, Қосим ба Ҳайдар қалам мефурӯшад. Агар Ҳайдар аз киссааш пул бароварда арзиши қаламро дарҳол диҳад, дар ин ҳолат пул ҳамчун воситаи муомилот амал мекунад.

**Пулҳои камарзиш гуфта, пулҳои коғазию филиззиеро мегӯянд, ки арзиши дар рӯи онҳо навишташуда ба арзиши истеҳсолиашон мувофиқ нест. Масалан, барои истеҳсоли як дона пули панҷсадеврой ҳамагӣ якчанд сент сарф мешавад, ҳол он ки бо ин панҷсадеврой маҳсулоте харидан мумкин, ки арзишаш аз арзиши аслии панҷсадеврой садҳо маротиба зиёд аст.

Дар ҳолати истифодаи пул ҳамчун воситаи муомилот харидору фурӯшанда имконият доранд иҷрои бевоситаи ӯҳдадориҳои байниҳамдигариро назорат кунанд. Харидор сифати молро тафтиш ва арзиши онро ба арзиши молҳои дигари ба ин мол монанд муқоиса карда, нархи охиринро муайян менамояд. Фурӯшанда дар навбати худ имконият дорад ба қобилияти пардохтпазирии харидор боварӣ ҳосил намояд.

Ва танҳо баъди чунин назорати байниҳамдигарӣ мол ба харидор ва пул ба фурӯшанда дода

мешавад. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки пул ҳамчун воситаи муомилот, инчунин воситаи назорати иҷрои ӯҳдадориҳои байниҳамдигарии харидору фурӯшанда аст.

Вобаста ба пешрафти иқтисодиёт, комёбиҳои илму техника, сол то сол зиёд шудани истифодаи кортҳою чекҳо ва дигар намудҳои ҳисоббаробаркунӣ ҳаҷми пули ҳамчун воситаи муомилот истифодашаванда кам мешавад. Дар мамлакатҳои тараққикарда, ба монанди ИМА, Британиёи Кабир, Фаронса, Олмон ва ғайра ҳаҷми пули нақд дар ҳаҷми умумии гардиши он хеле кам аст, зеро дар ин мамлакатҳо воситаҳои ҳозирзамони ҳисоббаробаркунӣ – ба суратҳисоби кормандон, нафақахӯрон, донишҷӯён гузаронидани музди меҳнат, нафақапулию стипендия ва аз он ҷо ба таври ғайринақдӣ (бо воситаи кортҳо) додани хонапулӣ, арзиши молҳо ва хизматрасонӣ, бо чеку векселҳо додани пули молҳои баландарзиш васеъ истифода мешаванд. Масалан, дар ИМА ҳамагӣ 1 фоизи кормандон моҳонаи худро бо пули нақд мегиранду халос, дар Олмону Британиёи Кабир ва Фаронса миқдори кормандоне, ки чунин тарзи ҳисоббаробаркуниро истифода мебаранд, аз 8 то 12 фоизро ташкил медиҳад.

Дар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ин нишондиҳанда ба 90-100 фоиз баробар аст. Тоҷикистон ба гурӯҳи мамлакатҳое дохил аст, ки тамоми мардуми он бо пули нақд гирифтани музди меҳнатро афзалтар мешуморад.

Воситаи пардохт (қарзадокунӣ).

Пул ҳамчун воситаи пардохт ҳамон вақт амал мекунад, ки агар байни додани молу гирифтани пули он, додани қарзу баргардонидани он, иҷрои кору пардохти пули он (масалан, пардохти музди меҳнат) фосилае пайдо шавад.

Агар ҳангоми истифодаи пул ҳамчун воситаи муомилот вақти хариду фурӯш ба ҳам мувофиқ ояд, ҳангоми истифодаи пул ҳамчун воситаи пардохт фурӯшанда имконият надорад пули молро дарҳол гирад. Чунин шакли ҳисоббаробаркунӣ асосан дар байни корхонаҳо, корхонаҳою давлат, корхонаҳою кормандони онҳо, байни давлатҳо маъмул аст.

Аслан ин вазифаро пулҳои ғайринақдӣ иҷро мекунанд, ҳаҷми пулҳои нақдии барои иҷрои ин вазифа истифодашаванда хеле кам буда, асосан ҳангоми додани андоз, хоҷапулӣ ва ғайра аз тарафи шахсони воқеӣ истифода мешаванд.

Ба тавассути истифодаи воситаҳои ҳозирзамони ҳисоббаробаркунӣ ба монанди векселу чекҳо, кортҳои кредитию дебетӣ ҳаҷми пули ҳамчун воситаи пардохт истифодашаванда нисбат ба ҳаҷми пули ҳамчун воситаи муомилот истифодашаванда сол то сол меафзояд.

Имрӯзҳо дар муомилоти мамлакатҳои тараққикарда пулҳои электронӣ васеъ истифода мешаванд. Воситаҳои ҳозирзамони алоқа имконият медиҳанд, ки харидор барои молҳои харидааш ба воситаи корт ҳисобу китоб кунад. Фурӯшанда имконият дорад дар сонияҳои башумор дар ҳисоби бонкии

харидор будан ё набудани маблағи зарурӣ ё гарави пӯшонидани харочотҳои харидорро тафтиш намуда, баъдан ба маблағи нархи молҳои интихобкардааш чек нависад. Дар чек номи харидор, таърихи рӯз, рақами корт ва маблағи умумии молҳои фурӯхташуда ё хизматҳои расонидашуда нишон дода шудааст. Чек аз тарафи харидор имзо шуда ба бонки ӯ барои гузаронидани пул фиристода мешавад.

Бонк моҳе як бор феҳристи харочотҳои аз суратҳисоб кардашударо ба мизоҷ мефиристад. Мизоҷ имкон дорад бо воситаи ин феҳрист дурустии амалиётҳои дар ҳисоби он гузаронидашударо назорат кунад *(Нигаред ба замимаи 3)*.

Пул ҳамчун воситаи пардохт инчунин дар муносибатҳои байналмилалӣ васеъ истифода мешавад. Масалан, пул ҳамчун воситаи пардохт аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои худ оид ба баргардонидани қарзҳо, додани фоизи онҳо ба ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, давлатҳои дигар, ширкатҳои алоҳида, додани аъзоҳаққӣ ба созмонҳои байналмилалӣ, хариду фурӯши байниҳамдигарии ширкатҳои давлатҳои гуногун ва ғайра истифода мешавад.

В о с и т а и а н д ӯ х т.

Дар қатори харочотҳои ҳаррӯза ё ҳарҳафтаина (хариди нон, равған, чой ва гайра) одамон харочоте доранд, ки як бор дар як ё якчанд сол ба вуқӯъ пайваста, маблағи калонро талаб мекунанд. Масалан, тӯй, хариди хона, мошин ва гайра.

Ҳукумат низ дар қатори хароҷотҳо барои музди меҳнат, кӯмакхарҷӣ, нафақа ва ғайра ҳангоми зарурати сохтмони иншоотҳои азим, ба монанди бунёди нақб, роҳҳо, истгоҳҳои баркӣ, хариди ҳавопаймоҳо бояд захираҳои пулӣ дошта бошад. Корхонаю ташкилотҳо барои нав намудани таҷҳизот, сохтмони биноҳо ва ғайра ба чунин захираҳои пулӣ ниёз доранд.

Ин аст, ки ҳам ҳукумату корхонаю ташкилотхо ва ҳам одамон барои дар оянда пӯшонидани хароҷотҳои дар боло номбаршуда аз даромад, маошу фоидаашон маблағи муайянеро дар ҳисобҳои махсус ё дар сандуқҳо ҷамъ мекунанд. Масалан, баъди чанд сол зарурати иваз намудани агрегатҳои пурқимати нерӯгоҳи баркии Норак ба миён меояд ва соҳиби онро зарур аст, ки аз аввали истифодаи ин нерӯгоҳ пай дар пай маблағи муайянеро ҷамъ намояд, то тавонад ҳангоми зарурат агрегатҳои навро харидорӣ кунад. Пул дар чунин маврид ҳамчун воситаи андӯхт ё ғункунӣ баромад мекунад.

Зарурати пай дар пай азнавкунии техникаю технологияи истеҳсолӣ бо мақсади таъмини пешрафти истеҳсолот андӯхти миқдори муайяни пулро талаб мекунад. Азбаски мақсади асосии молистеҳсолкунандагон дар шароити иқтисоди бозорӣ гирифтани фоида мебошад, онҳо ҳаракат мекунанд, ки маблағҳояшонро барои таъмини пешрафти истеҳсолот истифода кунанд. Яъне, аз як тараф, пул ҳамчун воситаи андӯхт имкон медиҳад, ки молистеҳсолкунандагон ҳангоми зарурат маблағи муайянро дошта бошанд, аз тарафи дигар, ба шарофати

ин вазифаи пул ва хариди саривақтии техникаю технологияи нав такрористеҳсоли васеи молҳо таъмин карда мешавад.

Дар миқёси байналмилалӣ ин вазифаро тилло ва асъорҳои озодтабдилшаванда иҷро мекунанд.

Пулҳои ҷаҳонӣ.

Дар баробари хариду фурӯш бо пули миллӣ дар дохили мамлакат ҳар як кишвар сарфи назар аз хоҳишаш ба додугирифти берунӣ ниёзманд аст.

Ҷаҳонишавӣ ё боз ҳам васеъшавии тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ба он оварда расонд, ки давлат ва шаҳрвандони он, корхонаю ташкилотҳо барои қонеъ гардонидани талаботашон бо давлату шаҳрвандон ва корхонаҳои хориҷӣ додугирифт мекунанд. Илова ба он, сол то сол миқдори шахсони ба хориҷи кишвар сафаркунанда, аз қабили сайёҳон, донишҷӯён, кормандони ҳукуматию шахсони алоҳида меафзояд ва онҳо барои пӯшонидани харочотҳои худ ба асъори* хориҷӣ ниёз доранд.

*Мафҳумҳои «пул» ва «асъор» ҳаммаъноянд, вале бо мақсади ҷудо кардани пули миллии тоҷикӣ аз пулҳои миллии кишварҳои дигар ҳангоми омӯзиш ҳар ду мафҳум истифода мешаванд. Таҳти мафҳуми «пул» пули миллии тоҷикӣ ва зери мафҳуми «асъор» пулҳои миллии мамлакатҳои дигар дар назар дошта шудааст.

Азбаски дараҷаи тараққиёти давлатҳо ва имкониятҳои дохилии онҳо барои таъмини устувории қурби пули миллиашон гуногун аст, ҳукумату сохибкорон барои ҳисобу китоб пули мамлакатҳои му-

тараққиро, ки онҳо гарави устувории қурбашро додаанд, истифода мебаранд. Пули миллии мамлакатҳои нисбатан қафомонда дар додугирифти байналмилалӣ истифода намешавад.

Албатта, ҳангоми истифодаи тилло ҳамчун воситаи пардохт чунин мушкилот вуҷуд надошт, вале баробари ба ҷои тилло истифода кардани пулҳои коғазӣ зарурати интихоби як ё якчанд пулҳои миллӣ ҳамчун пули ҷаҳонӣ ба миён омад.

Ҳамин тариқ, асъори озодтабдилшавандаи мамлакати мутараққие ба сифати воситаи пардохти байналмилалӣ ё ҳамчун пули ҷаҳонӣ истифода мешавад. Имрӯзҳо дар муносибатҳои байналмилалӣ асосан доллари ИМА ва евро васеъ истифода мешаванд. Пули миллии мамлакатҳои алоҳида дар ҳолати зарурӣ дар бозорҳои дохилии онҳо ба асъори озодтабдилшаванда иваз карда мешавад *(Нигаред ба замимаи 4)*.

Бо мақсади пешбурду равнақи савдои байналмилалӣ дар ҳама мамлакатҳо бозори дохилии асъор амал мекунад, ки аз он корхонаю ташкилотҳои эҳтиёҷманд барои иҷрои ӯҳдадориҳояшон дар назди ширкатҳои хориҷӣ асъор мехаранд ва ё асъори аз хориҷи кишвар овардаашонро дар он фурӯхта ӯҳдадориҳои худро дар назди буҷет оид ба додани андозҳо, коргаронашон доир ба пардохти музди меҳнат ва ғайра иҷро менамоянд.

2.2. Намудҳои пул

Дар давраҳои гуногуни пешрафти ҷамъият талабот ба категорияҳои иқтисодӣ, аз он ҷумла пул низ дигар мешавад. Ин аст, ки вобаста ба талаботи ҷамъият ва имконияти давлатҳо намудҳои гуногуни пул дар муомилот истифода шудаанд.

Тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва пешрафти соҳаҳои алоҳида, истифодаи ҳамарзиш (эквивалент)-и умумии мутобиқтареро талаб мекард. Аз ин рӯ, баробари ҷудо шудани чорводорӣ аз зироаткорӣ мардум ба сифати ҳамарзиши умумӣ ҳайвонотро истифода карданд, зеро он бо қобилиятҳои хосаи худ* аз дигар намуди молҳо афзалияти бештар дошт.

*Имконияти истифодаи ҳайвонот ҳамчун қувваи корӣ, истеҳсоли ширу маҳсулоти ширӣ, гӯшт, пӯст ва ғайра.

Ҷудошавии ҳунармандӣ аз заминдорӣ боиси истифодаи намудҳои нави ҳамарзиши умумӣ: табар, биринҷ, равғани зайтун ва ғайра гардид, ки онҳо хосиятҳои бештари зарурироро доро буданд, яъне нисбатан одӣ, сабуку камҳаҷм, тақсимшавандаю санҷидашаванда буда, арзиши устувортаре доштанд.

Пешрафти истеҳсолоту муомилот ва ҷустуҷӯи ҳамарзиши умумии мутобиқтаре боиси дар ҳамин давра истифода кардани оҳан, қалъагӣ, қӯрғошим, мис, нуқраю тилло ҳамчун пул гардид. Арасту дар асарҳои худ оид ба истифодаи тангаҳои оҳанин ишора кардааст. Императори Рим пулҳои қалъагиро ба муомилот баровардааст. Дар Чину

Осиёи Миёна пулҳои мисин васеъ истифода мешудаанд. Баъдан мамлакатҳо ба истифодаи нуқраю тилло гузаштанд, ки хосиятҳои бештари заруриро доро буданд *(Нигаред ба замимаи 5)*.

Албатта, тилло моли аз ҳама қиматтарин набуд, вале ба тавассути хосиятҳои хос доштанаш мӯҳлати дароз ҳамчун пул истифода шудааст. Гарчанде тиллои сафед (платина) филизи аз тиллои маъмулӣ чандин маротиба қиматтар аст, вале ба сифати пул истифода нашудааст, балки одамон қариб, ки онро намешиносанд *(Нигаред ба замимаи 6)*.

Зарурати таъмини устувории арзиши пулҳо, баҳисобгирӣ ва батанзимдарории муомилоти пулӣ боиси ба як шакли муайян даровардани онҳо гардид. Ин аст, ки тангаҳои филиззии нуқрагию тиллоӣ дар шаклҳои муайян аз ҷониби бонкҳою ҳукуматҳо бароварда шуданд.

Тангаҳои нуқрагину тиллоӣ то охири асри XIX ва аввали асри XX дар муомилоти пулии мамлакатҳои алоҳида истифода шудаанд. Баъдан мамлакатҳо паси ҳам аз истифодаи пулҳои тиллоӣ даст кашиданд, зеро дар шароити пай дар пай зиёдшавии истеҳсоли молу хизматрасонӣ барои таъмини талаботи муомилот захираҳои зиёди тилло лозим буд. Барои қонеъгардонии ин талабот давлат бояд ҳар сол маблағи зиёдро барои истеҳсоли тилло ва истифодаи он ҳамчун пул сарф мекард. Давлатҳое, ки конҳои тилло надоштанд, маҷбур буданд қисми захираҳои моддии худро барои хариди тилло сарф кунанд. Илова ба ин, сармояи дар шакли пули тиллоӣ ҷамъшуда фоизи иловагӣ намеовард, яъне мис-

ли пулҳои имрӯзаи дар бонкмонда аз ҳисоби фоиз зиёд намешуданд. Аз тарафи дигар, калонҳаҷм будани муомилоти пулии тиллоӣ мушкилиҳои зиёдеро ҳангоми васеъ шудани савдои байналмилалӣ ба миён овард. Давлату тоҷирон барои додугирифт бо мамлакатҳои хориҷӣ маблағҳои иловагии зиёдеро сарф мекарданд, ки боиси камманфиатӣ ва садди роҳи пешрафти савдои байналмилалӣ* мегардид.

*Масалан, агар давлат барои аз ширкати амрикоӣ харидани ҳавопаймои калонҳаҷми арзишаш 50 млн. доллар шартнома баста бошад, ба бонки миллӣ барои гузаронидани ин маблағ супориш медиҳад. Бонки миллӣ дар навбати худ аз ҳисоби долларҳои дар бонки амрикоӣ доштааш маблағи заруриро на дертар аз рӯзи дигар ба ҳисоби ширкати амрикоӣ мегузаронад. Ширкат бошад, фардо ё пасфардо ҳавопайморо ба харидор мефиристад. Харҷи бонк барои ин амалиёт на зиёдтар аз 100 сомонӣ аст. Дар ҳолати муомилоти пулии тиллоӣ барои хариди ин ҳавопаймо бо нархҳои соли 2005 тахминан 10 тонна тиллои маҳаки 585 лозим аст. Барои ин миқдори тиллоро аз давлати мо то Амрико бурдан вақту харочотҳои зиёди иловагӣ (тахминан 300 ҳазор сомонӣ) лозим аст. Тилло на танҳо дар шакли пул, балки дар шаклҳои дигар низ (чавоҳирот, воситаи пулгункунӣ, ноқил ва ғайра) истифода мешавад. Тилло дар шакли пул вобаста ба харҷи меҳнат барои зебосозӣ (дизайн) ва рехтани он аз тилло дар шакли одӣ қиматтар буд ва ин фарқият аз ҳисоби хазинаи давлат пӯшонида мешуд.

Илова ба ин камбудиҳо, тилло бо сабаби мулоим буданаш ҳангоми истифода хӯрда шуда вазнашро гум мекунад* ва давлат барои таъмини устувории арзиши он бояд доимо тангаҳои тиллоии истифодашударо ба тангаҳои нав иваз намояд. Ин-

соддонҳои амрикоӣ ҳисоб кардаанд, ки агар имрӯз дар ИМА муомилоти пулии тиллоӣ мебуд, давлаташонро лозим меомад, ҳар сол барои нигаҳдошти он камаш 2,5 ҳазор тонна тиллои холис сарф кунад (15).

Захираҳои тиллоии Амрико соли 2004 ба 13 ҳазор тонна баробар буд ва агар ҳисоб кунем, ки дар ин мамлакат 100 соли охир тилло ҳамчун пул истифода намешавад, пас ба хулоса меоем, ки ҳатто чунин давлати пуриқтидор аз ӯҳдаи ташкили муомилоти пулии тиллоӣ намебарояд.

*Арзиши номиналии пули тиллоӣ (арзиши дар болои танга навишташуда) бояд ба арзиши қонунан муайяншудаи он баробар бошад, вагарна боварии мардум ба ин тангаҳо ва ҳукумат, ки эмитент – барорандаи пул аст, гум мешавад. Барои мисол, ҳукумат ҳамчун эмитент эълон мекунад, ки тангаи 10 сомонии аз тиллои маҳаки 585 сохташуда, 10 грамм вазн дорад. Вале ҳангоми истифода дар муомилот ин танга хӯрда шуда вазни худро гум мекунад. Бинобар ин, зарур аст, ки он аз ҷониби эмитент ба тангаи арзишаш пурра иваз карда шавад.

Ба ҳама маълум аст, ки миқдори конҳои тилло дар дунё хеле маҳдуданд ва истеҳсолкунандагони тилло аз ӯҳдаи қонеъ гардонидани талаботи муомилот ба тилло намебароянд. Илова ба ин, мақсади асосии ҳама гуна намуди истеҳсолот гирифтани арзиши иловагӣ мебошад. Истеҳсоли тилло, ки қиматтарин моли дунё буд, зараровар гардида, боиси болоравии арзиши тиллою молҳои дигар ва номутаносибии пешрафти соҳаҳо гардид.

Ҳамин тариқ, илова ба камбудиҳои дар мавзӯи аввал қайдшуда, маҳдуд будани захираҳо ва таъмини нопурраи муомилоти пулӣ ба миқдори зарурии тилло, таъсири манфии муомилоти пулии нопурра ба истеҳсолот вазъи ногувореро ба миён овард.

Давлатҳо дар ҷустуҷӯи роҳи баромад аз ин вазъи ногувор маҷбур шуданд пули тиллоиро ба намояндаи он дар муомилот – пулҳои коғазӣ иваз намоянд.

2.3. Пулҳои коғазӣ

Пулҳои коғазӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: *пулҳои хазинадорӣ ва пулҳои қарзӣ.*

Пулҳои хазинадорӣ.

Пулҳои хазинадорӣ аз ҷониби ҳукумат (ба воситаи сохтори молиявии он) барои пӯшонидани харочотҳои иловагии буҷет (хусусан ҳангоми ҷанг, гиперинфлятсия ва ҳодисаҳои дигари харҷи барзиёдро талабкунанда) ба муомилот бароварда мешаванд. Давлат ӯҳдадор нест, ки ин пулҳоро ҳангоми зарурат аз муомилот гирад, зеро онҳо таъминоти аслӣ надоранд.

Баровардани пулҳои хазинадорӣ ҳаҷми умумии пулҳоро дар муомилот зиёд намуда, боиси болоравии нархҳо ё таваррум мегардад. Бинобар ин, истифодаи чунин намуди пулҳо воситаи «маҷбурии» ҷамъ кардани андози иловагӣ аз мардум ба-

рои пӯшонидани харочотҳои барзиёди буҷети давлат ҳисобида мешавад.

Дар Тоҷикистон пулҳои хазинадорӣ дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ истифода шудаанд. Онҳо пулҳои 1, 3, 5-рублаи чопи соли 1961 буданд, ки баробари ба истифодаи пули миллӣ гузаштани ватанамон аз муомилот гирифта шуданд.

Имрӯз пулҳои хазинадорӣ дар ИМА, Италия, Ҳиндустон, Индонезия ва чанд мамлакати дигар истифода мешаванд.

П у л ҳ о и қ а р з ӣ.

Асоси пайдоиши пулҳои қарзӣ истифодаи забонхатҳои ҷавоҳиротсозон буд, ки таъминоти тиллоӣ дошта, дар муомилот озод истифода мешуданд. Ин забонхатҳо бо мурури замон ва равнақ ёфтани фаъолияти бонкҳо ба шакли муайян даромада *вексел* ном гирифтанд. Векселҳо ба гурӯҳи пулҳои қарзӣ дохил мешаванд, зеро бо тартиби аз ҷониби бонкҳо муайянкарда бароварда шуда, ҳамчун гарави қарзи ба ивазашон додашаванда эътибор доранд. Яъне соҳиби вексел имкон дорад онро ҳамчун гарав истифода карда, ба ивазаш қарз гирад.

Баъдан дар натиҷаи пешрафти бонкдорӣ, пайдоиши имконияти ҳисоббаробаркунии гайринақдӣ ва истифодаи мошинҳои электронӣ дар соҳаи бонкдорӣ шаклҳои нави пулҳои қарзӣ: *бонкнотаҳо, чек, пулҳои электронӣ ва кортҳои бонкӣ* пайдо шуданд.

Хусусияти хоси пулҳои қарзӣ аз он иборат аст, ки онҳо дар асоси амалиётҳои қарзӣ, яъне ҳан-

гоми додани қарз ба муомилот бароварда шуда, бо мурури замон ба бонк бармеғарданд. Таъмин будани қарз ба миқдори муайяни мол ё воситаҳои асосию гардишӣ нишонаи таъминоти молӣ доштани пулҳои қарзӣ мебошад.

Агар барориши пулҳои хазинадорӣ ба мақсади пӯшонидани касри буҷет амалӣ гардад ва ба талаботи муомилот алоқае надошта бошад, пас барориши пулҳои қарзӣ дар асоси талаботи муомилот ба пул амалӣ мегардад. Ин аст, ки онҳо дар ҳолати татбиқи сиёсати дурусти пулӣ аз ҷониби бонки марказӣ ба болоравии нархҳо сабаб намешаванд.

Албатта, дар ибтидо пулҳои коғазиро ба муомилот бе ягон пайвастагӣ ба тилло баровардан ғайри имкон буд, зеро мардум онҳоро эътироф намекард. Бинобар ин, бонкҳои тиҷоратӣ, ки эмитенти пулҳои коғазӣ буданд, гарави таъмини устувории арзиши онҳо ё ба таври дигар, гарави дар ҳолати зарурӣ ба ивази пулҳои қоғазӣ додани миқдори муайяни тиллоро доданд. Ин пайвастагӣ аввал «стандарти тиллоӣ» ва баъдан «стандарти хишти тиллоӣ» ном гирифт.

Аз ҷониби давлат қабул кардани «стандарти тиллоӣ» маънои онро дошт, ки воҳиди пулии ин мамлакат ба миқдори муайяни тилло баробар аст ва ҳар касе пули онро ба бонк пешниҳод кунад, соҳиби миқдори муайяншудаи тилло мегардад. Масалан, дар Британиёи Кабир аз асри XVII то соли 1914 стандарти тиллоӣ вуҷуд дошт. Мувофиқи қонун 1 фунт стерлинг ба 113 гран ё 7,3 грамм тиллои холис баробар буд. Бо сар шудани ҷанги якуми ҷа-

ҳон ва зиёд шудани харочотҳои ҳарбии мамлакат Британиёи Кабир аз стандарти тиллоӣ даст кашид, зеро дигар имконияти ба ивази пулҳояш додани тиллоро надошт. Ҳатто тангаҳои тиллоие, ки дар гардиш буданд, аз муомилот гирифта шуданд.

Мамлакатҳое, ки иқтидори истифодаи стандарти тиллоиро надоштанд, бо роҳи истифодаи «стандарти хишти тиллоӣ» мехостанд устувории арзиши пулашонро таъмин намоянд. Масалан, Британияи Кабир баъди анҷоми ҷанги якуми ҷаҳон ва барқарор шудани иқтисодиёташ соли 1925 истифодаи «стандарти хишти тиллоӣ»-ро эълон кард, ки мувофиқи он давлат ба шахсони хоҳишманд ба ивази пулашон хишти тиллоӣ медод. Арзиши хишти тиллоӣ, ки 11 киллою 340 грамм вазн дошт, ба 1550 фунт стерлинг баробар буд. Дар он давра ин маблағи калон буд ва ба ҳар кас муяссар намешуд, ки соҳиби чунин маблағ гардад. Бӯҳрони иқтисодии солҳои 30-юми асри XX Британиёи Кабирро маҷбур сохт, ки соли 1931 аз «стандарти хишти тиллоӣ» даст кашад.

Баробари аз ҷониби ҳукумату бонкҳо ёфтани роҳҳои танзими гардиши пулҳои коғазию таъмини устувории қурби онҳо ва ба ин восита зиёд намудани эътимоди мардум ба пулҳои коғазӣ давлатҳо паси ҳам аз стандартҳои тиллоию хишти тиллоӣ даст кашиданд, яъне имрӯз ягон давлати дунё ба ивази пулаш тилло ё хишти тиллоӣ намедиҳад, гарчанде шумо метавонед бо он пул аз бозор миқдори муайяни тиллоро харидорӣ кунед.

Пешрафти соҳаи бонкдорӣ, электроника ва татбиқи комёбиҳои он дар ин соҳа, фоиданокии нигоҳдошти пул дар бонк, самаранокии истифодаи шаклҳои ҳозиразамони ҳисоббаробаркунӣ ба воситаи бонк ва ғайраҳо боиси пай дар пай камшавии истифодаи пулҳои нақдӣ ва васеъ шудани истифодаи пулҳои ғайринақдӣ гардид.

2.4. Пулҳои ғайринақдӣ

Дар мамлакатҳои пешрафта мардум ҳисобу китобашонро асосан ба воситаи бонкҳо амалӣ мекунанд. Аз ин рӯ, миқдори пули нақд дар муомилот хеле кам буда, аслан барои хариди молҳои камарзиш, ба монанди сигарет, оби нӯшокӣ ва ғайра истифода мешавад.

Ҳукуматҳо низ ба истифодаи камтари пулҳои нақд дар муомилот хеле ҳавасманданд, зеро таъмини гардиши пулҳои нақдӣ харҷи хеле зиёдро талаб мекунад. Мувофиқи маълумотҳо ҳаҷми умумии пулҳои нақд дар дунё 10 млн. тоннаро ташкил медиҳад, ки аз он 250 ҳазор тоннааш ба долларҳои ИМА рост меояд. Барои таъмини муомилоти пулӣ на камтар аз 100 млн. тонна коғазу ширеш ва лавозимоти дигар зарур аст (7,148). Ба болои ин мардуми зиёд ба ҳисобу китоб, бастакунӣ, ҷобаҷогузорӣ, нигоҳдорӣ, аз як ҷой ба ҷойи дигар кашонидани пул ва ғайра машғуланд. Арзиши як мошини калони пулҳисобкунӣ аз 40 ҳазор то 2 млн. доллари ИМА аст. Аз ин рӯ, ҳукуматҳо доимо дар ҷустуҷӯи

шаклҳои нави ҳисоббаробаркунианд. Илова ба ин, ҳисобу китоб ба воситаи бонкҳо ба одамон имкон намедиҳад, ки аз андозбандӣ гурезанд. Ин аст, ки пулҳои нақдӣ тахминан ба як фоизи муомилоти молии мамлакатҳои мутараққӣ хизмат мекунанду халос ва ин ҳам рӯ ба камшавӣ дорад (7,112).

Сарфи назар аз омӯзиши пулҳои ғайринақдӣ ҳамчун масъалаи алоҳида дар байни онҳо ва пулҳои нақдӣ* алоқамандии зич вуҷуд дорад, ки он дар воҳиди ягонаи пулӣ будани ҳар ду, гузариш аз шакли нақдӣ ба ғайринақдӣ (ҳангоми пасандоз кардани пулҳо, бо пули нақд додани аъзоҳаққӣ, додани пули барқу телефон) ва баръакс (ҳангоми аз ҳисоби бонкӣ гирифтани пули нақд барои додани музди меҳнат, иловапулӣ, нафақа) зоҳир мегардад. Инчунин, идоракунии гардиши пул ба воситаи татбиқи сиёсати пулию қарзии бонки марказӣ, дар доираи муайян нигоҳ доштани ҳаҷми пул ҳам ба пулҳои нақдӣ ва ҳам ғайринақдӣ дахл дорад.

*Зикр бояд кард, ки истифодаи мафҳуми «пули нақд» дар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ аз истифодаи он дар мамлакатҳои дигар фарқ мекунад. Агар дар мамлакатҳои гурӯҳи аввал пули нақд гуфта танҳо пулҳои коғазию тангагии дар даст ё дар хазинаҳо доштаро фаҳманд, дар мамлакатҳои гурӯҳи дуюм ба онҳо инчунин пулҳои дар ҳисобҳои бонкӣ буда низ дохил мешаванд.

Баробари зиёд шудани пулҳои ғайринақдӣ зарурати идоракунӣ ва таъмини самаранокии истифодаи онҳо ба миён омад. Бо мақсади нигаҳдошт ва баҳисобгирии пулҳои ғайринақдӣ бонкҳо барои ми-

зоҷонашон ҳисобҳои алоҳида мекушоянд. Тартиби кушодани ҳисобҳо хеле одӣ буда, чанд дақиқаро талаб мекунад. Барои ин шахс (ҳуқуқӣ ё воқеӣ) ба бонк ариза ва ҳуҷҷатҳои лозимиро пешниҳод менамояд. Доштани рақами мушаххаси андозсупоранда ҳатмӣ аст.

Гузаронидани маблағҳо аз як ҳисоб ба ҳисоби дигар, албатта, бе истифодаи шаклҳои алоҳидаи ҳисоббаробаркунӣ анҷом намеёбад. Барои таъмини ҳаракати мақсадноки пулҳои ғайринақдӣ вексел, чек, кортҳои бонкӣ ва намудҳои дигари ҳисоббаробаркунӣ васеъ истифода мешаванд.

Вексел ин ӯҳдадории хаттии як шахс ба шахси дигар дар бораи ба ӯ ё шахси сеюм дар мӯҳлати муайян додани маблағи навишташуда аст.

Вобаста ба муносибатҳои байни фурӯшандаю харидор дар ҳисоббаробаркунӣ шаклҳои гуногуни векселҳо истифода мешаванд.

Векселе, ки аз ҷониби қарздор* бароварда шуда, дар он ӯҳдадории хаттии ӯ дар хусуси дар мӯҳлати муайян додани маблағи навишташуда ба шахси дигар нишон дода шудааст, *вексели одӣ* ном дорад.

*Дар ин ҷо мафҳумҳои истифодашуда маънои зеринро доранд: қарздор – харидори мол, ки пули онро дарҳол дода наметавонад ё шахсе, ки ӯҳдадории худро ҳоло ичро карда наметавонад, бинобар ин, векселро ҳамчун воситаи ҳисоббаробаркунӣ истифода мебарад; қарздиҳанда – фурӯ-

шандаи мол ё хизматрасон, ки ба пардохтпазирии қарздор дар оянда боварӣ дошта, ҳоло ба қабули вексел розӣ аст.

Векселе, ки аз ҷониби қарздиҳанда бароварда шуда, дар он ӯҳдадории қарздор дар хусуси дар мӯҳлати муайян ба шахси сеюм додани маблағи дар вексел навишташуда нишон дода шудааст, *вексели таҳвилшаванда* ном дорад. Ин намуди вексел аз тарафи се шахе – қарздиҳанда, қарздор ва пулгиранда имзо карда мешавад.

Дар якҷоягӣ ин ду намуди коғазҳои қиматнок векселҳои тиҷоратӣ ном доранд, зеро аслан дар соҳаи савдои яклухт истифода мешаванд.

Векселҳо бо тартиби аз ҷониби қонун муайяншуда бароварда мешаванд. Дар онҳо сабти нишондиҳандаҳои зерин ҳатмӣ аст: номи он – вексел, фармон оид ба бе шарту шароит додани маблағи муайяни пул, номи қарздор – пулдиҳанда, ҷой ва мӯҳлати пардохт, таърих ва ҷойи навишти вексел, имзои соҳиби вексел. Дар ҳолати набудани яке аз ин сабтҳо вексел ҳамчун воситаи пардохт қабул карда намешавад.

Хусусиятҳои хоси векселҳо инҳоянд:

– дар онҳо объекти қарз, яъне мол ё чизи дигаре, ки ба ивази он қарздор пули муайян доданӣ ҳаст, нишон дода намешавад;

– додани қарз ҳатмӣ буда, ҳатто истифодаи ташкилотҳои салоҳиятдор барои маҷбуран гирифтани пул пешбинӣ шудааст;

– векселҳо бо роҳи навишта додани ҳаққи пулгирӣ дар пушташон ба шахси дигар таҳвил карда мешаванд.

Азбаски векселҳои таҳвилшаванда гарави пурраи пардохт надоштанд, дар ибтидо истифодаи васеъ наёфтанд. Бинобар ин, бонкҳо ҳамчун гарави додани пули векселҳои аз ҷониби мизоҷони бовариноки худ навишташуда баромад карданд, ки чунин намуди векселҳо номи *векселҳои аксепт-шударо** гирифтанд.

*Аслан *аксепт* истилоҳест, ки маънои тарзи бе пули нақд баробар кардани ҳисоб дар байни идораҳо ва ҳамчунин розигӣ барои додани пул аз рӯи ҳуҷҷатҳоро дорад.

Сарфи назар аз чораҳои андешидашуда векселҳои тиҷоратӣ доираи танги гардиш доранд, зеро аслан онҳо ҳангоми ҳисобу китоб дар соҳаи савдо ва байни шахсони ба пардохтпазирии якдигар боваридошта истифода мешаванд.

Дар баробари векселҳои тиҷоратӣ дар муомилот намудҳои зерини векселҳо низ истифода мешаванд:

– *векселҳои хазинадорӣ*, ки аз ҷониби ҳукумат ба мӯҳлати 3-6 моҳ бароварда шуда, бо нархи аз арзиши номиналиашон пасттар фурӯхта мешаванд;

– *векселҳои молиявӣ* – коғазҳои қиматноки дарозмуддати ҳукуматӣ, ки дар онҳо ӯҳдадории

ҳукумат оид ба баргардонидани маблаги навишташуда дар мӯҳлати муайян нишон дода шудааст;

– *векселҳои дӯстӣ* – векселҳои аз ҷониби як шахс ба номи шахси дигар навишташуда*, ки таъминоти молӣ надоранд. Сабаби мавҷудияти чунин векселҳо аз ҷониби бонк эътироф кардани онҳост, яъне соҳиби чунин вексел метавонад онро ба бонк супурда ба ивазаш қарз гирад.

*Масалан, Қосим вазъи бади молиявии дӯсташ – Ҳайдарро дониста, мехоҳад ба ӯ ёрдам кунад, вале ҳоло худаш пул надорад, бинобар ин ба Ҳайдар вексел медиҳад, ки дар он ӯҳдадории Қосим дар хусуси дар мӯҳлати муайян додани маблағи вексел нишон дода шудааст. Ҳайдар бо мақсади қарзгирӣ ин векселро ба бонк пешниҳод мекунад. Албатта, ба бонк додани ҳуқуқи гирифтани пул аз Қосим дар пушти вексел навишта мешавад. Бонк дар навбати худ ба Ҳайдар дар ҳолати боварӣ ба пардохтпазирии ӯ ё дӯсташ – Қосим қарз медиҳад.

Тавре ки зикр гардид, векселҳо аслан дар байни шахсони боваринок истифода шуда, дар онҳо асоси навишти вексел, яъне барои чӣ як шахс ба шахси дигар пул медиҳад, нишон дода намешавад.

Азбаски зарурати таъмини сирри тиҷоратӣ имкон намедиҳад, ки харидору фурӯшанда аз вазъи молиявии якдигар пурра хабардор бошанд, онҳо ба истифодаи шакли ҳисоббаробаркунии ҳавасманданд, ки дар он кафолати гирифтани пулашон дода мешавад. Ин аст, ки аз охирҳои асри XVII* сар карда, дар баробари векселҳо точирон ба истифодаи чекҳо шурӯъ намуданд.

*Чекҳои аввалин дар Британиёи Кабир соли 1683 ҳангоми ҳисобу китоб байни точирон истифода шудаанд.

Чек ин фармони хаттии соҳиби ҳисоби бонкӣ ба бонк дар хусуси аз ҳисоби ӯ пардохт кардани маблағи дар чек нишондодашуда ба шахси муайян – пешниҳоднандаи чек ё ба ҳисоби бонкии дигар мебошад.

Шакл ва тартиби навиштани чек аз ҷониби бонк муайян карда мешавад.

Дар муомилот *намудҳои гуногуни чекҳо* истифода мешаванд:

номӣ – чеки ба номи шахси муайян навишташуда, ки ҳуқуқи тамвили онро надорад;

фармонӣ – чеки ба номи шахси муайян навишташуда, ки дар навбати худ имкон дорад бо роҳи навиштан дар пушти чек ҳуқуқи гирифтани пулро ба шахси сеюм диҳад;

пешниҳодӣ – мувофиқи он маблағи дар чек нишондодашуда ба пешниҳодкунандаи чек дода мешавад;

аксептшуда – мувофиқи он бонк ғарави додани пули дар чек навишташударо додааст;

пардохтӣ – чекҳое, ки танҳо барои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ истифода мешаванд.

Истифодаи чекҳо дар мамлакатҳои пешрафта ба дарачае равнақ ёфтааст, ки барои коркарди онҳо марказҳои махсус ташкил карда шуда, дар онҳо миқдори зиёди кормандон фаъолият доранд. Дар ин

марказҳо ҳар рӯз чекҳои аз бонкҳо воридшуда ба гурӯҳҳо ва бонкҳои пардохткунанда ҷудо карда шуда, ҳисоббаробаркунӣ танҳо аз рӯи фарқияти маблағи онҳо гузаронида мешавад.

Истифодаи чекҳо ва коркарди онҳо харҷи зиёдро талаб мекард, аз ин рӯ бонкҳо бо истифода аз комёбиҳои илми электроника роҳҳо ва шаклҳои нави ҳисоббаробаркуниро ба роҳ монданд, ки он иборат аз *кортҳои бонкӣ* мебошад. Ин воситаи ҳозиразамони ҳисоббаробаркунӣ ба ҷои пулҳои нақду чекҳо истифода шуда, инчунин имкон медиҳад, ки соҳиби он бе пешниҳоди ҳуҷҷатҳо аз бонк қарзи кӯтоҳмуддат гирад. Дар адабиёти илмӣ пулҳои ба воситаи кортҳо истифодашавандаро *пулҳои электронӣ* номидаанд *(Нигаред ба замимаи 7)*.

Дар муомилот намудҳои зерини *кортҳо* истифода мешаванд:

– *кортҳои дебетӣ*, ки дорандаи он имкон дорад танҳо дар ҳаҷми маблағи дар корт доштааш ҳисобӣ кунад.

– *кортҳои кредитӣ*, ки ба соҳибаш имкон медиҳад ҳангоми нарасидани маблағи дар корт буда, аз бонк қарзи кӯтоҳмуддат гирад. Дар ин ҳолат қарз бо тартиби роҳ додан ба овердрафт* дода мешавад.

– *кортҳои савдо*, ки аз ҷониби ширкатҳои калони савдо бароварда шуда барои ҳисобу китоб бо мизоҷони онҳо истифода мешаванд.

*Овердрафт – шакли қарздиҳии бонкиест, ки нисбати мизоҷони боваринок истифода мешавад. Агар ҳангоми хариди мол ё додани пули хизмати расонидашуда маблағи дар ҳисоби бонкии мизоҷ буда камӣ кунад, бонк пулдиҳиро манъ накарда фарқашро аз ҳисоби қарз мепӯшонад. Барои мисол, Фарҳод дар ҳисобаш 200 сомонӣ дорад. Нархи мол бошад, 250 сомонӣ аст. Ҳангоми додани пули мол Фарҳод корти худро ба корманди савдо пешниҳод мекунад. Натиҷаи тафтиши корт бо воситаи терминали электронӣ дар чанд сония нишон медиҳад, ки Фарҳод дар ҳисобаш маблағи заруриро дорад. Зеро бонк аллакай қарор кардааст, ки Фарҳод ҳангоми пулдиҳӣ илова ба маблағи дар ҳисобаш буда метавонад 50 сомонӣ ё маблағи аз ин зиёдтарро ҳамчун қарзи кӯтоҳмуддат истифода барад.

Намудҳои кортҳо вобаста ба тартиби истифодаю имтиёзҳои аз ҷониби эмитентҳо додашуда хеле зиёданд: кортҳо барои додани пули сӯзишворӣ, телефон, ресторанҳои гурӯҳи муайян ва ғайра. Қисме аз ширкатҳо барои васеъ ҷорӣ кардани кортҳои худ ба мизоҷонашон имтиёз медиҳанд. Масалан, агар шумо дар қисме аз ресторанҳо корти «Dinner Club»-ро истифода баред, онҳо ҳатман нархи хӯроку хизматрасониашонро 5-10 фоиз кам мекунанд *(Нигаред ба замимаи 8)*.

Ҳисоббаробаркунии телефонӣ намуди дигари хизматрасонии бонкӣ аст. Мутобиқ ба шартномаи байни бонку мизоҷ басташуда ҳисоббаробаркунӣ ба воситаи телефон анҷом меёбад. Яъне мизоҷ ба бонк бо воситаи телефон дар хусуси аз ҳисоби ӯ ба ҳисоби каси дигар гузаронидани маблағи муайян супориш медиҳад ва бонк ин супориш-

ро иҷро менамояд. Моҳияти ин намуди ҳисоббаробаркунӣ дар сарфи ками вақт ва тезонидани суръати пулгузаронӣ аст.

Истифодаи имкониятҳои алоқаи электронӣ ба бонку мизоҷон имкон медиҳад аз *ҳисоббаробаркунӣ ба воситаи компютер* истифода баранд. Агар шахс дар хонааш ё ҷои кораш компютер дошта бошад, метавонад ба воситаи он ба бонк супоришҳои заруриро диҳад. Албатта, чунин намуди ҳисоббаробаркунӣ баъди бастани шартномаи махсус ва муайян намудани рамз (код)-и мизоҷ истифода мешавад.

Суръати баланди пешрафти илму техника ва татбиқи комёбиҳои он дар соҳаи бонкдорӣ имкон медиҳад, ки бонкҳо пайваста ба мизоҷон шаклҳои нави хизматрасониро пешниҳод кунанд *(Нигаред ба замимаи 9)*.

Ҳамин тариқ, зарурати таъмини гардиши самараноки пулҳои ғайринақдӣ бонкҳоро маҷбур месозад, ки роҳҳои самараноки ҳисоббаробаркуниро ҷустуҷӯ карда, дар амал татбиқ намоянд.

Мавзӯи 3

НАҚШИ ПУЛ ДАР ПЕШРАФТИ ИСТЕҲСОЛОТ ВА ДАВЛАТДОРӢ

3.1. Пул ва такрористеҳсоли васеъ

Дар шароити сол аз сол зиёд шудани миқдори аҳолӣ ва кам шудани масоҳати заминҳои ҳосилдиҳанда* ягона роҳи беҳшавии дараҷаи некӯаҳволии мардум, ки шарти асосии эътирофи сиёсати ҳукумат аз тарафи аҳолӣ аст, таъмини пешрафти истеҳсолот ва такрористеҳсоли васеи молҳою зиёдкунии ҳаҷми хизматрасонӣ мебошад.

*Гарчанде дар Тоҷикистон ҳар сол аз хисоби обёрӣ намудани заминҳои нав масоҳати заминҳои ҳосилдиҳанда зиёд мегардад, вале ин беохир нест, зеро масоҳати умумии заминҳои ҳамвору обёришаванда маҳдуд аст. Аз тарафи дигар, сол то сол масоҳати заминҳои корам кам мешавад, зеро шӯразанӣ ва шуста бурдани заминҳои корам дар натиҷаи офатҳои табиӣ пайваста зиёд шуда истодааст. Илова ба ин, дар заминҳои обёришаванда сохтани хонаҳои истиқоматию

иншоотҳои дигар масъалаи нарасидани заминро дар Тоҷикистони камзамин боз ҳам вазнинтар месозад.

Пул, ки худ маҳсули меҳнат асту аз байни молҳои дигар берун баромадааст, дар пешрафти истеҳсолот ва таъмини такрористеҳсоли васеи молҳо нақши хосаро мебозад. Ҳанӯз дар рафти истеҳсолот пул барои муайян намудани арзиши аслии молу хизматрасонӣ истифода мешавад, зеро барои молистеҳсолкунанда зарур аст, ки арзиши аслии маҳсули меҳнаташ аз нархи чунин мол дар бозор зиёд набошад.

Азбаски натиҷаи меҳнат танҳо ҳангоми фурӯш дар бозор эътироф карда мешавад, зарур аст, ки он бо пул ифода ёбад, яъне нақши пул ҳамчун ченаки арзиш дар истеҳсоли мол ва гузоштани заминаи васеъ барои такрористеҳсоли он хеле муҳим аст.

Дуруст муайян намудани нархи мол шарти асосии ба фурӯш рафтани он аст. Дар шароити рақобати бозорӣ нархи қисме аз молҳо метавонад аз арзиши аслии онҳо кам бошад. Чунин ҳолат боиси кам кардани истеҳсоли ин намуди молҳо гардида, дар навбати худ ба болоравии баъдинаи нархи онҳо сабаб мешавад. Ҳамин тариқ, таносуби дурусти нархҳо ва миқдори молу ҳаҷми хизматрасонӣ таъмин мегардад.

Эътирофи мол дар бозор боиси бастани шартномаҳо байни молистеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон мегардад. Ичрои ӯҳдадориҳои шартномавӣ бо роҳи пардохти арзиши мол ва хизматҳои

расонидашуда дар шакли маблағҳои пулӣ анҷом меёбад. Яъне, пул дар ин ҳолат ҳамчун воситаи ташкили муносибатҳои иқтисодии истеҳсолкунандагону истеъмолкунандагон зуҳур мекунад. Илова ба он, пеш аз пардохти мол харидор миқдори молҳою ҳаҷми хизматҳои расонидашуда ва сифати онҳоро месанҷад, ки ин нишонаи ҳамчун воситаи назорати ичрои ӯҳдадориҳо зуҳур кардани пул аст.

Агар аз як тараф, ба воситаи пул харҷи ашёи хом, барқ, меҳнат ва ғайра барои истеҳсоли мол ҳисоб карда шавад, аз тарафи дигар, ба воситаи пул даромад аз фурӯши мол, арзиши аслӣ ва фоидаи гирифташуда ҳисоб карда мешавад, ки барои муайянкунии самаранокии истеҳсолот хеле муҳим аст.

Молистеҳсолкунанда баробари гирифтани пули мол ба ичрои ӯҳдадориҳои худ дар назди кормандон оид ба додани музди меҳнат, буҷет оид ба додани андоз, бонк оид ба додани фоизи қарз ва маблағи асосии он, ширкатҳои дигар оид ба додани қарзҳояш ва ғайра шурӯъ менамояд.

Илова ба ин, зарурати ташкилу истифодаи фонди амортизатсионӣ, ки асоси васеъ кардани истеҳсолот ва хариди тачҳизоти нав ба шумор меравад, нишондиҳандаи дигари нақши баланди пул дар пешрафти истеҳсолот мебошад.

Пешрафти истеҳсолот инчунин аз малакаи кории кормандон вобаста аст. Ин аст, ки ширкатҳо ба омӯзиши пайвастаи кормандонашон диққати махсус дода, бо ин мақсад фондҳои махсуси пулӣ ташкил менамоянд.

Пул ҳамчун воситаи ҳавасмандгардонии кормандон барои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва истеҳсоли моли хушсифату бозоргир нақши муҳимро мебозад. Дар ширкатҳои истеҳсолию хизматрасонӣ барои ҳавасмандгардонии кормандоне, ки барои беҳтар кардани сифати маҳсулот таклифҳо пешниҳод мекунанд, фондҳои маҳсуси пулӣ ташкил карда шудааст. Ва баръакс, ҳангоми истеҳсоли моли пастсифат бо роҳи надодани музди меҳнат ё додани музди меҳнати кам ба корманд танбеҳ дода мешавад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ пул инчунин воситаи ҷалб кардани мардум ба идоракунии истеҳсолот мебошад. Фурӯши саҳмияҳои ширкатҳо, иштироки саҳмдорон дар идоракунии онҳо ва гирифтани фоида (дивиденд) боиси ҳавасмандии мардум ба фаъолияти самараноки ширкатҳои алоҳида ва соҳаҳои истеҳсолии мамлакат мегардад.

Ҷаҳонишавӣ (глобализатсия)-и муносибатҳои иқтисодӣ ва баҳодиҳии вазъи молиявии ширкатҳо бо воситаи нархгузории саҳмияҳои онҳо дар биржаҳои дохилию байналмилалӣ асоси пешрафти соҳаҳои алоҳида дар мамлакат гардида, иштироки сармояи хориҷиро дар инкишофи ин соҳаҳо таъмин менамояд.

Тавре ки мебинем, аз аввал (ташкили истеҳсолот) то охир (фурӯши маҳсулоту ичрои ӯҳдадориҳо) пул нақши ҳалкунандаро мебозад. Азбаски мақсади асосии истеҳсолкунандагон гирифтани фоида аст, онҳо барои таъмини такрористеҳсоли васеи молҳо захираҳои заруриро ташкил менамоянд.

Аз ин рӯ, пул на танҳо воситаи ташкили дурусти муомилоти молӣ, балки воситаи таъмини такрористеҳсоли васеи молҳо низ мебошад.

Таъмини пешрафти иқтисодиёт, сохтани шароити мусоид барои зиёд кардани истеҳсоли молҳои ватанӣ ва ҳаҷми хизматрасонӣ, ҳимояи бозори дохилӣ аз воридоти молҳое, ки дар дохили кишвар низ истеҳсол мешаванд, ҳавасмандгардонии содироти молҳои ватанӣ ва ҳалли масъалаҳои дигари ба инҳо монанд ба сиёсати иқтисодии давлат вобаста аст.

3.2. Сиёсати иқтисодии давлат ва нақши пул дар татбиқи он

Ҳукумати ҳар як мамлакат бо мақсади ҳалли дурусти масъалаҳои иқтисодӣ ва таъмини пешрафти иқтисодиёташ сиёсати худро барои чанд соли оянда муайян менамояд. *Мақсади асосии сиёсати иқтисодии ҳукумат се чиз аст:*

– тахти назорат гирифтани *таваррум (инфлятсия)* ё роҳ надодан ба болоравии нархҳо;

– роҳ надодан ба бекории шаҳрвандон ё дар дараҷаи муайян нигоҳ доштани *сатҳи бекорӣ*;

– таъмини *тавозуни пардохти мусбӣ* ё ба таври дигар таъмини барзиёд будани содирот аз воридот.

Вазъи иқтисодиёти мамлакат ва эътирофи дурустии сиёсати ҳукумат ба таъмини иҷрои се ни-

шондиҳандаҳои дар боло зикршуда сахт вобаста аст. Илова ба ин, ба даст овардани муваффақият дар ин самт шарти асосии таъмини пешрафти иқтисодиёту зиёд намудани даромади миллӣ ва дар ин асос беҳтар кардани дараҷаи некӯаҳволии мардум мебошад.

Ҳукумат барои баҳодиҳӣ ба вазъи умумии иқтисодиёти кишвар ва дараҷаи некӯаҳволии мардум нишондиҳандаю категорияҳои зеринро истифода мебарад: *маҷмӯи маҳсулоти миллӣ, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, даромади миллӣ, ҳаҷми истеҳсолоти соҳавӣ (саноат, кишоварзӣ, савдо), хизматрасонӣ, ҳаҷми корҳои иҷрошуда (сохтмон), содироту воридот, тавозуни пардохт, ҳаҷми савдои берунӣ, фоида, арзиши аслӣ, нарх, тавозуни даромаду хароҷотҳои пулии аҳолӣ, ҳадди ақали музди меҳнат (минималӣ), музди меҳнати миёна, ҳаҷми қарзи хориҷии давлат, ҳаҷми қарзи дохилии давлат, ҳаҷми захираҳои асъории давлат ва ғайра.*

Илова ба ин, дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт нишондиҳандаҳои махсус истифода мешаванд. Масалан, дар соҳаи бонкдорию молия: *ҳаҷми пул, қурби пул, ҳаҷми қарз, буҷет, даромаду хароҷотҳои он, андоз ва ғайра.*

Агар ба мазмуни ин нишондиҳандаю категорияҳо диққат диҳем, мебинем, ки танҳо *сатҳи бекорӣ ва таваррум* бо фоиз ҳисоб карда мешавад. Албатта, чанд нишондиҳандаи дигар низ ба монанди *дараҷаи некӯаҳволии мардум, дароз-*

умриги мардум ва гайра бо фоизу миқдор ифода меёбанд, вале миқдори онҳо нисбат ба нишондиҳандаҳое, ки бо пул ифода меёбанд, хеле кам аст. Ба болои ин заминаи ҳисоби аксари нишондиҳандаҳо ифодаи пулӣ дорад. Масалан, *таваррум* ин таносуби байни нархи маҳсулоту хизматҳо дар давраҳои гуногун мебошад.

Қариб ҳамаи ҳисоботҳои оморӣ, ки асоси баҳодиҳии фаъолияти ҳукумату вазоратҳои он дар самтҳои гуногун мебошанд, ифодаи пулӣ доранд.

Нақши пул инчунин дар ташкил, тақсим ва аз нав тақсимкунии даромади миллӣ хеле баланд аст. Ҳукумат барои расидан ба ин мақсад буҷети давлатӣ, андоз, қарз* ва таваррумро** истифода мебарад.

*Ҳукумат бо роҳҳои гуногун маблағҳои муваққатан озод мондаи аҳолиро барои пӯшонидани касри буҷет истифода мекунад. Шакли асосии ҷалб кардани пулҳои аҳолӣ қарзгирӣ бо роҳи фурӯши коғазҳои қиматноки хазинадорӣ мебошад.

**Истифодаи таваррум чун воситаи тақсими даромади миллӣ дар он зоҳир мешавад, ки сохторҳои давлатӣ имкон доранд бо роҳи паст кардани қурби пулу боло бурдани нархҳо аз корхонаю шаҳрвандон андози иловагии «ноаён» гирифта, камомади буҷети худро пӯшонанд. Фарз кардем, ки маоши коргар 100 сомонӣ буда, нархи гӯшт дар бозор 2 сомонӣ аст, яъне ӯ имкон дорад бо ин маош 50 кг гӯшт харад. Аммо сохтори дахлдори давлатӣ аз сабаби пурра ҷамъ накардани андозҳо имкони пӯшонидани харочотҳои зарурӣро надорад ва ба муомилот пулҳои иловагӣ мебарорад, ки боиси болоравии нархҳо мегардад. Масалан, дар натиҷаи ин нархи гӯшт 25 фоиз боло рафта 2,5 сомониро ташкил меди-

ҳад. Моҳи дигар гарчанде коргар 100 сомонӣ маош мегирад, бо он мисли пештара 50 кг не, балки танҳо 40 кг гӯшт харида метавонаду халос. Ин нишонаи он аст, ки маоши ҳақиқии коргар 20 фоиз кам карда шудааст, ҳарчанд маоши номиналии он тағйир наёфтааст. Аз тарафи дигар, болоравии нархҳо ё роҳ додан ба таваррум боиси зиёдшавии ҳиссаи номиналии фоида дар нархи мол мешавад. Азбаски қисми фоида ҳамчун андоз ба буҷет ворид мешавад, он дар навбати худ боиси зиёд шудани даромади буҷет мегардад. Ҳамин тариқ, сохторҳои давлатӣ метавонанд дар ҳолати зарурӣ таваррумро ҳамчун воситаи ҳалли мушкилоти буҷетии худ истифода баранд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки баъди бӯҳрони сахти иқтисодӣ, ҷангҳои шаҳрвандӣ, инчунин бо мақсади ҷалби бештари маблағҳои аҳолӣ ҳукуматҳо чанд соле як бор амнистияи пулӣ мегузаронанд. Дар Тоҷикистон чунин амнистия соли 2003 гузаронида шуд ва соҳибкорону шахсони алоҳида зиёда аз 500 млн. сомонӣ маблағҳои пулии худро ба бонкҳо супурданд. Аксари ин маблағҳо то ҳанӯз чун пасандоз дар бонкҳо нигоҳ дошта мешаванд, ки ҳам барои соҳиби пасандоз ва ҳам барои бонку соҳаҳои хоҷагии халқ манфиатовар аст *(Нигаред ба замимаи 10)*.

Барои ҳукумат пул на танҳо воситаи баҳодиҳӣ ба вазъи иқтисодиёт, инчунин воситаи таъсиррасонӣ ба вазъи содироту воридоти молу хизматрасонӣ мебошад *(Нигаред ба замимаи 11)*.

Ҳар як мамлакат вобаста ба ҷойгиршавӣ ва шароитҳои табиаш имконияти хосаи истеҳсоли маҳсулоти муайянро дорост. Аз ин рӯ, дар барномаи иқтисодии ҳукумат зарурати дастгирии соҳа-

ҳои алоҳида, ки самаранокии баланд доранд, нишон дода мешавад. Беҳуда нест, ки дар Тоҷикистон ба соҳаи пахтакорӣ диққати махсус дода мешавад. Таҷрибаи мамлакатҳои пешрафтаи аврупоӣ нишон медиҳад, ки ҳукумат бо мақсади дастгирии молистеҳсолкунандагони дохилӣ, хусусан дар соҳаи кишоварзӣ, қисме аз хароҷотҳои онҳоро аз ҳисоби буҷети давлатӣ мепӯшонад ва албатта, ин дастгирӣ бо истифодаи пул амалӣ мегардад.

Сиёсати иқтисодии давлат на танҳо ба ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ дар дохили кишвар равона карда шудааст. Дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ ягон давлат наметавонад бе муносибат ва додугирифт бо мамлакатҳои дигар вуҷуд дошта бошад. Бинобар ин, дар сиёсати иқтисодии давлат ба муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ аҳамияти хосса дода мешавад.

3.3. Нақши пул дар муносибатҳои байналмилалии давлат

Нақши пул дар ташкили муносибатҳои сиёсию иқтисодии байналмилалӣ хеле баланд аст. Беҳуда нест, ки англисҳо мегӯянд: «пул ҷаҳонро ба гардиш овардааст» – «money makes world go round».

Сарфи назар аз шакли давлатдорӣ (дунявӣ, демократӣ, халқӣ, динӣ ва ғайра) мамлакатҳо байни ҳамдигар муносибатҳои иқтисодию сиёсӣ доранд.

Корхонаю ширкатҳои мамлакатҳои гуногун байни ҳам шартномаҳо баста, иҷрои онҳоро ҳатман бо истифодаи пул таъмин менамоянд. Пул барои баҳодиҳӣ ба фоиданокии воридоту содироти молҳою хизматрасонӣ ва ҷазодиҳии ҳамдигар дар ҳолати иҷро накардани шартнома истифода мешавад.

Мамлакатҳо барои баҳо додан ба вазъи муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ва муайян намудани сиёсати иқтисодиашон дар ин самт аз тавозуни пардохт, ки бо пул ифода ёфтааст, истифода мекунанд, зеро он таносуби содироту воридотро нишон медиҳад. Дар ҳолати аз содирот зиёд будани воридот, ки боиси камшавии захираҳои асъорӣ ва заифии вазъи иқтисодии кишвар мегардад, ҳукумат барои ҳавасманд намудани содироти молҳои ватанию кам кардани воридоти молҳои хориҷӣ чораҳо меандешад.

Нақши пул дар ташкили захираҳои асъории давлат, ки яке аз шартҳои эътирофи сиёсати иқтисодии он аз ҷониби кишварҳои дигар ва ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ мебошад, хеле баланд аст. Мутобиқ ба тартиби қабулшуда ҳаҷми захираҳои асъории давлат бояд на кам аз харҷи семоҳаи он барои воридот* бошад. Ин аст, ки давлатҳо дар қатори дигар чорабиниҳои зарурӣ барои ҷалби сармояи хориҷӣ захираҳои асъориро низ ташкил менамоянд.

*Масалан, дар Тоҷикистон соли 2005 харҷи якмоҳа барои воридоти молу хизматрасониҳо ба 50 миллион долла-

ри ИМА баробар буд. Аз ин рӯ, захираҳои асъории кишвар бояд на кам аз 150 миллион доллярро ташкил медоданд.

Кишварҳои доро бо роҳи истифодаи пул ба мамлакатҳои эҳтиёҷманд ёрӣ мерасонанд, ки он метавонад ёрдами бебозгашт* ва ё қарз бошад. Қарз ҳам дар навбати худ метавонад имтиёзнок ё тиҷоратӣ бошад.

*Ёрдами бебозгашт (грант) хусусан дар ҳолатҳои хушксолӣ, зарар дидан аз офатҳои табиӣ, барқароркунии баъдиҷангии хоҷагии халқ ва ҳолатҳои дигар расонида мешавад. Масалан, соли 2002 Иттиҳоди мамлакатҳои аврупоӣ ба Тоҷикистон барои пӯшонидани зарари аз хушксолӣ дидааш ба маблағи 10 млн. евро ёрдами бебозгашт кард.

Илова ба ин, мамлакатҳо барои идораи гардиши пулу ҳалли масъалаҳои тиҷоратӣ ташкилотҳои молиявии байналмилалиро ташкил кардаанд, ки бо воситаи онҳо ба мамлакатҳои эҳтиёҷманд ёрӣ мерасонанд. Чунин ташкилотҳои молиявии ҷаҳонӣ ба монанди Хазинаи байналмилалии асъор, Бонки ҷаҳонӣ, Бонки бозсозӣ ва рушди Аврупо, Бонки осиёии рушд, Бонки исломии рушд ва ғайраҳо дар расонидани ёрии техникӣ* ва додани қарзҳои имтиёзнок ба мамлакатҳои қафомонда саҳми арзанда доранд. Илова ба ин, хазинаҳои гуногуни гурӯҳи давлатҳо ё давлатҳои алоҳида мавҷуданд, ки дар пешрафти мамлакатҳои қафомонда саҳмгузоранд. Ба ин гурӯҳ Хазинаи ОПЕК (Ташкилоти давлатҳои содиркунандаи нафт), Хазинаи арабии инкишоф (Арабистони Саудӣ), Хазинаи Абӯ-Дабӣ (Амороти

Муттаҳидаи Араб), Хазинаи Ноу-хау (Британиёи Кабир) ва ғайра дохил мешаванд.

*Ёрии техникӣ барои омодасозии барномаҳо, хариди компютеру мошинҳои нусхабардорӣ, омӯзиши кормандон ва ғайра дода мешавад. Маблағи он то 2 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Масалан, Бонки исломии рушд соли 2001 барои омӯзиши кормандон ва таҷҳизонидани идораи кор бо ташкилотҳои молиявии байналмилалии Бонки миллии Тоҷикистон 240 ҳазор доллари ИМА ҷудо намуд.

Мамлакатҳои қафомонда на ҳамеша имкон доранд маоши кормандони буҷетӣ, нафақа, стипендияи донишҷӯёнро сари вақт диҳанд. Ин метавонад боиси норозигии шаҳрвандон аз сиёсати ҳукумат гардад. Аз ҷониби ташкилотҳои молиявии байналмилалии мамлакатҳои алоҳида додани қарзи имтиёзнок барои пӯшонидани касри буҷет имкон медиҳад, ки давлат масъалаҳои дар боло зикршуда ва дигар масоили иҷтимоиро* ҳал намояд.

*Масалан, соли 1998 Бонки ҷаҳонӣ барои пӯшонидани касри буҷет ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 50 млн. доллари ИМА қарзи бефоиз дод. Мамлакати Япония соли 2002 ба Тоҷикистон барои ҳамин мақсад 20 млн. доллари ИМА ҷудо карда буд.

Вазъи имрӯзаи муносибатҳои байналмилалӣ дар ҷаҳон нишон медиҳад, ки мамлакатҳои абаркудрат пулро на танҳо барои ташкили самараноки муносибатҳои иқтисодии дохилию берунӣ, инчунин барои татбиқи сиёсату ҳимояи манфиатҳои худ дар мамлакатҳои дигар* истифода мебаранд. Бо додани ёрдами пулӣ ба мамлакатҳои эҳтиёҷманд

онҳо масъалаҳои сиёсии минтақаҳои алоҳидаро ба манфиати худ ҳал менамоянд.

*Масалан, соли 2002 ҳангоми забти Фаластин аз ҷониби Исроил ва вобаста ба ин бад шудани муносибатҳои сиёсии он бо кишварҳои араб, танҳо вобастагии молиявии қисме аз мамлакатҳои араб аз ИМА, ки ҷонибдори Исроил буд, тавонист пеши роҳи ҷанги мамлакатҳои арабро бо Исроил гирад. Барои мисол, ҳар сол ИМА дар баробари ёрии молиявиаш ба мамлакати Исроил (зиёда аз 2,5 млрд. доллар) ба кишвари Миср низ ёрӣ медод. Миср ба ивази он манфиатҳои ИМА-ро дар ин минтақа ҳимоя мекард. (www. washingtonprofile.org. «USA and Middle East » october 18. 2002).

Илова ба ин, пул ҳамчун воситаи муборизаи байниҳамдигарии мамлакатҳо низ истифода мешавад. Олими аврупоие зикр кардааст, ки барои мағлуб кардани давлате истифодаи силоҳ ҳатмӣ нест, шумо метавонед бо роҳи вайрон кардани низоми пулии он ба мақсадатон бирасед. Ин аст, ки дар ҷанги дуюми ҷаҳонӣ мамлакати Олмон дар мубориза бар зидди Британиёи Кабир аз ин восита* истифода кардааст. Ҳатто дар ҷанг бар зидди СССР низ баъди забти қисми муайяни ҳудуди он немисҳо чоп ва истифодаи пулҳои шӯравии истеҳсоли соли 1937-ро ба роҳ монданд.

*Бо супориши сарвари онвақтаи Олмон – Адолф Гитлер аз ҳисоби муҳандисону кормандони соҳаи полиграфӣ, ки асир афтода буданд, гурӯҳи махсус ташкил шуда буд. Мақсади ташкили гурӯҳ аз чоп баровардани фунт-стерлинги Британиёи Кабир буд. Бо истифодаи ин гурӯҳ Олмон

тавонист, ки баъди як сол сирри фунт-стерлингро кушода чопи онро ба роҳ монад. Санҷиши махфӣ дар Британиёи Кабир нишон дод, ки сифати фунт-стерлингҳои чопи олмонӣ аз фунт-стерлингҳои англисӣ беҳтар аст. Мамлакати Олмон чопи васеи онҳоро ба роҳ монда, бо ин восита, аз як тараф, ба иқтисодиёти Британиёи Кабир зарари калон расонид, аз тарафи дигар, фоидаи калони моддӣ гирифт.

Ҳангоми ҷанги шаҳрвандӣ дар Афғонистон низ баъзе аз мамлакатҳо бо мақсади дастгирии гурӯҳҳои манфиати онҳоро ҳимоякунанда чопи пулҳои афгониро ба роҳ монда буданд. Охири соли 2002 (пеш аз ворид кардани афғониҳои нав) дар муомилот афғониҳои кӯҳна бо номҳои раббонӣ,* толибӣ** ва дустумӣ*** истифода мешуданд, ки аз ҳам каму беш фарқ доштанд.

*Аз номи Бурҳониддин Раббонӣ – президенти қонунии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва сарвари Иттиҳоди шимолии Афғонистон, ки то даврои ба қудрат омадани президент Ҳомид Карзай (соли 2002) ба зидди толибон мубориза бурдааст.

**Аз номи «толибон» – гурӯҳи силоҳбадастоне, ки аз соли 1997 то охири соли 2001 қисми зиёди Афғонистонро таҳти идораи худ гирифта буданд, вале бо сабаби характери реаксионӣ дошгани сохтори идоракуниашон аз тарафи давлатҳои дигар эътироф нашудапд (ба ғайр аз Покистону Арабистони Саудӣ).

***Аз номи генерал Рашид Дустум – сарвари гурӯҳи ҷанговароне, ки гоҳ ба Иттиҳоди шимолӣ якҷо мешуду гоҳ ҷудо ва дар Ҳукумати нави Афғонистон (солҳои 2002-2004) вазифаҳои муовини вазири дифоъ ва баъдан мушовири президент оид ба масъалаҳои ҳарбиро ичро мекард.

Чӣ хеле ки мебинем, нақши пул дар ташкили муносибатҳои иқтисодию сиёсии дохилию байналмилалӣ хеле баланд аст. Аз ин рӯ, олимони дунё ба омӯзиши ин категорияи иқтисодӣ диққати махсус додаанд. Бонкҳои марказии мамлакатҳои алоҳида дар сохтори худ пажӯҳишгоҳҳои илмии махсусро ташкил кардаанд, ки ба омӯзиши муомилоти пулӣ, тартиби ташкили самараноки он, ҷорӣ намудани шаклҳои ҳозиразамони ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва масъалаҳои дигари дахлдор* сару кор доранд.

*Масалан, дар сохтори Бонки марказии Русия Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии муомилоти пулӣ ва қарз мавҷуд аст, ки ба кори илмӣ дар соҳаи бонку бонкдорӣ, пулу қарз ва муносибатҳои қарзии байналмилалӣ машғул аст. Бонкҳои марказии мамлакатҳои ҳамсоя бо ин мақсад дар ҳайати худ раёсатҳои махсуси илмиро таъсис додаанд.

Акнун, ки аз омӯзиши пайдоиш, зарурат, вазифаю нақши пул ба омӯзиши муомилоти он мегузарем, ба хонандаи азиз, замимаҳое пешниҳод мешаванд, ки шӯхиомез, вале таълимдиҳандаанд *(Нигаред ба замимаҳои 12–17)*.

Мавзӯи 4

МУОМИЛОТИ ПУЛӢ ВА ТАРТИБИ ТАШКИЛИ ОН

4.1. Мафҳуми муомилоти пулӣ

Мо акнун медонем, ки асоси пайдоиши пул пешрафти истеҳсолоти молӣ ва вобаста ба он муомилоти молӣ мебошад. Барои он ки пул тавонад ба муомилоти молӣ дуруст хизмат кунад, зарур аст, ки он баробари ҳаракати молҳо (аз фурӯшандагон ба харидорон) дар гардиш бошад, яъне муомилоти молӣ мутаносибан муомилоти пулиро талаб мекунад.

Донистани мафҳуми пул, зарурати пайдоиш, моҳият, вазифаю намудҳои он имкон медиҳад, ки мо ба мафҳуми муомилоти пулӣ ва тартиби ташкили дурусти он сарфаҳм равем.

Ҳаракати пайвастаи пул (нақдию гайринақдӣ) ҳангоми хариду фурӯши молҳо, хизматрасониҳо ва иҷрои дигар ӯҳдадориҳои мардум ба чунин муносибатҳо ***муомилоти пулӣ*** *номида мешавад.*

Муомилоти пулии ҳар як мамлакат аз ҳаракати пул дар байни субъектҳои зерин иборат аст:

– *бонки марказӣ (миллӣ) ва бонкҳои тиҷоратӣ* ҳангоми додани пул барои қонеъкунии талаботи мизоҷон ва баргардонидани пул бо мақсади иҷрои ӯҳдадориҳою зиёд кардани захираҳои ҳисобҳои муросилотӣ (корреспондентӣ);

– *бонкҳои тиҷоратӣ* ҳангоми қарздиҳӣ, хариду фурӯши асъор ва иҷрои ӯҳдадориҳои байниҳамдигарӣ;

– *бонкҳои тиҷоратӣ ва мизоҷони онҳо (шахсони ҳуқуқию воқеӣ)* ҳангоми додани қарзу маблағҳои дар суратҳисобҳои онҳо буда, баргардонидани қарзҳою пасандози пулҳои муваққатан озодмонда;

– *шахсони ҳуқуқӣ* ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои байниҳамдигарӣ вобаста ба пардохти арзиши молҳою хизматҳои расонидашуда;

– *шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ* ҳангоми додани музди меҳнат, нафақа, аъзоҳаққӣ, додани пули хизматҳои расонидашуда (масалан, ҳангоми таъмири хона аз ҷониби ягон ширкат) ва ғайра;

– *шахсони воқеӣ* ҳангоми хариду фурӯши молҳою хизматрасонӣ, гирифтани қарз аз якдигар ва баргардонидани он;

– *бонкҳо ва муассисаҳои молиявии ғайрибонкӣ* (ташкилотҳои суғуртавӣ, хазинаи нафақа, нуқтаҳои ивази асъор, биржаи асъор, биржаи коғазҳои қиматнок ва ғайра) ҳангоми додани қарзу маб-

лағҳои пулӣ аз суратҳисобҳои онҳо, баргардонидани қарзҳою иҷрои ӯҳдадориҳои дигар ва маблағгузорӣ дар суратҳисоб;

– *муассисаҳои молиявии ғайрибонкӣ ва аҳолӣ* ҳангоми додани нафақа, маблағи суғурта, хариду фурӯши асъору саҳмияҳо ва ғайра.

Азбаски ба муомилоти молӣ пулҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ хизмат мекунанд, *муомилоти пулӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешавад*:

Муомилоти пулии нақдӣ.

Он аз гардиши пулҳои хазинадорӣ, пулҳои қарзӣ (бонкнотаҳо) ва тангаҳои филиззӣ иборат аст. Пулҳои хазинадорӣ аз ҷониби вазорати молия ё хазинадорӣ бароварда шуда, барои пӯшонидани касри буҷет истифода мешаванд. Ва аммо пулҳои қарзӣ аз ҷониби бонки марказӣ (миллӣ) бо роҳи қарздиҳӣ ба ҳукумату субъектҳои хоҷагидорӣ ва хариди асъори хориҷӣ ба муомилот бароварда мешаванд.

Муомилоти пулии ғайринақдӣ.

Он аз гардиши пайвастаи пасандозҳои бонкии шахсони ҳуқуқию воқеӣ иборат аст. Гардиши пасандозҳо ё пулҳои дар суратҳисобҳои бонкӣ буда бо истифодаи векселҳо, чекҳо, кортҳои бонкӣ, супоришномаҳои пулдиҳию талабномаҳои пулгирӣ таъмин карда мешавад. Истифодаи техникаю технологияи ҳозиразамон дар соҳаи бонкдорӣ рӯз аз рӯз намудҳои хизматрасонии бонкиро зиёд менамо-

яд. Вақтҳои охир дар мамлакатҳои аврупоӣ шаклҳои ҳозиразамони ҳисоббаробаркунӣ, ба монанди супоришдиҳӣ ба воситаи компютер, факс ва телефон васеъ истифода мешаванд.

Мақсади муомилоти пулии нақдию ғайринақдӣ таъмини самаранокии муомилоти молӣ ва пардохтҳо мебошад. Ташкили дурусти он имкон медиҳад:

– устувории қурби пули миллӣ, ки яке аз шартҳои пешрафти иқтисодиёт мебошад, таъмин карда шавад;

– ҳаракати саривақтии маблағҳои пулӣ (пардохтҳо) дар байни суратҳисобҳои мизоҷон амалӣ гардад;

– ғардиши пул, нигаҳдошти захираҳои пулӣ ва ивазкунии пулҳои фарсудашуда бо харҷи камтарин ба анҷом расонида шавад;

– талаботи асосноки мизоҷон ба қарз ва пули нақд қонеъ карда шавад.

4.2. Чоп ва эмиссияи пул

Азбаски дар ҳама даврахо одамоне ҳастанд, ки ба чопи пулҳои қалбакию гирифтани даромади бедардимиён шавқи хоса доранд, дар дунё бо мақсади пешгирӣ намудани чунин амалиётҳои ғайриқонунӣ тартиби муайяни чопу ба муомилот баровардани пул қабул шудааст. Аслан пул аз ҷониби ҳукумати мамлакат аз чоп бароварда мешавад. Дар

қисме аз мамлакатҳо чопи пул ба ӯҳдаи бонки марказӣ (миллӣ) гузошта шудааст.

Дар ҳар ду сурат, бо қарори ҳукумат гурӯҳи махсус аз ҳисоби олимону рассомон ва мутахассисони соҳаи молияю бонк* ташкил карда мешавад. Ин гурӯҳ сохтори пул, ҳаҷму миқдори пулҳои чопшаванда, қурби он нисбати пулҳои дар муомилотбуда ва асъорҳои озод табдилшаванда, шакли пулҳо,** мӯҳлати чопу ба муомилот баровардани онҳоро муайян намуда, барои тасдиқ ба ҳукумат пешниҳод менамояд. Ҳукумат баъди тасдиқи пешниҳод бо мақсади чопи пул ширкати лозимаро интихоб мекунад.

*Ҳангоми дар вазъи бӯҳрони иқтисодӣ қарор доштани иқтисодиёти мамлакат ва хавфи таъсири манфии ҳар гуна овоза оид ба чопи пули нав ба қурби пули дар муомилот будаю нархҳо сарвари давлат метавонад бо мақсади махфӣ нигоҳ доштани ин амалиёт ичрои онро ба гурӯҳи муайян супорад. Азбаски харҷи чопи пул калон буда, он аз буҷети давлатӣ пӯшонида мешавад, махфӣ нигоҳ доштани чунин амалиёт хеле мушкил аст. Маълум аст, ки банақшагирии буҷет тақрибан як сол пеш сар шуда, ҳамаи харочотҳои соли оянда дар он инъикос дода мешавад. Агар харҷи чопи пул дар нақша бошад, бояд он дар буҷет инъикос дода шавад, яъне хоҳ нохоҳ кормандони вазорати молия аз ин хабардор мешаванд. Ба болои он қонуни буҷет ба ҳукумат пешниҳод шуда, баъдан аз ҷониби парламент қабул мешавад, ки хавфи овоза шудани чопи пулро боз ҳам зиёд мекунад. Ин аст, ки баъзан харҷи чопи пул аз ҳисоби захираҳои бонки марказӣ пӯшонида шуда, баъдан аз ҳисоби буҷет барқарор карда мешавад.

**Шакли пул ва дар болою пушти он ҷой додани расми бузургону ҷойҳои таърихии кишвар аз ҷониби гурӯҳи

корӣ муайян карда мешавад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки кишварҳо ба ин муносибати гуногун доранд. Масалан, дар болои евро аксҳои аниқи ба миллатҳои алоҳида дахлдошта ҷой дода нашудаанд. Қисме аз пулҳои Канада бо сурати шоҳи Британиёи Кабир – Елизабетаи II ороиш ёфтаанд.

Ширкати интихобшуда чопи пули миллиро дар шаклҳои қабулшуда ба роҳ мемонад. Баъдан ин пулҳо аз ҷониби бонки марказӣ ба муомилот бароварда мешаванд.

Вобаста ба қурби пулу ҳаҷми муомилоти молӣ ҳукуматҳо ё бонкҳои марказӣ миқдори пулеро, ки барои таъмини талаботи муомилот зарур аст, аз чоп мебароранд. Масалан, маблағи умумии сомонию дирамҳои чопшуда аз маблағи ҳангоми воридот (соли 2000) ба муомилот бароварда 5 баробар зиёд буд. Ин имкон медиҳад, ки талаботи муомилот чанд соли дигар аз ҳисоби пулҳои дар захираҳо буда таъмин карда шавад. Азбаски доллари амрикоӣ пули асосии ҷаҳонист, ҳукумати ИМА чопи пайвастаи онро ба роҳ мондааст, то тавонад талаботи дохилию беруниро ба он таъмин намояд *(Нигаред ба замимаи 18)*.

Тартиби ба муомилот баровардани пул, ки боиси зиёд шудани ҳаҷми он мегардад, эмиссияи пул ном дорад. Дар аввал пулҳо аз ҷониби давлат – *эмитент* ба воситаи бонки марказӣ (миллӣ) ба муомилот бароварда мешаванд. Баъдан ҳаҷми пул дар муомилот бо роҳи аз ҷониби бонки марказӣ (миллӣ) додани қарз ба ҳукумату

бонкҳои тиҷоратӣ ё харидани асъори хориҷӣ зиёд карда мешавад.

Дар натиҷаи бароришн пул *даромади эмиссионӣ* пайдо мешавад, ки он баробар аст ба фарқи байни арзиши номиналӣ* ва арзиши аслии пулҳои нақд (харҷи чопи пулҳо).** Масалан, соли 1994 даромади эмиссионӣ дар ИМА 0,4 фоиз, Британиёи Кабир 0,3 фоиз ва Олмон 0,5 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил дод (33,51). Агар фарз кунем, ки вобаста ба истифодаи пулҳои электронӣ даромади эмиссионии ИМА дар солҳои охир 2 баробар кам шудааст, яъне он акнун на 0,4, балки 0,2 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад, дар ин ҳолат низ соли 2002 он на камтар аз 20 млрд. доллар*** аст. Мутаассифона, кишварҳои хурд даромади ночизи эмиссионӣ доранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин намуди даромад дар ҷамъи умумии даромадҳои Бонки миллӣ ба ҳисоб гирифта шуда, мувофиқи тартиби муайяншуда андозбандӣ мешавад.

*Арзиши номиналӣ ин арзиши дар рӯи пулҳо навишташуда аст. Барои дуруст таъмин кардани талаботи муомилоти молӣ ба пул хукумат ё бонки марказӣ вобаста ба қурби муайянкардаи пулаш (нисбат ба асъорҳои озодтабдилшаванда) пулҳои арзиши номиналии гуногунро ба муомилот мебарорад. Барои мисол, агар бонки марказӣ пули сомониро ба чои 1 доллар баробари 2,2 сомонӣ бо қурби 1 доллар баробари 1200 сомонӣ ба муомилот мебароварад, он гоҳ пулҳои сомонӣ бо арзиши номиналии имрӯзаашон (1, 5, 10, 20, 50, 100 сомонӣ) ба муомилот дуруст хизмат карда наметавонистанд. Дирамҳо умуман лозим набуданд. Ба чои онҳо бояд 20,

50, 200, 500, 2500, 5000, 10000, 25000, 50000 сомонӣ ба муомилот бароварда мешуд. Танҳо бо чунин сохтори пулҳо талаботи муомилоти молиро таъмин намудан мумкин буд, зеро он гоҳ нархҳо 500 маротиба аз нархҳои имрӯза баланд мебуданд.

**Маблағе, ки барои чопи воҳиди пулӣ сарф карда шудааст.

***Маҷмӯи маҳсулоти дохилии ИМА соли 2002 10446,2 млрд. доллярро ташкил дод, ки 0,2 фоизи он ба 20,9 млрд.доллар баробар аст (www.firstgov.gov October, 2003).

Таъмини талаботи муомилоти молӣ ба пул зарурати пайваста ба муомилот баровардану аз муомилот гирифтани пулро ба миён меорад. Қисме аз ширкатҳою одамон аз ҳисобҳояшон пул мегиранд, қисми дигар бо мақсади иҷрои ӯҳдадориҳояшон дар назди буҷет, пасандози маблағҳои муваққатан озодмондаашон ва ғайра ба бонк пул месупоранд. Дар натиҷа мумкин аст ҳаҷми пул дар муомилот тағйир наёбад. Эмиссияи пул барориши пулеро дар бар мегирад, ки он боиси зиёдшавии ҳаҷми пул мегардад.

Эмиссияи пулҳои ғайринақдӣ аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ва пулҳои нақдӣ аз ҷониби бонки марказӣ амалӣ мегардад.

Бонки тиҷоратӣ наметавонад аз бонки марказӣ пули нақд гирад, агар дар ҳисоби муросилотиаш* маблағи зарурирро надошта бошад. Ин аст, ки ҳангоми зарурат аввал байни бонкҳои марказию тиҷоратӣ шартномаи қарзӣ имзо шуда, миқдори муайяни пул ба ҳисоби он гузаронида мешавад ва

баъдан ба ивази ин пул он метавонад аз бонки марказӣ пули нақд гирад.

*Ҳисоби муросилотӣ – ҳисоби бонки тиҷоратӣ, ки барои нигаҳдошту истифодаи мақсадноки маблағҳои он дар бонки марказӣ ё бонки тиҷорати дигар кушода шудааст.

Мақсади эмиссия таъмини талаботи иловагии мизоҷон ба пул мебошад. Талаботи иловагӣ мумкин аст ба зиёдшавии ҳаҷми истеҳсолот ё болоравии нархҳо вобаста бошад. Бонкҳои тиҷоратӣ талаботи иловагии мизоҷонро аз ҳисоби сармояи худ қонеъ карда наметавонанд, зеро он танҳо барои қонеъгардонии талаботи доимӣ басанда асту халос.

Эмиссияи пулҳои нақд бе дарназардошти зиёдшавии Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ё сармоягузориҳои хориҷӣ метавонад боиси беқурбшавии пулу болоравии нархҳо* гардад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки эмиссияи пули нақд ба нақшаи муайян асос ёбад. Бонки марказӣ аз рӯи пешбиниҳои гардиши кассавии бонкҳои тиҷоратӣ ва таҳлилҳои худ, ки ба зиёдшавии ҳаҷми истеҳсолот, тағйир ёфтани таваррум курби пул асос ёфтааст, ҳаҷми тахминии эмиссияи пулро дар мӯҳлатҳои алоҳида муайян менамояд. Баъдан эмиссияи пул аз ҷониби сохторҳои бонки марказӣ бо тартиби дар нақша нишондодашуда амалӣ карда мешавад.

*То солҳои 80-уми асри XX дар адабиёти илмӣ ақидае вуҷуд дошт, ки мувофиқи он бояд миқдори пули ба муомилот баровардашуда аз ҳаҷми захираҳои тиллоию асъории мамлакат вобаста мебуд. Гӯё курби пул ба таъминнокии он

бо захираҳои тиллоии мамлакат вобаста аст, вале, баъдан таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон дод, ки чунин ақида дуруст нест. Ҳаҷми пули дар муомилот буда метавонад қисман бо захираҳои тиллоию асъорӣ ва қисман бо захираҳои молӣ таъмин бошад. Илова ба ин, қурби пул ба сиёсати пулию қарзии бонки марказӣ вобаста аст *(Нигаред ба замимаи 19)*.

4.3. Мултипликатори бонкӣ

Тавре ки дар мавзӯъҳои гузашта зикр намудем, дар зинаи муайяни пешрафти муомилоти молию пулӣ одамон аз истифодаи тилло ҳамчун пул даст кашиданд. Тиллоҳояшонро аввал ба ҷавоҳиротсозон ва баъдан ба бонкҳо супурда, ба ивазаш шаҳодатнома мегирифтанд, ки ҳамчун воситаи додугирифт истифода мешуд. Ин шаҳодатномаҳо оҳиста-оҳиста ба шакли муайян даромада, ҳамчун пул истифода мешуданд.

Дар аввал арзиши номиналии ин пулҳо ба арзиши умумии тиллои ба бонкҳо супурдашуда баробар буд, вале баъдан таҷриба нишон дод, ки қисми муайяни пулҳо ба бонк барнагашта, доимо дар муомилот мемонанд, зеро на ҳамаи одамон якбора ба ивази пулашон аз бонк тилло мехаранд. Аз ин рӯ, соҳибони бонкҳо ба хулоса омаданд, ки имкон доранд ба ивази ҳаҷми тиллои муваққатан озодмонда ба муомилот пули иловагӣ бароранд.

Татбиқи ин амал ҳаҷми пули дар муомилот бударо аз миқдори зарурӣ чандин маротиба зиёд намуда, боиси болоравии нархҳою касодшавии бозор гардид. Аз ин рӯ, ҳукуматҳо бо мақсади таҳти

назорат гирифтани ин амал аз асри XIX сар карда бонкҳои марказиро ташкил намуданд ва ҳуқуқи бароришипулро ба онҳо доданд, вале ин тадбир ҳам натиҷаи дилхоҳ надод.

Пешрафти соҳаи бонкдорию афзалияти воситаҳои ҳозиразамони ҳисоббаробаркунӣ, инчунин имконияти ҳимояи маблағҳои пулӣ аз беқурбшавӣ (бо роҳи гирифтани фоиз аз пасандози онҳо дар бонк) қисми зиёди мардумро водор сохт, то маблағҳои пулии худро дар бонкҳо пасандоз кунанд. Бонкҳо наметавонистанд ин пасандозҳоро бе ҳаракат нигоҳ доранд, зеро ба онҳо даромаде лозим буд, ки аз ҳисобаш ҳам харочотҳои худро пӯшонанду ҳам ба амонатгузорон фоиз диҳанд. Ин аст, ки қарздиҳӣ аз ҳисоби пасандозҳо яке аз вазифаҳои асосии бонкҳо ба шумор меравад.

Қарзгирифтагон маблағҳои гирифтаашонро барои хариди молу иҷрои ӯҳдадориҳои пулии худ сарф мекунанд. Ин пулҳо ба воситаи мағозаю дигар нуқтаҳои савдо боз ба бонк баргашта пасандоз мешаванд. Ҳамин тариқ, дар муомилоти молию пулӣ гардиши пайвастае (пасандоз – қарз – соҳаҳои савдою хизматрасонӣ – пасандоз – қарз – ...) вуҷуд дорад, ки боиси зиёдшавии ҳаҷми пул дар муомилот мегардад. Ин гардиш хусусияти объективӣ дошта, ба хоҳиши одамон вобаста нест. Бонки марказӣ имкон дорад фишангҳои назоратии худро истифода карда, онро танзим намояд.

Қарздиҳӣ аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ яке аз роҳҳои ба муомилот баровардани пул ё ба тарзи дигар эмиссияи пул мебошад. Тавре ки пештар

зикр намудем, эмиссияи пулҳои ғайринақдӣ аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ амалӣ шуда, боиси зиёд шудани ҳаҷми пул дар муомилот меғардад.

Тартиби зиёдшавӣ (мултипликатсия)-и ҳаҷми пул дар натиҷаи истифодаи маблағи пасандозҳо ҳамчун сарчашмаи қарздиҳӣ мултипликатори бонкӣ ном дорад.*

*Дар адабиёти иқтисодӣ инчунин мафҳумҳои мултипликатори қарзӣ ва мултипликатори пасандозӣ истифода мешаванд, ки мазмунан ҳар се аз ҳамдигар фарқ надоранд. Ин мафҳумҳо ҳангоми баҳодиҳӣ ба нақши мултипликатор аз мавқеи умумибонкӣ, қарз ва ё пасандоз истифода мешаванд.

Фарз мекунем, ки маблағи умумии пасандозҳо* дар Фононбонк ба 100 ҳазор сомонӣ баробар аст.

*Дар ин ҷо «пасандоз» гуфта, ҳамаи маблағҳои дар ҳисобҳои бонкӣ бударо (сарфи назар аз мӯҳлаташон) дар назар дорем, зеро дар шароити бозор ва рақобати байнибонкӣ бонкҳо барои ин пасандозҳо фоизи муайян медиҳанд.

Агар меъёрҳои захираи ҳатмӣ дар бонки марказӣ 15 фоиз ва захираи кассавии Фононбонк 10 фоиз бошанд, пас он метавонад 75 фоизи пасандоз ё 75000 сомониро ба қарз диҳад. Қарзгиранда бо ин пул мол мехарад ё ӯҳдадориҳои дигари пулии худро иҷро мекунад. Дар ҳама ҳолат, қисми зиёди ин пул аз ҷониби мағоза ё шахсони дигаре, ки соҳиби он шудаанд, боз ба бонк супорида шуда ба пасан-

доз мубаддал мегардад. Бонк маҷбур аст, ки тартиби пешинаро боз такрор намояд, яъне 15 фоизи онро ба бонки марказӣ гузаронида, 10 фоизашро ҳамчун захираи кассавӣ нигоҳ дошта, 75 фоиз ё 56250 сомониашро ба қарз диҳад. Ин фаъолият бо тартиби зайл давом мекунад:

Тартиби амали мултипликатори бонкӣ ва зиёдшавии ҳаҷми пул дар муомилот

пасандозҳо	захираи кассавӣ (10%)	захираи ҳатмӣ (15%)	қарзи додашуда (75%)
пасандози асосӣ - 100000	10000	15000	75000
пасандози якум - 75000	7500	11250	56250
пасандози дуюм - 56250	5625	8437,5	42187,5
пасандози сеюм - 42187,5	4218,75	6328,2	31640,6
пасандози чорум - 31640,6 ва ғайра	3164,1	4746,1	23730,5
ҶАМЪ: 400000	40000	60000	300000

Ҳамин тариқ, дар охири ин амалиёт маблағи пасандози асосӣ (100 ҳазор сомонӣ) дар шакли захираи кассавӣ ва ҳатмӣ ба бонкҳо баргашта, 300 ҳазор сомонӣ (пасандозҳои иловагӣ ё пулҳои дар ин раванд пайдошуда) ба қарз дода мешавад. Албатта, маблағи пулҳои дар ин раванд пайдошуда мумкин аст аз ин камтар бошад, зеро қисме аз одамон ба бонкҳо он қадар бовар надошта, пулҳояшонро дар хона нигоҳ медоранд.

Ҳаҷми умумии пасандозҳои иловагӣ ё пулҳои нав пайдошуда аз меъёрҳои кассавии бонки тиҷоратӣ ва захираи ҳатмӣ дар бонки марказӣ вобаста аст. Дар ҳолати ба 10 фоиз баробар будани онҳо

ҷамъи умумии пасандозҳо ба 1 млн. сомонӣ баробар мешавад, ки аз он 100 ҳазор сомонӣ пасандози асосӣ ва 900 ҳазор сомонӣ пасандозҳои иловагӣ ё пулҳои сохташуда мебошанд. Агар меъёрҳо дар якҷоягӣ ба 40 фоиз баробар бошанд, он гоҳ пасандозҳо 250 ҳазор сомониро ташкил медиҳанд, ки аз он 100 ҳазор сомонӣ пасандози асосӣ ва 150 ҳазор сомонӣ пулҳои навсохташуда аст.

Агар ҳамаи бонкҳо меъёри якхелаи кассавӣ медоштанд, (масалан, 10 фоиз) он гоҳ ба ҷои ҳар 1 сомонии дар бонк гузошташуда 10 сомонӣ пасандоз пайдо мешуд, ки аз он 1 сомонӣ маблағи асосӣ ва 9 сомонӣ пасандозҳои иловагӣ мебуданд. Дар Тоҷикистон, ки меъёри захираҳои ҳатмӣ дар Бонки миллӣ ба 18 фоиз (соли 2004) ва меъёри захираи кассавии бонкҳои тиҷоратӣ ба 30 фоиз баробар аст, дар натиҷаи пасандози ҳар 1 сомонӣ боз 1 сомонии дигар пасандози иловагӣ пайдо мешаваду халос.

Дар мамлакатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо меъёри захираи ҳатмӣ дар бонки марказӣ паст аст ва ё вуҷуд надорад ва исбот шудааст, ки агар бонкҳо 8-10 фоизи пасандозҳояшонро ҳамчун захираи кассавӣ* нигоҳ доранд, метавонанд талаботи доимии мизоҷонашонро пурра қонеъ гардонанд. Яъне бонкҳои дар Аврупо буда имкон доранд 90-92 фоизи пасандозҳоро ба қарз диҳанд ва ҳамин тавр, ҳар як еврои пасандозшуда боиси пайдошавии 9 евро – пасандози иловагӣ мегардад.

*Қайд кардан зарур аст, ки дуруст муайян намудани меъёри захираи кассавӣ барои таъмини фаъолияти самара-

ноки бонк хеле зарур аст. Дар шароити рақобати сахти бозорӣ бонкҳо бо мақсади ҷалб кардани мизоҷон ҳаракат мекунанд қарзҳои арзонтарро ба онҳо пешниҳод намоянд. Агар меъёри захираи кассавии як бонк аз бонкҳои дигар баландтар бошад, пас он қисми камтари пасандозҳоро метавонад ба қарз диҳад. Дар натиҷа бонк фоидаи нисбатан кам мегирад. Мутаассифона, вобаста ба ин бонк имкон надорад фоизи ба амонатгузор медодаашро кам кунад, зеро амонатгузор метавонад пасандозҳояшро ба бонки дигар гузаронад. Чунин амал мумкин аст боиси муфлисшавии бонк гардад. Бинобар ин дуруст муайян намудани меъёри захираи кассавӣ яке аз шартҳои самаранокии фаъолияти бонки тиҷоратӣ мебошад.

Тавре ки зикр намудем, эмиссияи пулҳои ғайринақдӣ аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ боиси зиёдшавии ҳаҷми пул ва болоравии нархҳо (таваррум) мегардад. Бо мақсади таҳти назорат гирифтани ин амалиёт ва роҳ надодан ба зиёдшавии беасоси ҳаҷми пул бонки марказӣ аз механизми идоракунии мултипликатори бонкӣ истифода мебарад. Аз он ҷумла, дигар кардани меъёри захираҳои ҳатмӣ дар бонки марказӣ миқдори чандин маротиба зиёд шудани ҳаҷми пул ё дар қатори ҳар як сомонӣ чанд сомонии нав пайдо шуданро муайян мекунад.

Ҳамин тавр, истифодаи фишангҳои иқтисодӣ, аз он ҷумла таҳти назорат гирифтани амали мултипликатори бонкӣ, ба бонки марказӣ имкон медиҳад, ки ҳаҷми пули дар муомилот бударо вобаста ба сатҳи таваррум танзим намояд.

Мавзӯи 5

ҚОНУНИ МУОМИЛОТИ ПУЛӢ ВА НАЗОРАТИ ГАРДИШИ ПУЛ

5.1. Миқдори пул ва нишондиҳандаҳои ба он алоқаманд

Дар даврaҳои аввали истифодаи тиллою нуқра ҳамчун пул зарурати назорати гардишу танзими миқдори он ба миён наомада буд, зеро истеҳсоли тиллою нуқра дар дунё маҳдуд буда, ба қурби онҳо таъсири манфӣ намерасонд. Вале баробари кушода шудани қитъаҳои нав ва зиёд шудани истеҳсоли тиллою нуқра хатари таъсири манфии он ба қурби пул ба миён омад.

Масалан, дар асри XVI аз Амрикои Ҷанубӣ ба Испания овардани миқдори зиёди тиллою нуқра боиси зиёд шудани миқдори пул дар муомилот, болоравии нархҳо ва касодшавии ширкатҳою соҳибкорони алоҳида гардид. Ин ҳодиса ҳукуматдоронро маҷбур сохт, ки ба масъалаҳои ташкили муомилоти пулӣ диққати махсус диҳанд.

Маълум шуд, ки дар миёни миқдори пул ва молҳои дар муомилот буда, баробарӣ ва ё таносуби муайян ҳукмфармост. Таъмин нагардидани ин баробарӣ ва ё таносуб ба нархҳо бетаъсир наемонад. Барои сарфаҳм рафтан ба ин муаммо моро зарур аст, ки мафҳумҳои зеринро аз худ намоем: миқдори пул, суръати гардиши пул, сатҳи умумии нархҳо, миқдори молҳо.

Миқдори пул.

Аз фанни «Иқтисоди сиёсӣ» тақозои қонуни талаботу пешниҳод ва зарурати риояи он ба ҳама маълум аст. Пул, ки худ мол аст, каму зиёд шудани миқдораш дар муомилот ба қурб ва ё нархи он таъсир мерасонад. Барои мисол: дар давлате 1 млн. воҳиди пулӣ ва 1 млн. дона моли муайян мавҷуд буда, нархи як дона мол ба як воҳиди пулӣ баробар аст. Агар бо сабабе ҳукумат ба муомилот боз 1 млн. воҳиди пулии дигар барорад, одамон баъди чанде шоҳиди он мегарданд, ки сарф кардани миқдори пулҳои иловагӣ гайриимкон аст, зеро дар бозор миқдори молҳо зиёд нашудааст. Аз ин рӯ, рақобати байни одамон барои ҳарчи зудтару зиёдтар харидани молҳои мавҷуда сар шуда, хоҳу нохоҳ боиси болоравии нархҳо мегардад. Ин рақобат то баробар шудани нархи як дона мол ба ду воҳиди пулӣ давом мекунад.

Ҳамин тавр, барои устувор нигоҳ доштани қурби пулу нархи молҳо зарур аст, ки таносуби байни миқдори пул ва арзиши молҳои мавҷуда таъмин карда шавад.

Барои баъдан дар формула истифода кардани «миқдори пул» мо онро бо «**Мп**» ишора мекунем.

Суръати гардиши пул.

Пулҳои дар муомилотбуда доимо дар гардишанд. Агар донишҷӯй баъди гирифтани стипендия бо хурсандии зиёд аз ошхона хӯроки гӯштдоре харад, ин маънои онро надорад, ки бо ҳамин пулҳои ба ивази хӯрок додаи ӯ нест мешаванд. Соҳиби ошхона рӯзи дигар ё дертар бо ин пул аз бозор гӯшт мехарад, гӯштфурӯш дар навбати худ мол мехарад, молфурӯш маҳсулоти дигар ва гайра. Ин раванди беохир аст, ки дар он пул воситаи додугирифт буда, доимо дар гардиш аст. Албатта, суръати гардиши қисме аз пулҳо тезтар буда (масалан, пулҳое, ки барои додани стипендия истифода мешаванд), суръати гардиши қисми дигар сусттар аст (масалан, мукофотпулии одамони дорою бадавлат барои пасандоз истифода мешавад ва ё ба кунҷи сандуқ меафтад).

Фарз мекунем, ки соли гузашта миқдори пули дар муомилот истифодашуда 1 млн. сомонӣ буд, вале далелу рақамҳои оморӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар ҳамин давра арзиши молҳои фурӯхташуда ба 10 млн. сомонӣ баробар аст. Ин нишонаи он аст, ки ҳар як сомонӣ ба ҳисоби миёна дар ин давра 10 маротиба гардиш кардааст, яъне суръати гардиши пул ба 10 баробар аст.

Ҳангоми таҳлили иқтисодӣ суръати гардиши пул бо роҳи тақсими Маҷмӯи маҳсулоти миллӣ ба ҳаҷми пул (агрегатҳои пулии М1 ё М2) муайян

карда мешавад. Тавре ки мебинем, ин ба гуфтаҳои боло ҳаммазмун аст.

Барои баъдан истифода кардани ин мафҳум дар формула мо онро бо «**Сгп**» – суръати гардиши пул ишора менамоем.

Азбаски омилҳои гуногун* метавонанд ба гардиши пул таъсир расонида, суръати онро тағйир диҳанд, моро зарур аст, ки таъсири манфии дигар шудани суръати гардиши пулро ба қурби пул ва нархҳо муайян намоем.

*Масалан, мардум ҳангоми хушксолӣ бо мақсади ҳар чи тезтар захира кардани ғизо маблағҳои пасандоз ва ё дар сандуқҳо нигоҳдоштаи худро мебароранд, ки боиси зиёд шудани пул дар муомилот ва суст шудани суръати гар-диши он мегардад. Бо ворид кардани шаклҳои нави ҳисоб-баробаркунӣ суръати гардиши пул меафзояд. Масалан, соли 1994 мӯҳлати гузариши маблағ байни бонкҳои дар Душанбею Хуҷанд буда на кам аз ду ҳафта буд, вале акнун барои чунин амалиёт ҳамагӣ чанд дақиқа лозим асту халос. Яъне, дар ин ҷо суръати гардиши пул даҳчанд афзудааст.

Дигар шудани суръати гардиши пул ба ҳаҷми пул ва қобилияти харидории мардум* таъсир мерасонад. Фарз мекунем, ки суръати гардиши пул 10 маротиба не, балки 12 маротиба аст. Дар ҳолати тағйир наёфтани миқдори пули дар муомилотбуда (1 млн. сомонӣ) қобилияти харидории мардум ба 12 млн. сомонӣ баробар мешавад. Агар дар ин давра миқдори молҳои дар бозор буда (10 млн. сомонӣ) зиёд нашавад, хоҳ-нохоҳ баъди чанде нархи молҳо

20 фоиз боло рафта, қурби пули сомонӣ паст мешавад.

*Қобилияти харидории мардум гуфта талаботи бо пул таъминшавандаи онро дар назар дорем. Тавре ки медонем, ҳама хоҳиш доранд мошини сабукрав дошта бошанд, вале на ҳама пул доранд, ки ин талаботашонро қонеъ гардонанд. Ҳангоми ба нақша гирифтани сохтмони заводи мошинбарорӣ дар давлат ва ё аз чойи дигар овардани миқдори муайяни мошинҳо барои фурӯш қобилияти харидории мардум ё ба таври дигар талаботи ба пул таъминбудаи он ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ба суръати гардиши пул пасандоз кардани мардум низ таъсир мерасонад. Агар қисме аз мардум пулҳояшонро барои пӯшонидани харочотҳои калони оянда, ба монанди сохтмони хона, хариди мошин, тӯй ва ғайра захира кунанд, қисми дигар барои хариди саҳмияҳою гирифтани фоида захира мекунанд. Албатта, зиёд шудани пасандозҳо нишонаи дорошавии мардум аст, вале агар аз чониби ҳукумат тартиби таъмини истифодаи дурусти ин пулҳо дар оянда ба ҳисоб гирифта нашавад, дар ҳолати бо ягон сабаб яку якбора ба муомилот баромадани онҳо миқдори пул зиёд шуда, суръати гардиши он суст мешавад.

Ҳамин тариқ, миқдори пул ва суръати гардиши он ба ҳам алоқаманд буда, дар маҷмӯъ «**Мп** х **Сгп**» ҳаҷми умумии пулҳои барои хариди молҳо истифодашавандаро ташкил медиҳанд. Тағйир ёфтани яке аз онҳо боиси дигар шудани ҳаҷми уму-

мии пулҳо гардида, ба қурби пулу нархи молҳо таъсир мерасонад.

Сатҳи умумии нархҳо.

Тавре қаблан зикр намудем, дар ҳолати дигар шудани миқдори пул ва ё суръати гардиши он ва бетағйир мондани миқдори молҳо сатҳи умумии нархҳо низ тағйир меёбад. Агар тағйирёбии миқдори пулу суръати гардиши он боиси зиёд шудани ҳаҷми пули барои хариди молҳо сарфшаванда гардад, он гоҳ нархҳо боло мераванд. Баъзан ҳолати баръакс ҳам рӯй медиҳад, ки боиси паст-шавии нархҳо мегардад. Дар асл чунин амал ба манфиати ҳукуматҳо* нест, бинобар ин онҳо ҳаракат мекунанд, ки ба он роҳ надиҳанд.

*Паст шудани нархҳо боиси кам шудани фоидаи корхонаю ширкатҳо ва мутаносибан кам шудани даромади буҷет мегардад. Ҳукумат вобаста ба ин имкон надорад харочоти худро яку якбора кам кунад. Масалан, касе аз кормандони соҳаи буҷетӣ – муаллим, духтур ва ё нафақахӯру донишҷӯй розӣ намешаванд, ки музди меҳнат, нафақа, стипендия кам карда шавад. Бинобар ин, ҳукуматҳо барои роҳ надодан ба пастравии нархҳо чорабиниҳои гуногун, аз он ҷумла баровардани пули иловагӣ ба муомилотро меандешанд.

Албатта, дар бозор талабот ба молҳои гуногун якхела ва доимӣ нест, аз ин рӯ нархҳо тағйир меёбанд. Хусусан ҳангоми таваррум ҳиссаи харочот (дар ҳаҷми умумии харочотҳо) барои хариди молҳои мавриди ниёзи аввал (хӯрокворию либосворӣ) афзуда, барои хариди молҳои дуюмдараҷа (мо-

шин, хона, яхдон ва ғайра) поён меравад. Вазъи иқтисодиёти Тоҷикистон дар солҳои навадуми асри гузашта мисоли хуби ин ҳолат аст. Дар ин давра нархи молҳои истеъмолӣ пайваста афзуда, суръати болоравии онҳо аз суръати болоравии нархҳои молҳои дуюмдараҷа даҳҳо маротиба зиёд буд.

Бо мақсади назорати ин амал ҳукумат ба воситаи кумитаи омор сабабҳои тағйирёбии нархҳоро омӯхта, барои устувор нигоҳ доштани онҳо чораҳои дахлдор меандешад. Аз рӯйи нархи гурӯҳи молҳои муайян (тахминан 350 намуд) сатҳи умумии нархҳо* муайян карда мешавад. Дар омор ин нишондиҳанда *намояи нархҳои истеъмолӣ* ном дорад ва мо онро бо ҳарфи «**Н**» ишора менамоем.

*Кормандони соҳаи омор ҳар ҳафта аз бозорҳои вилоят, шаҳру ноҳияҳо маълумоти заруриро оид ба нархи молҳои гурӯҳи муайян ҷамъ оварда, ба марказ мефиристанд. Дар Кумитаи давлатии омор ин маълумотҳоро таҳлил намуда, тағйирёбии умумиҷумҳуриявӣ ва маҳаллии онҳоро муайян менамоянд. *Таваррум ва намояи нархҳои истеъмолӣ,* ки барои таъмини сиёсати дурусти иқтисодии ҳукумат зарурand, дар асоси маълумотҳои болоӣ ҳисоб карда мешаванд.

Миқдори мол.

Дар боло бо роҳи зарб кардани миқдори пул ба суръати гардиши он мо ҳаҷми пули барои хариди молҳо сарфшавандаи харидоронро муайян намудем. Вале мо медонем, ки дар муқобили харидор фурӯшанда истодааст, ки миқдори муайяни молро дорост. Барои таъмини баробарӣ зарур аст, ки маблағи сарфкардаи харидор ба маблағи ба даст

овардаи фурӯшандаю арзиши моли ӯ баробар бошад. Барои ин зарур аст, ки бо роҳи зарб кардани миқдори молҳо ба сатҳи умумии нархҳо арзиши умумии молҳои фурӯхташударо муайян намоем. Агар мо миқдори молҳоро бо «**Мм**» ишора кунем, арзиши умумии молҳои фурӯхташуда ба **Мм** х **Н** баробар аст.

Донистани мазмуни мафҳумҳои *миқдори пул, суръати гардиши пул, сатҳи умумии нархҳо, миқдори мол* имкон медиҳад, ки ба омӯзиши алоқамандии онҳо гузарем.

5.2. Қонуни муомилоти пулӣ ва назорати гардиши пул

Қ о н у н и м у о м и л о т и п у л ӣ. Барои таъмини устувории нархҳо зарур аст, ки ҳаҷми пулҳои барои хариди молҳо сарфшаванда ба арзиши умумии молҳои барои фурӯш пешниҳодшуда баробар бошад:

Мп х **Сгп** = **Мм** х **Н**

Таҳлили иқтисодии ин амал ва имконияти муайян намудани миқдори пули барои муомилот зарурӣ боиси дар асри XIX аз ҷониби К. Маркс кашф намудани *қонуни муомилоти пулӣ* гардид. Ин қонун талаб мекунад, ки миқдори пули ҳамчун воситаи муомилот истифодашаванда ба ар-

зиши молҳои фурӯхташаванда (вобаста ба суръати гардиши пул) баробар бошад:

$$\mathbf{Мп = Мм \times Н / Сгп}$$

Аз ин баробарӣ бармеояд, ки таъсир расонидан ба як ё ҳамаи нишондиҳандаи тарафи рости он (*суръати гардиши пул, сатҳи умумии нархҳо, миқдори мол*) ба миқдори пул бетаъсир намемонад.

Қонуни муомилоти пулӣ қонуни объективии иқтисодӣ буда, сарфи назар аз хоҳиши мо амал мекунад. Дар ҳолати риоя накардани он нархҳо боло рафта, боиси норозигии мардум аз сиёсати ҳукумат мегардад, дар натиҷа, ин ҳукумату бонки марказиро маҷбур месозад, ки сиёсати дурусти иқтисодиро амалӣ намоянд.

Вобаста ба пешрафти соҳаи бонкдорӣ ва пайдоиши шаклҳои нави қарздиҳию ҳисоббаробаркунӣ ба формулаи болоӣ унсурҳои нав илова шуда, шакли он тағйир ёфт:

$$\mathbf{Мп = Мм \times Н - К + Пк - Уп / Сгп}$$

К – арзиши молҳои ба қарз фурӯхташуда, **Пк** – қарзҳои молие, ки мӯҳлати пардохташон расидааст ва **Уп** – арзиши ӯҳдадориҳои байниҳамдигарӣ, ки барои иҷрояшон пул истифода намешавад.

Мутобиқ ба назарияҳои мавҷуда дар ҳолати татбиқи барномаи асосноки сиёсати пулӣ ва дар мӯҳлати дароз дучанд зиёд кардани миқдори пули дар муомилот буда нархи молҳо то ба дараҷаи зи-

ёдшавии миқдори пул боло рафта, дараҷаи истеҳсолот ва меъёри фоизи қарз бетағйир мемонанд.

Аз тарафи дигар, асоснок зиёд намудани миқдори пул то дараҷаи муайян боиси болоравии нархҳо гардад ҳам, ба болоравии истеҳсолот сабаб мешавад. Аз ин рӯ, қисми зиёди ҳукуматҳо миқдори пули дар муомилот бударо бо тартиби муайяни илман асоснокёфта зиёд менамоянд, ки он, аз як тараф, боиси болоравии истеҳсолот ва аз тарафи дигар, иҷрои барзиёди қисми даромади буҷет мегардад.

Назорати гардиши пул.

Азбаски ба воситаи танзими гардиши пул ба нархҳою вазъи истеҳсолот таъсири мусбӣ расонидан мумкин аст, ҳукуматҳо ин воситаи идоракуниро васеъ истифода мебаранд.

Дар амал муайян намудани **Мм** – миқдори мол бисёр мушкил аст, аз ин рӯ, иқтисоддонҳо ҳангоми таҳлили вазъи иқтисодиёт ба ҷойи он нишондиҳандаи *даромади софи миллиро** истифода мебаранд. Агар мо ин нишондиҳанда – даромади софи миллиро бо «**Дс**» ишора намоем, баробарии **Мп** х **Сгп = Мм** х **Н** шакли зерин мегирад:

$$\text{Мп} \times \text{Сгп} = \text{Дс} \times \text{Н}$$

*Нишондиҳандаи *даромади софи миллӣ* бо роҳи аз *маҷмӯи маҳсулоти миллӣ* кам кардани маблағи барои барқароркунии (*амортизатсия*) фондҳои асосӣ сарфшаванда муайян карда мешавад.

Азбаски дар ин баробарӣ нишондиҳандаҳо бо ҳам зич алоқаманданд, ҳукумат ҳангоми татбиқи сиёсати иқтисодии худ бо роҳи таъсир расондан ба як ё якчанд-тои он метавонад яке аз нишондиҳандаҳоро тағйир диҳад. Ҳар як нишондиҳандаи ин баробариро дар алоҳидагӣ чунин муайян кардан мумкин аст:

Мп = Дс х Н / Сгп **Сгп = Дс х Н / Мп**
Дс = Мп х Сгп / Н **Н = Мп х Сгп / Дс**

Агар ҳукумат дар назди худ мақсад гузорад, ки ба болоравии нархҳо хотима мегузорад, пас бояд яке аз се нишондиҳандаҳои тарафи ростро тағйир дода, ду-тои дигарашро бетағйир нигоҳ дорад.

Масалан, ҳукумат метавонад бо татбиқи сиёсати муайяни пулӣ миқдори пулро дар муомилот кам кунад, вале агар дар ин вақт суръати гардиши пул афзояд, ҳаҷми пули барои харид сарфшаванда тағйир намеёбад ва чорабинии ҳукумат натиҷаи дилхоҳ намедиҳад, ё ба таври дигар ба болоравии нархҳо хотима гузошта намешавад. Аз ин рӯ, ҳангоми таъсир расонидан ба яке аз нишондиҳандаҳо бетағйир нигоҳ доштани ду-тои дигар ба мақсад мувофиқ аст.

Дар ҳама ҳолат татбиқи сиёсати дурусти пулӣ метавонад боиси болоравии истеҳсолот гардад. Инро ба инобат гирифта дар ҳама давлатҳо ҳукумат ҳаракат мекунад аз ин воситаи идоракунӣ васеъ истифода барад.

Аз ин рӯ, омӯхтани масъалаҳои марбут ба ҳаҷми пул ва сохтори он ба мақсад мувофиқ аст.

5.3. Ҳаҷми пул ва зарурати назорати он

Ҳаҷми пул яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми муомилоти пулӣ буда, аз ҷамъи пулҳои нақдию ғайринақдӣ ва ӯҳдадориҳои молиявӣ (вомбаргҳои давлатӣ ва сертификатҳои пасандозии бонкҳо) иборат мебошад.

Азбаски тағйир ёфтани ҳаҷми пул ба нарху дигар нишондиҳандаҳои иқтисодӣ таъсир мерасонад, ҳукумату бонкҳои марказӣ онро таҳти назорат мегиранд. Ҳангоми таҳлили иқтисодӣ бо роҳи муқоисаи ҳаҷми пул дар давраҳои муайян (масалан, аввали ҳар моҳ ё чаҳоряки сол) тағйирёбии онро муайян намуда, барои дар чорчӯбаи барномаи молиявии ҳукумат нигоҳ доштанаш чораҳои зарурӣ меандешанд.

Нишондиҳандаҳои алоҳидаи таркибии ҳаҷми пул *агрегатҳои пулӣ* ном дошта, бо ҳарфҳои зерин ифода мешаванд:

Мо – пулҳои нақди дар муомилот буда;

М1 – пулҳои нақди дар муомилотбуда (Мо) ҷамъи пулҳои дар ҳисобҳои ҷории бонкӣ будаи корхонаю муассисаҳо ва аҳолӣ*;

М2 – ҷамъи М1 ва пасандозҳои мӯҳлатноки аҳолӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ;

М3 – ҷамъи М2 ва вомбаргҳои давлатию** сертификатҳои пасандозии*** бонкҳои тиҷоратӣ.

*Маблағи ҳисобҳои бонкие, ки соҳибонашон (шахсони алоҳида, корхонаю муассисаҳо) метавонанд онҳоро бе мамониат дар вақти дилхоҳ аз бонк гиранд ва ё ба ҳисобҳои дигар гузаронанд. Чунин муносибат нисбат ба пасандозҳои мӯлатнок роҳ дода намешавад.

**Вомбаргҳои давлатӣ коғазҳои қиматнокеанд, ки аз ҷониби Вазорати молия бо мақсади ҷалби пулҳои муваққатан озоди аҳолӣ барои пӯшонидани касри буҷет бароварда мешаванд. Ҳавасмандии мардум бо роҳи додани фоизи муайян ва ё маблагу молҳо ҳамчун бурди вомбаргҳо таъмин карда мешавад.

***Бонкҳои тиҷоратӣ бо мақсади ҳар чӣ зиёдтар ҷалб намудани пулҳои аҳолӣ метавонанд сертификатҳои пасандозӣ бароранд. Ин сертификатҳо мӯҳлатнок буда, бо нархи аз арзиши дар рӯяшон нишондодашуда камтар ва ё бо ваъда додани фоизи баланд ба аҳолӣ фурӯхта мешаванд.

Дар дунё вобаста ба сохтори бонкию молиявии мамлакатҳо тартиби гуногуни ҳисоб кардани агрегатҳои пулӣ вуҷуд дорад. Дар кишварҳое, ки муассисаҳои молиявии ғайрибонкӣ васеъ тараққӣ кардаанд, инчунин агрегати пулии **М4** (ҷамъи М3 ва қоғазҳои қиматнок дар ин муассисаҳо) истифода мешавад.

Давлатҳои алоҳида вобаста ба тартиби таҳлили иқтисодӣ ва зарурати пурра муайян намудани омилҳои ба тағйирёбии ҳаҷми пул таъсиррасонанда миқдори гуногуни агрегатҳои пулиро истифода мебаранд. Масалан, дар Русия панҷ агрегати пулӣ (Мо, М1, М2, М3, М2Х), дар ИМА – чор, дар Шветсарияю Олмон – се ва дар Франсия – ду агрегатҳои пулӣ истифода мешаванд.

Ҳангоми муайянкунии вазъи муомилоти пулӣ нишондиҳандаи (М2Х) – *пулҳои васеъ* истифода мешавад, ки он аз ҷамъи М2 ва пасандозҳои асъорӣ иборат аст. Ин нишондиҳанда ифодакунандаи қобилияти харидории мардум буда, барои банақшагирии истеҳсолу воридоти маҳсулот ва хизматрасонӣ истифода мешавад.

Ҳукумат ҳангоми таҳлили иқтисодӣ бояд ба ин нишондиҳанда диққати махсус диҳад, зеро дар ҳолати истифодаи васеи асъори хориҷӣ пастшавии қурби пули миллӣ ва аз ин рӯ, камшавии истифодааш дар муомилот метавонад ба ҳаҷми пул таъсири манфӣ расонад. Дар чунин ҳолат ҳукумат бояд сари вақт аз он хабардор шуда, барои пур кардани ҷойи маблағи асъори хориҷии берунрафта бо пули миллӣ чора андешад, вагарна ин боиси норасоии пули миллӣ ва болоравии қурби он мегардад, ки ба манфиати ҳукумат нест.

Масалан, дар муомилоти пулии Тоҷикистон то соли 2007 долларҳои ИМА васеъ истифода мешуданд. Азбаски хариду фурӯши молҳои қиматнок (хона, биноҳо, мошин, мебел) бо истифодаи доллар анҷом меёфт, ҳиссаи он дар ҳаҷми пул мумкин аст на камтар аз 30 фоиз бошад. Ба ҳама маълум аст, ки солҳои 2002-2007 қурби доллари ИМА нисбат ба еврою асъорҳои дигар тахминан 45 фоиз поён рафт. Агар ин тамоил боиси аз доллар даст кашидани мардум мегардид, пас ҳукуматро зарур буд, ки сари вақт аз он огоҳӣ ёфта, ҷойи ин маблағҳоро бо пули миллӣ пур кунад.

Илова ба агрегатҳои пулии дар боло зикршуда нишондиҳандаи дигари ифодакунандаи таркиби ҳаҷми пул *базаи пулӣ ё пулҳои захиравӣ* мебошад, ки инҳоро дар бар мегирад:

– пулҳои нақди дар муомилот ва кассаҳои бонкҳои тиҷоратӣ буда;

– маблағи фонди захираҳои ҳатмии бонкҳои тиҷоратӣ дар бонки марказӣ;

– маблағи ҳисобҳои муросилотӣ (корреспондентӣ)-и бонкҳои тиҷоратӣ дар бонки марказӣ.

Қисме аз давлатҳо ҳангоми татбиқи сиёсати пулию қарзиашон аз ин нишондиҳанда истифода мебаранд.

Ҳангоми омода намудани сиёсати пулию қарзӣ бонки марказӣ нишондиҳандаи ҳаҷми пулро барои аввали ҳар моҳ ё квартали соли дар пеш истода муайян намуда, баъдан онро дар ин чорчӯба нигоҳ медорад, то тағйирёбии он боиси болоравии нархҳо нагардад.

Ҳамин тариқ, омӯзиш ва муайян намудани ҳаҷми пул ва қисмҳои таркибии он имконият медиҳад нишондиҳандаҳои зерини иқтисодӣ муайян карда шуда, барои таъмини сиёсати манфиатноки иқтисодии ҳукумат истифода шаванд:

– дараҷаи таъмин будани муомилот ба пул (коэфитсиенти монетизатсия) бо роҳи тақсими ҳаҷми пул (М2 ё М2Х) ба Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ;

– ҳиссаи пулҳои нақдӣ дар ҳаҷми умумии пул бо мақсади андешидани чораҷӯиҳо барои пайваста кам кардани он;

– қобилияти харидории мардум барои банақшагирии дурусти истеҳсол ва воридоти молу хизматрасониҳо;

– таҳти назорат гирифтани тағйирёбии ҳаҷми пул бо роҳи дар сиёсати пулию қарзӣ пешбинӣ кардани сатҳи дигаршавии М2 ва базаи пулӣ.

Мавзӯи 6

МУОМИЛОТИ ПУЛИИ ҒАЙРИНАҚДӢ

6.1. Асосҳои ташкили муомилоти пулии ғайринақдӣ

Дар шароити иқтисоди бозорӣ пул яке аз воситаҳои ҳатмии ҳаёти ҳамарӯзаи ҷамъият ба ҳисоб меравад. Дар мамлакатҳои мутараққӣ ташкили дурусти муносибатҳои иқтисодии байни истеҳсолкунандагони мол ва истеъмолкунандагон, хизматрасонҳою мизоҷони онҳоро бе истифодаи пул тасаввур кардан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, ҳамаи амалиётҳо оид ба хариду фурӯши молҳо ва хизматрасонӣ бо истифодаи пул анҷом меёбанд. Албатта, ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ метавонанд ғайринақдӣ ва ё нақдӣ бошанд. Дар мамлакатҳои мутараққӣ ҳангоми додугирифти молу хизматрасониҳо ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ нақши асосиро мебозанд, зеро истифодаи онҳо камхарҷ буда, аз тарафи ди-

гар, ба ҳукумат имкон медиҳад андозбандии пурраи амалиётҳоро таҳти назорат гирад.

Истифодаи васеи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ наметавонад бе соҳаи ҳозиразамони бонкдорӣ ва ҳавасмандии ҳукумат ба пешрафти он таъмин карда шавад. Ин аст, ки ҳукуматҳо ҳангоми ба роҳ мондани сиёсати дурусти иқтисодӣ ба ташкилу пешбурди соҳаи бонкдорӣ ва ҳимояи он аз дахолати сохторҳои қудратӣ (хусусан дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ) диққати махсус медиҳанд.

Ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бо роҳи аз як суратҳисоби бонкӣ баровардан ва ба суратҳисоби бонкии дигар ворид намудани воситаҳои пулии мизоҷон амалӣ мешаванд.

Нақши суратҳисоби бонкӣ дар нигаҳдошт ва таъмини ҳаракати воситаҳои пулии мизоҷон хеле баланд аст. Тавассути дар бонк кушодани суратҳисобҳо мизоҷон имкон доранд иҷрои саривақтии ӯҳдадориҳои пулии худро дар назди кормандон оид ба додани музди меҳнат, корхонаю ташкилотҳо оид ба додани пули мол, корхои иҷрогардидаю хизматҳои расонидашуда, буҷет оид ба додани андоз, бонкҳо оид ба баргардонидани қарз ва ғайра таъмин намоянд.

Вобаста ба мақсади нигаҳдошт ва тартиби истифодаи воситаҳои пулӣ суратҳисобҳои бонкӣ намудҳои гуногун доранд:

– *суратҳисоби ҷорӣ*, ки аслан аз ҷониби муассисаҳои буҷетӣ кушода шуда, барои нигаҳдошти маблағҳои аз буҷет воридшуда ва ҳисобба-

робаркунӣ бо кормандону ташкилотҳои дигар истифода мешавад;

– *суратҳисоби пардохтӣ* аз ҷониби ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ барои нигаҳдошти маблағҳои пулӣ (воситаҳои гардишӣ ва фоида), инчунин ҳисоббаробаркунӣ бо кормандону мизоҷон, буҷету хазинаи иҷтимоӣ ва ғайра кушода мешавад;

– *суратҳисоби пасандозӣ* бо мақсади нигаҳдошти маблағҳои пасандозшуда кушода мешавад. Масалан, агар корхона қисме аз пулҳояшро бо фоизи баландтар барои истифода ба бонк диҳад, бонк онҳоро аз суратҳисоби пардохтии ӯ ба суратҳисоби дигар, ки пасандозӣ ном дорад, гузаронида то мӯҳлати муайяншуда нигоҳ медорад;

– *суратҳисоби қарзӣ* барои баҳисобгирии маблағи қарзи ба мизоҷ додашуда. Ин суратҳисоб аз ҷониби бонкҳо ҳангоми додани қарз кушода мешавад;

– *суратҳисоби гункунӣ* барои баҳисобгирии маблағҳои ҷамъшаванда. Масалан, барои ҷамъи маблағҳои хазинаи оинномавии корхонаи навташкил. Маблағи дар ин суратҳисоб ҷамъшударо танҳо баъди гузаронидан ба суратҳисоби пардохтӣ истифода бурдан мумкин аст;

– *суратҳисоби асъорӣ* барои баҳисобгирии маблағҳои асъории корхонаву шахсони алоҳида.

Дар таҷрибаи бонкӣ тартиби муайяни кушодани суратҳисобҳо вуҷуд дорад, ки бояд аз ҷониби мизоҷон риоя шавад. Азбаски донишҷӯён аллакай фаннҳои дигари иқтисодиро омӯхтаанд, қисман ба

ин қоидаҳо шиносанд ва метавонанд донишашонро барои ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ, аз он ҷумла кушодани суратҳисоби бонкӣ ва ҳисоби фоизи он истифода кунанд (*Нигаред ба замимаи 20*).

Вобаста ба тартиби ҳисобдорӣ дар мамлакатҳои алоҳида суратҳисобҳо номи гуногун доранд. Масалан, суратҳисобҳои пардохтӣ дар ИМА ва Канада – чекӣ, Фаронса – ҷорӣ, Олмон – жироҳисоб ном доранд, вале сарфи назар аз фарқияти номӣ моҳияташон якхела аст. Онҳо асос ва воситаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдии субъектҳои хоҷагидорӣ, муассиса ва одамони алоҳида мебошанд.

Ташкили дурусти ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ шартҳои зеринро дар бар мегирад:

– риояи шартҳои ҳисоббаробаркунӣ;

– таъмини иҷрои талаботи муайяншуда ба тартиби гузаронидани онҳо;

– вобаста ба шарту шароити хоҷагидорӣ истифодаи дурусти шаклу тартиби ҳисоббаробаркунӣ.

6.2. Қоидаҳои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ

Дар мамлакатҳои мутараққӣ ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар ҳаҷми умумии ҳисоббаробаркуниҳо тақрибан 90 фоизро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, дуруст ба роҳ мондани ин намуди

ҳисоббаробаркуниҳо яке аз вазифаҳои муҳимми ҳукуматҳо ба ҳисоб меравад.

Мутобиқ ба қонунҳои мавҷуда ҳисоббаробаркуниҳои гайринақдӣ дар асоси риояи қоидаҳо (принсипҳо)*-и муайян ташкил карда мешавад.

*Таҳти мафҳуми «принсип» (қоида) мо талаботҳоеро дар назар дорем, ки риояи онҳо ҳангоми истифодаи шаклҳои гуногуни ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ҳатмист.

Қариб дар ҳама мамлакатҳо ташкили сохтори пардохтӣ, қоида, мӯҳлату стандартҳои ҳисоббаробаркунӣ ба ӯҳдаи бонки марказӣ вогузор шудааст. Аз ин рӯ, таъмини риояи қоидаҳои зерини ҳисоббаробаркунӣ низ вазифаи он аст:

1. *Асоси қонунӣ доштани ҳисоббаробаркунию пардохтҳо.* Ҳар як кишвар вобаста ба анъанаву сатҳи пешравии иқтисодиёташ соҳиби низоми пардохтии* муайян аст.

*Низоми пардохтӣ ё ба забони русӣ «платёжная система» ин ташкили маркази ҳисоббаробаркунӣ, муайян намудани тартибу қоидаҳои ҳисоббаробаркунии байни бонкҳо, байни ширкатҳо, байни онҳою одамони алоҳида ва давлатро дар бар мегирад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ ташкили дурусти муносибатҳои иқтисодӣ миёни субъектҳои хоҷагидорӣ, соҳибкорон, байни онҳо ва сохторҳои давлатӣ яке аз омилҳои пешбарандаи иқтисодиёт мебошад. Ҷавобгӯй набудани сохтори пардохтӣ ба талаботи замон метавонад боиси пастравии иқти-

содиёт гардад, ки дар навбати худ ба ташкили дурусти буҷету қонеъгардонии талаботи соҳаҳои буҷетӣ таъсири манфӣ мерасонад. Ин аст, ки дар тамоми мамлакатҳо қонунҳои дахлдор оид ба тартиби ҳисоббаробаркуниҳо қабул шудаанд.

Дастурамал оид ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон қабул шудааст, тартиби ҳисоббаробаркунию қоидаҳои онро дар кишвари мо муайян мекунад. Асоси ин дастурамалро кодексу қонунҳои зерин ташкил медиҳанд:

– *«Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон»;*

– *«Дар бораи фаъолияти бонкӣ»;*

– *«Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон»* ва ғайра.

Илова ба ин ки дар шартномаҳои байниҳамдигарии харидорону фурӯшандаҳо ҷавобгарии онҳо барои сари вақт нагузаронидани пул муайян мешавад, *қонун «Дар бораи фаъолияти бонкӣ»* низ ҷавобгарии бонкҳоро барои сари вақт иҷро накардани супориши мизоҷ оид ба гузаронидани пул нешбинӣ намудааст.

Ҳамин тавр, асоси қонунӣ доштани ҳисоббаробаркуниҳо, агар аз як тараф, муносибатҳои молиявии харидорону фурӯшандаҳоро ба чорчӯбаи қонун дароварда, боиси пешравии иқтисодиёт гардад, аз тарафи дигар, бо шарофати он ҳисоббаробаркунии саривақтии истеҳсолкунандагону истеъмолкунандагон ва самаранокии он таъмин карда мешавад.

2. *Ҳисоббаробаркунӣ ба воситаи суратҳисобҳои бонкӣ.* Доштани суратҳисобҳои бонкӣ барои харидору фурӯшанда ва ё пулдиҳандаю пулгиранда яке аз шартҳои ҳатмии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба ҳисоб меравад. Албатта, суратҳисобҳо дар асоси шартномаи байни мизоҷу бонк кушода мешаванд. Барои таъмини саривақтии ҳисоббаробаркуниҳо бонкҳо низ дар бонкҳои дигари дохилию хориҷӣ ҳисобҳои муросилотӣ мекушоянд.

Дар бисёре аз кишварҳо ҳисоббаробаркунӣ ба воситаи бонк ҳатмӣ аст. Масалан, дар Русия мутобиқ ба фармони махсуси Президенти он истифодаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ барои ширкату соҳибкорон сарфи назар аз шакли моликияташон ҳатмӣ мебошад. Мамлакатҳои ҳамсоя низ чунин тартибро дар муомилоти дохилию хориҷии худ ворид карда истодаанд. Дар мамлакатҳои аврупоӣ ҳангоми хариди молҳои арзишашон баландтар (ба ғайр аз хӯрок, гӯгирд ва ғайра) истифодаи дигар намуди ҳисоббаробаркунӣ* ғайриимкон аст.

*Мардум дар ҳамёни худ маблағи то 20 евроро мегардонанду халос. Бо худ доштани маблағи аз ин зиёд хатарнок ҳисобида мешавад, агарчи он мумкин аст, ҳатто барои наҳорӣ басанда набошад.

Зикр кардан зарур аст, ки фурӯшандаю харидор ҳуқуқ доранд ин ё он шакли ҳисоббаробаркунии ғайринақдиро озодона интихоб намоянд. Бонк метавонад ҳамчун маслиҳатгар шакли мувофиқтари ҳисоббаробаркуниро пешниҳод намояд, вале ҳуқуқ

надорад ба онҳо барои қабули ин пешниҳод фишор оварад.

3. *Таъмини ликвидноки ва пардохтпазирии ҳисоббаробаркунандагон.* Ликвидноки маънои доштани маблағи зарурӣ дар суратҳисоб ва ё ҳуқуқи гирифтани қарз барои додани пули фурӯшандаро дорад. Пардохтпазирӣ на танҳо доштани пул инчунин доштани ҳуқуқи истифодаи онро низ дар бар мегирад. Масалан, дар ҳисоби корхонаи муфлис эълоншуда мумкин аст, ки аз ҳисоби фурӯши моликияти он пули зиёд ҷамъ шуда бошад, вале роҳбарият ҳуқуқи бо хоҳиши худ истифода кардани онро надорад. Таъмини риояи ин қоида яке аз шартҳои асосии иҷрои саривақтии ӯҳдадориҳои байниҳамдигарӣ мебошад.

Бонкҳои марказӣ зарурати таъмини доимии ликвидноки ро ба инобат гирифта, онро ҳамчун яке аз меъёрҳои назоратии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ истифода мебаранд. Сатҳи ин меъёр бо фоиз муайян шуда, вобаста ба вазъи молиявии бонкҳо ва пешрафти иктисодиёти мамлакат метавонад гуногун бошад. Масалан, барои бонкҳои тиҷоратии дар Тоҷикистон буда, соли 2002 ин меъёр ба 30 фоиз баробар буд.

4. *Мавҷуд будани розигӣ (аксепт)-и пулдиҳанда барои пулгузорӣ.* Риояи ин қоида бо роҳҳои гуногун таъмин карда мешавад:

– агар пулдиҳанда барои ҳисоббаробаркунӣ чек, векселу супоришномаи пулдиҳиро истифода

барад, будани имзои он дар ин ҳуҷҷатҳо шаҳодати розигии ӯ ҳисобида мешавад;

– дар ҳолати истифодаи дигар шаклҳои ҳисоббаробаркунӣ, ба монанди талабномаи пулгирӣ, баъзе шаклҳои аккредитив ва ғайра, бонк розигии пулдиҳандаро талаб мекунад.

Розигии пулдиҳанда бо роҳҳои гуногун изҳор карда мешавад. Дар аксари ҳолатҳо, агар баъди гирифтани ҳуҷҷатҳои фурӯшанда пулдиҳанда дар муддати муайян норозигии худро ба таври хаттӣ баён накунад, бонк онро розӣ шуморида, амалиёти пардохтиро иҷро менамояд.

Илова ба ин, қонунҳои мамлакатҳо дар ҳолатҳои алоҳида аз ҳисоби пулдиҳанда бе розигии ӯ гирифтани пулро низ пешбинӣ менамоянд. Масалан, ҳангоми бо қарори суд гирифтани маблағи муайян ба манфиати ҷабрдида ё барои пӯшонидани хароҷотҳои суд, ҳангоми гирифтани андозҳои супориданашуда ва ғайра.

5. *Мӯҳлатнокии пардохт ё ба таври дигар дар мӯҳлати муайян ба суратҳисоби пулгиранда гузаронидани пул.* Пулдиҳанда вазифадор аст, ки пули фурӯшандаро мутобиқ ба талаби шартнома дар мӯҳлати муайян ба суратҳисоби ӯ гузаронад. Бонк низ барои сари вақт гузаронидани ин маблағ ҷавобгар аст.

Албатта, мӯҳлати гузаронидани пул метавонад вобаста ба шароит, ҷойгиршавии харидору фурӯшанда, моҳияту намуди мол ва ғайра гуногун

бошад. Масалан, дар Тоҷикистон ҳангоми хариди пахтаю алюминий пешпардохт пешбинӣ шудааст. Агар харидору фурӯшанда ҳамсоя бошанд, мумкин аст, пулдиҳӣ ба воситаи чек ё супоришномаи пулдиҳӣ анҷом ёбад. Ҳисоббаробаркунӣ байни корхонаҳои мамлакатҳои аз ҳам дур метавонад бо истифодаи аккредитив анҷом ёбад ва ғайра. Вобаста ба ин мӯҳлати пулдиҳӣ ё пулгузаронӣ низ тағйир меёбад.

Аз ҳама муҳимаш бояд пули кори иҷрошуда ва ё моли харидашуда сари вақт дода шавад, зеро риоя накардани ин қоида метавонад боиси сусташавии гардиши молу пул, сари вақт надодани музди меҳнати кормандону ворид нашудани андоз ба буҷет ва ғайра гардад.

6. *Назорати ҷонибҳо аз болои сари вақт гузаронидани пул ва иҷрои дурусти қоидаҳои ҳисоббаробаркунӣ.* Фурӯшандаю харидор яке бо мақсади сари вақт гирифтани пул, дигаре иҷрои ӯҳдадориаш дар назди фурӯшандаю ҳимояи обрӯи худ бо роҳҳои зайл вазъи ҳисоббаробаркуниҳоро назорат мекунанд. Тартиби ҳисобдорӣ дар корхона ва пайваста гирифтани рӯйнавишти амалиётҳои суратҳисоби бонкӣ имкон медиҳад, ки ин назорат самаранок бошад.

Бонкҳо, ки на танҳо хизматрасони харидору фурӯшанда, балки инчунин мутасаддии таъмини муносибатҳои молиявии мизоҷону буҷет, муассисаҳои ғайрибуҷетӣ, хазинаҳои нафақаю суғурта мебошанд, сари вақт гузаронидани пул ва риояи қои-

даҳои ҳисоббаробаркуниро назорат мекунанд. Масалан, ҳангоми аз бонк гирифтани пул барои додани музди меҳнат корхона бояд дар супоришномаи худ маблағи ба буҷет ва хазинаи нафақа мегузаронидаашро низ нишон диҳад.

7. Ҷавобгарии моддии ҷонибҳо барои риоя накардани шартҳои шартнома. Харидору фурӯшанда ҳангоми бастани шартнома вобаста ба дараҷаи боварии байниҳамдигарӣ ҷавобгарии тарафайнро барои сари вақт ичро накардани ӯҳдадориҳои пулӣ муайян менамоянд. Аслан маблағи ҷарима бояд барои пӯшонидани зарари ба фурӯшанда расонидашуда басанда бошад. Мизоҷон инчунин имкон доранд, ҳангоми бастани шартнома бо бонк ҷавобгарии онро барои сари вақт нагузаронидани маблағ муайян намоянд.

Илова ба он, дар қонунҳои баъзе аз мамлакатҳо вобаста ба дараҷаи пешрафти назорати молиявию бонкӣ барои вайрон кардани ӯҳдадориҳои пулӣ, ба монанди сари вақт нагузаронидани воситаҳои пулӣ аз тарафи бонк, надодан ва ё нопурра додани андозу пардохтҳои гумрукӣ, пули суғуртаи ҳатмӣ ва ғайра ҷарима муайян карда шудааст. Масалан, дар Тоҷикистон мувофиқи талаби Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ" бонкҳо барои ҳар рӯзи сари вақт нагузаронидани маблаги пулии мизоҷ дар ҳаҷми баробар ба меъёри бозтамвили Бонки миллӣ (ставка рефинансирования) ҷарима медиҳанд. Дар Русия бо фармони махсуси Президенти он аз 18 августи соли

1996 № 1212 барои ҳар рӯзи аз мӯҳлат дертар гузаронидани пул ба Хазинаи нафақа ҷарима (0,3 фоиз аз маблағи гузаронидашуда) муайян карда шудааст.

Дар мамлакатҳои аврупоӣ ҷаримаҳо хеле баланд буда, воситаи асосии ҷазодиҳии ширкатҳою соҳибкорон мебошанд. Аз сабаби пурзӯр будани рақобат ва имконияти ба зудӣ касод шудани ширкату соҳибкорон онҳо ҳама чораҳоро меандешанд, то ки ба чунин камбудиҳо роҳ надиҳанд.

Ҳамин тавр, иҷрои қоидаҳои зикршуда гарави сари вақт қонеъ гардонидани талаботи молиявии фурӯшандагон ва баланд бардоштани ҳавасмандии онҳо ба пешрафти истеҳсолот мебошад.

6.3. Шаклҳои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ

Ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ вобаста ба ҷойгиршавии фурӯшандаю харидор, зичии муносибатҳои иқтисодии онҳо, намуди молу хусусиятҳои хоси он, тартиби хизматрасонӣ ва омилҳои дигар метавонанд гуногун бошанд.

Ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ байни корхонаю ширкатҳо ва шахсони суратҳисобашон дар як бонк ва ё бонкҳои дар як маҳал буда *ҳисоббаробаркуниҳои дохилишаҳрӣ ва ё маҳаллӣ* ном доранд. Ҳисоббаробаркуниҳо байни корхона, ширкату шахсон ба воситаи бонкҳои дар маҳалҳои гу-

ногун ҷой дошта *ҳисоббаробаркуниҳои берунишаҳрӣ* номида шудаанд.

Аз миқдори умумии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тахминан 75 фоизи онҳо ба *ҳисоббаробаркуниҳои молӣ*, яъне пулдиҳӣ барои мол, корҳои иҷрошудаю хизматҳои расонидашуда ва 25 фоизаш ба *ҳисоббаробаркуниҳои ғайримолӣ*, ба монанди иҷрои ӯҳдадориҳои пулии корхонаю ташкилотҳо ва шахсони алоҳида дар назди буҷет, хазинаҳои иҷтимоию суғуртаи ҳатмӣ, муассисаҳои қарзӣ, суд ва ғайра рост меояд.

Зарурати таъмини самаранокии ҳисоббаробаркуниҳо ба истифодаи ҳуҷҷатҳои шакли муайян дошта оварда расонд. Масалан, ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ истифодаи шакли ягонаи супоришномаи пулдиҳӣ аз ҷониби ҳама корхонаю соҳибкорон ҳатмист. Дар арсаи байналмилалӣ низ мувофиқи қарордодҳои умумӣ ҳуҷҷатҳои шаклан якхела ва бо тартиби муайян пур кардашуда истифода мешавад. Масалан, ҳангоми фиристодани мол ба воситаи нақлиёти обӣ ба фурӯшанда ҳуҷҷате дода мешавад, ки шакли муайян дошта, истифодаи он барои тамоми ширкату корхонаҳои дунё ҳатмӣ ҳаст.

Пешрафти доимии соҳаи бонкдорӣ, пайдоиши низоми электронӣ ва имконияти истифодаи он барои ҳисоббаробаркуниҳо, зарурати баҳисобгирии шароиту имкониятҳои молиявии харидорону фурӯшандагон, сатҳи боварии байниҳамдигарии онҳо ва омилҳои дигар боиси пайдоиш ва истифодаи шаклҳои гуногуни ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ гардиданд. Имрӯзҳо дар муносибатҳои иқти-

содии дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ шаклҳои зерини ҳисоббаробаркунӣ истифода мешаванд:

– ҳисоббаробаркунӣ ба воситаи супоришномаи пулдиҳӣ;

– пардохтҳо аз рӯи нақшаи пешакӣ;

– шакли аккредитивии ҳисоббаробаркунӣ;

– ҳисоббаробаркунӣ бо истифодаи чек;

– ҳисоббаробаркунӣ ба воситаи талабнома-супоришномаи пулдиҳӣ;

– ҳисоббаробаркунӣ ба воситаи талабномаи пулгирӣ;

– ҳисоббаробаркунӣ бо роҳи аз эътибор соқит кардани қарзҳои байниҳамдигарӣ.

Албатта, ҳар як шакл хосияти хос дошта, агар барои яке аз тарафҳо муфид бошад, барои тарафи дигар номуносиб аст, вале зарурати муносибатҳои иқтисодӣ тарафҳоро маҷбур месозад, ки ба истифодаи он розӣ шаванд. Масалан, ҳангоми истифодаи шакли аккредитивии ҳисоббаробаркунӣ воситаҳои пулии харидор чанде беҳаракат мемонанд, ки ба манфиати он нест.

Вобаста ба ҷавобгӯй будани тартиби ҳисоббаробаркунӣ ба талаботи ширкату корхонаҳо ҳиссаи шаклҳои алоҳидаи он дар ҷамъи ҳисоббаробаркуниҳо якхела нест.

Қисми зиёди таърихи бонкдории тоҷик ба давраи дар ҳайати СССР буданаш рост меояд. Пай-

доиши шаклҳои ҳисоббаробаркунӣ ва нақши ҳар яки он дар марҳалаҳои алоҳидаи пешрафти иқтисодиёт барои тамоми ҷумҳуриҳои аз СССР ҷудошуда якхела аст. Баъди барҳамхӯрии СССР бонкдорӣ ва сохтори пардохтӣ ҳамчун қисми таркибии он дар мамлакатҳои тозаистиқлол аз ҳам фарқ мекунад. Дар СССР солҳои 1921-1930 шаклҳои зерини ҳисоббаробаркунӣ ба монанди чеку вексел, 1930-1987 талабномаи пулдиҳӣ, аккредитив, чек ва пулгузаронии бевосита, 1987-1992 супоришномаи пулдиҳӣ, талабномаи пулгирӣ, аккредитив, чек, ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯйи нақшаи пешакӣ, аз эътибор соқит кардани қарзҳои байниҳамдигарӣ истифода мешуданд. Дар Русия солҳои 1992-2003 супоришномаи пулдиҳӣ, талабнома-супоришномаи пулдиҳӣ, талабномаи пулгирӣ, аккредитив, чек, аз эътибор соқит кардани қарзҳои байниҳамдигарӣ истифода шудаанд. Дар Тоҷикистон ҳисоббаробаркуниҳо асосан бо супоришномаи пулдиҳӣ, талабномаи пулгирӣ ва қисман аккредитив иҷро мегарданд. Аз сабаби рушди нисбатан пасти соҳаи бонкдорӣ ва афзалият доштани ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ то соли 2008 чунин шаклҳои пешрафта, ба монанди талабнома-супоришномаи пулдиҳию чекҳо истифода намешуданд. Дар мамлакатҳои аврупоӣ шаклҳои асосии ҳисоббаробаркунӣ имрӯз супоришномаи пулдиҳӣ, талабнома-супоришномаи пулдиҳӣ ва чекҳо мебошанд.

Интихоби шакли муайяни ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ аз ҷониби ширкату корхонаҳо аз омилҳои зерин вобаста аст:

– сатҳи муносибатҳои байниҳамдигарии тарафҳо. Агар онҳо дар натиҷаи муносибатҳои дурудароз ба боварии якдигар даромада бошанд, метавонанд шаклҳои барои ҳар ду тараф муфидтари ҳисоббаробаркуниро истифода баранд;

– ҷойгиршавии тарафҳо, яъне онҳо аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ба ҳам наздик ё аз ҳам дуранд;

– хусусиятҳои хоси молу тартиби қабули он. Масалан, талаботи баланд ба пахтаи тоҷикро ба инобат гирифта, ҳукумат барои он пешпардохтро муайян кардааст, ки бо супоришномаи пулдиҳӣ анҷом меёбад. Агар мол дар корхонаи фурӯшанда қабул карда шавад, аксари корхонаҳо истифодаи чекро беҳтар мешуморанд;

– истифодаи намуди нақлиёт. Агар барои расонидани бор нақлиёти ҳавоӣ истифода шавад, пас истифодаи супоришномаи пулдиҳӣ ва ё чек беҳтар аст;

– вазъи молиявии харидор. Дар ҳолати мавҷудияти вазъи ноустувори молиявии корхона истифодаи шакли ҳисоббаробаркуние, ки ба шахшавии воситаҳои пулӣ имкон намедиҳад, муфидтар аст. Солҳои 1992-2004 қисме аз корхонаҳо аз шартномаҳои консигнатсионӣ истифода мекарданд, ки мувофиқи он пули молро баъди истифодаю фурӯши он медоданд.

Бонк бо мақсади таъмини самаранокии ҳисоббаробаркуниҳо, роҳ надодан ба ҳаракати дуҷонибаи пул байни харидору фурӯшанда, кам кардани харҷи онҳо барои ҳуҷҷатсозию пулгузаронӣ, инчунин иҷрои вазифаи назоратии худ, метавонад ба он-

ҳо шакли барои ҳар ду тараф муфидро пешниҳод намояд.

6.3.1. Ҳисоббаробаркунӣ бо истифодаи супоришномаи пулдиҳӣ. Супоришномаи пулдиҳӣ шакли ҳисоббаробаркуниест, ки мувофиқи он пулдиҳанда барои аз суратҳисоби худ ба суратҳисоби нулгиранда гузаронидани маблағи муайян ба бонк супориши хаттӣ медиҳад.

Истифодаи ин шакли ҳисоббаробаркунӣ нишондиҳандаи муносибатҳои хуби байни харидору фурӯшанда буда, аз розигию қаноатмандии харидор шаҳодат медиҳад. Супоришномаи пулдиҳӣ метавонад ҳанғоми пешпардохт, инчунин баъди қабули молу корҳои иҷрошуда ва хизматҳои расонидашуда истифода шавад. Ин аст, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ доираи истифодаи он хеле васеъ мегардад.

Истифодаи супоришномаи пулдиҳӣ барои иҷрои ӯҳдадориҳои пулӣ дар назди хазинаҳои иҷтимоию суғурта ҳангоми додани маблағи қонунан муайяншуда, кормандон ҳангоми додани музди меҳнату мукофотпулӣ, буҷет ҳангоми додани андозу пардохтҳо, бонк ҳангоми додани ҳаққи хизматрасонию хариди саҳмияҳо ва гайра ба мақсад мувофиқ аст.

Вобаста ба сатҳи пешрафти бонкдорӣ ва сохтори пардохтии давлат тартиби истифодаи ин шакли ҳисоббаробаркунӣ гуногун аст. Дар қисме аз давлатҳо супоришномаи пулдиҳӣ шакли муайян дошта, аз ҷониби пулдиҳанда баъди дуруст пур

кардани он ба бонк пешниҳод карда мешавад. Баъди имзо шуданаш он бояд дар давоми чанд рӯз (масалан дар Русия 10 рӯз) ба бонк пешниҳод карда шавад. Супоришномаи пулдиҳӣ ҳангоме қабул карда мешавад, ки агар пулдиҳанда илова ба пешниҳоди саривақтии он дар суратҳисобаш пул ва ё ҳуқуқи аз бонк гирифтани қарзро дошта бошад.

Вобаста ба пешпардохт ва ё додани пул баъди қабули молу хизматрасонӣ дар амал тартиби гуногуни ҳисоббаробаркунӣ бо супоришномаи пулдиҳӣ истифода мешавад.

Расми 1. Ҳисоббаробаркунии пешакӣ (пешпардохт) бо супоришномаи пулдиҳӣ



1 – бастани шартнома оид ба хариди мол ё хизматрасонӣ бо истифодаи тартиби ҳисоббаробаркунии пешакӣ (пешпардохт) бо супоришномаи пулдиҳӣ; 2 – пешниҳоди супоришномаи пулдиҳӣ ба бонк ва аз суратҳисоби харидор хориҷ кардани пул; 3 – гузаронидани пул ба бонки фурӯшанда ва ворид кардани пул ба суратҳисоби он; 4 – хабар кардани фурӯшанда дар хусуси ба суратҳисоби ӯ ворид шудани пул; 5 – фиристодани мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ.

Албатта, ҳар як шакли ҳисоббаробаркунӣ камбудию бартарии худро дорад. Ҳар як корхона ҳавасманди он аст, ки маблағҳои пулиаш ҳарчӣ зи-

ёдтар дар ҳисобаш монда, барои иҷрои ӯҳдадориҳояш истифода шавад. Ҳангоми истифодаи ин шакли ҳисоббаробаркунӣ пули корхона аз ҳисоби ӯ пеш аз гирифтани мол бароварда шуда чанде дар ихтиёри фурӯшанда мемонад. Ҳол он ки дар ин мӯҳлат мумкин аст харидор барои таъмини иҷрои ӯҳдадориҳояш дар назди дигарон аз бонк қарз гирифта фоиз диҳад.

Аз ин рӯ, корхонаҳо ҳангоми истифодаи супоришномаи пулдиҳӣ кӯшиш мекунанд пули мол, кори иҷрошуда ё хизматро баъди қабули он диҳанд. Дар ин ҳолат ҳисоббаробаркунӣ шакли зеринро мегирад:

Расми 2. Ҳисоббаробаркунӣ баъди фиристодани мол ё иҷрои кор



1 – фиристодани мол ё иҷрои кору хизматрасонӣ; 2 – пешниҳоди супоришномаи пулдиҳӣ ба бонк ва аз суратҳисоби харидор хориҷ кардани пул; 3 – гузаронидани пул ба бонки фурӯшанда ва вориди он ба суратҳисоби ӯ; 4 – хабар кардани фурӯшанда дар хусуси ба суратҳисоби ӯ ворид шудани пул.

Вобаста ба пешрафти соҳаи бонкдорӣ дар кишварҳои гуногун тартиби истифодаи ин шакли ҳисоббаробаркунӣ низ аз ҳам фарқ мекунад. Маса-

лан, дар Тоҷикистон мувофиқи талаби Дастурамали Бонки миллии Тоҷикистон зарур аст, ки супоришнома аз ҷониби шахси аввал ва сармуҳосиб имзо шуда, бо мӯҳри корхона тасдиқ шавад. Дар кишварҳои аврупоӣ имзои идоракунандаи суратҳисоб басанда аст *(Нигаред ба замимаи 21)*.

Сарфи назар аз бартариҳои ин шакли ҳисоббаробаркунӣ истифодаи он талаботи тарафҳоро дар ҳама ҳолат қонеъ намегардонад. Бинобар ин, дар қатори он шаклҳои дигари ҳисоббаробаркунӣ васеъ истифода мешаванд.

6.3.2. Пардохтҳо аз рӯи нақшаи пешакӣ. Дар ҳолати доимӣ будани муносибатҳои дутарафа оид ба хариди молу хизматрасонӣ (масалан, ҳар саҳар ба мағоза фиристодани маҳсулоти ширӣ аз ҷониби комбинати шир) истифодаи ин шакл ба мақсад мувофиқ аст. Мувофиқи шартнома, ки дар он миқдори молу нархи он қайд шудааст, нақшаи пулгузаронӣ сохта мешавад. Баъдан харидор мустақилона дар вақти муайяншуда пулро ба ҳисоби фурӯшанда мегузаронад. Баъди чанд вақт (моҳ, семоҳа, сол) харидору фурӯшанда миқдори молҳои дар асл фиристодаю маблағи пардохташударо муайян намуда, байни ҳам ҳисобро баробар мекунанд. Агар фурӯшанда аз ҳаҷми дар шартнома нишондодашуда зиёдтар мол фиристода бошад, пас ба суратҳисоби он маблағи иловагӣ гузаронида мешавад ва баръакс.

Ҳангоми истифодаи ин шакли ҳисоббаробаркунӣ супоришномаи пулдиҳӣ, чек, талабнома-

супоришномаи пулдиҳӣ истифода мешаванд. Дар мамлакатҳои аврупоӣ, ки шаклҳои гуногуни ҳисоббаробаркунӣ васеъ истифода мешавад ширкатҳо, муассисаҳою одамони алоҳида* барои додани пули иҷораи бино, хона, истифодаи барқ, гармӣ, оби гарму хунук аз ин шакли ҳисоббаробаркунӣ истифода мебаранд. Мувофиқи шартнома аввали ҳар моҳ ба суроғаи онҳо талабнома-супоришномаи пулдиҳӣ фиристода мешавад, ки дар он маблағи муайян нишон дода шудааст ва аз ҷониби ширкатҳою муассисаҳо ва одамони алоҳида пардохта мешавад. Ҳисоббаробаркунии аслӣ дар охири сол анҷом дода мешавад. Кормандони ширкати барқдиҳӣ аз рӯи нишондоди ченкунакҳо миқдори барқи дар асл истифодашударо муайян намуда, бо мизоҷон ҳисобро баробар мекунанд.

Масалан, солҳои 2001-2006 дар шаҳри Брюссели Шоҳигарии Белгия зиндагӣ доштаму барои иҷораи хона, истифодаи оби гарму хунук, гармию барқ аввали ҳар моҳ ба суратҳисоби ширкатҳои гуногун маблағи дар шартномаҳо муайяншударо пардохт мекардам. Дар охири сол намояндагони ин ширкатҳо аз рӯи нишондоди ченкунакҳо маблағи аслиро муайян намуда, бо ман ҳисобро баробар мекарданд. Барои мисол, агар ман гармиро аз пули додаам зиёдтар истифода карда бошам, маблағи иловагӣ медодам ва баръакс. Барои пулгузорони дар давоми сол талабнома-супоришномаи пулдиҳӣ истифода мешуд.

Тартиби дигари ин шакли ҳисоббаробаркунӣ пулгузорони аз ҷониби бонк дар асоси супориши мушакӣ мебошад. Истифодаи ин шакли ҳисоббаробаркунӣ дар шартнома байни фурӯшандаю харидор

(масалан, нашриёту меҳмонхона дар хусуси ҳар саҳар ба он фиристодани миқдори муайяни рӯзномаҳо барои меҳмонон), иҷорадиҳандаю иҷорагир* ва ғайра нишон дода мешавад. Дар ин асос харидор ё иҷорагир бо бонки хизматрасонаш дар хусуси аз суратҳисоби ӯ пайваста гузаронидани маблағи муайян ба суратҳисоби фурӯшанда ё иҷорадиҳанда супориш медиҳад. Бонк ҳар моҳ дар рӯзи муайян маблағи дар шартнома нишондодашударо аз суратҳисоби харидор ба суратҳисоби фурӯшанда гузаронида, бо фиристодани рӯйнавишти суратҳисобҳо ба онҳо дар бораи иҷрои амалиёт хабар медиҳад.

*Масалан, дар шартнома оид ба иҷораи бино барои Сафоратхонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Белгия чунин шакли ҳисоббаробаркунӣ истифода мешавад. Дар асоси шартнома ва супориш ба бонк, он мустақилона аввали ҳар моҳ аз суратҳисоби Сафоратхона пули иҷораро ба суратҳисоби иҷорадиҳанда гузаронида, рӯйнавишти суратҳисобро ба Сафоратхона мефиристод, ки дар он иҷрои амали пулгузаронӣ қайд шудааст. Ин амал то қатъи шартнома байни иҷорадиҳандаю иҷорагиранда давом мекунад.

Моҳияти ин шакли ҳисоббаробаркунӣ – *пардохтҳо аз рӯи нақшаи пешакӣ* аз кам кардани харҷи техникию тезонидани ҳисоббаробаркуниҳо иборат аст. Албатта, шарти асосии истифодаи он вазъи хуби молиявии харидор ва муносибатҳои пайвастаю доимии он бо фурӯшанда мебошад.

6.3.3. Шакли аккредитивии ҳисоббаробаркунӣ. Ин шакли ҳисоббаробаркунӣ дар байни шир-

катҳою соҳибкорон он қадар маъмул нест, зеро истифодаи он нишонаи нобоварии фурӯшанда ба пардохтпазирии харидор буда, онро маҷбур месозад қисме аз воситаҳои пулии худро дар ҳисоби алоҳида то вақти муайян* беҳаракат нигоҳ дорад.

*Агар дар ҳамин вақт харидор барои додани музди меҳнати коргарону иҷрои ӯҳдадориҳои дигар ба пул мӯҳтоҷ шавад ҳам, намставонад пули дар ҳисоби аккредитивӣ доштаашро истифода барад. Харидор сарфи назар аз пул доштанаш маҷбур аст аз бонк қарз гирифта ба он фоизи муайян диҳад.

Тартиби истифода ва шартҳои аккредитив дар шартномаи байни харидору фурӯшанда нишон дода мешавад. Баъдан дар асоси шартнома харидор ба бонкаш барои кушодани аккредитив ариза пешниҳод мекунад, ки дар он шакли аккредитив, мӯҳлати он, номгӯйи ҳуҷҷатҳои аз ҷониби фурӯшанда пешниҳодшаванда ва шартҳои дигари зарурӣ қайд шудааст.

Тартиб, шакл ва шартҳои умумии истифодаи аккредитив дар дохили ҳар як кишвар аз ҷониби бонки марказии он муайян карда шудааст.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ истифодаи *шаклҳои зерини ҳисоббаробаркунии аккредитивӣ* маъмуланд:

– *пешпардохтшуда;*
– *кафолатдошта;*
– *бозхондшаванда;*
– *бозхонднашаванда.*

Ҳангоми истифодаи *аккредитиви пешпардохтшуда* бонк маблағҳои пулии харидор ё қарзи ба он додашударо ба бонки фурӯшанда гузаронида, хоҳиш мекунад онро то мӯҳлати муайян дар ҳисоби аккредитивӣ ниғоҳ дорад. Агар дар давоми ин мӯҳлат фурӯшанда ҳуҷҷатҳои дар аризаи аккредитивӣ нишондодашударо пешниҳод намояд, бонк маблағи пулии дар ҳисоби аккредитивӣ бударо ба ҳисоби он мегузаронад. Дар ҳолати ба охир расидани мӯҳлати аккредитив ва пешниҳод нашудани ҳуҷҷатҳо аз ҷониби фурӯшанда маблағи дар ҳисоби аккредитивӣ буда, ба бонки харидор баргардонида мешавад.

Расми 3. Тартиби истифодаи аккредитиви пешпардохтшуда



1 – бастани шартномае, ки дар он ҳисоббаробаркунӣ бо истифодаи аккредитиви пешпардохтшуда қайд шудааст; 2 – пешниҳоди ариза ба бонк оид ба кушодани аккредитив, супоришномаи пулдиҳӣ барои аз ҳисоби харидор ба ҳисоби аккредитивӣ гузаронидани пул; 3 – гузаронидани пул ба бонки фурӯшанда ва ворид кардани он ба ҳисоби аккредитивӣ; 4 – хабар кардани фурӯшанда оид ба кушодани аккредитив; 5 – фиристодани мол ва ё расонидани хизмат; 6 – пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ба бонк ва аз ҳисоби аккредитивӣ ба ҳисоби фурӯшанда гузаронидани пул; 7 – фиристодани хабар ба бонки харидор оид ба истифодаи аккредитив; 8 – хабар кардани харидор оид ба истифодаи аккредитив.

Агар бонкҳои харидору фурӯшанда дар ҳамдигар ҳисобҳои муросилотӣ дошта бошанд, мизоҷони онҳо (харидору фурӯшанда) ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ метавонанд шакли аккредитиви кафолатдоштаро истифода баранд. Мувофиқи он баъди қабули аризаи аккредитивӣ бонки харидор ба бонки фурӯшанда ҳуҷҷатҳои зарурироро фиристода супориш медиҳад, ки баъди иҷрои ӯҳдадориҳо аз ҷониби фурӯшанда пули мол ё хизматҳои расонидашуда аз ҳисоби муросилотӣ пардохта шавад.

Расми 4. Тартиби истифодаи аккредитиви кафолатдошта



1 – бастани шартномае, ки дар он ҳисоббаробаркунӣ бо истифодаи аккредитиви кафолатдошта қайд шудааст; 2 – пешниҳоди ариза ба бонк оид ба кушодани аккредитив бо кафолати бонк, инъикоси он дар ҳисоби ғайритавозунии «Кафолату гаравҳои бонкӣ»; 3 – хабар кардани бонки фурӯшанда оид ба кушодани аккредитив ва инъикоси он дар ҳисоби ғайритавозунӣ; 4 – хабар кардани фурӯшанда оид ба кушодани аккредитив; 5 – фиристодани мол ва ё расонидани хизмат; 6 – пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ба бонк ва аз ҳисоби муросилотии бонки харидор ба ҳисоби фурӯшанда гузаронидани пул; 7 – фиристодани хабар ба бонки харидор оид ба гирифтани пул аз ҳисоби муросилотии он. Бонки харидор дар навбати худ аз ҳисоби харидор ин маблағро мегирад ва ё дар ҳолати пардохтнопазириаш ба он қарз медиҳад; 8 – хабар кардани харидор дар хусуси аз ҳисоби он гирифтани пул.

Ҳар як аккредитив бояд ё бозхондшаванда ва ё бозхонднашаванда бошад. Дар ҳолати мавҷуд набудани ин шарт аккредитив бозхондшаванда ҳисо-

бида мешавад. Бонки харидор метавонад ҳанғоми вайрон кардани шартҳои аккредитив аз ҷониби фурӯшанда бе розигии он *аккредитиви бозхондшавандаро* беэътибор эълон кунад ва ё шартҳои онро тағйир диҳад. Дар ҳолати истифодаи *аккредитиви бозхонднашаванда* бонки харидор наметавонад бе розигии фурӯшанда онро беэътибор эълон кунад ва ё шартҳояшро тағйир диҳад.

Барои муносиб гардонидани ин шакли ҳисоббаробаркунӣ ба талаботи тиҷорати байналмилалӣ тартиби умумиҷаҳонии истифодаи аккредитив муайян шудааст, ки иҷрои шартҳои дар он нишондодашуда барои ҳама ҳатмӣ мебошад. Тартибу қоидаҳои истифодаи шакли аккредитивии ҳисоббаробаркунӣ дар савдои байналмилалӣ аз ҷониби Палатаи савдои байналмилалӣ декабри соли 1993 дар шаҳри Париж (Фаронса) тасдиқ шудааст.

Бартарии ин шакли ҳисоббаробаркунӣ аз он иборат аст, ки кафолати пардохти пули мол ё хизматрасонӣ дода мешавад. Камбудиаш – аз муомилоти пулии харидор муваққатан баровардани қисме аз маблағҳои он ва суст кардани муомилоти молӣ аст, зеро дар аксари ҳолатҳо то кушодани аккредитив фурӯшанда моли тайёрашро ба харидор намефиристад.

Истифодаи ин шакли ҳисоббаробаркунӣ асосан хоси ширкату соҳибкорони мамлакатҳои суст тараққикарда аст. Дар мамлакатҳои пешрафта, аз он ҷумла аврупоӣ, бо сабаби баланд будани рақобату зиёд будани имконияти касодшавӣ ширкатҳо маблағҳои пулии ҳамдигарро сари вақт пардохт ме-

кунанд. Аз ин рӯ, зарурати истифодаи аккредитив ба миён намеояд.

6.3.4. Ҳисоббаробаркунӣ бо истифодаи чек. Чек ҳуҷҷати ба шакли муайян даровардашудаю аз ҷониби давлат тасдиқшудаест, ки ба воситаи он соҳиби суратҳисоб (чекдиҳанда) ба бонки худ дар хусуси аз ҳисоби ӯ ба пешниҳодкунандаи чек додани маблағи муайян супориши хаттӣ медиҳад. Иҷрои ин амал метавонад бо роҳи ба пешниҳодкунандаи чек додани пули дар чек навишташуда ва ё гузаронидани ин маблағ ба суратҳисоби он таъмин карда шавад.

Тавре ки дар мавзӯи дуюм зикр карда будем, дар муомилот намудҳои гуногуни *чекҳо* истифода мешаванд:

номӣ – чеки ба номи шахси муайян навишташуда, ки ҳуқуқи тамвили онро надорад;

фармонӣ – чеки ба номи шахси муайян навишташуда, ки дар навбати худ имкон дорад бо роҳи навишт дар пушти чек ҳуқуқи ғирифтани пулро ба шахси сеюм диҳад;

пешниҳодӣ – мувофиқи он маблағи дар чек нишондодашуда ба пешниҳодкунандаи чек дода мешавад;

аксептшуда – мувофиқи он бонк гарави додани пули дар чек навишташударо додааст;

пардохтӣ – чекҳое, ки танҳо барои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ истифода мешаванд.

Истифодаи чек дар мавридҳои зерин ба мақсад мувофиқ аст:

– вақте ки харидор намехоҳад то гирифтани мол ё расонидани хизмат пули онро диҳад. Масалан, ҳангоми қабули маҳсулоти зироатӣ дар саҳро, хариди лавозимоти хона ва ғайра;

– фурӯшанда мехоҳад баробари додани мол кафолати гирифтани пулашро дошта бошад;

– вақте, ки фурӯшанда пешакӣ аниқ нест. Масалан, ҳангоми аз ҷониби корхонаҳои матлуботӣ тайёр кардани захираҳои маҳсулоти кишоварзӣ.

Тартиби истифодаи чек дар дохили ҳар як мамлакат аз ҷониби бонки марказии он муайян карда мешавад.

Чек ба гурӯҳи коғазҳои қиматнок дохил карда шудааст. Мизоҷ метавонад аз бонкаш як дона ва ё аз он зиёдтар чек гирад. Дар ҳолати дуюм ба мизоҷ китобчаи чекӣ (дар дохилаш 10, 20, 25 ва ё 50 дона чек) дода мешавад.

Барои гирифтани чек ё чекҳо мизоҷ бо ариза ба бонки худ мурочиат мекунад. Бонк баъди аз ҳисоби ӯ ба ҳисоби алоҳида гузаронидани маблағи дар ариза қайдшуда ба мизоҷ китобчаи чекӣ медиҳад. Дар варақаи аввали он маблағи ба ҳисоби чекӣ гузаронидашуда нишон дода шудааст. Мизоҷ метавонад танҳо дар худуди ин маблағ чек нависад. Дар ҳолати аз ин маблағ зиёд навиштани чек пули он аз ҷониби бонк дода намешавад.

Вобаста ба вазъи молиявии мизоҷ ва дар асоси шартнома бонк метавонад ба он таҳти гарави худ китобчаи чекӣ диҳад, яъне дар ин ҳолат зарур нест, ки маблағи муайяни мизоҷ ба ҳисоби алоҳида гузаронида шавад.

Дар аксари кишварҳо (масалан, Русия) чек бояд дар давоми на дертар аз 10 рӯз ба бонк пешниҳод карда шавад, вагарна он барои иҷроиш қабул карда намешавад.

Расми 5. Ҳуҷҷатгузорӣ ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ ба воситаи чек



1 – фиристодани аризаи харидор ба бонк барои гирифтани китобчаи чекӣ; 2 – додани китобчаи чекӣ аз ҷониби бонк ба харидор; 3 – қабули мол, хизматрасонӣ ва ё корҳои иҷрошуда; 4 – навиштану имзо кардани чек ва додани он ба фурӯшанда; 5 – *пешниҳоди* чек ба бонки фурӯшанда; 6 – фиристодани чек ба бонки харидор барои пардохт; 7 – *пардохти* чек ва хабар кардани харидор дар ин бора.

Агар бартарии ин шакли ҳисоббаробаркунӣ гарави гирифтани пул бошад, камбудии он дар ҳисоби алоҳида нигоҳ доштани пул аст, зеро то истифодаи ҳамаи чекҳо пули харидор аз муомилоти он берун монда, ҳуқуқи истифодаи онро надорад.

6.3.5. Ҳисоббаробаркунӣ ба воситаи талабнома-супоришномаи пулдиҳӣ. Ин шакли аз ҳама маъмули ҳисоббаробаркунӣ дар мамлакатҳои пешрафта мебошад.

Истифодаи он дар шартномаи байни харидору фурӯшунда ҳамчун яке аз шартҳои зарурӣ нишон дода мешавад. Дар ин асос фурӯшанда баъди фиристодани мол, хизматрасонӣ ё ичрои корҳои фармудашуда дар қатори ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба харидор, инчунин талабнома-супоришномаи пулдиҳиро мефиристад. Харидор дар ҳолати эътироз надоштанаш талабнома-супоришномаи пулдиҳиро имзо карда, ба бонкаш пешниҳод менамояд. Бонк дар мӯҳлати муайян пулро аз суратҳисоби харидор ба суратҳисоби фурӯшанда гузаронида, бо роҳи ба харидор фиристодани рӯйнавишти суратҳисобаш ба ӯ дар бораи ичрои супоришаш хабар медиҳад *(Нигаред ба замимаи 22)*.

Расми 6. Ҳуҷҷатгузорӣ ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ бо истифодаи талабнома-супоришномаи пулдиҳӣ



1 – фиристодани мол, ичрои кор ё хизматрасонӣ; 2 – фиристодани ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва талабнома-супоришномаи пулдиҳӣ ба харидор; 3 – пешниҳоди талабнома-супоришномаи пулдиҳӣ ба бонк; 4 – гузаронидани пул аз суратҳисоби харидор ба суратҳисоби фурӯшанда; 5 – хабар кардани фурӯшанда оид ба вориди пул ба суратҳисоби ӯ.

Аз *расми 6* маълум аст, ки ин шакли хеле одии ҳисоббаробаркунӣ мебошад, вале истифодаи васеи он ба сатҳи пешрафти соҳаи почта, ҳисси ҷавобгарии соҳибкорон дар назди ҳамдигар ва ғайра вобаста аст. Аз ин рӯ, қисме аз мамлакатҳо истифодаи онро ба шароити худ мутобиқ гардонидаанд. Масалан, дар Русия ҳуҷҷатҳо ба харидор не, балки ба бонки он фиристода мешавад, агар дар суратҳисоби харидор маблағи зарурӣ набошад, ҳуҷҷатҳо пас гардонида мешаванд ва харидор бояд дар давоми 3 рӯз талабнома-супоришномаи пулдиҳиро ба бонк пешниҳод намояд ва ғайра. Мутаассифона, дар Тоҷикистон ин шакли ҳисоббаробаркунӣ то кунун маъмул нест.

6.3.6. Ҳисоббаробаркунӣ ба воситаи талабномаи пулгирӣ. Ин намуди ҳисоббаробаркунӣ инчунин бо номи «шакли аксептии ҳисоббаробаркунӣ» маълум аст. Дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ он яке аз шаклҳои асосӣ ба ҳисоб мерафт. Масалан, соли 1988 ҳиссаи он дар маҷмӯъи умумии ҳисоббаробаркуниҳо 66,2 фоизро ташкил медод, зеро он ба сатҳи пешрафти техника ва ҳисобдории онвақта бештар ҷавобгӯй буд. Дар қисме аз ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, он то ҳанӯз истифода мешавад.

Ҳангоми истифодаи ин намуди ҳисоббаробаркунӣ фурӯшанда баъди фиристодани мол ё иҷрои кору хизматрасонӣ ба бонки худ ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва талабномаи пулгириро пешниҳод менамояд. Бонк ин ҳуҷҷатҳоро барои иҷро ба бонки хари-

дор мефиристад. Бонки харидор онҳоро барои аксепт* ба харидор пешниҳод мекунад.

*Тартиби изҳори розигӣ ва ё норозигии харидорро аксепт мсноманд.

Мӯҳлати гузаронидани пул ба суратҳисоби фурӯшанда аз шакли аксепт вобаста аст, ки метавонад *пешакӣ* ва ё *баъдина* бошад.

Ҳангоми истифодаи аксепти *баъдина* пули мол рӯзи ба бонки харидор ворид шудани ҳуҷҷатҳою талабномаи пулгирӣ дода мешавад. Харидор ҳуқуқ дорад дар давоми 3 рӯз норозигии худро оид ба додани пули мол бо нишондоди сабаби муайян изҳор намояд. Дар ин ҳолат бонк маблағи онро барқарор менамояд.

Ҳангоми истифодаи аксепти *пешакӣ* дар кунчи талабномаи пулгирӣ навиштаҷоти зерин ҷой дода мешавад: *«аксепти пешакӣ»*. Дар ин ҳолат бонк танҳо баъди гирифтани розигии хаттии харидор пули молро аз суратҳисоби он ба суратҳисоби фурӯшанда мегузаронад.

Ин ду намуди аксепт дар навбати худ метавонанд *мусбӣ* ва ё *манфӣ* бошанд. Масалан, истифодаи аксепти *мусбӣ* талаб мекунад, ки харидор ҳангоми розӣ буданаш дар давоми 3 рӯз ба таври хаттӣ бонкро огоҳ созад. Ворид нашудани огоҳнома дар ин мӯҳлат маънои аксепти манфиро дорад.

Дар ҳолати истифодаи аксепти *манфӣ* дар давоми 3 рӯз ворид нашудани огоҳнома маънои ро-

зигии харидорро дорад. Дар ҳолати норозигии харидор он бояд ба таври хаттӣ бонкашро огоҳ созад.

Расми 7. Ҳуҷҷатгузорӣ ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ бо истифодаи талабномаи пулгирӣ (аксепти мусбӣ)



1 – фиристодани мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ; 2 – пешниҳоди ҳуҷҷатҳою талабномаи пулгирӣ ба бонки фурӯшанда; 3 – фиристодани ҳуҷҷатҳою талабномаи пулгирӣ ба бонки харидор; 4 – пешниҳоди ҳуҷҷатҳою талабномаи пулгирӣ ба харидор; 5 – аксепти мусбии харидор; 6 – гузаронидани пул аз суратҳисоби харидор ба суратҳисоби фурӯшанда; 7 – хабар кардани фурӯшанда оид ба вориди пул.

Ҳанҷоми истифодаи аксепти *манфӣ* баробари ворид шудани ҳуҷҷатҳою талабномаи пулгирӣ пули мол аз суратҳисоби харидор ба суратҳисоби фурӯшанда гузаронида мешавад. Харидор ҳуқуқ дорад дар давоми 3 рӯз пурра ё қисман норозӣ будани худро ба таври хаттӣ баён намояд. Дар ин ҳолат маблағи зарурӣ барқарор карда мешавад.

Дар ҳолати зарурӣ баҳси байни харидору фурӯшанда аз ҷониби суд ҳал карда мешавад. Бонк ҳуқуқи ба он дахолат карданро надорад.

Дар аксари вақт ин намуди ҳисоббаробаркунӣ ҳангоми додани пули газ, об, барқ, телефон, иҷораи хона ва ғайра истифода мешавад.

Бартарии истифодаи талабномаи пулгирӣ дар тезонидани суръати гардиши пул ва сари вақт гирифтани пули молу корҳои иҷрошуда мебошад. Камбудиаш – дар набудани имконияти тафтиши сифати мол аз тарафи харидор ва набудани гарави гирифтани пули он аз ҷонибӣ фурӯшанда аст. Аз ин рӯ, ҳиссаи он дар ҷамъи умумии ҳисоббаробаркуниҳо пайваста кам мешавад.

6.3.7. Ҳисоббаробаркунӣ бо роҳи пӯшонидани қарзҳои байниҳамдигарӣ. Ташкили дурусти муносибатҳои иқтисодӣ, истифодаи ҳисоббаробаркуниҳои ба талаботи хоҷагию соҳибкорон ҷавобгӯй шаклҳои гуногуни онро ба миён овардааст. Яке аз онҳо ҳисоббаробаркунӣ бо роҳи пӯшонидани қарзҳои байниҳамдигарӣ мебошад.

Аслан ин намуд дар ҳолати зиёд шудани қарзҳои байниҳамдигарӣ истифода мешавад. Ширкату корхонаҳои гуногунсоҳа ба ҳамдигар мол мефурӯшанд ё хизмат мерасонанд, вале аз сабаби надоштани маблағ пули якдигарро сари вақт дода наметавонанд. Дар як давраи муайян бо мақсади кам кардани қарзҳои байниҳамдигарии онҳо чунин шакли ҳисоббаробаркунӣ гузаронида мешавад.

Агар ду корхона байни ҳамдигар муносибатҳои молӣ дошта бошанд, метавонанд охири ҳар моҳ, семоҳа ё сол қарзҳои дар назди якдигар доштаашонро ҳисоб намуда, аз рӯйи фарқи он ҳисоб баробар кунанд. Масалан, ширкати истеҳсолкунандаи гилхок ва ширкати алюминии тоҷик, ки яке ба дигаре гилхок дода аз он алюминий мегирад. Онҳо

метавонанд, охири ҳар семоҳа фарқи арзиши молҳои фиристодаро ҳисоб карда қарздорро муайян намоянд. Агар ширкати истеҳсолкунандаи гилхок аз арзиши моли додааш дида зиёдтар алюминий гирифта бошад, пас пули фарқи онро пардохт мекунад.

Ҳисоббаробаркунӣ бо роҳи пӯшонидани қарзҳои байниҳамдигарӣ инчунин дар байни корхонаҳои як соҳа ё соҳаҳои гуногун истифода бурда мешавад. Масалан, ширкати «А» аз ширкати «Б», ширкати «Б» аз ширкати «В», ширкати «В» аз ширкати «Д», он бошад аз ширкати «А» қарздор аст. Бонк метавонад ҳисоббаробаркунии байни онҳоро ташкил намуда, маблағи фарққунандаи пулро муайян намояд, ки яке ба дигаре пардохт менамояд.

Азбаски дар мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳон ҳисоббаробаркунии чекӣ васеъ истифода мешавад, бо мақсади кам кардани ҳаракати пул байни бонкҳо шакли ҳисоббаробаркунӣ бо роҳи пӯшонидани қарзҳои байниҳамдигарӣ васеъ истифода мешавад. Дар шаҳрҳо марказҳои махсуси ҳисоббаробаркунӣ (Clearing house) ташкил шудааст, ки ҳар саҳар намояндагони бонкҳо ба он ҷо чекҳои дар рӯзи гузашта ҷамъшударо оварда месупоранд. Кормандони марказ маблағи умумии чекҳо ва ба кадом бонк дахл доштани онҳоро аниқ карда, қарзҳои байниҳамдигарии бонкҳоро муайян менамоянд. Ҳисоббаробаркунӣ бошад, танҳо аз рӯйи маблағи фарққунанда гузаронида мешавад. Масалан, мизоҷи бонки «А» ба мизоҷи бонки «Б» ба маблағи 54000 евро чек додааст. Дар ҳамин рӯз мизоҷи бон-

ки «Б» ба мизоҷи бонки «А» ба маблағи 55500 евро чек додааст. Дар ин ҳолат, қарзҳои байниҳамдигарӣ пӯшонида шуда, бонки «Б» ба бонки «А» 1500 евро пардохт мекунаду халос.

Бартарии ин шакли ҳисоббаробаркунӣ содаю самаранокии он аст, зеро барои ҳисоббаробаркунӣ маблағи пулии зиёд зарур нест.

6.4. Ҳисоббаробаркуниҳои электронӣ

Бо пайдо шудани Интернету имконияти ба кор бурдани он дар бонкдорӣ бонкҳо дарҳол тарзи нави хизматрасонӣ – ҳисоббаробаркуниҳои электрониро ҷорӣ намуданд. Содаю манфиатовар будани истифодаи онҳо боиси бо суръати баланд ворид шуданашон дар фаъолияти бонкӣ гардид. Ширкату корхонаҳо ва шахсони алоҳида дарҳол ба истифодаи ҳисоббаробаркуниҳои электронӣ гузаштанд.

Ҳоло қисми зиёди ширкату корхона ва шаҳрвандони аврупоию амрикоӣ бонкдориро бе истифодаи ҳисоббаробаркуниҳои электронӣ тасаввур карда наметавонанд. Мувофиқи маълумотҳои Ассосиатсияи миллии ҳисоббаробаркуниҳои автоматии дохилӣ (National Automated Clearing House Association) соли 1995 дар ИМА 90 фоизи пардохтҳои бонкӣ ба ҳисоббаробаркуниҳои электронӣ рост омад. Маблағи он 533 трлн. долларро ташкил дод, ҳол он ки ҳисоббаробаркуниҳо бо истифодаи чек 73 трлн. доллар ва накдӣ 2,2 трлн долларро ташкил

доданду халос (www.washingtonprofile.org, 7 июли соли 2003).

Дар ҳолати доштани компютеру Интернет ширкат ё шахси алоҳида метавонад оид ба ҳисоббаробаркуниҳои электронӣ бо бонки хизматрасонаш шартнома бандад. Дар шартнома тартиби ҳисоббаробаркуниҳои электронӣ, ӯҳдадорию ҷавобгарии тарафҳо ва шумораи махсуси мизоҷ нишон дода мешавад.

Баъди бастани шартнома ба мизоҷ калкулятори бонкӣ дода шуда, баъдан ба суроғаи ӯ коди махсус барои истифодаи калкулятор фиристода мешавад. Мизоҷ бо тартиби дар дастурамали калкулятор нишондодашуда метавонад коди истифодаи онро дигар кунад. Масалан, мизоҷ метавонад коди аз бонк фиристодашударо ба коди худаш, ки аз рӯзу моҳу соли таваллудаш иборат аст, иваз намояд.

Барои аз суратҳисоби ширкат ё шахси алоҳида гузаронидани маблағи муайян ба суратҳисоби дигар мизоҷро зарур аст, ки аввал ба сайти бонк дарояд. Масалан, сайти бонки хизматрасони Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Белгия «www.fortisbanking.com» аст. Баъди пайдо гардидани саҳифаи аввали сайт аз мизоҷ хоҳиш карда мешавад, ки ӯ шумораи махсуси дар шартнома буда ва имзои ададии* худро дар ҷойҳои муайяншудаи саҳифа гузорад.

*Имзои ададӣ бо роҳи ба кор даровардани калкулятори бонкӣ ва дар он гирифтани коди шахсии мизоҷ муайян карда мешавад.

Баъди ин дар ойнаи компютер саҳифаи аввали ҳисобномаи мизоҷ пайдо мешавад, ки дар он шумораи суратҳисоб, маблағи дар он буда, намудҳои хизматрасонии бонкӣ навишта шудааст. Яке аз намудҳои хизматрасонӣ *пардохти бонкӣ* аст, ки бо роҳи ба болои он бурдану зер кардани ақрабак варақаи супоришномаи пулдиҳӣ пайдо мешавад. Мизоҷ дар супоришномаи пулдиҳӣ рӯзи пулгузаронӣ, маблағи пул, ном ва суроғаи ширкат ё шахси пулгиранда, мақсади пулгузарониро навишта, бо ақрабак онро тасдиқ менамояд. Ҳамин тариқ, он барои ичро ба бонк фиристода мешавад. Мизоҷ дар ҳолати зарурӣ метавонад, нусхаи онро чоп карда дар сохтори ҳисобдорӣ нигоҳ дорад.

Бонк рӯзи дар супоришномаи пулдиҳӣ муайяншуда амалиётро ичро намуда, рӯйнавишти суратҳисобро мефиристад. Илова ба ин, мизоҷ имкон дорад бо роҳи дар сайти бонк кушодани саҳифаҳои дигари ҳисобномааш ичрои амалиёти бонкиро назорат кунад. Дар ин саҳифаҳо ҳамаи амалиёти бонкӣ бо суратҳисоб – даромаду баромади маблағҳои пулӣ, ному суроғаи пулгирифтагону пулдодагон, маблағи пул, рӯзи амалиёт ва мақсади пардохт навишта шудааст.

Бонк метавонад барои ҳимояи суратҳисоб аз амалиёти шахсони диғар ҳудуди маблағгузарониро

муайян намояд. Масалан, барои Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Белгия ин ҳудуд 2500 евро дар як рӯз буд. Дар ҳолати зиёд будани маблағи пардохт аз ин ҳудуд бонк талаб мекунад, ки ҳар як амал алоҳида имзо карда шавад. Тартиби муайян намудани ин имзои ададӣ нисбатан мушкилтар аст.

Мизоҷ имкон дорад амалиёти дигарро низ иҷро намояд. Масалан, ӯ метавонад қурби асъорҳои хориҷиро дида, асъори дар суратҳисоб бударо ба асъори дигар иваз намояд, болоравии фоизи пасандозии бонкро ба инобат гирифта, аз суратҳисоби ҷорӣ маблағи заруриро ба суратҳисоби пасандозӣ гузаронад, оид ба масъалаҳои дигари зарурӣ ба бонк паём фиристад.

Агар мизоҷ дар хона ва ё ҷойи кораш компютеру Интернет надошта бошад, қисми зиёди ин амалиётро ӯ метавонад ба воситаи автоматҳои бонкӣ, ки дар кӯчаҳо гузошта шудаанд, иҷро намояд. Пештар ин автоматҳо барои додани пули нақд ба аҳолӣ хизмат мекарданд, ҳоло мизоҷ метавонад илова ба амалиёти пулгирӣ автомати бонкиро барои пасандози пул, чопи рӯйнавишти амали иҷрошуда, гузаронидани пул ба суратҳисоби дигар (масалан, ҳангоми додани пули мол, барқ, об ё хизматрасонӣ), чопи рӯйнавишти суратҳисоб ва амалиёти дигар истифода барад.

Бартариҳои ҳисоббаробаркуниҳои электронӣ инҳоянд:

– сарфаи вақт, зеро барои иҷрои амалиёти бонкӣ ба бонк рафтан зарур нест, онро аз хона ва ё ҳуҷраи корӣ иҷро кардан мумкин аст;

– сарфаи коғазу вақти корӣ, зеро зарурати пур кардани ҳуҷҷатҳои зиёд вуҷуд надорад;

– зиёдшавии имконияти вақти иҷрои амалиёти бонкӣ, зеро мизоҷ метавонад амалиётро ҳар вақте ки хоҳад, новобаста аз вақти кории бонк иҷро намояд: 24 соати шабонарӯзӣ ва 7 рӯзи ҳафта, аз он ҷумла рӯзҳои истироҳату ид;

– васеашавии мавзеи иҷрои амалиёти бонкӣ. Мизоҷ метавонад ҳангоми зарурати пардохти пул сарфи назар аз ҷой ё шаҳри будааш интернетро истифода карда, амалиётро иҷро намояд;

– афзоиши суръати гардишу самаранокии муомилоти пулӣ, зеро акнун мизоҷ новобаста аз вақту ҷойи будааш амалиёти пардохтиро сари вақт иҷро менамояд.

6.5. Ҳисоббаробаркуниҳои байнибонкӣ

Мақсади омӯзиши шаклҳои гуногуни ҳисоббаробаркунӣ ташкили дурусту самараноки пулгузаронӣ аз суратҳисоби харидор (пулдиҳанда) ба суратҳисоби фурӯшанда (пулгиранда) мебошад. Зарур аст, пули фурӯшанда ҳар чи тезтар ба суратҳисоби он ворид шавад. Дар шароити ҷаҳонишавии умумӣ ҳаҷми савдои байналмилалӣ новобаста аз ҷойгиршавии ҷуғрофии корхонаю ташкилотҳо рӯз аз рӯз меафзояд. Бонкҳо ҳамчун муассисаҳои ба

онҳо хизматрасон доимо дар ҷустуҷӯи шаклҳои ҳозиразамони ҳисоббаробаркунианд.

Ба ҳама маълум аст, ки новобаста аз масофаи байни корхонаю ташкилотҳо (масалан, Душанбе – Париж) бонкҳо ба якдигар пули нақд намефиристанд. Илова бар ин, маблағи пардохтҳои пулӣ дар як рӯз чандин миллиардҳоро ташкил медиҳад, ки аз ҷой ба ҷой бурдани он гаронбаҳост. Маблағҳои пули нақди дар бонкҳо буда даҳҳо маротиба аз маблағи пардохтҳо камтар аст. Пас чӣ гуна бонкҳо ҳисоббаробаркунии байни мизоҷонро таъмин менамоянд?

Бонкҳои тиҷоратӣ барои таъмини ҳисоббаробаркунии мизоҷонашон дар бонки марказӣ (миллӣ)-и мамлакати худ ва бонкҳои тиҷоратии дохилию хориҷӣ ҳисобҳои муросилотӣ* (correspondent account) мекушоянд. Вобаста ба муносибатҳои молию пулии мизоҷон бонкҳо дар ин ҳисобҳо маблағи муайянро нигоҳ дошта, ҳангоми зарурат аз он ба суратҳисоби пулгиранда пул мегузаронанд.

*Ҳисоби муросилотӣ – ҳисоби як бонк дар бонки дигар.

Дар асл байни бонкҳо ҳуҷҷатҳои пулӣ ва паёмҳои махсуси электронӣ ҳаракат мекунанд, на пул. Барои таъмини суръати гардиш ва амнияти ин ҳуҷҷатҳою паёмҳо ташкилоту механизмҳои махсуси ҳимояшаванда ташкил шудааст. Масалан, соли 1973 аз 15 мамлакати ҷаҳон 239 бонк Ҷамъияти

умумиҷаҳонии алоқаҳои молиявии байнибонкӣ (Society for Worldwide Interbank Financial Telecommunication – SWIFT)-ро ташкил намуданд. Шабакаи SWIFT, ки ҷойи телетайпро ғирифт, баъди чанде ба якумин шабакаи байналмилалӣ мубаддал гардид. Соли 2006 миқдори аъзои он ба 7,8 ҳазор бонку ширкатҳо аз 198 мамлакати ҷаҳон расида, адади паёмҳо камтар аз 2 млрд-ро ташкил дод. Ба воситаи SWIFT рӯзе 11 млн. адад амалиёти бонкӣ ичро мешавад. Бонкҳои узви шабакаи SWIFT ба воситаи он паёмҳои пулиро, ки бо кодҳои махсус ҳимоя шудаанд, ба ҳам мефиристанд ва дар асоси онҳо пулгузарониро байни мизоҷон таъмин менамоянд. Истифодаи SWIFT аз ҷониби бонкҳои тиҷоратии дар Тоҷикистон буда солҳои 1996-1997 шурӯъ шудааст. То ин давра бонкҳо аз телетайп истифода мекарданд, ки шабакаи бовариноқ ва таъминкунандаи суръати зарурии пулгузаронӣ набуд.

Дар дунё миқдори бонкҳо хеле зиёд аст ва албатта, бонки алоҳида наметавонад дар ҳамаи онҳо ҳисоби муросилотӣ дошта бошад. Бонки тиҷоратӣ чанд бонкеро интихоб мекунад, ки нигоҳ доштани маблағҳои пулиаш дар онҳо ба мақсад мувофиқ аст. Масалан, доштани ҳисоби муросилотӣ дар бонкҳои аврупоӣ имкон медиҳад, аз як тараф, хизматрасонии саривақтии мизоҷон таъмин карда шавад, зеро пахтаю алюминий, тилло ва маҳсулоти дигар ба ширкатҳои аврупоӣ фурӯхта мешавад, аз тарафи дигар, бонк имкон дорад маблағҳои пулиро бо фоизи баландтар пасандоз кунад.

Вобаста аз мавҷудияти муносибатҳои муросилотӣ* тартиби ҳисоббаробаркунӣ байни бонкҳо гуногун аст:

*Муносибатҳои муросилотӣ дар якҷоягӣ кушодани ҳисобҳои муросилотӣ, ба ҳам фиристодани ҳуҷҷатҳо, пигаҳдошти пул, ба ҳисобҳои дигар гузаронидану аз онҳо ворид шудани пулро дар бар мегирад.

1. *Ҳисоббаробаркунии байнибонкӣ бо истифодаи ҳисоби муросилотӣ дар бонки марказӣ (миллӣ).* Давраи аввали ба муносибатҳои муросилотӣ гузаштани бонкҳо дар Тоҷикистон онҳо танҳо дар Бонки миллӣ ҳисоб доштанду халос. Ҳама ҳисоббаробаркуниҳо ба воситаи ин ҳисобҳо сурат мегирифт. Баъдан ба онҳо иҷозат дода шуд, ки дар якдигар ҳисоби муросилотӣ кушоянд. Ин боиси боз ҳам инкишоф ёфтани муносибатҳои муросилотӣ гардид.

Бонкҳо баъди қабули супоришномаи мизоҷ оид ба пардохт супоришномаи худро дар хусуси аз ҳисоби муросилотиашон гузаронидани маблағи муайян ба ҳисоби муросилотии бонки дигар тартиб дода, ба Бонки миллӣ мефиристанд. Бонки миллӣ ин супоришномаро иҷро намуда, ба ҳар ду бонк хабар медиҳад. Бонки пулгиранда дар навбати худ оид ба вориди пул ба он хабар медиҳад.

Расми 8. Ҳисоббаробаркунии байнибонкӣ бо истифодаи ҳисобҳои муросилотӣ дар Бонки миллӣ



1 – фиристодани мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ ва ҳуҷҷатҳои шаҳодатдиҳандаи он; 2 – пешниҳоди ҳуҷҷатҳою супоришномаи пулдиҳӣ ба бонк; 3 – гузаронидани пул аз СХ-суратҳисоби харидор ба ХМБХБМ – ҳисоби муросилотии бонки харидор дар Бонки миллӣ; 4 – фиристодани супоришномаи пулдиҳӣ ба Бонки миллӣ; 5 – аз ХМБХ-ҳисоби муросилотии бонки харидор ба ХМБФ-ҳисоби муросилотии бонки фурӯшанда гузаронидани пул; 6 – фиристодани ҳуҷҷатҳои шаҳодатдиҳандаи вориди пул ба бонки фурӯшанда; 7 – аз ХМБФБМ-ҳисоби муросилотии бонки фурӯшанда дар Бонки миллӣ ба СФ-суратҳисоби фурӯшанда гузаронидани пул; 8 – ба фурӯшанда фиристодани ҳуҷҷатҳои шаҳодатдиҳандаи ворид шудани пул ба суратҳисоби он.

Ҳамин тавр, маблағи зарурӣ аз як бонк ба бонки дигар гузаронида мешавад, вале истифодаи бонки марказӣ (миллӣ) ҳамчун миёнарав гардиши

пулро каме суст мекунад, аз ин рӯ, бонкҳои тиҷоратӣ ҳавасманди истифодаи шаклҳои пешрафтатари муносибатҳои муросилотианд.

2. *Ҳисоббаробаркуниҳои байнибонкӣ дар ҳолати мавҷудияти муносибатҳои муросилотӣ.* Мавҷудияти муносибатҳои муросилотӣ маънои доштани суратҳисобҳои муросилотӣ дар якдигарро дорад. Масалан, барои таъмини ҳар чи тезтар гузаштани маблағҳо байни мизоҷон Фононбонку Ориёнбонк дар якдигар ҳисобҳои муросилотӣ мекушоянд. Дар ин ҳолат расми дар боло буда каме тағйир меёбад. Акнун бонк супоришномаро бевосита ба бонки дигар мефиристад.

Расми 9. Ҳисоббаробаркунии байнибонкӣ дар ҳолати мавҷудияти муносибатҳои муросилотӣ



1 – фиристодани мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ ва ҳуҷҷатҳои шаҳодатдиҳандаи он; 2 – пешниҳоди ҳуҷҷатҳою супоришномаи пулдиҳӣ ба бонк; 3 – гузаронидани пул аз СХ-суратҳисоби харидор ба ХМБХБФ-ҳисоби муросилотии бонки харидор дар бонки фурӯшанда; 4 – фиристодани супоришномаи пулдиҳӣ ба бонки фурӯшанда; 5 – аз ХМБХ-ҳисоби муросилотии бонки харидор ба СФ-суратҳисоби фурӯ-

шанда гузаронидани пул; 6 – ба фурӯшанда фиристодани ҳуҷҷатҳои шаҳодатдиҳандаи вориди пул ба суратҳисоби он.

Бонки харидор дар ҳолати надоштани маблағи зарурӣ дар ҳисоби муросилотиаш ва ё ягон сабаби дигар метавонад пулро аз суратҳисоби харидор ба ҳисоби муросилотии бонки фурӯшанда гузаронида, ба он дар ин бора хабар диҳад. Он гоҳ бонки фурӯшанда пули фурӯшандаро аз ҳисоби худ медиҳад.

Ҳамин тавр, ҳисоббаробаркунӣ бо харҷи камтари вақту коргузорӣ таъмин карда мешавад.

Тавре ки дар боло қайд намудем, бонкҳо на дар ҳама бонкҳои тиҷоратии хориҷию дохилӣ ҳисоби муросилотӣ доранд. Новобаста аз ин муносибатҳои молию кории мизоҷони онҳо бо мизоҷони бонкҳои дигар ҳисоббаробаркуниҳои байнибонкиро талаб мекунад. Дар ин ҳолат нақши бонки миёнаравро як ё якчанд бонкҳои дигар иҷро менамоянд.

Мавзӯи 7

МУОМИЛОТИ ПУЛИИ НАҚДӢ

7.1. Асосҳои иқтисодии муомилоти пулии нақдӣ

Зарурати ташкили самараноки соҳаи савдо, кам кардани харҷи одамон ҳангоми хариду фурӯши молу хизматрасонӣ, таъмини бо суръату сифати баланд расонидани молҳои камарзишу ҳамарӯза аз фурӯшанда ба харидор ва ғайра истифодаи пули нақдро талаб мекунад.

Дар қисми зиёди ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, аз он ҷумла Тоҷикистон, ҳисоббаробаркуниҳои гайринақдӣ ҳангоми пардохти маблағҳои калон манфиатовар бошанд ҳам, истифодаи онҳо барои ба масофаи наздик гузаронидани маблағҳои кам мувофиқи мақсад нест. Масалан, дар ҳолати мавҷуд набудани ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ харидори молеро ба монанди гӯшт, нон, шир ва ғайра зарур аст, ки аввал пули онро ба воситаи бонк ба суратҳисоби фурӯшанда гузаронида, баъд

молро гирад. Дар ин ҳолат монеаҳою камбудиҳои зерин пеши роҳ меоянд:

1. Ҳама мехоҳанд, ки маҳсулотро дар вақти басифат буданашон харидорӣ намоянд, ҳисоббаробаркунӣ ба воситаи бонк садди роҳи ҳар чӣ тезтар ба даст овардани мол мегардад, зеро барои гузаронидани пул вақти муайян лозим аст. Илова ба ин, бонк танҳо рӯзҳои корӣ ва вақтҳои барои савдо номуносиб кушода аст.

2. Агар имрӯз мо тавонем, ки аз мағозаи дилхоҳ нонро бихарем, дар ҳолати набудани пули нақд имкониятҳои мо маҳдуд мегардад, зеро пешпардохт барои ҳамаи мағозаҳо мувофиқи мақсад нест.

3. Нархи нон барои мо хеле гарон меафтад, зеро бонк барои гузаронидани нархи он пули иловагӣ мегирад. Дар амалияи бонкӣ арзиши ба бонки дигар гузаронидани 10000 сомонӣ ва арзиши гузаронидани 1 сомонӣ тақрибан аз ҳам фарқ намекунанд, зеро барои ҳар ду амалиёт вақти корӣ ва миқдори маводи якхела сарф мешавад.

4. Агар имрӯз мо тавонем, ки гӯгирд, сигор, ширинӣ ва маҳсулоти дигари камарзишро аз кӯчаҳо ё дӯконҳо бихарем, дар ҳолати набудани пули нақд мо ба мушкилӣ дучор меоем ва гайра.

Албатта, дар мамлакатҳои пешрафта доираи истифодаи пули нақд рӯз то рӯз танг мегардад. Масалан, дар 90 фоизи тарабхонаҳо истифодаи кортҳо чизи маъмулӣ аст ё дар аксари магозаҳо пули гӯгирдро ҳам бо корт додан мумкин аст, вале бояд донист, ки ҳаққи хизматрасонии бонк барои ин амалиёт аз нархи гӯгирд зиёдтар мешавад. Ин аст,

ки шаҳрвандони мамлакатҳои аврупоӣ, (масалан, Фаронса) илова ба кортҳои бонкиашон доимо дар ҳамёни худ миқдори ками евроро низ нигоҳ медоранд.

Дар мамлакати мо низ, рӯз то рӯз саҳми ҳисоббаробаркуниҳои гайринақдӣ дар муомилоти пулӣ зиёд мешавад, вале вобаста ба муфид будани хариду фурӯши молу хизматрасониҳо бо пули нақд ҳаёти имрӯзаи худро бе он тассавур кардан ғайриимкон аст.

Пешрафти илму техника ва татбиқи пайвастаи навовариҳои он дар соҳаи бонкдорию ҳисоббаробаркуниҳо то ҳол зарурати истифодаи пули нақдро аз байн набурдааст. Ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии муомилоти пулӣ ба ташкили низоми молиявии мамлакат вобаста аст. Дар кишварҳои пешрафта ҳиссаи он ба 8-10 фоиз баробар аст, ҳол он ки дар мамлакатҳои қафомонда, аз он ҷумла ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, он ба 40-50 фоиз мерасад. Сабаби он қафо мондани низоми ҳисобдорию назорати давлатии андозсупорӣ аст. Дар чунин ҳолат соҳибкорону соҳибони корхонаҳо истифодаи ду тартиби ҳисобдориро афзалтар мешуморанд: яке ҳисобдории ҳақиқӣ барои худашон, дигаре қалбакӣ (бо нишондоди фоидаи камтарин) барои пешбарӣ ба сохторҳои назоратӣ. Албатта, чунин низоми молиявӣ ба манфиати ҷамъият нест, зеро соҳибкорон фоидаи аслии худро рӯйпӯш карда, ба буҷет андози ночиз месупоранд. Ҳукумат бошад аз сабаби кам будани буҷет фаъолияти хуби сохторҳои қудратӣ, мудофиа, маорифу соҳаи иҷтимоиётро

таъмин карда наметавонад ва ин боиси касодии ин соҳаҳо, равнақи пораҳӯрӣ ва норозиғии мардум аз сиёсати ҳукумат мегардад.

Аз ин рӯ, омӯзишу ҳалли масъалаҳои ташкилу банақшагирии гардиши пули нақд, ҳимояи он аз қаллобон, танзиму назорати гардиши пул бо мақсади пешгирии таваррум хеле заруранд.

7.2. Гардиши пули нақд

Ҳаракати пайвастаи пулҳои нақд (бонкнота, танга, пулҳои хазинадорӣ) ҳангоми хизматрасонӣ ба муомилоти молӣ *гардиши пули нақд* ном дорад.

Бонки марказӣ (миллӣ) ҳамчун маркази эмиссионии мамлакат ягона сохторест, ки ҳуқуқи ба муомилот баровардани пулҳои нақдро дорад. Бинобар ин гардиши пулҳои нақд аз бонки марказӣ (миллӣ) огоз меёбад *(Нигаред ба расми 10)*. Пулҳои нақд ба ивази пулҳои ғайринақдӣ аз хазинаи бонки марказӣ (миллӣ) ба бонкҳои тиҷоратӣ дода мешавад. Бонкҳои тиҷоратӣ ин пулҳоро ба мизоҷон медиҳанд. Инчунин онҳо метавонанд дар асоси шартнома бонкҳои дигарро бо пули нақд таъмин намоянд. Масалан, бонки аз бонки марказӣ (миллӣ) дар масофаи дур ҷойгиршуда бо бонки тиҷоратии дигар, ки шӯъбаи худро бо пули нақд таъмин менамояд, шартнома баста аз он доимо пули нақд мегирад.

Расми 10. Гардиши пули нақд



Бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун хизматрасони корхонаю ташкилотҳо ва аҳолӣ вазифадоранд талаботи онҳоро ба пули нақд таъмин намоянд. Аз ин рӯ, бонкҳо дар хазинаҳои худ доимо маблағи муайяни пули нақдро ниғоҳ медоранд.

Корхонаю ташкилотҳо пулҳои нақдии аз бонкҳо гирифтаашонро барои додани музди меҳнат, нафақа, ёрдампулӣ, харидани молҳою додани пули хизматрасонӣ дар ҳудуди муайяншуда ва ғайра истифода мекунанд.

Одамон илова ба пулҳои аз корхонаҳо гирифтаашон инчунин бевосита аз бонкҳои тиҷоратӣ дивиденд, фоизи пасандоз ва пулҳои дар суратҳисобҳояшон доштаро мегиранд. Агар қисми даромади

аҳолӣ барои хариди молу хизматрасонӣ сарф шавад, қисми дигар барои додани андозҳо, хонапулӣ, пули хизматрасонии коммуналӣ, қарзадокунӣ, хариди саҳмияҳо, пасандоз ва ғайра сарф шуда, боз ба кассаи корхонаҳои савдо, хизматрасонӣ ва бонкҳо ворид мешаванд. Азбаски корхонаю ташкилотҳои савдою хизматрасон ҳуқуқи дар худ нигоҳ доштани ҳамаи пулҳои ба даст овардаашонро надоранд, қисме аз онҳоро ба бонки хизматрасонашон месупоранд. Бонкҳо дар навбати худ қисми зиёди ин пулҳоро ба ивази пулҳои ғайринақдӣ ба бонки марказӣ (миллӣ) месупоранд, зеро барои таъмини ҳисоббаробаркуниҳо ба онҳо пулҳои ғайринақдӣ лозим аст.

Ҳамин тавр, ҳаракати пулҳо аз бонки марказӣ (миллӣ) оғоз ёфта, дар он ба охир мерасад. Азбаски воҳидҳои пули нақд метавонанд чандин бор ба муомилоти молӣ хизмат кунанд, бонки марказӣ (миллӣ) баъди тафтиши аслӣ буданашон онҳоро боз ба муомилот мебарорад ва бо ин роҳ гирдгардиши пулҳои нақд таъмин карда мешавад.

Мӯҳлати хизмати пулҳои нақд аз дараҷаи ташкили савдою муносибати мардум ба онҳо вобаста аст. Дар кишварҳои пешрафта, ки савдо хеле хуб ташкил шудааст ҳама маҳсулот дар шакли тоза ва дар дохили халтаҳо ҷой додашуда ба савдо бароварда мешаванд, мӯҳлати истифодаи пулҳо дарозтар аст. Масалан, дар Британиёи Кабир мӯҳлати миёнаи истифодаи воҳидҳои пулӣ 18 моҳ аст.

Дар баъзе аз кишварҳо мардум, хусусан савдогарон дар бозорҳо бо дасти равғанолуду хоколуд пулро ба даст мегиранд, ки боиси чиркину кӯтоҳ гаштани мӯҳлати хизмати он мегардад. Ба болои он аксари мардум ҳамён надошта, пулро дар кисаҳояшон мегардонанд, қисми дигар онро ғиҷим мекунанд, қисми сеюмӣ дар болояш менависанд ва ғайра. Аз ин рӯ, мӯҳлати миёнаи истифодаи воҳидҳои пулӣ на зиёдтар аз як сол аст. Албатта, агар гардиши пулҳои нақд ва ба талабот ҷавобгӯй будани онҳо таҳти назорати бонкҳои марказию тиҷоратӣ набошад, баъзе пулҳо сарфи назар аз чиркиниашон мӯҳлати зиёд истифода мешаванд, вале бояд донист, ки пулҳои чиркину фарсудашуда метавонанд воситаи аз одамон ба одамон гузаштани инфексияҳо низ гарданд. Бинобар ин зарур аст, ки тозагию ба талабот ҷавобгӯй будани пулҳои нақд доимо таҳти назорати бонкҳо бошад ва пулҳои фарсудашуда сари вақт аз муомилот гирифта шаванд.

Аз тарафи дигар, муносибати ношоям ба пул, ки боиси фарсудаю аз муомилот гирифтани он мегардад, зарурати ҷопи пулҳои навро ба миён меорад. Харҷи ҷопи пул гаронбаҳо буда, аз буҷет ё ба таври дигар аз ҳисоби андозҳои супурдаи мардум пӯшонида мешавад. Ҳол он ки дар ҳолати таъмини истифодаи самараноки пулҳои когазӣ ин маблагро барои ҳалли мушкилоти дигар, ба монанди зиёд кардани нафақа, таъмини касалхонаҳо бо доруворӣ ва ғайра равона кардан мумкин аст.

7.3. Ташкили муомилоти пули нақдӣ ва банақшагирии он

Ҳар як кишвар вобаста ба сатҳи рушди соҳаи бонкдорию низоми молиявиаш гардиши пули нақдро ба таври бароябш мувофиқ ташкил менамояд. Дар ин раванд, яке аз вазифаҳои бонки марказӣ пайваста зиёд кардани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулӣ аст, зеро ин метавонад боиси кам кардани харҷи давлат барои чоп, интиқол*, нигаҳдошту ҳимояи пул аз набаҳрасозон гардад.

*Масалан, пули миллӣ – сомонӣ дар Олмон чоп шудааст ва соли 2000 барои аз он ҷо ба Тоҷикистон интиқол доданаш 300000 доллар (650000 сомонӣ) сарф шуд. Ба ин маблағ харҷҳои бонкҳои миллию тиҷоратиро барои то ба вилояту ноҳияҳо расонидани пулҳои нақд илова бояд кард.

Ташкилкунандаи муомилоти пули нақдӣ дар ҳама кишварҳо бонки марказӣ (миллӣ) буда, дар ин масъала он мустақилияти пурра дорад, яъне ҳукумат ҳуқуқи ба фаъолияти он дахолат карданро надорад.

Бонки марказӣ бо дастурамали худ оид ба амалиёти кассавӣ дар ҳоҷагии халқ тартибу қоидаҳои истифодаи пули нақдро барои корхонаю ташкилотҳо новобаста аз шакли моликияташон муайян менамояд.

Мақсади ташкили дурусти гардиши пули нақд таъмини устувории қобилияти харидории пу-

ли миллӣ ва самаранокии муомилоти пулӣ* мебошад.

*Самаранокии муомилоти пулӣ маънои бо харҷи кам ташкил кардани онро дорад.

Қоидаҳо (принсипҳо)-и ташкили муомилоти пулии нақдӣ чунинанд:

1. *Ташкилу танзими мутамаркази муомилоти пулӣ.* Бонки марказӣ ягона сохторест, ки ҳуқуқ дорад муомилоти пулии нақдиро байни ҳама субъектҳои хоҷагидорӣ, онҳо ва одамон, инчунин байни худи одамон ташкил намояд. Аз як марказ идора кардани муомилоти пулии нақдӣ имкон медиҳад, устувории қобилияти харидории пул ва қурби он таъмин карда шавад.

2. *Камхарҷии муомилоти пулӣ.* Пулҳои нақдию ғайринақдӣ асоси ягонаи қарзӣ доранд, яъне ҳамчун пулҳои қарзӣ ба муомилот бароварда шудаанд. Аз ин рӯ, онҳо метавонанд ба якдигар мубаддал шаванд. Корхонаҳою шахсони алоҳида метавонанд ба ивази пулҳои ғайринақдии дар суратҳисобҳояшон буда пули нақд гиранд ва ё пулҳои нақдро ба бонк супурда соҳиби пулҳои ғайринақдӣ шаванд. Хусусан, имрӯз дар Тоҷикистон аксари вақт корхонаҳо бо мақсади додани андоз пулҳои нақди коркардаашонро ба бонк супурда, баъдан барои ғузаронидани маблағи андоз ба бонкҳояшон супориш медиҳанд. Ташкили дурусти муомилоти

пулӣ имкон медиҳад, ки гузариш аз пулҳои ғайринақдӣ ба нақдӣ ва истифодаю таъмини гардиши онҳо камхарҷ бошад.

3. *Ягонагии ташкили муомилоти пулӣ.* Пайвастагии муомилоти пулии нақдию ғайринақдӣ ташкилу танзими якҷояи онҳоро талаб мекунад. Яъне бе ташкили дурусти муомилоти пулии ғайринақдию нақдӣ дар якҷоягӣ ба мақсади асосӣ расидан гайриимкон аст. Муайян намудани шаклҳою тартиби истифодаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдию нақдӣ ба воситаи бонкҳо ва ҳолату ҳудуди истифодаи пули нақд аз ҷониби корхонаҳою аҳолӣ яке аз вазифаҳои асосии бонки марказист, ки самаранокии муомилоти пулиро таъмин месозад.

4. *Пайваста ва пурра таъмин намудани талаботи мизоҷон ба пули нақд.* Бонкҳои тиҷоратӣ вазифадоранд, ки талаботи мизоҷонро ба пули нақд сари вақт таъмин намоянд. Норозигии мизоҷи бонки тиҷоратӣ бо сабаби сари вақт таъмин накардани талаботи он бо пули нақд метавонад ба эътибори бонк таъсири манфӣ расонад. Илова ба ин, мизоҷ метавонад бонки хизматрасонро тарк намуда, барои хизматрасонӣ бонки дигареро интихоб намояд, ки ба мақсади асосии бонкҳои тиҷоратӣ мувофиқ нест.

5. *Танзими амалиёти кассавӣ бо пули нақд.* Амалиётҳои кассавӣ дар асоси дастурамали аз ҷониби бонки марказӣ баровардашуда анҷом

дода мешаванд. Бонкҳои тиҷоратӣ ва муассисаҳои қарзию ғайрибонкӣ вазифадоранд риояи талаби ин дастурамалро аз ҷониби мизоҷон таъмин намоянд. Бонки марказӣ дар навбати худ фаъолияти дахлдори бонкҳои тиҷоратӣ, муассисаҳои қарзию ғайрибонкӣ ва корхонаҳои алоқаро, ки ба додугирифти пули нақд сару кор доранд, таҳти назорат мегирад.

Бо мақсади таъмини риояи ин қоидаҳо бонкҳои марказӣ тартиби амалиёти кассавиро барои корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаю шахсони алоҳида, ки ба тиҷорати бузург ва ё хурд машғуланд, муайян менамояд. Аксари бонкҳои марказӣ тартиби зерини амалиёти кассавиро қабул кардаанд:

– ҳамаи ширкату корхонаҳо, ташкилотҳо, соҳибкорон вазифадоранд маблағҳои пули нақдашонро, ба истиснои он қисме, ки аз ҷониби бонк муайян шудааст, дар бонкҳои хизматрасон нигоҳ доранд;

– бонкҳо ҳудуди нигаҳдошти пули нақдро дар кассаҳои шахсони ҳуқуқӣ* (новобаста ба шакли моликият) муайян менамоянд;

*Бонкҳои марказӣ ба ин масъала диққати хоса медиҳанд. Масалан, дар Русия барои вайрон кардани ҳудуди нигаҳдошти пули нақд дар касса корхонаҳо ҷарима месупоранд. Дар Италия бояд ҳама ҳисоббаробаркуниҳои корхонаҳо ғайринақдӣ бошад. Агар шаҳрванд ё корхона маблағи аз 6 ҳазор евро зиёдро аз суратҳисобаш гирад, сохторҳои дахлдор аз мақсади истифодаи ин пулҳо пурсон мешаванд.

– корхонаю ташкилотҳо новобаста аз шакли моликияташон вазифадоранд ҳисоббаробаркуниҳои

худро бо мизоҷонашон ба шакли ғайринақдӣ ва ба воситаи бонки хизматрасон таъмин намоянд. Доираю ҳудуди истифодаи пули нақд барои хариди молҳои камарзиш аз ҷониби бонк муайян карда мешавад.

– барои ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ шахсони ҳуқуқӣ бояд касса ва китоби қайди амалиёти кассавӣ дошта бошанд.

– бонки марказӣ инчунин тартиби амалиёти кассавии ғайрирезидентҳоро муайян менамояд. Ғайрирезидентҳо, корхонаҳою шаҳрвандони кишварҳои дигаранд, ки дар ин мамлакат фаъолият доранд. Азбаски талаботи онҳо ба асъори хориҷӣ зиёд аст, амалиёти кассавии онҳо аз амалиёти кассавии резидентҳо каме фарқ мекунад.

Риоя ва иҷрои ин талабот асоси ташкили дуруст муомилоти пулии нақдӣ буда, самаранокии онро таъмин менамояд.

Сари вақт таъмин накардани талаботи муомилот бо пули нақд метавонад боиси паст рафтани қурби пули миллӣ ғардад. Аз ин рӯ, бонки марказиро зарур аст, ки талаботи шӯъбаҳои худ ва бонкҳои тиҷоратиро сари вақт таъмин намояд. Асоси пешбинии ҳаҷму вақти талабот ба пули нақд ҳисобот оид ба гардиши кассавии умумиҷумҳуриявӣ аст, ки дар асоси ҳисоботҳои бонкҳои тиҷоратӣ оид ба гардиши кассавиашон тартиб дода мешавад. Гардиши кассавии умумиҷумҳуриявӣ инчунин асоси банақшагирӣ ва татбиқи сиёсати эмиссионии

бонкҳои марказӣ мебошад, ки дар навбати худ ба таъмини устувории қурби пули миллӣ ва қобилияти харидории он равона шудааст.

Мавзӯи 8

НИЗОМИ ПУЛӢ

8.1. Низоми пулӣ ва намудҳои он

Тартиби ба қонунҳо асосёфтаи ташкилу танзими муомилоти пулӣ аз ҷониби давлат *низоми пулӣ* ном дорад. Қисмҳои таркибии низоми пулӣ инҳоянд: қоидаҳои ташкили он, номи пули миллӣ, тартиби таъмин намудани пулҳои дар муомилот буда, механизми эмиссияи пулҳо, сохтори ҳаҷми пули дар муомилот буда, тартиби пешбинии муомилоти пулӣ, механизми танзими муомилоти пулию қарзӣ, тартиби муайян намудани қурби пул ва таъмини риояи тартиботи кассавӣ.

Пул, ки ҷузъи асосии низоми пулӣ мебошад, пайдоишу аз як шакл ба шакли дигар гузаштани он низоми пулиро низ тағйир додааст. Дар рафти таърих одамон аз истифодаи пулҳои молӣ (теша, табар, биринҷ ва ғайра) ба пулҳои филизӣ (тилло,

нуқра, мис ва ғайра), аз онҳо ба пулҳои коғазию филиззӣ (пулҳои коғазию тангаҳо) гузаштаанд. Акнун дар кишварҳои пешрафта ҷойи пулҳои коғазию филиззиро пулҳои электронӣ гирифта истодааст, зеро истифодаи онҳо камхарҷу мувофиқи мақсад аст. Сарфи назар аз ин, ҳар як кишвар низоми пулиашро ба таври барояш мувофиқ ташкил менамояд.

Низоми пулии мамлакати алоҳида ин тартиби ташкилу танзими муомилоти пулии он аст, ки ба анъанаҳои таърихии бонкдорию пулдориаш асос ёфта қонунан қабул шудааст.

Мувофиқи сарчашмаҳои илмӣ то ба имрӯз намудҳои зерини низомҳои пулӣ истифода шудааст:

– *молӣ;*
– *филиззӣ;*
– *фидусиарӣ.*

Низоми пулии молӣ хоси давраи аввали тараққиёти ҷамъият аст, ки дар он одамон молҳои одии дар ихтиёрашон буда, ба монанди пари паррандаҳою тухми растаниҳоро ба сифати пул истифода кардаанд. Баробари пайдоишу пешрафти зироаткорию чорводорӣ биринҷ, пӯст ва дигар маҳсулоти ин соҳа ҳамчун пул истифода шудаанд. Тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва пайдоиши ҳунармандӣ имкон дод, ки мардум ба сифати пул сангҳои ба шакли муайян даровардашуда, сафол ва молҳои дигарро истифода барад. Пайдоиши филизу соҳаи

коркарди он боиси ба истифодаи пулҳои филиззӣ гузаштани одамон гардид.

Низоми пулии филиззӣ (металлӣ) вобаста ба истифодаи як ё якчанд намуди пулҳои филиззӣ дар муомилот ба шаклҳои монометаллӣ ва биметаллӣ ҷудо мешавад.

Низоми пулии монометаллӣ (аз калимаҳои юнонии monos – як ва metallon – филиз, металл) сохторест, ки дар он танҳо як намуди филизи ба шакли муайян даровардашуда вазифаи пулро иҷро кардааст. Масалан, асрҳои 3-2 то мелод дар Рими қадим пулҳои аз мис сохташуда истифода шудаанд. Солҳои 1843-1852 дар Русия, 1853-1893 дар Ҳиндустон, 1847-1875 дар Нидерландия ва то соли 1935 дар Хитой тангаҳои нуқрагӣ дар муомилот буданд. Охири асри XIX – аввали асри XX мамлакатҳои пешрафта дар баробари нукра ба муомилот тангаҳои тиллоиро баровардаанд, ки ин боиси пайдоиши низоми пулии биметаллӣ гардид.

Низоми пулии биметаллӣ (аз калимаҳои bis – ду ва metallon – филиз, металл) сохторест, ки дар он вазифаи пулро ду намуди филиз, асосан тиллою нуқра, иҷро мекунанд. Дар чунин ҳолат нархҳо низ бо ду намуди пул муайян карда мешаванд, яъне як намуди мол ҳам нархи тиллоию ҳам нархи нуқрагин дорад, ки савдоро нисбатан мушкил мегардонад.

Низоми пулии биметаллӣ дар навбати худ ба шаклҳои зерин ҷудо мешавад:

– низоми пулии параллелӣ, ки дар он ҳамчун пул ду намуди филиз (асосан тиллою нуқра) истифода шуда, қурби онҳо нисбат ба якдигар мувофиқи талаби бозор ё ба таври дигар дар бозор муайян карда мешавад;

– низоми пулии дугона, ки дар он низ ду намуди филиз истифода мешавад, вале қурби нисбии онҳоро на бозор, балки давлат муайян мекунад. Аз мавзӯъҳои гузашта медонем, ки дар мамлакатҳои аврупоӣ соли 1803 қурби нисбии тиллою нуқра 1:15,5 муайян шуда буд, яъне арзиши як грамм тилло ба арзиши 15,5 гр нуқра баробар буд. Ин таносуб барои муайян намудани нархи молҳо дар бозор истифода мешуд;

– низоми пулии «ланганда», ки дар он тиллою нуқра воситаи қонунии муомилот бошанд ҳам, таносуби аслии қурбҳои он таъмин карда намешавад, зеро ҳукумат истеҳсоли беасоси тангаҳои нуқрагинро барои пӯшонидани харочотҳои худ истифода мебарад.

Зиёд шудани истеҳсоли нуқра ва ноустувор гардидани арзиши он дар асри XIX боиси боз ба низоми пулии монометаллӣ ё тиллоӣ гузаштани мамлакатҳои пешрафта гардид. Низоми пулии монометаллии тиллоӣ солҳои 1816 дар Британиёи Кабир, 1871 дар Олмон, 1873-1875 дар Фаронса, Шветсия, Норвегия, Белгия, Юнон, 1875 дар Ҳоландия, 1892 дар Австрия, 1897 дар Русияю Ҷопон ва 1900 дар ИМА ҷорӣ карда шуд. Сабаби ба истифодаи тилло гузаштани мамлакатҳо зарурати идораи муомилоти пулӣ, таҳти назорат гирифтани та-

варрум, кам кардани харҷи буҷет ва ташкили захираҳои тиллоии кишварҳо буд.

Ин низоми пулӣ низ дар навбати худ ба шаклҳои гуногун тақсим мешавад:

а – стандарти тиллоӣ, ки дар он танҳо тангаҳои тиллоӣ дар муомилот буданд ва ҳар як танга вазни аз ҷониби давлат муайяншуда дошт. Сохторҳои дахлдор бо мақсади роҳ надодан ба бекурбшавии тангаҳои тиллоӣ мувофиқ будани арзиши номиналӣ ва арзиши аслии онҳоро назорат мекарданд. Дар баробари тангаҳои тиллоӣ ҳукуматҳо метавонистанд пулҳои коғазиро бароранд, ки озодона ба миқдори муайяни тилло иваз мешуданд. Масалан, то охири асри XIX бонкҳои ИМА ба ивази долларҳои амрикоӣ миқдори муайяни тилло медоданд.

б – стандарти хишти тиллоӣ. Баъди ҷанги якуми ҷаҳон вазъи молиявии харобшудаи қисми зиёди мамлакатҳо имкон намедод, ки талаботи стандарти тиллоӣ таъмин карда шавад. Акнун ин мамлакатҳо пулҳои коғазиро ба тилло иваз карда наметавонистанд, аз ин рӯ ба стандарти хишти тиллоӣ гузаштанд, ки мувофиқи он барои харидани тилло аз давлат шахси алоҳида бояд миқдори зиёди пулро ҷамъ мекард, зеро тилло танҳо дар намуди хишт, ки вазнаш 12 килло буд, ба пул иваз карда мешуд. Масалан, дар Британиёи Кабир барои як хишти тиллоӣ, ки 12,4 кг вазн дошт 1700 фунт-стерлинг ва дар Фаронса 215 ҳазор франк лозим буд. Бояд зикр кард, ки хишти тиллоии Фаронса

12,7 кг вазн дошт. Дар он давра ҷамъ кардани ҷунин маблағи пул кори хеле мушкил буд.

Стандарти хишти тиллоӣ имкон дод, ки мамлакатҳо захираҳои тиллоии худро зиёд кунанд, вале бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ (соли 1929) ва бад шудани вазъи молиявии кишварҳо боиси даст кашидан аз стандарти хишти тиллоӣ гардид. Ин амал соли 1931 дар Британиёи Кабир, 1933 дар ИМА, 1936 дар Фаронса рӯй дод.

Стандарти шиори тиллоӣ. Мамлакатҳое, ки миқдори зарурии захираҳои тиллоиро надоштанд, истифодаи шиори тиллоиро пеша карданд, ки мувофиқи он ӯҳдадор буданд пулҳои шаҳрвандонашонро ба асъорҳои кишварҳои дигаре, ки стандартҳои тиллоӣ ё хишти тиллоӣ доштанд, иваз намоянд. Ба ин гурӯҳи мамлакатҳо Олмон, Австрия, Дания ва ғайра дохил мешуданд.

Бо мақсади нигоҳ доштани стандарти тиллоӣ гурӯҳи мамлакатҳо *низоми шартномаи Бреттон-Вудро* ташкил намуданд, ки мувофиқи он арзиши асъорҳои мамлакатҳои аъзо ба воситаи доллари ИМА муайян карда мешуд. Азбаски ИМА гарави иваз кардани доллари худро ба тилло дода буд, арзиши тиллоии асъорҳои кишварҳои дигар низ ба воситаи он муайян мешуд. Дар он давра арзиши 1 унсияи тиллоӣ (31,1035 гр) 35 доллар буд, ё ба таври дигар бонкҳо ба ивази 1 доллар 0,88867 гр тилло медоданд.

Ба асъори ҷаҳонӣ мубаддал гаштани доллари ИМА, аз як тараф ва кам шудани захираҳои тиллоии он, аз тарафи дигар, боиси дар соли 1971 даст

кашидани ИМА аз ивази пулҳояш ба тилло гардид, ки ин амал дар навбати худ маънои шикасти низоми Бреттон-Вудиро дошт. Ба ҷойи он соли 1976 низоми пулии Ямайка (аз номи маҳал дар Индонезия) қабул шуд. Мувофиқи он қурби пулҳо нисбат ба якдигар дар бозор муайян мешаванд.

Низоми пулии фидусиарӣ (аз калимаи лотинии fides – имон, боварӣ) низоми пулиест, ки дар он давлат гарави ба тилло иваз намудани пулҳои коғазиро бо қурби муайян намедиҳад. Ин низоми пулии имрӯзаест, ки дар он пулҳои коғазӣ (доллар, евро, сомонӣ), филизӣ (сент, дирам, копейка) ва электронӣ (кортҳои бонкӣ) амал мекунанд.

8.2. Қоидаҳо ва ҷузвҳои низоми пулӣ

Низоми пулӣ ҳамчун ҷамъи ҷузвҳои алоҳида дар асоси қоидаҳо (принсипҳо)-и муайян ташкил ва идора карда мешавад.

Қоидаҳои ташкилу идоракунии низоми пулӣ инҳоянд:

Идораи мутамаркази низоми пулии давлат. Бо мақсади ташкилу танзими дурусти муомилоти пулӣ, давлат низоми пулиашро аз як марказ – бонки марказӣ (миллӣ) идора мекунад. Иҷрои қарорҳои бонки марказӣ (миллӣ) оид ба гардиши пул барои ҳамаи сохторҳои дигари бонкию молиявӣ ҳатмӣ аст.

/– Банақшагирии гардиши пул бо мақсади пешбинии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ. Истифодаи ҳисоботҳои кассавии бонкҳо ва дар асоси онҳо сохтани ҳисоботи кассавии умумичумҳуриявӣ, банақшагирии муомилоти пулии нақдию ғайринақдӣ дар қатори дигар нақшаҳои иқтисодӣ асоси пешбинии макроиқтисодӣ мебошанд ва барои фаъолияти ҳукумат хеле заруранд. Чунин ҳисоботҳо табиати директивӣ (дастурӣ) надошта бошанд ҳам, барои пешбинӣ намудани таваррум, тағйирёбии қурби пули миллӣ, ҳаҷми эмиссия истифода мешаванд. Ба ин гурӯҳ буҷети давлатӣ низ дохил мешавад, ки асоси директивӣ дошта, таъмини иҷрои он аз ҷониби ҳукумату сохторҳои поёниаш ҳатмӣ аст.

/ – Устуворӣ ва эластикии гардиши пул. Амали ин қоида талаб мекунад, ки низоми пулӣ тавре ташкил шавад, ки аз як тараф, ба таваррум роҳ дода нашавад, аз тарафи дигар, дар ҳолати зарурӣ имконияти каму зиёд кардани ҳаҷми пул мавҷуд бошад. Рушди иқтисодиёту зиёд шудани Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ зиёд кардани ҳаҷми пул ва ё тезонидани гардиши онро талаб мекунад ва таъмини иҷрои ин талабот набояд боиси болоравии нарх – таваррум гардад.

/– Асоси қарзӣ доштани эмиссияи пул. Иҷрои ин қоида талаб мекунад, ки эмиссияи (ба муомилот баровардани) пулҳои нақдию ғайринақдӣ аз ҷониби бонкҳо танҳо бо роҳи додани қарз амалӣ

гардад. Баровардани пул аз ҷониби сохторҳои дигар (масалан, хазинадорӣ) ва бо роҳҳои дигар манъ аст.

– Таъмин будани воҳидҳои пулии дар муомилот буда. Давлат воҳидҳои пулии ба муомилот баровардаашро бо захираҳои тиллоию асъорӣ, коғазҳои қиматнок, молу мавод таъмин менамояд, ки маънои дар ҳолати зарурӣ ба ивази воҳидҳои пулӣ додани тиллою асъори хориҷӣ ва молу маводро дорад. Албатта, дар солҳои охир ин қоида моҳияти худро каму беш гум кардааст, зеро воҳидҳои пулии мамлакатҳо пурра таъмин нестанд. Масалан, долларҳои ИМА, ки имрӯз дар муомилотанд, танҳо дар ҳаҷми 20 фоиз таъмин ҳастанду халос.

– Тобеияти бонки марказӣ ба парламент. Мувофиқи қонун мӯҳлати идоракунии давлат аз ҷониби ҳукумат маҳдуд шудааст. Илова ба ин, мӯҳлати фаъолияти ҳукумат ба амали самараноки он оид ба таъмини иҷрои буҷет ва аз ин ҳисоб ҳал намудани барномаҳои иҷтимоию иқтисодии мамлакат вобаста мебошад. Ҳукумат барои дар зери тасарруфи худ нигоҳ доштани бонки марказӣ ҳавасманд аст, зеро дар ҳолати иҷро нашудани қисми даромади буҷет он метавонад аз ҳисоби қарзи бонки марказӣ пулҳои иловагиро ба муомилот бароварда, иҷрои буҷетро таъмин намояд, гарчанде чунин тартиби ҳалли масъала боиси болоравии нархҳо мегардад. Бо мақсади роҳ надодан ба ин гуна амал дар аксари мамлакатҳо бонки марказӣ

дар тобеияти парламент мебошад, ки ҳукумат низ дар назди он ҳисоботдиҳанда аст. Илова ба ин, сиёсати бонки марказӣ метавонад ба сиёсати иқтисодии ҳукумат мувофиқ набошад ва ё зид бошад, зеро он сиёсати худро на танҳо барои таъмини иҷрои вазифаҳои имрӯза, балки барои таъмини босуботи муомилоти пулӣ дар оянда амалӣ менамояд.

– *Додани маблағҳои пулӣ ба ҳукумат танҳо дар шакли қарзӣ.* Агар зарурати додани воситаҳои пулӣ ба ҳукумат пайдо шаваду ҳаҷми муомилоти пулӣ ба ин имкон диҳад, зарур аст, ки ин маблағ танҳо дар шакли қарзӣ ва ё ба таври дигар ба қарз дода шавад. Дар қонунҳои ба фаъолияти бонкӣ дахлдори аксари мамлакатҳо ин амал қайд шудааст, зеро додани маблағҳои пулӣ ба ҳукумат боиси таваррум мегардад. Ҳукумат бояд харочоти худро аз ҳисоби ҷамъоварии пурраи андозҳо пӯшонад.

– *Истифодаи пурраи фишангҳои танзимкунандаи муомилоти пулию қарзӣ.* Моҳияти ин принсип дар зарурати истифодаи ҳамаи фишангҳои танзимкунандаи муомилоти пулию қарзӣ* ифода меёбад, зеро истифодаи яке аз онҳо мумкин аст натиҷаи дилхоҳ надиҳад.

*Фишангҳои танзими муомилоти пулию қарзӣ, ки ба воситаи онҳо бонки марказӣ ҳаҷми пулро дар чорчӯбаи муайян нигоҳ медорад, инҳоянд: каму зиёд кардани фоизи қарзӣ, дигар кардани меъёри захираҳои ҳатмии бонкҳои ти-

ҷоратӣ, маҳдуд кардани амалиётҳои бонкҳои тиҷоратӣ, дигар кардани меъёрҳои бонкӣ ва ғайра.

– *Назорати гардиши пул.* Давлат ба воситаи сохторҳои бонкӣ, молиявӣ, андоз ва ғайра гардиши пул ва иҷрои интизоми кассавиро таҳти назорат мегирад. Мақсади ин назорат таъмини самаранокии муомилоти пулӣ мебошад.

– *Таъмини ягонагии истифодаи пули миллӣ дар қаламрави мамлакат.* Ҳар як мамлакат дар қаламрави худ истифодаи ягонаи пули миллиашро қонунан муайян кардааст. Ин маънои онро дорад, ки истифодаи пулҳои кишварҳои дигар дар хариду фурӯш ва додани ҳаққи хизматрасонӣ ғайриқонунӣ аст. Одамон метавонанд асъорҳои хориҷиро бо пули миллии кишвари худ бихаранд ва ё асъорҳои доштаашонро фурӯшанд, дар суратҳисобҳои бонкиашон нигоҳ доранд ва ҳангоми сафар ба кишварҳои дигар истифода баранд.

Таъмини риояи қоидаҳои ташкилу танзими низоми пулӣ имкон медиҳад, ки он ба талаботи замон ва сиёсати давлат ҷавобгӯй бошад.

Тавре ки дар аввали мавзӯъ зикр намудем, низоми пулӣ аз ҷузвҳои алоҳида иборат аст, ки ташкили дурусти онҳо дар якҷоягӣ гарави самаранокии низоми пулӣ мебошад. Ин ҷузвҳо чунинанд:

– *Номи воҳиди пулӣ.* Дар қисми зиёди кишварҳо номи пули миллиашон таърихан муайян шудааст. Масалан, номи рубли Русия аз замонҳои қадим омадааст ва то ба имрӯз вуҷуд дорад. Дар давраҳои алоҳида сарварони давлат метавонанд ба пули миллиашон номи диғар диҳанд. Масалан, ҳангоми ба қудрат омадани Наполеон дар Фаронса пулро «наполеондор» номиданд, вале баъдан он иваз карда шуд.

– *Тартиби таъмини воҳидҳои пулӣ.* Ҳар як давлат қонунан тартиби таъмини воҳидҳои пулии дар муомилот будаашро муайян менамояд. Дар давраи ҳозира аслан захираҳои зерини давлату бонкҳо барои таъмини воҳидҳои пулӣ истифода мешаванд: захираҳои молӣ, тиллоӣ ва филизҳои дигари қиматбаҳо, асъорҳои дар бозори ҷаҳонӣ озод табдилшаванда, коғазҳои қиматнок, гаравномаи ҳукумат, бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ. Бонки марказӣ, ки пулро танҳо бо роҳи қарздиҳӣ ба ҳукумату бонкҳои тиҷоратӣ ба муомилот мебарорад, ҳангоми иҷрои ин амал аз онҳо гаравро дар шакли коғазҳои қиматнок талаб мекунад.

– *Механизми эмиссонӣ.* Ин тартиби ба муомилот баровардану аз муомилот гирифтани пули миллӣ аст, ки мувофиқи дастурамалҳои бонки марказӣ амалӣ мегардад. Ба муомилот баровардани пулҳои ғайринақдӣ аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ бо роҳи додани қарз ба мизоҷон ва пулҳои нақд аз ҷониби бонки марказӣ бо роҳи додани онҳо ба

бонкҳои тиҷоратӣ ва ё хариди асъори хориҷӣ, қоғазҳои қиматноку филизҳои қиматбаҳо аз бозор таъмин карда мешавад. Баргардонидани қарзҳои додашуда ва фурӯши асъору когазҳои қиматнок боиси аз муомилот гирифтани пул мегардад.

– Сохтори ҳаҷми пули дар муомилот буда. Барои таъмини дурусти муомилот ба пулҳои нақдию ғайринақдӣ, инчунин воҳидҳои пулии арзишашон гуногун омӯхтан ва донистани талаботи бозор ба онҳо зарур аст, зеро нарасидани пулҳои нақдӣ, ғайринақдӣ ва ё воҳидҳои пулии алоҳида (масалан 1 сомонӣ) метавонад боиси овозаҳо ва паст шудани қурби он гардад. Сохтори ҳаҷми пули дар муомилот буда аз таносуби байни пулҳои ғайринақдию нақдӣ (масалан, 70:30*), инчунин таносуби байни воҳидҳои алоҳидаи пулӣ** иборат аст.

*70:30 – яъне аз ҳаҷми умумии пулҳои дар муомилот буда 70 фоизаш пулҳои ғайринақдӣ ва 30 фоизаш пулҳои нақдӣ аст.

**Таносуби байни воҳидҳои пулии гуногун дар муомилот маънои ҳиссаи воҳидҳои пулии алоҳида дар ҳаҷми умумии пулҳои нақдро дорад. Масалан, барои таъмини дурусти талаботи муомилот ба воҳидҳои пулӣ зарур аст, ки дар он 100 сомониҳо 8 фоиз, 50 сомониҳо 13 фоиз, 20 сомониҳо 15 фоиз, 10 сомониҳо 19 фоиз, 5 сомониҳо 16 фоиз, 1 сомониҳо 18 фоиз ва дирамҳо 11 фоиз бошад.

–Банақшагирии гардиши пул бо мақсади пешбинии вазъи иқтисодии кишвар. Зарурати кам кардани таъсири манфии ҳаҷми пул (каму

зиёдшавии он) ба таварруму нишондиҳандаҳои дигари иқтисодӣ банақшагирии гардиши пулро талаб мекунад. Нақшаи гардиши кассавӣ, муайян намудани сохтори асосноки ҳаҷми пули дар муомилот буда ва гайра имкон медиҳанд, ки нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар чорчӯбаи барномаи иқтисодии мамлакат нигоҳ дошта шаванд.

– Механизми танзими муомилоти пулию қарзӣ. Ҷамъи воситаҳои идоракунии муомилоти пулию қарзӣ, ба монанди каму зиёдкунии фоизи қарз, қабули меъёрҳою назорати риояи онҳо аз ҷониби бонки марказӣ, маҳдудкунии ҳаҷми қарз ва ғайра дар якҷоягӣ механизми танзими муомилоти пулию қарзиро ташкил медиҳад. Ба он инчунин ҳуқуқу ӯҳдадориҳои сохторҳои танзимкунандаи муомилоти пулию қарзӣ, вазифаҳою доираи амали онҳо дохил мешавад.

– Тартиби муайян намудани қурби пули миллӣ. Қурби пули миллӣ маънои таносуби он ба асъорҳои дигарро дорад. Масалан, 1 сомонӣ баробар ба 0,29 доллари ИМА. Тавре ки дар аввали мавзӯъ зикр намудем, дар аксари мамлакатҳо тартиби бозории муайянкунии қурби пули миллӣ вуҷуд дорад. Дар Тоҷикистон низ қурби сомонӣ дар бозор озодона муайян мешавад.

– Риояи тартиботи кассавӣ дар хоҷагии халқ. Тартиботи кассавӣ ин маҷмӯъи қоидаҳои истифода ва назорати гардиши пул ба воситаи

касса аст, ки аз ҷониби бонки марказӣ муайян шуда, барои ҳамаи корхонаю ташкилотҳо ҳатмист. Бонки марказӣ инчунин намуду шакли ҳуҷҷатҳои дар амалиётҳои кассавӣ истифодашавандаро муайян менамояд.

Азбаски бонки марказӣ бо корхонаю ташкилотҳо муносибати бевосита надорад, назорати риояи тартиботи кассавӣ вазифаи бонкҳои тиҷоратӣ мебошад.

8.3. Низоми пулии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи талаби Сарқонун (Конститутсия)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми пулии кишвар аз ҷониби Президенти он муайян карда мешавад.

Низоми пулии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷузвҳои зерин иборат аст:

– Номи воҳиди пулӣ. Дар давлатҳои пешинаи тоҷикон асосан номҳои «динор», «дирам», «фулус», «рубл» (ҳангоми дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ будани кишварамон), «рубли тоҷикӣ» (солҳои 1995-2000) истифода шудаанд. Пули миллии ҳозира – «сомонӣ» аз моҳи октябри соли 2000 дар муомилот буда, бахшида ба 1100-солагии давлати Сомониён ва дар асоси қарори комиссияи давлатӣ (соли 1992) номгузорӣ шудааст. Мувофиқи талаботи қонун «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» сомонӣ воҳиди ягонаи пулии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

– *Тартиби таъмин намудани воҳидҳои пулӣ.* Воҳидҳои пулии дар муомилот буда бо захираҳои молӣ, тиллоӣ, филизҳои қиматбаҳо, коғазҳои қиматнок ва асъорҳои озод табдилшавандаи Бонки миллӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъминанд. Дар ҳолати пайдо шудани зарурати қарздиҳӣ ба ҳукумат Бонки миллии Тоҷикистон гарави онро дар шакли коғазҳои қиматнок талаб мекунад, яъне ин гуна қарзҳо бо коғазҳои қиматнок таъмин мебошанд.

– *Механизми эмиссионӣ.* Бонки миллии Тоҷикистон ягона сохтори эмиссионии мамлакат мебошад. Танҳо ҳамин сохтор ҳуқуқи чоп, ба муомилот баровардану аз муомилот гирифтани воҳидҳои пули миллиро дорад. Ин талаби Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» буда, иҷрои он аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон таъмин карда мешавад.

Тартиби ба муомилот баровардану аз муомилот гирифтани сомонию дирам мувофиқи дастурамалҳои Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

– *Сохтори ҳаҷми пули дар муомилот буда.* Сохтори зарурии пулҳои миллии дар муомилот буда аз ҷониби идораи амалиёти кассавии Бонки миллии Тоҷикистон таъмин карда мешавад. Дар асоси таҷрибаи чандинсола кормандони идора сохтори пулҳои нақдию ғайринақдӣ ва воҳидҳои алоҳидаи сомонию дирамро барои таъмини дурус-

ти муомилоти молӣ муайян намудаанд ва риояи онро таъмин менамоянд.

– *Банақшагирии гардиши пул бо мақсади пешбинии вазъи иқтисодии кишвар!* Идораи амалиёти кассавии Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси маълумоти аз бонкҳои тиҷоратӣ гирифта нақшаи гардиши кассавиро тартиб медиҳад, ки барои муайян намудани сохтори асосноки ҳаҷми пули дар муомилотбуда ва таъмини иҷрои нишондиҳандаҳои дар барномаи иқтисодии мамлакат пешбинишуда зарур аст.

– *Механизми танзими муомилоти пулию қарзӣ.* Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси талаби қонунҳо оид ба Бонки миллии Тоҷикистон ва бонкҳою фаъолияти бонкӣ воситаҳои зерини идоракунии муомилоти пулию қарзиро, ба монанди каму зиёдкунии фоизи қарз, қабули меъёрҳою назорати риояи онҳо, маҳдудкунии ҳаҷми қарз ва ғайра истифода мебарад.

– *Тартиби муайян намудани қурби пули миллӣ.* Аз чанд тартиби муайян намудани қурби пули миллӣ (нисбат ба асъори алоҳида, масалан, евро; нисбат ба сабади асъорҳо, қурби озод шинокунанда ва ғайра) Бонки миллии Тоҷикистон роҳи дар бозори озод муайян намудани қурби сомониро нисбат ба доллари амрикоӣ интихоб намудааст. Ин қурб шинокунанда аст, ки маънои ба тақозои қонуни талаботу пешниҳод дигар шудани онро дорад;

яъне он метавонад пайваста, ҳатто дар давоми як соат чандин маротиба дигар шавад. Аз аввали воридоти сомонӣ ба муомилот (30 октябри соли 2000) то аввали соли 2008 қурби он аз 2,2 то ба 3,46 сомонӣ барои як доллар поён рафтааст.

– *Риояи тартиботи кассавӣ дар хоҷагии халқ.* Қоидаҳои истифода ва назорати гардиши пул ба воситаи касса дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби идораи амалиёти кассавии Бонки миллии Тоҷикистон муайян шудааст.

Хулоса, мақсади ташкили дурусти низоми пулӣ роҳ надодан ба болоравии нархҳо дар бозор ё дар сатҳи муайян нигоҳ доштани таваррум аст.

Мавзӯи 9

ТАВАРРУМ ВА ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШИ ОН

9.1. Мафҳуми таваррум

Болоравии нархҳо, ки ба зиёдшавии ҳаҷми пулу пастравии қобилияти харидории он, афзоиши арзиши аслии молҳою хизматрасонӣ ва омилҳои дигар асос меёбад, *таваррум (инфлятсия)* ном дорад.

Мафҳуми *инфлятсия* (аз калимаи лотинии inflatio – варам кардан ва арабишудаи он – *таваррум*, яъне варам кардан, ки акнун дар забони тоҷикии имрӯза ба ҷои калимаи инфлятсия истифода мешавад)* бори аввал аз ҷониби иқтисоддони амрикоӣ А. Делмар истифода шудааст, ки сабабаш чунин буд. Ҷанги шаҳрвандӣ дар ИМА (солҳои 1861-1865) боиси зиёд шудани харочотҳои ҳарбӣ ва касри буҷет гардид. Зарурати пӯшонидани касри буҷет ҳукуматро маҷбур сохт, то миқдори зиёди

бонкнотаю пулҳои хазинадориро ба муомилот барорад. Азбаски ҳукумат гарави ба тангаҳои тиллоӣ иваз намудани онҳоро дода наметавонист, ин амал боиси болоравии нархҳо – таваррум гардид.

*Сабаби истифодаи ин мафҳум боварии ҳама ба асоси пулӣ доштани болоравии нархҳо буд. Гумон мерафт, ки танҳо зиёд шудани ҳаҷми пул дар муомилот ё ба таври дигар, варам кардани муомилоти пулӣ боиси болоравии нархҳо мегардад. Аммо баъдан маълум шуд, ки зиёдшавии ҳаҷми пул заминаи ягонаи болоравии нархҳо набудааст.

Омӯзиши муомилоти молию пулӣ нишон медиҳад, ки таваррум таърихи тӯлонӣ дошта, аз ҷониби ҳукуматдорон чун як воситаи андозбандии иловагии одамон истифода шудааст. Масалан, дар Юнони қадим (асри VI то милод) ҳукуматдорон барои ба даст овардани даромади иловагӣ тангаҳои зиёди камвазну камарзишро ба муомилот баровардand, ки сабаби болоравии нархҳо гардид. Чунин амал аз ҷониби императорони Рими қадим низ истифода шудааст.

Дар асрҳои миёна аз ҷониби ҳукуматдорон ба муомилот баровардани танғаҳои камарзиши мисин ба ҷойи тангаҳои нукрагину тиллоӣ боиси болоравии нархҳо ва касод шудани соҳибкорон мегардид. Чунин амал асрҳои XVI-XVIII аз ҷониби ҳукуматдорони Русия васеъ истифода шудааст. Масалан, дар давраи шоҳигарии Алексей Михайлович (солҳои 1654-1662) тангаҳои мисини камарзиш ба маблағи 20 млн. рубл ба муомилот бароварда шуд.

Мувофиқи талаби қонуни муомилоти пулӣ зарур аст, ки арзиши номиналии тангаҳо ба арзиши аслии онҳо баробар бошад, вале ҳукуматдорон талаби ин қонунро ба инобат нагирифта, тангаҳоеро ба муомилот баровардаанд, ки арзиши аслиашон аз арзиши номиналиашон даҳҳо маротиба камтар буд. Аз як фунт мис (453,59 гр), ки нархи бозориаш 12 копеек буд, тангаҳои арзиши умумиашон 10 рубл ё 1000 копеекро истеҳсол карда, ба муомилот баровардаанд. Барориши пулҳои камарзиш дере нагузашта боиси пастшавии қурби онҳо, болоравии нархҳо, касодшавии ҳунармандону норозигии омма аз ҳукуматдорон гардид. 22 июли соли 1662 мардум ба шӯриш бархост, ки он дар таърих бо номи «ошӯби мисин» маълум аст. Шоҳ бо истифодаи ҳарбиён шӯришро пахш карда бошад ҳам, вале маҷбур шуд, ки барои бартараф кардани таваррум чораҳои зарурӣ андешад.

То аввали асри XX таваррум танҳо дар қисме аз мамлакатҳо мушоҳида шуда, асосан хоси давраи ҷанг ва баркароркунии баъдиҷангӣ буд. Масалан, болоравии нархҳо – таваррум дар давраи Инқилоби бузурги Фаронса (солҳои 1789-1791), ҳангоми ҷанг бо Наполеон (аввали асри XIX) дар Британиёи Кабир мушоҳида шудааст. Дар он замон таваррум хусусияти муваққатӣ ва гузаранда дошт.

Баъди ҷанги якуми ҷаҳон олимону иқтисоддонҳо ба омӯзиши таваррум ба таври ҷиддӣ машғул шуданд, зеро дар ин давра иқтисодиёти бисёр мамлакатҳо ба гиперинфлятсия дучор омад. Масалан, дар мамлакати Олмон соли 1923 қурби маркаҳои

чопи соли 1918 то ба дараҷае поён рафт, ки дар миёни мардум чунин гуфторе пайдо шуд: «танӯрро бо пулҳои коғазӣ тафсонидан арзонтар аз он аст, ки бо ин миқдори пул ҳезум бихарӣ» (34,9).

Иқтисодиёти дар натиҷаи ҷанг харобгашта ва касодии буҷет қисми зиёди мамлакатҳоро маҷбур сохт, ки пайи ҳам аз низоми стандарти тиллоӣ, ки ягона воситаи дар чорчӯбаи муайян нигоҳ доштани таваррум буд, даст кашанд. Аз ин баъд таваррум хусусияти доимӣ гирифт. Акнун он хоси иқтисодиёти ҳамаи мамлакатҳо гардид.

Шикасти Иттиҳоди Шӯравӣ ва вайрон шудани механизми ягонаи хоҷагидорию муносибатҳои иқтисодии байни ҷумҳуриҳо боиси бӯҳрони сахти иқтисодӣ ва таваррум дар ҷумҳуриҳои тозаистиқлол гардид. Дар Тоҷикистон нархи молҳо солҳои 1990-1996 то ба 2000 фоизи солона боло рафт. Танҳо баъди ворид кардани рубли тоҷикӣ (10 майи соли 1995) ва татбиқи сиёсати дурусти пулию қарзӣ ҳукумат тавонист таваррумро дар чорчӯбаи муайян нигоҳ дорад.

Дар адабиёти илми иқтисодӣ оид ба манфиату зарарҳои таваррум ақидаҳо гуногун аст. Ҳама бовар доранд, ки таварруми баланд барои иқтисодиёту тиҷорат зараровар аст, вале таваррум то сатҳи муайян метавонад боиси пешравии иқтисодиёт гардад. Аз тарафи дигар, вобаста ба қиматшавии табиии арзиши аслии ашёи хом нархи молҳо боло меравад. Аз ин рӯ, қисме аз мамлакатҳо дидаю дониста то сатҳи муайян ба таваррум роҳ медиҳанд. Масалан, дар мамлакатҳои пешрафтаи ҷа-

ҳон, аз он ҷумла ИМА, Британиёи Кабир, Фаронсаю Олмон таваррум соле 2-4 фоизро ташкил медиҳад. Дар мамлакатҳои иқтисодиёташон қафомонда он баландтар аст.

Дар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ таваррум 10-15 фоизро ташкил медиҳад. Ҳукумати Тоҷикистон дар барномаи иқтисодии худ барои соли 2008 таварруми солонаро 8 фоиз пешбинӣ кардааст. Аз ин кам кардани таваррум метавонад боиси сустшавии пешрафти иқтисодиёт гардад, зеро, аз як тараф, қиматшавии табиии арзиши аслии ашёи хом молистеҳсолкунандагонро маҷбур месозад, ки нархи молҳояшонро боло бардоранд, аз тарафи дигар, пайвастани иқтисодиёти Тоҷикистон ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва манфиатовар шудани фурӯши молҳо дар бозорҳои берунӣ боиси болоравии табиии нархҳои дохилӣ мегардад

Ҳамин тавр, ҳар як мамлакат, аз он ҷумла Тоҷикистон, бо истифодаи фишангҳои иқтисодӣ таваррумро дар чорчӯбаи муайян нигоҳ медорад. Манфиати одамони алоҳида бо роҳи аз ҷониби вазири молия дар аввали ҳар сол эълон кардани сатҳи таваррум ва истифодаи ин маълумот ҳангоми бастани шартнома байни коргарону кордиҳандагон таъмин карда мешавад. Масалан, агар дар барномаи иқтисодии ҳукумат барои соли оянда таваррум 8 фоиз пешбинӣ шуда бошад, роҳбари корхонаро зарур аст, ки дар шартномаи бо коргар басташуда музди меҳнати онро 8 фоиз зиёд намояд. Ин талаб инчунин ҳангоми бастани шартномаҳо барои иҷораи бино,* нақлиёт ва ғайра истифода

мешавад. Дар қисме аз мамлакатҳо ин талаботи қонунӣ буда, дар қисми дигар он бо ёрии иттифоқҳои касаба ва хабардор кардани шаҳрвандон таъмин карда мешавад.

*Масалан, соли 2002 Сафорати Тоҷикистон дар Шоҳигарии Белгия бо шаҳрванди Белгия, ҷаноби Ван ден Бош (Van den Bosch) оид ба иҷораи бино барои сафорат шартнома баст, ки дар он вобаста ба таваррум зиёд кардани маблағи иҷорапулӣ (2100 евро дар як моҳ) қайд шудааст. Охири сол ҷаноби Ван ден Бош дар мактуби худ аз сафорат талаб кард, ки иҷорапулӣ то ба 2128,14 евро зиёд карда шавад, зеро соли 2002 таваррум дар Шоҳигарии Белгия 1,0134 фоизро ташкил додааст.

Мавҷуд будани таваррум маънои болоравии нархи ҳамаи молу хизматрасониҳоро надорад. Сатҳи болоравии нархҳо – таваррум ба ҳисоби миёна муайян карда мешавад. Дар ин давра мумкин аст нархи қисме аз молҳо ё намудҳои хизматрасонӣ поён рафта бошад. Масалан, соли 2002 дар Тоҷикистон нархҳои телевизор, магнитофон ва дигар лавозимоти электронии истеҳсоли хориҷӣ нисбатан арзон шуд, ки ба зиёд шудани воридоти ин намуди молҳо аз хориҷи кишвар ва ташкили истеҳсоли телевизорҳо дар заводи «Фонон»-и шаҳри Душанбе вобаста буд.

9.2. Тартиби ченкунии таваррум

Таваррум бо роҳи муқоиса намудани нархи намудҳои аз ҷониби ҳукумат интихобшудаи молу

хизматрасониҳо дар давраҳои гуногун муайян карда мешавад. Ба таври дигар, нархҳои имрӯзаи молу хизматрасониҳоро ба нархҳои онҳо дар давраи гузашта (аслан аввали моҳ, семоҳа, нимсола, сол) нисбат дода, сатҳи миёнаи болоравии онҳоро муайян менамоянд. Масалан, дар соли 2007 нархҳо 19,7 фоиз боло рафтанд ё ба таври дигар, таваррум 19,7 фоизро ташкил дод. Албатта, барои дуруст муайян намудани сатҳи таваррум зарур аст, ки молу хизматрасониҳои интихобшуда сифат, хусусияту моҳияти якхела дошта бошанд.

Ҳангоми муайян намудани таваррум *намояи нархҳои истеъмолӣ* истифода мешавад. Нархҳои истеъмолӣ гуфта нархҳои молу хизматрасониҳои дар *сабади истеъмолкунанда* ҷойдода дар назар дошта шудааст. Ба сабади истеъмолкунанда гурӯҳи молу хизматрасониҳое ворид карда мешавад, ки барои зиндагии шахси алоҳида аз рӯи стандарти минималӣ зарур мебошанд.

Муқоисаи нархи сабади истеъмолкунанда нисбат ба он дар давраи гузашта сатҳи болоравии нархҳоро нишон медиҳад.

$$\text{Индекси нархҳои истеъмолӣ} = \frac{\text{Нархи сабади истеъмолкунанда дар охири соли ҷорӣ}}{\text{Нархи сабади истеъмолкунанда дар охири соли гузашта}} \times 100\ \%$$

Албатта, намояи нархҳои истеъмолиро натанҳо барои як сол, балки барои як моҳ, семоҳа, нимсола ва мӯҳлатҳои дигар бо роҳи муқоиса намудани нархи сабади истеъмолкунанда нисбат ба он дар давраи гузашта муайян намудан мумкин аст.

Асосан, ҳукумат намояи нархҳои истеъмолиро охири ҳар моҳ нисбат ба моҳи гузашта ва аввали сол муайян менамояд.

Ба сабади истеъмолкунанда ҳар чӣ зиёдтар ворид кардани намудҳои гуногуни молу хизматрасониҳо имкон медиҳад, ки таваррум дақиқтар муайян карда шавад. Масалан, дар ИМА сабади истеъмолкунанда аз садҳо намуди молу хизматрасониҳо иборат аст. Дар Русия мувофиқи низоми маи ҳукумат ба сабади истеъмолкунанда 58 намуди молу хизматрасониҳо ворид шудааст, аз он ҷумла 31 номгӯйи маҳсулоти хӯрокворӣ: орд, биринҷ, гӯшти гов, мурғ, моҳӣ, меваи тоза ва гайраҳо; 6 намуди молҳои истифодаи шахсии ғайриистеъмолӣ: либосҳои таг, курта, костюм, палто; 14 намуди молҳои истифодаи умумиоилавӣ, ба монанди хокаи дандоншӯӣ, хокаҳои либосшӯию хонатозакунӣ, доруҳо, косаю табақ; 7 намуди хизматрасониҳои коммуналӣ, нақлиётӣ ва ғайра.

Дар Тоҷикистон муайян намудани намояи нархҳои истеъмолӣ вазифаи Кумитаи давлатии омор мебошад. Охири ҳар моҳ идораю шӯъбаҳои он дар шаҳру ноҳияҳо маълумоти заруриро оид ба нархҳои молу хизматрасониҳо ҷамъ намуда, ба кумита мефиристанд. Дар асоси ин маълумотҳо кормандони кумита нархи сабади истеъмолкунанда, намояи нархҳои истеъмолӣ ва сатҳи таваррумро (намояи нархҳои истеъмолӣ – 100) муайян менамоянд. Аввали ҳар моҳ Кумитаи давлатии омор оид ба сатҳи таваррум ба ҳукумат ҳисобот медиҳад. Ҳукумат дар навбати худ ба воситаи Бонки миллии Тоҷи-

кистон ва истифодаи фишангҳои дигари иқтисодӣ барои нигоҳ доштани таваррум дар чорчӯбаи бароямаш зарурӣ чораҳо меандешад.

9.3. Заминаҳои пайдоиши таваррум

Дар даврaҳои аввали пайдоиши таваррум ҳама бовар доштанд, ки заминаи он зиёд шудани ҳаҷми пул дар муомилот аст, вале дар миёнаҳои асри XX баъди хусусияти доимӣ гирифтани таваррум олимон ба хулоса омаданд, ки омилҳои дигари болоравии нархҳо низ мавҷуданд.

Дар адабиёти илмӣ заминаҳои пайдоиши таваррум ба ду гурӯҳ ҷудо шудааст: *дохилӣ* ва *берунӣ*.

Заминаҳои дохилӣ дар навбати худ аз заминаҳои монетарӣ, яъне вобаста ба ташкили муомилоти пулӣ ва ғайримонетарӣ иборатанд.

Барои омӯзиши таъсири заминаҳои монетарӣ ба таваррум моро зарур аст, ки ба қонуни муомилоти пулӣ рӯй оварда, дар асоси он сатҳи нархҳо ва омилҳои ба он таъсиррасонандаро муайян намоем.

$$\mathbf{Н = Мп \times Сгп / Мм}$$

Аз формулаи болоӣ бармеояд, ки агар ҳаҷми пул (**Мп**) вобаста ба суръати гардиши он (**Сгп**) аз талаботи муомилоти молӣ (**Мм**) зиёд бошад, он

боиси болоравии нархҳо (**Н**) мегардад. Ҳамин тариқ, заминаҳои монетарӣ – ҳаҷм ё миқдори пул (**Мп**) ва суръати гардиши пул (**Сгп**) дар ҳолати зиёд шудан боиси таваррум мегарданд. Бояд ба инобат гирифт, ки баланд шудани суръати гардиши пул (**Сгп**) маънои зиёд шудани ҳаҷми пулро дорад.

Дар мамлакатҳои иқтисодиёташон сусттараққикардаю сиёсати пулиашон ноустувор пайдоиши таваррумӣ ночиз (1-2 фоиз) метавонад боиси дар муддати кӯтоҳ боло рафтани он гардад, ҳол он ки дар иқтисодиёти имрӯзаи мамлакатҳои пешрафта таваррум дар сатҳи 1-2 фоиз хусусияти доимӣ дорад.

Сабаб ин аст, ки мардуми мамлакатҳои қафомонда ба сиёсати иқтисодӣ ва имкониятҳои ҳукумат оид ба пешгирӣ кардани болоравии нархҳо боварии пурра надоранд. Бинобар ин, ҳангоми болоравии нархҳо мардум ҳар чи тезтар пулҳои доштаашонро барои хариди молҳо, хусусан амвол сарф мекунанд, ки он боиси зиёд шудани ҳаҷми пул дар муомилоту болоравии нархҳо мегардад. Аз тарафи дигар, мардум аз тарси беқурб шудани амонатҳояшон онҳоро аз бонкҳои тиҷоратӣ гирифта, барои хариди мол сарф карданӣ мешаванд ва бонкҳо амонатҳоро дарҳол баргардонида наметавонанд, зеро онҳоро ба қарз додаанд. Ин нобоварии мардумро нисбат ба сиёсати иқтисодии ҳукумат дучанд мекунад. Дар аксари ҳолатҳо ҳукуматдорон барои қонеъ гардонидани талабҳои мардум ба бонкҳо аз ҳисоби эмиссияи пул қарз медиҳанд, ки

ин амал низ боиси боз ҳам зиёд шудани ҳаҷми пул ва афзоиши суръати болоравии нархҳо мегардад.

Сабабҳои дигари зиёд шудани ҳаҷми пул дар муомилот, ки боиси таваррум мегарданд, инҳоянд:

– эмиссияи пул аз ҷониби бонки марказӣ барои пӯшонидани касри буҷет;

– маҳдуд кардани мустақилияти бонки марказӣ аз ҷониби ҳукумат;

– зиёд шудани пулҳои қарзӣ дар натиҷаи кам кардани меъёри захираҳои ҳатмӣ* ва аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ бебаркаш додани қарз;

*Меъёри захираҳои ҳатмӣ нишондиҳандаест, ки аз ҷониби бонки марказӣ барои бонкҳои тиҷоратӣ муқаррар шудааст. Мувофиқи он бонкҳои тиҷоратиро зарур аст, ки қисми муайяни маблағҳои дар ҳисобҳои мизоҷонашон бударо дар ҳисоби алоҳидаи бонки марказӣ нигоҳ доранд. Бонки марказӣ метавонад фоизи захираҳои ҳатмиро кам ва бо ин роҳ ҳаҷми пули дар муомилот бударо зиёд намояд.

– зиёд шудани сармоягузории дохилӣ дар натиҷаи манфиатовар шудани истеҳсоли ягон намуди мол, ки боиси номутаносибии пешрафти иқтисодиёту кам шудани истеҳсоли маҳсулотҳои дигар* ва боло рафтани нархи онҳо мегардад;

*Ин амал хусусан дар солҳои аввали истиқлолияти Тоҷикистон ба назар мерасид. Нархи баланди картошкаро ба инобат гирифта, аксари мардум картошка мекориданд, дар натиҷа соли дигар бозорҳо аз картошка пур шуда, нархи он поён мерафт, вале нархи маҳсулотҳои дигар (масалан, помидор) боло мерафт. Соли оянда аксари мардум ба истеҳсоли помидор машғул мешуданд, ки он боиси зиёд шудани

помидору паст рафтани нархи он меғардид. Азбаски картошка кам истеҳсол шудааст, нархи он боло мерафт ва ғайра.

– суръати баланди зиёдшавии маоши кормандон нисбат ба болоравии ҳосилнокии меҳнати онҳо дар секторҳои давлатӣ.

Ба гурӯҳи заминаҳои ғайримонетарии таваррум инҳо дохил мешаванд:

– риоя накардани таносуби пешрафти соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт. Масалан, суръати баланди пешрафти саноати вазнин нисбат ба дигар соҳаҳо боиси зиёд шудани музди меҳнати кормандони онҳо мегардад. Дар натиҷа ҳаҷми пул дар муомилот ва вобаста ба он талабот ба мол зиёд мешавад. Ҳаҷми молҳо бошад, бетағйир мемонад, зеро корхонаҳои саноати вазнин бевосита молҳои истифодаи мардумро истеҳсол намекунанд;

– равнақ додани соҳаҳои ҳарбӣ. Ин соҳаҳо пурра ва бебозгашт аз ҳисоби буҷет маблағгузорӣ мешаванд. Зиёд шудани харочотҳои ҳарбии буҷет барои додани музди меҳнати ҳарбиён, пӯшонидани харочотҳои заводу фабрикаҳои истеҳсолкунандаи молҳои ҳарбӣ ва ғайра боиси зиёд шудани ҳаҷми пул ва болоравии нархҳо мегардад;

– инҳисор (монополизатсия)-и соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт. Онҳое, ки ба шарофати нуфуза-

шон дар ҳукумат соҳаҳои алоҳидаро монополия кардаанд, имкон доранд нархҳоро бо дарназардошти манфиатҳои худ муайян намоянд. Масалан, Ширкати ҳавоии «Тоҷикистон» ягона ширкати мусофиркаш байни Тоҷикистону мамлакатҳои дигар буда, мустақилона нархи чиптахояшро муайян мекунад. Дар натиҷа, новобаста аз сифати пасти хизматрасонӣ ва кӯҳнагии ҳавопаймоҳо нархҳо хеле баланданд. Ба болои он ширкат нархҳоро пайваста боло* мебарад.

*Соли 2003 арзиши чиптаи Душанбе – Маскав 525 сомонӣ буд, ҳол он ки ширкатҳои русиягӣ тайёр буданд ҳангоми гирифтани иҷозати парвоз дар роҳи ҳавоии Душанбе – Маскав арзиши чиптаро 300 сомонӣ муқаррар намоянд.

– хатоиҳо дар ташаккули буҷет, андозбандӣ ва сиёсати пулию қарзӣ. Агар буҷет нодуруст ба нақша гирифта шавад, ҳангоми иҷрои он пӯшонидани харочот аз ҳисоби даромадҳо ғайриимкон мегардад ва ҳукумат маҷбур мешавад ё қарзи хориҷӣ гирад ва ё бо эмиссияи пул касри буҷетро пӯшонад. Дар ҳар ду ҳолат ҳам ҳаҷми пул дар муомилот зиёд шуда, барои таваррум замина мегузорад.

Заминаҳои берунӣ. Азбаски ҳар як кишвар бо мамлакатҳои дигар муносибатҳои зичи молию пулӣ дорад, дар баробари заминаҳои дохилӣ заминаҳои берунии таваррум низ мавҷуданд. Вобаста ба фаъолияти берунииқтисодии кишвар *заминаҳои берунӣ* ба сатҳи таваррум таъсири гуногун мерасо-

нанд. Ба гурӯҳи заминаҳои берунӣ инҳо дохил мешаванд:

– вориди барзиёди асъори хориҷӣ ба кишвар. Дар ин ҳолат бонки марказӣ маҷбур мешавад, ки миқдори асъори аз талаботи муомилот зиёдатиро бо пули миллӣ бихарад, яъне ба ивази он ба муомилот пули миллӣ* барорад. Ин амал метавонад боиси зиёд шудани ҳаҷми пул ва болоравии нархҳо гардад;

*Дар ҳолати сари вақт аз муомилот нагирифтани миқдори асъори аз талабот зиёдатӣ он боиси бекурбшавии асъори хориҷӣ ва зараровар шудани фурӯши молҳои дохилӣ дар хориҷи кишвар мегардад. Аз ин рӯ, ҳукуматҳои кишварҳои хориҷӣ (масалан, Ҷопон, Чин ва ғайра) бо роҳи хариди асъори воридшуда устувории арзиши асъори миллӣ ва самаранокии савдои хориҷиро таъмин менамоянд.

– беқурб шудани пули миллӣ. Ин амал боиси боло рафтани нархи молҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда гардида дар натиҷа ба болоравии сатҳи умумии нархҳо сабаб мешавад;

– аз хориҷи кишвар ворид кардани молҳои хушсифату қимате, ки дар дохили кишвар низ истеҳсол мешаванд. Талаботи мардум ба молҳои хушсифати хориҷӣ баланд аст, вале паст будани қобилияти харидорӣ ононро маҷбур месозад, ки дар ҷустуҷӯйи молҳои нисбатан арзон бошанд. Азбаски аз ҷиҳати психологӣ фарқи байни нархи молҳои қимату арзон бисёр кам аст, фурӯшандагони

молҳои дохилӣ нархи онҳоро то ба нархи молҳои хориҷӣ боло мебаранд,* ки ин маънои болоравии сатҳи таваррумро дорад.

*Аз рӯи назарияи «наздикшавии нархҳо» агар нархи моли дохилӣ 50 сомонӣ ва нархи чунин маҳсулоти хориҷии нав воридшуда 100 сомонӣ бошад, фурӯшандаи моли дохилӣ нархи онро ба нархи моли хориҷӣ наздик мекунад, зеро аз ҷиҳати психологӣ, моли нисбатан арзонтар то 100 сомонӣ нарх дорад, яъне агар нархи моли дохилӣ то ба 75 сомонӣ боло бурда шавад ҳам, мардум фикр мекунанд, ки он арзон аст.

9.4. Намудҳои таваррум

Таваррум ҳамчун яке аз падидаҳои иқтисодӣ вобаста ба заминаҳои пайдоиш ва суръати болоравии он намудҳои гуногун дорад.

Чӣ хеле ки дар боло қайд намудем, дар иқтисодиёт омилҳое мавҷуданд, ки боиси зиёдшавии талабот (ҳаҷми пул) нисбат ба пешниҳод (ҳаҷми мол дар муомилот) мегарданд. Зиёдшавии ҳаҷми пул талаботи иловагиро ба миён меорад, ки бо миқдори зарурии молу хизматрасонӣ таъмин нест. Дар натиҷа қонеъ нагардонидани талаботи иловагӣ боиси болоравии нархҳо ё сатҳи таваррум мегардад. Аз ин рӯ, ин намуд *таваррумӣ талабот* ном гирифтааст.

Омилҳои дигари иқтисодӣ – беасос зиёд кардани музди меҳнат, болоравии арзиши ашёи хом, барқ, об ва ғайра боиси зиёдшавии харочот ме-

гарданд, ки молистеҳсолкунандагонро маҷбур месозад нархи молашонро бардоранд. Ин тартиби болоравии нархҳо дар иқтисодиёти илмӣ бо номи *таваррумӣ харҷҳо* маълум аст.

Бо мақсади роҳ надодан ба норозигии мардум ҳангоми рух додани таваррум роҳбарияти корхонаҳо музди меҳнати кормандонро зиёд мекунанд,* ки он дар навбати худ сабаби зиёд шудани ҳаҷми пул дар муомилот ва афзоиши суръати болоравии нархҳо мегардад. Бинобар ин, беасос зиёд кардани музди меҳнати номиналӣ** роҳи ҳалли масъала шуда наметавонад, зеро музди меҳнати ҳақиқӣ (реалӣ)*** бемайлон поён рафта, қобилияти харидории мардум ва сатҳи некӯаҳволии он паст мешавад.

*Корхонаҳо наметавонанд музди меҳнати кормандонро пайваста то сатҳи таваррум зиёд кунанд, зеро дар шароити болоравии нархҳою паст шудани қобилияти харидории мардум фоидаи корхонаҳо низ пайваста кам мешавад.

**Музди меҳнати номиналӣ – маблағи пулиест, ки коргар ба ивази меҳнати сарфкардааш аз корхона мегирад.

*** Музди меҳнати реалӣ (ҳақиқӣ) – миқдори молу хизматрасониҳоест, ки коргар метавонад бо музди меҳнати номиналиаш бихарад.

Таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки барои таҳти назорат гирифтани таваррум ва ба сатҳи зарурӣ баргардонидани он барномаи махсусе лозим аст, ки чорабиниҳои гуногун, аз он чумла ҷадвал ва сатҳи зиёд кардани музди меҳнати коргаронро низ дар бар мегирад.

Дар баробари боло рафтани нархҳо талаботи муомилот ба пул низ зиёд мешавад, бинобар ин зарур аст, ки бонки марказӣ вобаста ба сатҳи таваррум миқдори зарурии пулро ба муомилот барорад. Дар ҳолати то дараҷаи зарурӣ зиёд накардани ҳаҷми пул муомилоти молӣ мушкил гардида, қисме аз корхонаҳо аз кор мемонанд, ки он дар навбати худ боиси кам шудани истеҳсоли мол ва баланд шудани суръати болоравии нархҳо мегардад.

Вобаста ба суръати болоравии нархҳо таваррум ба намудҳои зерин тақсим мешавад: *хазанда, ҷаҳанда ва тезпарвоз* (гипертаваррум).

Дар адабиёти иқтисодӣ то 10 фоизи солона боло рафтани нархҳоро *таваррумӣ хазанда* меноманд. Ин намуди таваррум хоси иқтисодиёти мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳон ба монанди ИМА, Британиёи Кабир, Фаронса, Олмон, Ҷопон ва ғайра мебошад. Аксари олимон бовар доранд, ки агар сатҳи таварруми хазанда ба сатҳи зиёдшавии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар ё наздик бошад, он боиси рушди иқтисодиёт мегардад. Масалан, дар мамлакатҳои аврупоӣ таваррум солҳои 2001-2007 то 2,5 фоизи солонаро ташкил дод.

Таваррумӣ ҷаҳанда (аз 10 то 50 фоизи солона) хоси иқтисодиёти мамлакатҳои гурӯҳи дуюм (рӯ ба инкишоф) мебошад. Заминаҳои он касри буҷету зарурати пӯшонидани он аз ҳисоби эмиссияи пул, ворид шудани асъори хориҷии барзиёду надоштани таҷрибаи танзими он, ба иқтисодиёти

ҷаҳонӣ ворид шудани мамлакатҳои тозаистиқлолу вобаста ба он наздик шудани нархҳои дохилӣ ба нархҳои бозори ҷаҳонӣ, надоштани таҷрибаи танзими бозор* ва ғайра мебошанд. Масалан, дар Тоҷикистон солҳои 2001-2003 таваррум 13-14 фоизи солонаро ташкил дод, ки он ба талаботи барномаи молиявии ҳукумат ҷавобгӯй буд. Болоравии ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар ин давра зиёда аз 10 фоизи солона буд.

*Дар Тоҷикистон нархҳои бозорӣ хусусияти мавсимӣ доранд, яъне дар аввали мавсими истеҳсолашон арзон ва баъд қиматашон боло меравад. Масалан, нархи картошкаю помидор дар зимистону баҳор нисбат ба тобистону тирамоҳ хеле қимат аст. Чунин амал дар бозорҳои аврупоӣ кам ба назар мерасад, зеро онҳо талаботи мизоҷонро ба инобат гирифта, дар анборҳо миқдори зарурии маҳсулотро нигоҳ медоранд ва ё дар ҳолати зарурӣ онро аз мавзеи дигар меоранд. Албатта, нархи сабзавоти навистеҳсолшуда аз нархи сабзавоти як сол дар анбор истода фарқ мекунад, вале ин фарқ зиёд нест.

Донишманде гуфтааст: «Таваррум ба гулӯлаи барфие монанд аст, ки ҳангоми аз болои кӯҳ ҷар шудан қадам ба қадам калонтар мешавад». Ин гуфта бештар ба таваррумӣ тезпарвоз тааллуқ дорад.

Таваррумӣ тезпарвоз (аз 50 фоизи солона боло) хоси мамлакатҳои дар бӯҳрони иқтисодӣ қарордошта аст. Дар ин мамлакатҳо муомилоти молию пулӣ ба бӯҳрони сахт дучор омада, боиси суръати баланди болоравии нархҳо мегардад. Таҷ-

рибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар чунин ҳолат долларикунонии иқтисодиёт шурӯъ шуда, мавқеи гардиши пули миллӣ танг мешавад. Сармоягузорони дохилию хориҷӣ маблағҳои пулии худро бо ҳар роҳ аз ин мамлакат ба кишварҳои дигар мегузаронанд, ки вазъи иқтисодиётро боз ҳам мушкилтар мегардонад. Масалан, ҳангоми ҷанги шаҳрвандӣ дар Никарагуа (соли 1979) таваррум 33000 фоизро ташкил дод. Вале ин ҳам мисоли бадтарин нест. Ҳангоми задухӯрдҳои ҳарбӣ дар Югославия ва аз ҷониби кишварҳои дигар эълон кардани эмбарго нисбат ба он (соли 1996) нархҳо 3000000000 фоиз (15,115) боло рафтанд, ҳол он ки музди меҳнат тахминан 30 сентро (1 сомонӣ) ташкил медод. Мардум дар ин давра дигар молҳояшонро ба бозор намебароварданд, зеро дар мӯҳлати кӯтоҳтарини байни фурӯши молу хариди моли дигар аллакай қурби пул метавонист паст шавад.

Мувофиқи таҳлилҳои мутахассисони Хазинаи байналмилалии асъор таваррумӣ тезпарвоз нишонаҳои зерин дорад:

– аҳолӣ захираҳои худро на бо пули миллӣ, балки дар шакли мол ва ё асъори хориҷӣ нигоҳ медорад;

– нархҳо бо асъори хориҷӣ муайян карда мешаванд. Масалан, дар мамлакатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, аз он ҷумла Тоҷикистон солҳои 1992-2002 дар нархномаҳо арзиши мол асосан бо доллар ва ё «у.е.»* навишта мешуд, ки мақсади он аз таваррум ҳимоя кардани арзиши мол буд;

*у.е. – воҳиди шартӣ (условная единица), ки дар аввал ба 1 доллар ва баъдан вобаста ба поён рафтани қурби он ба 1 евро баробар буд.

– хариду фурӯши қарзии молҳо бо нархе анҷом меёбад, ки зарари фурӯшандаро дар ҳолати болоравии нархҳо мепӯшонад. Одамон ҳангоми ба қарз фурӯхтани мол нархи ҳозира не, балки нархеро истифода мекунанд, ки дар он таваррум ба инобат гирифта шудааст;

– фоизи қарз, музди меҳнат ва нархҳо ба намояи нархҳои истеъмолӣ пайваста шудаанд. Масалан, вобаста ба сатҳи таваррум соли 1995 фоизи қарзии Бонки миллии Тоҷикистон 240 фоизро ташкил медод. Дар қисме аз мамлакатҳо музди меҳнати кормандон вобаста ба сатҳи таваррум пайваста зиёд карда мешавад. Ҳукумати баъзе аз мамлакатҳо вобаста ба сатҳи таваррум сатҳи болобарии нархҳои маҳсулоту хизматрасониҳои алоҳидаро муайян менамоянд, ки риояи он барои ҳама ҳатмӣ аст. Масалан, дар Тоҷикистон то соли 2004 нархи чиптаи нақлиёти мусофиркашии шаҳрӣ аз ҷониби ҳукумати шаҳр муайян шуда, иҷрои он назорат карда мешуд.

– сатҳи болоравии таваррум дар се соли охир зиёда аз 100 фоизро ташкил медиҳад.

Азбаски қариб ҳамаи ҳукуматҳо бо Хазинаи байналмилалии асъор ҳамкорӣ доранд, ҳангоми мавҷудияти нишонаҳои болоӣ барномаи чорабиниҳои махсуси аз бӯҳрони иқтисодӣ баровардани иқтисодиёти кишвар баҳри ба тартиб даровардани

муомилоти молию пулӣ омода карда мешавад. Татбиқи саривақтию дурусти он имкон медиҳад, ки иқтисодиёт ба тадриҷ аз бӯҳрон бароварда шавад.

Дар адабиёти иқтисодӣ намудҳои дигари таваррум, ба монанди *таваррумии маъмурӣ, воридотӣ, новобаста ва қарзӣ* низ маълуманд.

Таваррумии маъмурӣ. Дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ нархҳо аз ҷониби ҳукумат ба таври маъмурӣ муайян шуда, талаби бозор ба инобат гирифта намешуд. Мувофиқ набудани нархҳо ба арзиши аслии онҳо боиси аз паси парда фурӯхтани қисми зиёди молҳо бо нархҳои қимат гашта буд. Албатта, ҳукумат ин амалро эътироф намекард, вале он дар асл вуҷуд дошт.

Таваррумии воридотӣ ҳангоми ба мамлакат аз талабот зиёд ворид шудани асъори хориҷӣ ва боло рафтани нархи молҳои воридотӣ рӯй медиҳад. Воридоти барзиёди асъори хориҷӣ ва зарурати кам кардани таъсири он ба муомилоту қурби пули миллӣ бонки марказиро маҷбур месозад, ки аз ҳисоби эмиссияи пул асъори хориҷиро бихарад. Дар натиҷа ҳаҷми пул дар муомилот зиёд шуда, боиси болоравии нархҳо мегардад. Болоравии нархҳои молҳои хориҷӣ талаботро ба молҳои истеҳсоли ватанӣ зиёд намуда, боиси болоравии нархҳои онҳо мегардад.

Баъзан таваррум ба зиёд шудани ҳаҷми пул дар муомилот вобаста набуда, ба боло бурдани нархи барқ, воситаҳои алоқа, хизматҳои коммуна-

лӣ, нақлиёт вобаста аст, ки аз ҷониби сохторҳои ҳукуматӣ идора карда мешаванд. Масалан, дар Тоҷикистон солҳои 1998-2007 чандин маротиба бо қарори ҳукумат нархи барқ, нақлиёти мусофиркашонӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ ва ғайра зиёд карда шуд, ки боиси болоравии сатҳи таваррум гардид. Чунин тартиби болоравӣ ё болобарии нархҳоро *таваррумӣ новобаста* номидаанд.

Таваррумӣ қарзӣ, ки асоси он аз ҷониби бонки марказӣ додани қарзҳои барзиёд ба ҳукумату сохтори бонкӣ аст, хоси давраи гузариш аз иқтисоди нақшавӣ ба бозорӣ буд. Дар ин давра қисми зиёди касри буҷети Тоҷикистон аз ҳисоби қарзҳои Бонки миллии Тоҷикистон пӯшонида шуд. Илова ба ин, ҳукумат бо мақсади ёрӣ ба корхонаҳои давлатӣ Бонки миллиро маҷбур месохт, ки ба воситаи бонкҳои тиҷоратӣ ба онҳо қарз диҳад. Ин амал то соли 1998 давом ёфта, боиси зиёдшавии ҳаҷми пулу болоравии нархҳо гардида буд. Баъдан, бенатиҷагии бо ин роҳ пӯшонидани касри буҷету дастгирии сохторҳои давлатиро дарк карда, ҳукумат қарзгириро аз Бонки миллӣ қатъ намуд.

Мавзӯи 10

ОҚИБАТҲОИ ТАВАРРУМ ВА ТАНЗИМИ ОН

10.1. Оқибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии таваррум

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки яке аз вазифаҳои асосии ҳукумат мубориза бар зидди болоравии нархҳо – таваррум ба ҳисоб меравад, зеро аз таҳти назорат баромадани он оқибатҳои ногувор дорад.

Оқибатҳои таваррум чунинанд:

1. Азнавтақсимкунии даромадҳо байни шахсони алоҳида; гурӯҳҳои аҳолӣ; соҳаҳои истеҳсолот;* минтақаҳо; хоҷагиҳо; давлат, аҳолӣ ва ширкатҳо; байни дебиторону** кредиторон.*** Аз чунин азнавтақсимкунӣ бештар нафақахӯрон, донишҷӯён ва кормандони соҳаҳои буҷетӣ, ки даромадҳои тағйирнаёбанда**** доранд, зарар мебинанд.

*Кормандони соҳаи кишоварзӣ, масалан пахтакорон, соли дароз кор карда, аслан дар охири он, баъди ҷамъ кардану фурӯхтани ҳосил даромад мегиранд, ки бояд то даромадҳои навбатӣ (моҳҳои марту апрел) барои зиндагӣ басанда бошад. Вале агар дар ин вақт таваррум боло равад, даромадҳои онҳо бекурб гашта, дараҷаи зисташон паст мешавад, зеро онҳо маҳсулоти соҳаҳои дигарро бо нархҳои вобаста ба таваррум баландшуда мехаранд. Ин маънои ба манфиати дигар соҳаҳо ё гурӯҳи аҳолӣ тақсим шудани даромадҳои онҳоро дорад. Чунин амал боиси норозигии мардум аз сиёсати ҳукумат мегардад.

**Дебитор – корхона, ташкилот ё ширкате, ки аз дигарон қарздор аст. Аслан, ҳангоми таваррум дебиторон бурд мекунанд, зеро қарзи дар назди дигарон доштаашон бекурб мешавад.

***Кредитор – корхона, ташкилот, ширкатҳои дар болои дигарон қарздошта. Ин гурӯҳ дар натиҷаи таваррум зарар мебинанд, зеро қарзҳои дар болои дигарон доштаашон қурби аслии худро гум мекунанд. Масалан, корхонаи «А» ба корхонаи «Б» ба маблағи 100000 сомонӣ маҳсулот фурӯхтааст, ки дар арзиши аслии он 90000 сомонӣ нархи ашёи харидашуда, 5000 сомонӣ музди меҳнат, 5000 сомонии дигар фоида ҳаст. Фарз кардем, баъди болоравии нархҳо нархи ашё 110000 сомонӣ шудааст. Баргардонидани қарз ба корхонаи «А» имкон намедиҳад, ки ҳатто ашё харад, ҳол он ки бояд музди меҳнати коргаронро диҳаду фоида ҳам дошта бошад.

****Новобаста аз болоравии нархҳо ҳукумат имкон надорад, ки нафақа, стипендия ва музди меҳнати кормандони соҳаи буҷетиро (муаллимон, духтурон ва ғайра) дархол зиёд намояд. Аз ин рӯ, болоравии нархҳо маънои пастравии қобилияти харидории ин гурӯҳи аҳолиро дорад. Яъне агар онҳо пештар бо маоши худ метавонистанд миқдори муайяни хӯроку пӯшок харанд, акнун инро карда наметавонанд, зеро нархҳо боло раванд ҳам, даромадҳои онҳо то чанд вақти дигар бетағйир мемонанд.

Тақсими ноаёну беадолатонаи даромадҳо байни шахсони алоҳидаю гурӯҳҳои аҳолӣ боиси камбағал гаштани як гурӯҳ ва беасос доро гаштани дигарон, зиёд шудани норозигии иҷтимоӣ аз сиёсати ҳукумат мегардад.

2. Бекурбшавии захираҳои пулии аҳолӣ, корхонаю ташкилотҳо, муассисаҳои буҷетӣ ва фондҳои амортизатсионӣ. Ин амал боиси паст шудани дараҷаи зисти мардум, имкониятҳои корхонаю ташкилотҳо барои таъмини самаранокии истеҳсолот, аз ҷониби муассисаҳои буҷетӣ иҷро нашудани нақшаҳои дар наздашон гузошташуда мегардад. Бекурб шудани фондҳои амортизатсионӣ сабаби сари вақт харидорӣ нашудани таҷҳизотҳои ҳозиразамон ва нав накардани тартиби коркарди маҳсулот дар соҳаҳои истеҳсолӣ мегардад.*

*Масалан, Нерӯгоҳи баркии Норак барои хариди агрегати нав (арзишаш 30 млн. доллари ИМА) дар фонди амортизатсионии худ маблағи 90 млн.сомониро (30 млн доллар) ҷамъ овардааст ва баъди 3 моҳ бояд пули онро пардохт намояд. Вале дар ин давра якбора сатҳи таваррум 15 фоиз боло рафт, ки маънои ба ҳамин дараҷа паст шудани арзиши маблағҳои дар суратҳисобҳои бонкӣ бударо дорад. Акнун, ба ивази 90 млн. сомонӣ 30 млн. доллар не, балки ҳамагӣ 25,5 млн. доллар медиҳанд, ки барои хариди агрегат басанда нест. Ин амал метавонад боиси сари вақт иваз нашудани агрегат, аз кор мондани агрегати кӯҳнашудаю кам шудани истеҳсоли барқ гардад. Он дар навбати худ мумкин аст боиси ба барқ таъмин нагардидану зарар дидани бисёр соҳаҳои дигар гардад.

3. Сует шудани фаъолияти соҳибкорон, ширкатҳою соҳаҳои алоҳидаи истеҳсолот. Беқурбшавии маблағҳо, зиёдшавии хароҷоту болоравии нархҳо нобоварии мардумро ба фаъолияти самаранок дар оянда зиёд намуда, боиси ба соҳаҳои дигар гузаронидани сармоя мегардад.

4. Кам шудани сармоягузориҳои дарозмуддат,* ки боиси суст шудани дараҷаи болоравии иқтисодиёт** мегардад.

*Сармоягузориҳо дар соҳаҳои истеҳсолӣ, ки мӯҳлаташон аз панҷ сол зиёд аст. Масалан, хариди саҳмияҳои Нерӯгоҳи барқии Сангтӯда-2, ки мумкин аст баъди 3 сол ба кор дарояд, сармоягузории дарозмуддат аст. Агар боварии мардум ба ояндаи он кам шавад, дигар саҳмияҳояшро харидорӣ намекунанд, ки метавонад боиси суст шудани сохтмон ва сари вақт ба кор шурӯъ накардани он гардад.

**Масалан, дараҷаи болоравии истеҳсолот соли 2003 зиёда аз 10 фоизро ташкил дод. Ҳангоми боло рафтани сатҳи таваррум мумкин аст дараҷаи болоравӣ то ба 1-2 фоиз расаду халос.

5. Рушди босуръати иқтисоди пасипардагӣ ва аз андозеупорӣ «гурехтани» соҳибкорон;

6. Аз соҳаҳои истеҳсолӣ ба соҳаҳои савдою амалиётҳои миёнаравӣ (фондҳо, биржаҳо, ширкатҳои суғуртавӣ ва ғайра) гузаштани сармоя* ва мутахассисон.

*Ҳангоми паст будани сатҳи таваррум мардум бо максади гирифтани фоидаи зиёдтар маблағҳои озоди худро аз соҳаи савдо ба соҳаҳои истеҳсолӣ равона мекунад, зеро рӯз то рӯз фоидаи соҳаи савдо кам шуда, маблағгузорӣ дар

соҳаҳои истеҳсолӣ манфиатовар мегардад. Вале баробари болоравии нархҳо ва зиёд шудани хавфи сармоягузорӣ мардум маблағҳои худро боз ба соҳаи савдо бармегардонад, зеро дар ҳолати зарурӣ гирифтани маблағҳояшон аз муомилот осонтар буда, хавфи аз даст додани онҳо камтар аст.

7. Номуносиб ё бефоида гаштани истифодаи комёбиҳои илмию техникӣ барои пешрафти истеҳсолот.

8. Додани андози иловагии таваррумӣ ба давлат. Бо болоравии нархҳо маблағи андозҳо зиёд мешавад. Тавре ки дар боло зикр намудем, бо мақсади гирифтани даромади иловагӣ ҳукуматҳо аз қадим дидаю дониста, ба муомилот пули зиёдатӣ мебароварданд, ки боиси болоравии нархҳо гардида, ҳаҷми андозҳои номиналиро* зиёд мекард.

*Аввали сол ҳангоми банақшагирии бӯҷет он аз рӯи нархҳои дар ин вақт буда ташкил мешавад, вале аниқ аст, ки давоми сол бучет пурра ичро намешаваду ҳукумат харочотҳои худро пӯшонида наметавонад. Аз ин рӯ, ҳукумат дидаю дониста ба болоравии нархҳо роҳ медиҳад, то аз гирифтани андози иловагӣ харочотро пӯшонад. Боло рафтани нархҳо инчунин маънои паст шудани қурби пули миллиро дорад, ки он дар навбати худ боиси зиёд шудани андозҳо мегардад. Масалан, дар бучет андоз аз фурӯши пахта бо қурби 1 доллар = 3 сомонӣ ба нақша гирифта шудааст бояд 77 млн. сомониро ташкил диҳад. Агар дар давоми сол ҳукумат бо роҳи сунъӣ нархҳоро боло бурда, қурби пули миллиро то ба 3,3 сомонӣ барои 1 доллар паст кунад, ба ҷойи 77 млн. сомонӣ андоз аз фурӯши пахта 84,7 млн.сомониро ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ, хукумат бе ичрои қисмҳои дигари бучет метавонад харочотҳои худро пурра пӯшонад.

Дефлятсия. Дар баъзе ҳолатҳо бо сабабҳои гуногун нархи молу хизматрасониҳо паст меравад, ки ин амал дар иқтисодиёти илмӣ бо номи дефлятсия маълум аст. Дефлятсия дар иқтисодиёти баъзе аз мамлакатҳо ба мушоҳида мерасад ки, он хусусияти муваққатӣ дорад. Масалан, дар ИМА солҳои 1929-1933 нархҳо соле то 7 фоиз поён рафтанд. Ин амал солҳои 1949–1955 низ рӯй дод. Иқтисодиёти Ҷопон дар солҳои охир дараҷаи баланди болоравӣ дошт, ки он дар навбати худ боиси дефлятсия гардид. Дар кишварҳои дигар ин амал гоҳ-гоҳе рӯй дода, хусусияти мавсимӣ дорад. Масалан, дар Тоҷикистон баъзан нимаи тобистон дефлятсия рӯй медиҳад, ки ба зиёд ворид шудани молҳои мавсимии нав ва паст шудани нархи онҳо вобаста аст. Дефлятсия бояд таҳти назорати ҳукумат бошад, зеро муддати дароз давом кардани он метавонад боиси паст рафтани истеҳсолоту дараҷаи зисти мардум гардад. Пайваста поён рафтани нархҳо боиси кам шудани ҳаҷми фоидаи ширкатҳо гардида, имконияти аз ҷониби онҳо таъмин кардани пешрафти иқтисодиётро кам мекунад. Аз тарафи дигар, ширкатҳо маҷбур мешаванд музди меҳнати коргаронро пайваста кам кунанд, ки он дар навбати худ боиси паст шудани қобилияти харидории мардум мегардад. Паст шудани қобилияти харидорӣ маънои ба савдо нарафтани қисме аз молҳои бозорӣ ва зараровар шудани истеҳсоли онҳоро дорад. Аз ин рӯ, ҳукуматро зарур аст, ки ба дефлятсия роҳ надода, дар ҳолати бо ягон сабаб пайдо шудани он барои мӯътадил нигоҳ доштани нархҳо чораҳо андешад.

10.2. Тартиби танзими таваррум

Оқибатҳои ногувори таваррумро ба инобат гирифта, одамони алоҳида ва корхонаҳо бо роҳҳои гуногун маблағҳои пулии худро аз таъсири он ҳимоя мекунанд. Танзим ва ё дар сатҳи барои ҷамъият мусоид нигоҳ доштани таваррум вазифаи ҳукумат аст, ки бо роҳи пешбурди сиёсати дурусти макроиқтисодӣ таъмин карда мешавад.

Чораҳои зарурӣ барои дар сатҳи муайян нигоҳ доштани таваррум инҳоянд:

– *пешбурди сиёсати дурусти пулӣ.* Зарур аст, ки бонки марказӣ ва сохторҳои дахлдори ҳукуматӣ дар чорчӯбаи сиёсати иқтисодӣ ҳаҷми пул ва сохтори онро танзим* намоянд. Иқтисоддонҳои ғарбӣ пешниҳод кардаанд, ки дар мамлакатҳои пешрафта ҳаҷми пул бояд дар як сол 3-5 фоиз боло равад, ки он ба сатҳи болоравии таваррум асос меёбад. Азбаски ҳисоби миёнаи болоравии таваррум солҳои 1999-2003 дар Тоҷикистон 13-14 фоиз буд, пас ҳаҷми пул низ бояд ба ҳамин дараҷа зиёд карда мешуд.

*Барои таъмини иҷрои нишондиҳандаҳои иқтисодӣ барномаи молиявӣ сохта мешавад, ки дар он ҳаҷми пули барои муомилот зарурӣ нишон дода шудааст. Вазифаи бонки марказӣ аз он иборат аст, ки бо истифодаи фишангҳои иқтисодӣ ҳаҷми пулро дар сатҳи нишондоди барнома нигоҳ дорад. Таъмини сохтори зарурии пули дар муомилот буда

танҳо вазифаи бонки марказӣ буда ба воситаи идораю шӯъбаҳои он амалӣ карда мешавад.

– *сиёсати дурусти асъорӣ.* Мақсади он таъмини устувории қурби пули миллӣ нисбат ба асъорҳои хориҷӣ мебошад, ки барои пешрафти иқтисодиёт ва ҳавасмандгардонии содироту воридот зарур аст. Зарур аст, ки таносуби байни қурби пул ва таваррум дар сатҳи лозимӣ нигоҳ дошта шавад. Таҷриба нишон медиҳад, ки таносуби дурусти байни онҳо дар баробарии онҳост, яъне сатҳи таваррум ва сатҳи пастшавии қурби пули миллӣ бояд якхела ва ё ба ҳам наздик* бошанд. Мувофиқ наомадани ин ду нишондиҳанда ё ба ҳам наздик набудани онҳо нишонаи нодурустии сиёсати иқтисодӣ** аст.

*Агар соле сатҳи таваррум 13 фоизро ташкил дода бошад, бояд сатҳи пастравии қурби пули миллӣ низ ба ҳамин фоиз баробар бошад. Бо сабабҳои объективӣ он метавонад каму беш (2 фоиз) фарқ кунад, аммо на зиёдтар аз ин.

**Қурби пули миллӣ бояд нисбат ба асъори давлат ё гурӯҳи давлатҳое муайян карда шавад, ки бо онҳо мупосибатҳои иқтисодии бештар ташкил шудаанд, вагарна танзими таваррум бо татбиқи сиёсати дурусти пулӣ имконнопазир аст. Масалан, соли 2007 дар Тоҷикистон таваррум 19,7 фоизро ташкил дода бошад ҳам, қурби сомонӣ нисбат ба доллар то андозае устувор монд, зеро доллар асъори мамлакатест, ки аз як тараф, бо мо додугирифти иқтисодии кам дорад, аз тарафи дигар, қурби он дар бозори ҷаҳонӣ поён рафт. Асосан шариконии хориҷии Тоҷикистон мамлакатҳои аврупоианд ва қурби доллар нисбат ба пули онҳо – евро дар ин давра то 20 фоиз поён рафтааст. Нисбат ба сабади асъор-

ҳо ва ё асъори давлатҳои ҳамкор, масалан евро, муайян кардани қурби сомонӣ ба мақсад мувофиқтар аст.

– *сиёсати дурусти қарзӣ.* Сиёсати қарзии бонки марказӣ бояд тарзе ба роҳ монда шавад, ки он: 1) ба барзиёд додани қарзҳо ва бо ин роҳ зиёд кардани ҳаҷми пул роҳ надиҳад; 2) мусбӣ будани фоизи қарзро нисбат ба сатҳи таваррумӣ пешбинишуда* таъмин намояд.

*Масалан, агар мувофиқи барномаи молиявии ҳукумат сатҳи таваррум барои соли оянда 8 фоиз пешбинӣ шуда бошад, зарур аст, ки фоизи қарзи бонкӣ аз ин зиёд бошад.

– *сиёсати дурусти буҷетӣ.* Танзими таваррум баробарии даромаду харочотҳои ҳукуматро тақозо мекунад ва агар харочот аз даромадҳо зиёд бошанд, ҳукумат вазифадор аст чораҳои зарурии кам кардани онҳоро андешад.

– *сиёсати дурусти сохторӣ.* Ҳукуматро зарур аст, ки дар асоси таҳлили молиявӣ пайваста миқдори корхонаҳои зарароварро кам карда, корхонаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти истифодаи умумро дастгирӣ намояд. Сохтори иқтисодиётро (ҳиссаи сохаҳои алоҳида) тарзе бояд ташкил дод, ки он ба зиёдшавии талабот нисбат ба пешниҳод мусоидат накунад.

– *сиёсати дурусти антимонополӣ,* ки назоратро аз болои нархи молҳои истеҳсоли корхонаҳои ягона ё монополӣ талаб мекунад. Нархи мо-

ли корхонаҳои монополӣ бояд аз ҷониби сохторҳои дахлдори ҳукуматӣ муайян карда шавад. Масалан, ширкати «Барқи тоҷик» корхонаи ягонаи истеҳсолкунандаю фурӯшандаи барқ аст ва дар ҳолати набудани рақобату соҳибихтиёрии он метавонад нархи барқро пайваста зиёд намояд. Барои роҳ надодан ба ин амал нархи моли чунин корхонаҳо аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдо муайян шуда, риояи он назорат карда мешавад.

– *сиёсати дуруст дар соҳаи савдои берунӣ.* Бо мақсади ҳимояи истеҳсолоти дохилӣ мамлакатҳо маҳдудкуниҳои муайянро истифода мебаранд. Қисме аз онҳо бо роҳи зиёд кардани ҳаққи гумрукӣ фоиданокии воридоти молҳои хориҷиро кам мекунанд, қисми дигар истеҳсолоти дохилиро бо роҳи субсидия (додани маблағи муайян ба молистеҳсолкунандагон, масалан ба фермерҳо дар кишварҳои аврупоӣ) дастгирӣ менамоянд. Ин намуди сиёсатро тарзе амалӣ намудан лозим аст, ки боиси кам шудани молҳои алоҳида ва боло рафтани нархи онҳо нагардад.

– *роҳ надодан ба истифодаи асъорҳои хориҷӣ дар савдои дохилӣ (долларикунонӣ ё еврокунонии иқтисодиёт).* Қариб дар ҳамаи мамлакатҳои дунё пули миллӣ воситаи ягонаи муомилот аст, вале дар амал аҳолии аксари кишварҳо бештар ба истифодаи асъорҳои озод табдилшавандаи хориҷӣ (хусусан доллару евро) рағбат доранд. Азбаски гардиши озоди асъорҳои хориҷӣ дар дохи-

ли кишвар ба иқтисодиёти он зарар дорад, қонунан истифодааш манъ аст. Мутобиқ ба талаби Қонун «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» воситаи ягонаи муомилот дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон сомонӣ мебошад, вале дар асл то соли 2008 хариду фурӯши молҳои арзишашон аз 1000 сомонӣ зиёд бо доллар анҷом меёфт, ки ба иқтисодиёти мамлакат зарари калон дошт.

Ҳамин тариқ, татбиқи сиёсати дурусти иқтисодӣ имкон медиҳад, ки таваррум дар сатҳи аз ҷониби ҳукумат муайяншуда нигоҳ дошта шавад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҳамаи мамлакатҳо дар даврaҳои алоҳида бӯҳрони иқтисодӣ, аз он ҷумла болоравии нархҳо (таваррумитезпарвоз)-ро аз сар гузаронида, барои аз он баромадан чораҳо андешидаанд. Аз ин рӯ, омӯзиши ин таҷриба ба мақсад мувофиқ аст.

10.3. Роҳҳои баромадан аз вазъи ногувори таваррумӣ

Вобаста ба замина ва намудҳои таваррум роҳҳои баромадан аз вазъи таваррумӣ гуногунанд. Масалан, ҳангоми *таваррумиталабот* сиёсати пулӣ, асъорӣ, қарзию буҷетиро дуруст ба роҳ мондан зарур аст. Ҳангоми *таваррумитезпарвоз* маҳдуд кардани болоравии бемайлони мӯзди меҳнат, таҳти назорат гирифтани нархҳо, хусусан нархи молҳои дар сектори давлатӣ истеҳсолшаванда ва

ғайра ба мақсад мувофиқ аст. Дар ҳама ҳолатҳо ҳукумат барномаи махсуси баромад аз вазъи ногувори таваррумиро тартиб медиҳад, ки он чорабиниҳои зеринро дар бар мегирад:

1. *Ба тартиб даровардани муомилоти пулӣ.* Азбаски таваррум нишондиҳандаи вайрон кардани талаботи қонуни муомилоти пулӣ ва зиёд шудани ҳаҷми пул аст, барои кам кардани ҳаҷми пул муомилоти онро ба тартиб даровардан зарур аст. Агар ин амал натиҷаи дилхоҳ надиҳад, зарурати гузаронидани ислоҳоти пулӣ ва бо ин роҳ пурра ё қисман дигар кардани сохтори пулӣ ба миён меояд. Гузаронидани ислоҳоти пулӣ ҳанӯз дар давраҳои амали низомҳои пулии монометаллию биметаллӣ ҳамчун яке аз роҳҳои ба тартиб даровардани гардиши он ва таҳти назорат гирифтани таваррум истифода шудааст.

Роҳҳои ба тартиб даровардани муомилоти пулӣ чунинанд:

– нуллификатсия – аз эътибор соқит донистани воҳидҳои алоҳидаи пулӣ ва ворид кардани воҳидҳои нав. Масалан, дар Олмон баъди ҷанги якуми ҷаҳонӣ қисме аз маркаҳои кӯҳна аз эътибор соқит дониста шуда, қисми дигар бо таносуби 1:1 трлн. маркаи кӯҳна иваз карда шуд. Дар Венгрия соли 1946 пулҳои кӯҳна бо пулҳои нав бо таносуби 1:829 октилон* форинти кӯҳна иваз карда шуд. Дар

асл ин маънои аз эътибор соқит донистани пулҳои кӯҳнаро дошт.

*Октилон – воҳиди арифметикие, ки 22 сифр дорад. (10, 18).

– девалватсия – паст кардани вазни тиллоии пули миллӣ ва ё қурби пули миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ. Ҳангоми истифодаи стандарти тиллоӣ бо мақсади мутобиқ гардонидани қурби пул ба арзиши бозории он девалватсия гузаронида мешуд, ки маънои ба таври сунъӣ кам кардани қурби тиллоии пули миллиро дошт. Масалан, баъди ҷанги дуюми ҷаҳон дар ИМА қурби тиллоии доллар бори аввал декабри соли 1971 7,89 фоиз ва баъдан феврали соли 1973 10 фоиз кам карда шуд. Баъди даст кашидани ИМА аз ивази озоди доллар ба тилло кишварҳои дигар дар ҳолати зарурӣ девалватсияи пулашонро нисбати доллар ё евро мегузаронанд.

– ревалватсия – пурзӯр кардани қурби пули миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ ва ё барқарор кардани қурби пешинаи он. Масалан, дар Британиёи Кабир баъди ҷанги якуми ҷаҳон қурби тиллоии фунт-стерлинг барқарор карда шуд. Ҳукумати Британияи Кабир барои расидан ба ин мақсад эълон кард, ки ҳар шаҳрванд ва ё ширкате, ки миқдори басандаи фунт-стерлингро ҷамъ кунад, метавонад онро ба хишти тиллоӣ (вазнаш 12 кг) иваз намояд.

– деноминатсия – боло бурдани арзиши рӯйнавишти воҳидҳои пули миллӣ ва ивази онҳо ба воҳидҳои пулии нав. Дар баробари он ба ҳамин таносуб дигар кардани нархҳо, музди меҳнат ва ғайра. Ин усул солҳои 1988 дар Бразилия ва 1998 дар Русия истифода шудааст. Дар ин кишварҳо воҳидҳои пулии кӯҳна бо таносуби 1:1000 иваз карда шуданд. Дар Тоҷикистон соли 1995 ҳангоми вориди рубли тоҷикӣ ба ҷойи рубли шӯравӣ таносуби 1:1200 истифода шуда буд. Гарчанде ин амал боиси нисбатан кам гардидани ҳаҷми пули дар муомилот буда гардид, вале он натавонист пеши роҳи таваррумро гирад ва он аз 5 май (рӯзи вориди рубли тоҷикӣ) то охири сол 956 фоизро ташкил дод.

Дар ҳолати натиҷаи дилхоҳ надодани чорабиниҳои болоӣ ҳукумат метавонад ислоҳоти пулӣ гузаронад. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ усулҳои зерини ислоҳоти пулӣ маълуманд:

– ивази пулҳои коғазӣ ба пулҳои нав бо таносуби муайян, ки боиси дарҳол кам шудани ҳаҷми пули дар муомилот буда мегардад. Масалан, соли 2000 пулҳои нави сомонӣ ба ивази рубли тоҷикӣ бо таносуби 1:1000 ба муомилот бароварда шуданд. Мутаносибан нархҳою музди меҳнат низ ба ҳамин таносуб кам карда шуданд. Дар натиҷа, ҳукумат тавонист таваррумро ба тадриҷ таҳти назорат гирифта, барои самаранокии сармоягузорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ замина гузорад.

– муваққатан ё қисман манъ кардани истифодаи пасандозҳои аҳолию корхонаҳо. Чунин намуди ислоҳоти пулӣ дар Фаронса (солҳои 1945, 1948), Австрия (соли 1945) гузаронида шудааст. Дар Олмони Ғарбӣ соли 1948 ислоҳоти пулие гузаронида шуд, ки мувофиқи он 6,5 маркаи нав ба 100 маркаи кӯҳна иваз шуд. Истифодаи пасандозҳо аввал манъ карда шуда, баъдан 70 фоизи онҳо аз эътибор соқит дониста шуд. Ба ҷойи он ба ҳар як шаҳрванд 60 марка доданду халос. Дар Тоҷикистон низ баъди шикасти Иттиҳоди Шӯравӣ ва соҳибистиқлол гардидани ҷумҳурӣ пасандозҳои асъории аҳолӣ то соли 2000 баргардонида нашуданд. Пасандозҳои рублӣ то дараҷае беқурб шуданд, ки аз бонкҳо гирифтани онҳо дигар фоидае надошт.

– истифодаи усулҳои якуму дуюм дар якҷоягӣ, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ бо номи «shock therapy»* маълум аст. «Shock therapy» дар баровардани иқтисоди қисме аз мамлакатҳо аз вазъи ногувори инфлятсионӣ нақши арзанда бозидааст. Масалан, солҳои 1949-1950 дар Ҷопон баробари гузариш ба нархгузории бозорӣ чораҳои зерин андешида шуд: нест кардани касри буҷет, манъ кардани субсидияи корхонаҳои зараровар, мутобиқ гардонидани шартҳои қарздиҳӣ ба талаботи бозор, манъи истифодаи қисмс аз пасандозҳо ва ғайра. Хусусан дар мамлакатҳои Югославияю Полша истифодаи ин усул натиҷаҳои хуб дод. Соли 1989 дар Полша ҳангоми ғузариш ба нархгузориҳои бозорӣ болобарии музди меҳнати кормандон муваққатан

манъ карда шуд. Ин ва дигар чорабиниҳо имкон доданд, ки дар муддати кӯтоҳ таваррум таҳти назорат гирифта шавад. Албатта, дар ин давра сатҳи некӯаҳволии мардум ду маротиба поён рафта, бекорӣ 10 фоизро ташкил дод, вале баъдан Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ пайваста зиёд шуда, сатҳи бекорӣ поён рафт.

*«shock therapy» – муолиҷаи яку якбора ё шокӣ. – тарҷумаи муаллиф.

2. *Сиёсати зидитаваррумӣ*, ки аз ҷамъи усулҳои идоракунии иқтисодиёт иборат буда, бо мақсади таҳти назорат гирифтани таваррум амалӣ карда мешавад. Сиёсати зидитаваррумӣ ба ду қисм тақсим мешавад: сиёсати дефлятсионӣ (танзими талабот) ва сиёсати даромадҳо (танзими харочот).

Сиёсати дефлятсионӣ усулҳои маҳдудкунии талаботи пулиро дар бар мегирад. Кам кардани харочотҳои буҷетӣ, баланд кардани фоизи қарз, зиёд кардани андозҳо ва маҳдуд кардани ҳаҷми пул аз ҷумлаи онҳоянд. Амалӣ намудани чунин сиёсат боиси пастшавии сатҳи афзоиши иқтисодиёт гардад ҳам, вале имкон медиҳад, ки таваррум дар муддати кӯтоҳ зери назорат гирифта шавад.

Сиёсати даромадҳо ё ба таври дигар танзими харочот дар баробари чорабиниҳои қайдшуда ба таври маъмурӣ манъ кардани болоравии нархҳою музди меҳнат ва ё муайян кардани сатҳи болоравии

онҳоро дар бар мегирад. Албатта, татбиқи ин сиёсат метавонад ба норозигии иҷтимоии мардум сабаб шавад, вале он ҳам яке аз роҳҳои таҳти назорат гирифтани таваррум мебошад. ИМА, Британиёи Кабир ва мамлакатҳои Скандинавия аз ин тартиби идоракунии таваррум истифода кардаанд. Масалан, 15 августи соли 1971 президенти ИМА ҷаноби Никсон бо мақсади таҳти назорат гирифтани таварруми тезпарвоз боло бурдани нархҳо ва музди меҳнатро манъ кард. Ҳарчанд он натиҷаи дилхоҳ надода бошад ҳам, вале суръати болоравии таваррумро хеле суст кард.

10.4. Таъсири таваррум ба фаъолияти бонкҳо

Бонкҳо ҳамчун муассисаҳои бо пул сару кор дошта аз таваррум, ки дар айни замон маънои бекурбшавии пулро низ дорад, бештар зарар мебинанд.

Дар аввал чунин ба назар мерасад, ки ба сабаби болоравии таваррум ҳаҷми пул ва вобаста ба он имкониятҳои қарздиҳию фоидагирии бонкҳо зиёд мешавад, вале дар амал захираҳои номиналии бонкҳо* зиёд шавад ҳам, захираҳои воқеи (реалӣ)-и онҳо** кам мешавад.

*Таҳти мафҳуми «захираҳои номиналии бонкҳо» маблағҳои пулии дар суратҳисобҳо буда фаҳмида мешавад.

**Захираҳои воқеии бонкҳо – маблағҳои дар суратҳисобҳо буда, ки вобаста ба сатҳи таваррум ё сатҳи пастшавии қурби пул аз нав ҳисоб карда шудаанд. Масалан, дар нимаи аввали соли 1995 (давраи ба муомила баровардани рубли тоҷикӣ) захираҳои пулии бонкӣ «А» 22 млн. рубли тоҷикиро ташкил медоданд. То охири сол захираҳои бонк ҳашт маротиба зиёд шуда, 176 млн. рубли тоҷикиро ташкил дода бошанд ҳам, вале арзиши реалии онҳо 23,2 фоиз кам шудааст, зеро вобаста ба сатҳи таваррум дар шаш моҳи охири сол, ки ба 956 фоиз баробар буд, захираҳои пулии бонк бояд на камтар аз 232,32 млн. рубли тоҷикиро ташкил медоданд.

Мизоҷон бо мақсади ҳимояи воситаҳои пулии худ аз беқурбшавӣ амонатҳояшонро аз бонкҳо гирифта, барои хариди молҳо сарф карданӣ мешаванд. Бонкҳо, ки ин маблағҳоро ба қарз додаанд, имкони пурра қонеъ гардонидани талаботи мизоҷонро надоранд, бинобар ин мачбур мешаванд бо роҳи боло бурдани фоизи амонатгузорӣ қисме аз мизоҷонро ҳавасманд кунанд ва ё аз ҳисоби қарзҳои пурқимати бонки марказӣ талаботи қисми дигари онҳоро қонеъ гардонанд. Ҳар ду ҳолат ҳам боиси зиёдшавии зарари бонк мегардад, зеро додани фоизи баланд ба амонатгузорон ва бонки марказӣ дар ҳолати пайваста кам шудани фоидаи воқеии бонк зараровар аст.

Хусусияти дигари ин давра аз пасандозҳои пули миллӣ ба пасандозҳои асъорӣ гузаштани мардум аст, ки талаботро ба асъори хоричӣ зиёд намуда, боиси боз хам поён рафтани қурби пули миллӣ мегардад. Ин амал, арзиши воқеии захираҳои бонкиро боз ҳам камтар менамояд.

Корхонаю муассисаҳо низ бо мақсади кам кардани зарари таваррум ба ҳисоббаробаркунии бартерӣ* ва ё зиёд кардани қарзҳои байниҳамдигарӣ** мегузаранд, ки маънои кам шудани талабот ба қарзи бонкиро дорад. Яъне акнун қисме аз захираҳои бонкӣ даромад намеоранд, гарчанде харҷи бонк барои ҷалби онҳо калон аст.

*Бартер маънои ивази мол ба молро дорад, яъне корхонаҳо ба ивази молашон пул нагирифта, моли дигарро мегиранд, ки боиси кам шудани талабот ба пул ва пастшавии қурби он мегардад.

**Корхонаҳо маҳсулоташонро ба қарз мефурӯшанд. Асосан нархи онро бо асъори хориҷӣ муайян намуда, то устувор шудани қурби пули миллӣ интизор мешаванд. Дар ин давра талабот ба пули миллӣ кам шуда, қурби он поён меравад, вале ҳаҷми қарзҳои байниҳамдигарӣ меафзояд.

Аз мавзӯъҳои гузашта ба мо маълум аст, ки эмиссияи пулҳои ғайринақдӣ аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ сурат ғирифта, боиси зиёдшавии ҳаҷми пул дар муомилот мегардад. Суръати зиёдшавии ҳаҷми пул бо ифодаи «мултипликатори бонкӣ» ишора шудааст. Дар шароити таваррумӣ тезпарвоз таҳти назорат гирифтани ин амали бонкҳо яке аз талаботҳои асосии сиёсати зидиинфлятсионии ҳукумату бонки марказӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ ва бо мақсади маҳдуд кардани имкониятҳои бонкҳои тиҷоратӣ бонки марказӣ фоизи қарзҳои худ ва меъёри захираҳои ҳатмиро* боло мебарад. Маҳдудкунии имкониятҳои бонкҳо ба самаранокии исти-

фодаи захираҳои пулии онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

*Меъёри захираҳои ҳатмӣ нишондиҳандаест, ки аз ҷониби бонки марказӣ муайян шуда, таъмини иҷрои он барои ҳамаи бонкҳои тиҷоратӣ ҳатмист. Масалан, ҳар як бонки тиҷоратии дар Тоҷикистон фаъолияткунанда вазифадор аст 12 фоизи маблағҳои дар суратҳисобҳои мизоҷонаш бударо ба ҳисоби алоҳидаи Бонки миллӣ гузаронад. Бонки тиҷоратӣ ҳуқуқи ба фоидаи худ истифода кардани ин маблағҳоро надорад. Зиёд кардани меъёри захираҳои ҳатмӣ маънои аз ихтиёри бонки тиҷоратӣ гирифтани захираҳои зиёдтари онро дорад.

Хулоса, аз як тараф, беқурбшавии пул арзиши воқеии захираҳои пулии бонкҳои тиҷоратиро кам кунад, аз ҷониби дигар, маҳдудкунии имкониятҳои онҳо самаранокӣ ва ё фоиданокии фаъолияташонро кам мекунад.

Дар чунин шароит сиёсати дурусти бонкдорӣ аз ҷониби роҳбарияти бонк метавонад бонкро аз вазъи ногувори молиявӣ барорад.

Бонкҳо бо мақсади ҳимояи захираҳои пулиашон пайваста фоизи қарзро боло мебаранд, зеро танҳо фоизи мусбӣ (аз сатҳи таваррум зиёдтар) метавонад захираҳои пулии онҳоро аз беқурбшавӣ ҳимоя кунад. Илова ба ин, бонкҳои тиҷоратӣ дарҳол аз қарздиҳиҳои дарозмуддат ба қарздиҳии кӯтоҳмуддат гузашта, ҳаракат мекунанд қарзҳои пешинаро, ки бо фоизи паст дода шудаанд, баргардонанд ва ё шартҳояшонро ба талаботи имрӯза мутобиқ намоянд.

Ин чорабиниҳо зарари бонкҳои тиҷоратиро нисбатан кам кунанд ҳам, онро пурра пӯшонида наметавонанд, зеро қисме аз захираҳои пулиашон мутобиқи талаби бонки марказӣ дар шакли ликвидӣ (меъёри ликвидноқӣ) нигоҳ дошта мешавад (масалан, дар Тоҷикистон он 30 фоизро ташкил медиҳад), қисми дигараш дар ҳисоббаробаркуниҳои дар роҳ буда ва ғайра.

Кам кардани меъёри ликвидноқӣ ва барои қарздиҳӣ истифода бурдани ин маблағҳо яке аз роҳҳои кам кардани зарари бонкҳо аст, вале аз тарафи дигар дар шароити таварруми тезпарвоз чунин сиёсат пардохтпазирии бонкро суст мекунад.

Дар ин давра мушкилоти қарзҳои барнагаштаю проблемавӣ низ зиёд шуда, вобаста ба он меъёри дар фонди эҳтиётӣ нигоҳ доштани пул низ зиёд мешавад, ки захираҳои воқеии бонкҳоро боз ҳам камтар мекунад. Зарурати ҳар чӣ зиёдтар аз эътибор соқит доҳистани қарзҳо, маблағҳои иловагиро аз фоидаи бе ин ҳам камшудаи бонкҳо талаб мекунад. Дар натиҷа вазъи молиявии бонкҳо пайваста бад шуда, миқдори бонкҳои касодшуда зиёд мешавад.

Иқтисоддонҳо таъсири бади таваррумро ба фаъолияти бонкҳо бо таъсири маводи муходира ба бадани одам монанд мекунанд, ки дар аввал ҷавонон аз истифодааш роҳат карда, баъди чанде ба он вобаста ва ба марг рӯ ба рӯ мешаванд.

Таҳлили дурусти вазъи молиявии бонк ва вобаста ба он татбиқ намудани сиёсати оқилонаи пулию қарзӣ яке аз роҳҳои кам кардани таъсири бади таваррум ба фаъолияти бонкҳо мебошад. Зарур аст, ки ҳар ҳафта тавозуни бонк вобаста ба сатҳи таваррум ҳисобӣ шуда, ба муҳокимаи шӯрои бонк пешниҳод ва вобаста ба он қарорҳои дахлдор қабул шавад. Ҳукумату бонки марказӣ метавонанд бо роҳи додани кафолати қарзҳо ба соҳаҳои алоҳида ва кам кардани меъёри захираҳои ҳатмӣ сохтори бонкиро дастгирӣ намоянд.

Мавзӯи 11

ҚАРЗ, ЗАРУРАТ ВА МОҲИЯТИ ОН

Қарз мафҳумест нофорам. Касе намехоҳад қарз гирад ё қарздор бошад. Қарздиҳанда ҳам пулашро ба каси дигар бо дили нохоҳам ва ё ба ивази иловапулию иҷрои шартҳои муайян медиҳад. Пас, чаро қарз категорияи иқтисодисту дар асоси мавҷудияту зарурати истифодаи он бонкҳо ташкил шудаанд ва ҳазорон мутахассисон ҳамарӯза машғули қарздиҳианд? Чаро корхонаҳою одамони алоҳида бино, хона, мошину лавозимоти дигарашонро ба гарав монда қарз мегиранд? Чаро доимо дар матбуот бонкҳою ҳукуматро барои пурра бо қарз таъмин накардани мизоҷон танқид мекунанд? Барои чӣ хатто дар кишварҳои бойтарини дунё, ба монанди Швейтсария, Амрико, Ҷопон, Британиёи Кабир ва ғайра низ талабот ба қарзу қарзгирӣ хеле зиёд аст? Чаро дар олам кишваре нест, ки аз мардумаш ё кишварҳои дигар қарздор набошад ва ё ба кишвар-

ҳои дигар қарз надода бошад? Магар бе қарз фаъолияту зиндагӣ карда намешавад?

Барои ҷавоб додан ба ин саволҳо моро зарур аст, ки ба мафҳум, моҳият, зарурият ва нақши қарзу муносибатҳои қарзӣ дар пешрафти иқтисодиёт сарфаҳм равем.

11.1. Мафҳуми қарз

Аслан дар забони имрӯзаи тоҷикӣ таҳти мафҳуми қарз маблағи пулӣ ё моле фаҳмида мешавад, ки муваққатан ва бе талаби иловапулӣ ё бо талаби он ба каси дигар дода шудааст. Дар адабиёти классикии тоҷикӣ истифодаи мафҳуми «вом» бештар ба назар мерасад. Ин аст, ки коғазҳои қарзии Вазорати молия аз соли 1997 сар карда номи «вомбарг»-ро гирифтанд, ки маънояш шаҳодатномаи қарзӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки дар адабиёти иқтисодии хориҷӣ (масалан аврупоӣ) маблағ ё моли муваққатан ба каси дигар (бе талаби иловапулӣ) додашуда «ёрдами молиявӣ» ва ё «ёрдам» ном дорад. Дар аксари ҳолатҳо чунин намуди қарздиҳӣ бар зарари қарздиҳанда аст, зеро сатҳи мавҷудаи таваррум арзиши қарзи додашударо рӯз то рӯз кам мекунад, яъне қобилияти харидории пуле, ки ба соҳибаш баргардонида мешавад, аз пешина камтар аст. Дар шароити Тоҷикистон низ сатҳи таваррум солҳои охир ба ҳисоби миёна 8-10 фоизро ташкил медиҳад. Дар шароите ки таваррум иқтисодиёти тамоми

кишварҳо, аз он ҷумла Тоҷикистонро, фаро гирифтааст, додани қарзи бефоиз* зараровар аст**.

*Қарзи бефоиз дар миёни тоҷикон аз қадим боз бо истилоҳи «қарзи ҳасана» маъруф аст.

**Масалан, Қосим ба Ҳайдар 2000 сомонӣ қарзи якмоҳа медиҳад. Агар сатҳи таваррум дар як моҳ 1% бошад, дар охири моҳ қобилияти харидории ин маблағ ба 1980 сомонӣ баробар аст. Ба таври дигар, агар Қосим дар аввали моҳ имконият дошт бо ин маблағ 100 дона моли муайянро харад, ҳоло ӯ 99 донаи онро харида метавонаду халос.

Дуруст муайян кардани мафҳуми қарз дар забони тоҷикӣ низ ба мақсад мувофиқ аст. Азбаски қарздиҳӣ қонунан вазифаи бонкҳою муассисаҳои қарзӣ буда*, он бо шартҳои муайян (баргардонидашаванда, додани иловапулӣ, мӯҳлатнок) дода мешавад, зарур аст, ки таърифи қарз ин ҳолатҳоро дар бар гирад. Илова бар ин, гарчанде дар ҳолатҳои алоҳида, хусусан ҳангоми надоштани пули хариди мол, он ба харидор ба қарз дода мешавад, фурӯшанда интизори гирифтани маблағи пулӣ (нархи мол) аст, на худи мол**. Аз ин рӯ, ин намуди қарз низ дар бозгашт шакли пулиро мегирад.

*Дар Тоҷикистон имрӯз, хусусан дар шаҳрҳо, одамоне ёфт мешаванд, ки ба қарздиҳӣ машғуланд, яъне маблағҳои пулиашонро муваққатан ва ба ивази фоизи муайян ба касони дигар медиҳанд, валс бояд донист, ки ин амалиёти ғайриқонунӣ буда, барои он ҷазо муайян шудааст.

**Мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 13 (335) аз 12 майи соли 1995 дар қаламрави кишварамон амалиётҳои бартерӣ (моливазкунӣ) манъ аст.

Ҳамин тавр, *қарз ин маблағи пулиест, ки бо шартҳои баргардонидашавӣ ва додани иловапулӣ муваққатан ба каси дигари ҳуқуқӣ ё воқеӣ дода шудааст.*

Дар адабиёти иқтисодии русӣ ва англисӣ мафҳумҳои зиёд – кредит (credit), ссуда, займ (Loan), долг (debt) истифода мешаванд. Масалан, кредит (credit) ин чамъи муносибатҳои иқтисодист, ки тавассути онҳо маблағҳои пулии озодмонда бо шартҳои баргардондашавию додани иловапулӣ муваққатан ба каси дигари ҳуқуқӣ ё воқеӣ дода мешаванд. Ин муносибатҳо аз шиносшавӣ бо фаъолияти қарзгиранда оғоз ёфта, бо муайян кардани шартҳо ва бастани шартнома, додани маблағи пулӣ, назорати истифодаи мақсаднок ва дар ҳолати муайяншуда баргардонидани он ба анҷом мерасанд. Дар забони тоҷикӣ низ истифодаи калимаи кредит раво аст, вале то ҳол он вирди забони мардум нагаштааст. Ба мафҳуми қарзи тоҷикӣ мафҳумҳои «ссуда»-и русӣ ва «Loan»-и англисӣ ҳаммаъноянд, ки ифодакунандаи маблағи пулии ба қарз додашуда мебошанд.

11.2. Зарурати истифодаи қарз

Агар дар қатори кашфиётҳои бехтарини инсоният яке пул бошад, дигаре қарз аст. Кашфу истифодаи пул имкон дод пайвастагии доимии истех-

солот, муомилот ва истеъмолот, ки яке аз шартҳои асосии самаранокии иқтисодиёт мебошад, таъмин карда шавад. Рушди савдо, додугирифт миёни маҳалҳою мавзеъҳои гуногун, боз шудани бозорҳои нав боиси пешрафти истеҳсолот ва такрористеҳсоли васеи воситаҳои истеҳсолоту истеъмолот гардид. Акнун рӯз то рӯз талабот ба воситаҳои пулӣ барои таъмини истеҳсоли маҳсулот меафзуд ва зарурати истифодаи қарз ба миён меомад. Дар давраи муомилоти натуралӣ ин гуна талабот бо додани қарзи молӣ ҳал мегардид, ки ҳолатҳои ягонаро дар бар мегирифт. Акнун, бо пайдоиши пул, имконияти додани қарзи пулӣ ба миён омад.

Асоси пайдоиши талабот ба қарзро дар соҳаҳои истеҳсолоту савдо ва хизматрасонӣ ҷустан зарур аст. Ҳангоми гардиш ва ғирдгардиши сармоя маблағҳои қисме аз ширкатҳо ва шахсони алоҳида муваққатан озод мемонанд, ҳол он ки ширкатҳою шахсони дигар бо сабабҳои гуногуни дар поён овардашуда ба истифодаи муваққатии ин маблағҳо ниёз доранд.

Зарурати истифодаи қарз бо сабабҳои зерин ба миён меояд:

– *мавҷудияти фосила байни замони маблаггузорӣ ва замони бозгашти маблағҳои пулии барои истеҳсоли маҳсулот сарфшуда.*

Вобаста ба давомнокии силсилаи истеҳсолӣ фосилаи байни харҷи маблағ ва фурӯши молу баргардонидани пул метавонад гуногун бошад. Маса-

лан, дар соҳаҳои истеҳсоли техника (мошинсозӣ, тайёрасозӣ ва ғайра) ин фосила хеле калон буда, дар соҳаҳои дигар камтар аст. Ширкату соҳибкорони алоҳида дар аксари ҳолатҳо имкони пӯшонидани чунин харочотро надоранд. Аз ин рӯ, зарурати истифодаи қарз ба миён меояд.

Дар соҳаи кишоварзӣ вобаста ба мавсимӣ будани истеҳсоли маҳсулот ин амал бисёртар ба назар мерасад. Масалан, дар соҳаи пахтакорӣ харочот барои хариди сӯзишворӣ, доруҳои кимиёӣ ва додани музди меҳнат аз аввали сол шурӯъ мешавад. Танҳо моҳҳои сентябру октябр саршавии чиниши пахтаю фурӯши он имкон медиҳад, ки хочагиҳо соҳиби маблағи муайян ғарданд. То ин дам талабот ба воситаҳои пулӣ зиёд аст ва аксари хочагиҳо бо сабаби надоштани воситаҳои худӣ ба қарз эҳтиёч доранд.

– ба ҳам мувофиқ наомадани вақти истеҳсоли маҳсулот ва вақти фурӯши он.

Дар қисме аз зерсоҳаҳои саноат маҳсулоте истеҳсол мешаванд, ки талабот ба онҳо мавсимӣ аст. Масалан, истеҳсоли либосҳои зимистона дар фабрикаҳо мавсимӣ нест, вале фурӯши он мавсимӣ мебошад. Аслан мардум палто ва дигар либосҳои зимистонаро тирамоҳ ва аввали зимистон мехаранд. Аз ин рӯ, соҳаҳои савдою хизматрасонӣ барои ташкили захираи молҳо ба қарз эҳтиёч доранд.

Манфиатовар будани фурӯши мол дар даврахои муайян ширкатҳоро водор месозад, ки моли худро то вақти болоравии нархи он ба бозор наба-

роранд. Масалан, нархи пахта вобаста ба кам шудани захираҳои он дар бозори ҷаҳонӣ моҳҳои июн-август боло меравад ва баробари сар шудани чиниши он боз ба сатҳи аввала бармегардад. Аз ин рӯ, қисме аз ширкатҳои пахтафурӯш захираҳои пахта-ашонро то болоравии нарх нигоҳ дошта баъдан ба бозор мебароранд. То ин дам, онҳо талаботи иловагиашонро аз ҳисоби қарзи бонкӣ қонеъ мегардонанд.

– ба ҳам мувофиқ наомадани вақти фиристодани мол ва вақти гирифтани пули он.

Вобаста ба дур будани харидор аз фурӯшанда, нобоварӣ ба фурӯшанда оид ба иҷрои ӯҳдадориҳояш (масалан, оид ба миқдор, намуд, сифати моли фиристодашаванда) ва сабабҳои дигар вақти фиристодан ё супурдани мол ба харидор ва вақти гирифтани пули он ба ҳам рост намеоянд. Зарурати таъмини мунтазами истеҳсоли маҳсулот истифодаи қарзро барои хариди ашёи хом, пӯшонидани хароҷотҳои истеҳсолию додани музди меҳнат талаб мекунад.

– зарурати васеъ кардани истеҳсолот ва хариду истифодаи технологияи нав.

Суръати баланди пешрафти илму техника ва истифодаи натиҷаҳои он барои ба талаботи бозор мувофиқ гардонидани истеҳсолот зарурати истифодаи қарзро талаб мекунад. Рақобати сахт дар бозор молистеҳсолкунандагонро маҷбур месозад, ки пайваста аз навовариҳои илму техника истифода карда

малакаи кормандонашонро баланд бардоранд. Барои ичрои ин мақсадҳо қисми зиёди онҳо аз қарз истифода мекунанд.

– зарурати кам кардани харочот дар истеҳсолоту муомилот бо роҳи таъмини таносуби мусоид байни воситаҳои худӣ ва ҷалбшаванда (қарзӣ).

Азбаски талабот ба воситаҳои иловагӣ муваққатӣ асту онро метавон аз ҳисоби қарз таъмин кард, зарур нест, ки ширкатҳою соҳибкорон воситаҳои пулии худро беҳаракат дар ҳисобҳояшон нигоҳ доранд. Ҳатто дар ҳолати доштани маблағҳои зиёдатӣ онҳоро пасандоз кардан манфиатовар аст.* Талаботи муваққатии дар давоми сол пайдошавандаро метавон аз ҳисоби қарз қонеъ гардонид.

*Масалан, ширкати Авеста 10 млн. сомонӣ маблағи озод дорад. Агар онро ба мӯҳлати 1 сол пасандоз кунад, бонк ба ширкат 30 фоиз иловапулӣ медиҳад, ки 2,64 млн. сомониро ташкил медиҳад. Иловапулӣ (3,00 млн.сомонӣ) – андоз (12 фоиз ё 0,36 млн. сомонӣ). Албатта, ширкат метавонад маблағҳои худро ба мӯҳлати камтар пасандоз кунад, вале дар ин ҳолат: якум, он иловапулии камтар (30 фоиз нею 15 фоиз ва ё аз он ҳам камтар) мегирад; дуюм, он аниқ намедонад, ки ба воситаҳои қарзӣ мӯҳтоҷ мешавад ё на ва агар шавад ҳам, кай (дар кадом моҳ), зеро ин аз пардохтпазирии харидорон вобаста аст. Фарз кардем, моҳи май ширкат 1 млн сомонӣ талаботи иловагӣ дорад. Агар ширкат ин талаботро аз ҳисоби маблағҳои озодмондааш пӯшонидан шавад, пас аз бонк ба ҷойи 2,64 млн. сомонии иловапулӣ камтар аз 1,32 млн.сомонӣ мегирад, зеро маҷбур аст шартномаи пасандозиро вайрон кунад. Вале, агар ширкат ин та-

лаботашро аз ҳисоби қарз пӯшонад, он дар ҳолати ба 35 фоизи солона баробар будани фоизи қарз 29166 сомонӣ иловапулӣ медиҳаду халос.

– зарурати қонеъ гардонидани талаботҳои шахсӣ.

Барои сохтмони хона, хариди ҷевону дигар лавозимот, гирифтани маълумоти олӣ ва ғайра шахсони алоҳида ба қарз мӯҳтоҷанд ва ин намуди қарзгирӣ солҳои охир хеле рушд кардааст. Хусусан, дар кишварҳои пешрафта, ба монанди ИМА, Британиёи Кабир ва ғайра мардум қисми талаботи худро аз ҳисоби қарз қонеъ мегардонад. Истифодаи кортҳои қарзӣ ба одамони алоҳида имкон медиҳад, ки талаботи аз меъёр зиёди худро низ аз ҳисоби қарз қонеъ гардонанд.*

*Қарзи амрикоиҳо аз ширкатҳои барорандаи кортҳои қарзӣ бемайлон зиёд шуда, апрели соли 2004 730 млрд. долларро ташкил дод. Мутобиқи маводи ба нашр расонидаи ширкати тадқиқотии Demos қарзи амрикоиҳо нисбат ба соли 1989 чор маротиба зиёд шудааст. Кортҳои қарзӣ ба дорандагонашон имкон медиҳанд, ки дар асл аз ҳисоби қарз зиндагӣ кунанд. Барои истифодаи ин намуди қарз қарздорон ба ширкатҳои барорандаи кортҳо 13 фоизи солона ва дар ҳолати охири ҳар моҳ барнагардонидани қарз 29 доллар ҷарима медиҳанд. Маблағи қарзи оилаҳои миёнаҳоли амрикоӣ аз ширкатҳои барорандаи кортҳо нисбат ба 10 соли пешин 53 фоиз афзудааст. Ин нишондиҳанда барои оилаҳои камдаромад ба 184 фоиз ва нафақахӯрон ба 149 фоиз баробар аст.

www.washingtonprofile.com 07.04.2004.

Хулоса, таъмини гардишу гирдгардиши бемайлони сармоя, воридшавии саривақтии ашёи хому воситаҳои дигари истеҳсолот ба корхонаҳо, татбиқи навовариҳои илму техника бо мақсади қонеъгардонии талаботи доимоафзояндаи ҷамъияту шахсони алоҳида ва ҳалли масъалаҳои дигари барои пешрафти истеҳсолот муҳим зарурати истифодаи қарзро ба миён меорад.

11.3. Вазифаҳои қарз

Моҳияти қарз дар иҷрои вазифаҳои муайян зоҳир мешавад. Бинобар ин, омӯзиши вазифаҳои қарз ба мақсад мувофиқ аст. Қарз ҳамчун категорияи иқтисодӣ вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

– азнавтақсимкунии воситаҳои пулӣ.

Даромади корхонаю ташкилотҳо ва соҳибкорони алоҳида баробари воридшавӣ ба суратҳисобашон байни онҳо,* давлат** ва ташкилотҳои дигар*** тақсим мешавад.

*Қисми асосии даромади корхона, ташкилотҳою одамони алоҳида дар ихтиёри онҳо монда, барои пӯшонидани хароҷотҳои истеҳсолӣ, додани музди меҳнат ва ғайра сарф мешавад.

**Қисме аз даромади онҳо чун андоз ба буҷет гузаронида мешавад.

***Қисми сеюми даромад ба корхонаю ташкилотҳои дигари хизматрасон бо мақсадҳои гуногун гузаронида ме-

шавад. Масалан, ба хазинаи ғайридавлатии нафақа, ба ташкилотҳои суғуртавӣ барои суғуртаи кормандон ва ғайра.

Қисме аз ин маблағҳои тақсимшуда бо сабабҳои гуногун (баъдан харидани мол, мавсимӣ будани истеҳсолот, дар охири сол тақсим кардани фоида, ташкили фондҳои амортизатсионӣ ва ғайра) муваққатан озод мемонанд.

Сабабҳои дар боло қайдшуда ва ба ҳам мувофиқ наомадани гирдгардиши воситаҳои асосию гардони корхонаҳо боиси муваққатан озод мондани маблағҳои пулии қисме аз онҳо мегардад, ҳол он ки қисми дигари корхонаҳо барои таъмини пайвастагии истеҳсолоташон муваққатан ба маблағ эҳтиёҷ доранд.

Ба воситаи қарз маблағҳои озоди корхонаю одамони алоҳида дар бонкҳо ҷамъ карда шуда, барои таъмини талаботи дигарон равона карда мешаванд. Яъне маблағҳои аллакай тақсимшуда бо шарофати қарз аз нав тақсим мешаванду барои пешрафти иқтисодиёт хизмат мекунанд.

Хусусияти хоси ин вазифаи қарз дар он аст, ки ба тавассути он маблағҳои аз соҳаҳою одамони гуногун ҷамъшуда барои пешрафти як ё якчанд соҳаҳои дигар истифода мешаванд.

Қарз дар шакли молиаш низ тақсимкунандаи қисме аз захираҳои молист. Додани мол ба каси дигар ҳатто бо умеди баъдан гирифтани пули он амалест ба мақсад мувофиқ. Ин аст, ки аз даврaҳои аввали пайдоиши муомилоти молӣ сар карда то ба имрӯз одамони алоҳида моли худро ба касони бова-

ринок ба қарз медиҳанд. Агар яке аз сабабҳои ин амал пардохтнопазирии муваққатии* харидорон бошад, сабаби дигар набудани имконияти дароз нигоҳ доштани мол аст. Имрӯз низ, новобаста ба пайдоиши техникаю технологияи ҳозиразамон, қисме аз молҳоро (масалан, маҳсулоти ширирo) мӯҳлати дароз ниғоҳ дошта намешавад ва ба қарз фурӯхтани онҳо ба мақсад мувофиқ аст.

*Пардохтнопазирии муваққатӣ – муваққатан надоштани пул ё имконияти пардохти мол.

Баргардонидани қарзи бонк аз ҷониби қарздорон, пардохти пасандозҳои корхонаю шахсони алоҳида, додани фоизу дивиденд, ҷалби пасандозҳою додани қарзҳои нав давоми раванди азнавтақсимкунии воситаҳои пулӣ мебошад. Ин раванд доимӣ ва беохир аст.

– *истифодаи амалиёти қарзӣ ба ҷойи пулҳои нақдӣ.*

Арзиши баланди ташкили муомилоти пулӣ* дар асрҳои миёна (доштани захираҳои зарурии тиллою нуқра, сикказании тангаҳо, нигаҳдошту ҳимояи захираҳои пулӣ, зарурати пайваста иваз кардани тангаҳои арзишашон камшуда ва ғайра) ҳукуматҳоро маҷбур месохт, ки доимо дар ҷустуҷӯйи шаклҳои муфидтари ташкили он бошанд. Ин аст, ки амалиёти қарзӣ (ҳисоббаробаркунӣ бо истифодаи векселҳо, бонкнотаҳо, чекҳо ва ғайра) аз аввали пайдоишашон доираи истифодаи пулҳои аслӣ (тил-

лоию нуқрагин)-ро танг карда, баъдан пурра ҷойи онҳоро гирифтанд.

*Таҳлилҳои иқтисодӣ (мавзӯи 2.2) нишон медиҳанд, ки ташкили муомилоти пулии аслӣ (тиллоӣ, нуқрагӣ) хеле гаронбаҳост ва қисми зиёди кишварҳо аз ӯҳдаи он намебароянд. Аз ин рӯ, истифодаи пулҳои қарзию амалиёти қарзӣ ба ҷойи пулҳои аслӣ ва бо ин роҳ кам кардани харочотҳои муомилот ба мақсад мувофиқ аст.

Чӣ хеле ки дар мавзӯъҳои гузашта қайд карда будем, бо мурури замон ҳукумату бонкҳои марказӣ ба истифодаи пулҳои қарзӣ гузаштанд. Асоси пайдоиши пулҳои қарзӣ забонхатҳои ҷавоҳиротсозон буданд, ки баъдан вексел ном гирифтанд.

Пешрафти бонкдорӣ, пайдоиши имконияти ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва истифодаи мошинҳои электронӣ дар соҳаи бонкдорӣ боиси истифодаи шаклҳои нави пулҳои қарзӣ – *бонкнотаҳо, чек, пулҳои электронӣ ва кортҳои бонкӣ* гардид.

Хусусияти хоси пулҳои қарзӣ аз он иборат аст, ки онҳо дар асоси амалиёти қарзӣ, яъне ҳангоми додани қарз, ба муомилот бароварда шуда, бо мурури замон ба бонк бармегарданд.

Суръати баланди пешрафти соҳаи бонкдорӣ ва пайдоишу истифодаи шаклҳои ҳозиразамони ҳисоббаробаркунӣ доираи истифодаи пулҳои нақдиро* рӯз то рӯз танг карда истодааст. Рақобати иқтисодӣ бонкҳоро маҷбур месозад, ки новобаста аз мавҷудияти маблағҳои пулӣ дар суратҳисобҳои мизоҷони боварinок қисми зиёди амалиётро аз ҳисо-

би қарз иҷро кунанд. Ин шаҳодати он аст, ки ба шарофати истифодаи зиёдтари амалиёти қарзӣ ҳаҷми пулҳои нақд ва хароҷотҳои ба чопу ташкили гардиши он вобаста пайваста кам мешавад.

*Ҳукумату бонкҳои марказӣ пайваста дар чустуҷӯйи роҳҳои кам кардани хароҷотҳои худанд. Аз ин рӯ, ба ҷойи пулҳои нақд истифода кардани амалиёти қарзӣ – вексел, чек, ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва ғайра ба мақсад мувофиқ аст, зеро имрӯз низ арзиши ташкили муомилоти пулӣ (чопи пул, нигаҳдошту ҳимояи захираҳои пулӣ, аз ҷой ба ҷой бурдани маблағҳои пулии нақдӣ, ивазкунии пулҳои фарсудашуда ва ғайра) хеле баланд аст.

Ҳамин тариқ, агар иҷрои вазифаи аввали қарз (воситаи азнавтақсимкунии маблағҳои пулии муваққатан озод) имкон диҳад, ки маблағҳои муваққатан озоди хоҷагии халқу аҳолӣ барои пешрафти иқтисодиёт истифода шаванд, иҷрои вазифаи дуюми он боиси пайваста кам кардани хароҷот барои ташкили муомилоти пулӣ мегардад.

Мавзӯи 12

ПАЙДОИШ ВА ПЕШРАФТИ МУНОСИБАТҲОИ ҚАРЗӢ

12.1. Муносибатҳои қарзӣ ва марҳалаҳои асосии рушди онҳо

Барои истифодаи муваққатии маблағҳои пулӣ ё моли каси дигар қарзгирандаро зарур аст, ки бо қарздиҳанда муносибатҳои муайян барқарор намояд ва азбаски асоси пайдоишу рушди ин муносибатҳо гирифтан, истифодаю баргардондани қарз аст, дар адабиёти иқтисодӣ онҳо муносибатҳои қарзӣ ном гирифтаанд.

Муносибатҳои қарзӣ ҳамкории ду тарафро ҳангоми шиносшавии қарздиҳанда бо фаъолияти қарзгиранда, муайян кардани шартҳо ва бастани шартнома, додани маблағи пулӣ, назорати истифодаи мақсаднок ва дар вақти муайяншуда баргардонидани қарзу иловапулиро дар бар мегирад.

Вобаста ба пешравии ҷамъият ва аз як зина ба зинаи дигар гузаштани он муносибатҳои қарзӣ ҳам ташаккул ёфтаанд. Рушди муносибатҳои қарзиро ба марҳалаҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

– пайдоиши муносибатҳои қарзӣ.

Муносибатҳои қарзӣ дар давраи гузариш аз хоҷагидории натуралӣ (табиӣ) ба хоҷагидории молӣ пайдо шудаанд. Ба ҷамъияти ибтидоӣ муносибатҳои қарзие хос буданд, ки дар асоси онҳо шахсони алоҳида ба мӯҳтоҷон моли худро ба қарз медоданд ва баъдан ҳамин мол ё ба ивазаш моли ба он баробаразиш баргардонида мешуд. Истифодаи молҳои алоҳида чун эквиваленти умумӣ муносибатҳои қарзиро осонтар гардонд, вале рушди бештари онҳо ба давраи пайдоиши пулу пешрафти муносибатҳои пулӣ рост меояд. Ба ҳам рост наомадани давомнокии истеҳсолу муомилоти молҳо, вақти истеҳсолу вақти фурӯши онҳо, мавсимӣ будани истеҳсолот дар соҳаҳои алоҳида қисме аз молистеҳсолкунандагонро маҷбур мекард моли худро ба қарз диҳанд, зеро харидорон бо сабабҳои гуногун (ба фурӯш нарафтани молҳои мавсимӣ ва ғайра) пул надоштанд. Дар ин асос, шакли одии қарздиҳӣ – қарзи тиҷоратӣ пайдо шуд.

Тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва пайдоиши моликияти шахсӣ одамонро ба бойю камбағал, дорандаю нодор ҷудо кард. Муфид будани қарздиҳӣ боиси пайдо шудани судхӯрон ва судхӯрӣ* гардид. Дар аввал шахсони доро ба ҳамсафони худ гандуму молҳои заруриро бо шартҳои гарон ба қарз медо-

данд. Худи қарзгир ва ё замини ӯ ба сифати гарави қарз қабул мешуд. Дар ин заминҳо қарздодагон сангҳоеро мегузоштаанд, ки дар бари онҳо номи қарздор, маблағи қарз, мӯҳлату тартиби баргардонидани он кандакорӣ шуда буд. Қарзгирифтагон ҳам қарзро бармегардонданду ҳам қисми зиёди ҳосилро ба судхӯрон медоданд.

*Судхӯрӣ фаъолиятест, ки дар он одамони алоҳида – судхӯрон танҳо ба қарздиҳии молӣ ё пулӣ машғул буда, аз ҳисоби даромади он зиндагӣ мекунанд.

Пайдоиши пул ва рушди муносибатҳои пулӣ боиси гузаштан аз қарздиҳии молӣ ба қарздиҳии пулӣ гардид ва азбаски ин тартиби қарздиҳӣ мусоидтар буд, судхӯрӣ боз ҳам равнақ ёфт. Акнун, қарзгирандагон аксаран камбағалон буданд. Дар Юнони қадим (асрҳои VII-VI то милод) тамоми мардум аз дороён қарздор буданд. Дар ин кишвар «Қонунҳои дувоздаҳчадвала» қабул шуда буд, ки тартиби додану баргардонидани қарзро муайян мекард. Байни қарздиҳандаю қарзгиранда шартномаи қарзӣ баста мешуд. «Гӯшту хун»-и қарздор қонунан гарави қарз буданд. Дар ҳолати барнагардонидани қарз қарздода дар асоси қарори суд метавонист қарздорро занҷирбанд кунад. Нисбат ба шахси аз якчанд нафар қарздор қонун чунин ҷазоро муайян карда буд: «бигузор қарздодагон дар рӯзи бозори сеюм (яъне охири ҳафтаи сеюм – Ш.Р.) онро ба қисмҳо бурида тақсим кунанд» (32,409). Албатта, ин ҷазо дар амал татбиқ намегардид, зеро ба ман-

фиати қарздодагон набуд. Онҳо моликияти қарздорро аз худ мекарданд ва ё худи ӯро ба ғуломӣ фурӯхта, пули ба даст омадаро байнашон тақсим менамуданд.

Зиёдшавии талабот ба қарз, фоиданокии ин намуди фаъолият ва зарурати ташкили он дар сатҳи баланд боиси пайдоишу рушди аввалин амалиёти бонкӣ дар Рими қадим (асри III то милод) гардид. Дар аввал одамони алоҳида ба ивазкунии пулҳои дар давлату мавзеъҳои гуногун сиккашуда шурӯъ намуданд. Баъдан, онҳо ба қабулу нигоҳдории пулҳо, интиқоли пул аз як ҷой ба ҷойи дигар ва қарздиҳӣ машғул шуданд.

Ҳамин тавр, дар даврањои қадим баробари пайдоишу рушди муносибатҳои қарзӣ намудҳои гуногуни қарз низ пайдо шуданд. Аммо пешрафти сусти хоҷагидорию муомилот боиси рушди сусти муносибатҳои қарзӣ гардида буд. Қарздиҳандагон аслан на ба фаъолияти самараноки қарзгиранда, балки ба ҳар чӣ тезтар баргардонидани қарзу иловамолӣ ё иловапулии худ ҳавасманд буданд. Ин амал садди роҳи пешрафти иқтисодиёту самаранокии истеҳсолот гардида буд. Бонкҳои нав пайдошуда низ асосан фаъолияти судхӯрона доштанд.

– пойдоршавии муносибатҳои қарзӣ.

Ин марҳалаи муносибатҳои қарзӣ асрҳои XXIX-ро дар бар мегирад. Хусусиятҳои фарқкунандаи ин марҳала дар рушди амалиётҳои мубодилавӣ, пайдоиши миёнаравон байни пулдорону қарзгирандагон, боз ҳам тараққӣ ёфтани қарздиҳии молӣ,

пойдоршавии бонкҳою пешрафти бонкдорӣ, пайдоишу истифодаи васеи векселҳо* чун воситаи ҳисоббаробаркунӣ мебошанд.

*Вексел (калимаи немисии Wechsel) – мубодила, табдил, иваз.

Пешрафти амалиёти мубодилавӣ, истифодаи сандуқҳои оҳании ҷавоҳиротсозон барои нигоҳдории пули мардум ва аз ҷониби ҷавоҳиротсозон ба онҳо додани забонхатҳо, истифодаи забонхатҳо дар муомилоти пулӣ асоси пайдоиши шаклҳои нави ҳисоббаробаркунӣ гардид. Ин забонхатҳо баъдан ба шакли муайян даромада *вексел* ном гирифтанд. Дере нагузашта истифодаи векселҳо то дараҷае васеъ шуд, ки баъди ҳар чанд вақт бозори фурӯши онҳо ташкил мешуд. Масалан, асрҳои XIII-XIV дар музофоти Шампани Фаронса соле шаш маротиба бозори фурӯши векселҳо баргузор мегардид. Векселдорон метавонистанд онҳоро ба гарав гузошта, аз судхӯрон қарз гиранд.

Пешрафти саноату савдо рӯз аз рӯз талаботро ба қарз зиёд мекард, судхӯрон имкон надоштанд талаботи доимо афзояндаи сармоядоронро қонеъ гардонанд. Муассисаҳое лозим буданд, ки пулҳои муваққатан озоди сармоядорон ва мардуми одиро ҷамъ карда, ба мӯҳтоҷон ба қарз диҳанду бозгашти онро назорату таъмин кунанд.

Ин аст, ки зиёдшавии талабот ба қарз ва зарурати ташкили муташаккили амалиётҳои бонкӣ

боиси пойдории бонкҳо ва пешрафти муносибатҳои қарзӣ гардид.

Аз охири асри XVII сар карда дар кишварҳои аврупоӣ бонкҳои калони саҳҳомӣ ташкил шуданд, ки дар алоҳидагӣ ё якҷоя барномаҳои калони давлатӣ, ба монанди сохтмони роҳи оҳан, истеҳсоли тепловозҳо ва ғайраро маблаггузорӣ мекарданд.

Бозёфтҳон таърихӣ (тангаҳо) дар мавзеъҳои алоҳидаи Осиёи Марказӣ ва тадқиқотҳои илмии олимони имрӯзаи тоҷик (36,153-155, 192-195) аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар даврaҳои қадим муносибатҳои пулӣ хеле тараққӣ карда будаанд, вале то ҳол навиштаҷоте дар бораи муносибатҳои қарзӣ ёфт нашудааст. Албатта, ин маънои онро надорад, ки қарзу қарздиҳӣ ба мардуми ин сарзамин хос набуд, вале шаклҳои гуногуни он ба дараҷаи кишварҳои аврупоӣ пеш нарафта буданд. Аз ҷониби дигар, дар сарзамини Осиёи Марказӣ паҳн шудани дини мубини ислом, ки мувофиқи он гирифтани рибо (фоиз) нораво аст, қарздиҳиро номуфид гардонида буд.

Ба зери тасарруфи Русия даромадани қисми шимолии Осиёи Марказӣ дар нимаи дуюми асри XIX боиси ривоҷи тиҷорату муносибатҳои қарзӣ гардид. Асари устод Садриддин Айнӣ «Марги судхӯр» ба масъалаҳои ташкилу пешрафти муносибатҳои қарзии охири асри XIX – аввали асри XX бахшида шудааст. Омӯзиши ин асар шаҳодат медиҳад, ки муносибатҳои қарзӣ дар зинаи аввали рушди худ қарор доштаанд. Тасарруф шудани кишвар-

ҳои ин сарзамин аз ҷониби Русия дар аввали асри XX боиси пайдо шудани бонкҳои ҳозиразамон ва рушди муносибатҳои қарзӣ гардид.

Дар кишварҳои аврупоӣ то охири асри XIX муносибатҳои қарзӣ пойдор шуда, хеле пеш рафтанд, вале ба истифодаи пулҳои коғазӣ гузаштан ва пайдо шудани таваррум зарурати танзими муомилоти пулиро ба миён овард. Азбаски қарздиҳӣ яке аз воситаҳои танзими муомилоти пулӣ мебошад, бонкҳои марказии кишварҳои алоҳида ба танзими муносибатҳои қарзӣ гузаштанд.

– гузариш ба муносибатҳои қарзии танзимшаванда.

Охири асри XIX давраи саршавии амали муносибатҳои қарзӣ ба ҳама намудҳои фаъолияти иқтисодист. Акнун истеҳсолот, муомилот, савдои байналмилалиро бе иштироки қарз тасаввур кардан мушкил буд. Сол то сол ҳаҷми қарзи давлатӣ меафзуд ва кор то ба ҳадде расидааст, ки имрӯз кишваре нест, ки аз мардумаш ва ё кишвари дигаре қарздор набошад.

Ширкатҳо, одамони алоҳида, давлатҳо дар як вақт ҳам қарздору ҳам қарзгиранда шуданд. Агар мо ҳамеша меҳнат карда ширкат ё муассисаеро қарздор кунем, дар баробари он ҳар рӯз аз хизмати ширкатҳои дигар (масалан, ширкати таъминкунандаи барқ, об, гармӣ ва ғайра) истифода карда қарздор мешавем. Охири моҳ қарзашонро (музди меҳнатамонро) медиҳанду қарзҳоямонро медиҳем.

Дар баробари пешрафти иқтисодиёту зарурати таъмини талаботи муомилоти пулӣ ба пул эмиссияи он аз ҷониби бонкҳои марказӣ меафзояд. Ягона роҳи ба муомилот баромадани ин пулҳо ба қарз додани онҳост. Дар муомилот онҳо аз суратҳисобҳо ба суратҳисобҳо гузашта, боиси боз ҳам зиёд шудани ҳаҷми пулу захираҳои қарзӣ мешаванд.

Рушди савдои байналмилалӣ ба ташкили дурусти муносибатҳои қарзӣ зич алоқаманд шуд. Ҳиссаи баланди қарз дар сармояи истеҳсолӣ вобастагии истеҳсолоту иқтисодиётро ба ташкили дурусти муносибатҳои қарзӣ боз ҳам зиёд кард.

Дар натиҷаи вориду истифодаи кортҳои бонкӣ хариду фурӯши ҳаррӯза хусусияти қарзиро гирифт. Одамон ҳар рӯз бо истифодаи корт пули хӯрок, либос ва харҷҳои дигарашонро медиҳанд. Дар охири моҳ ширкати кортро бароварда (масалан, Mastercard ё Visa) аз ҳисоби бонкии шахе маблағи дар давоми моҳ харҷкардаи ӯ ва фоизи муайянро мегирад. Агар дар ҳисоби одамон пул набошад, бонк то маблағи муайян ба онҳо қарзи кортӣ (овердрафт) медиҳад. Масалан, қарзи ба воситаи кортҳо гирифтаи шаҳрвандони ИМА дар соли 2005 зиёда аз 13 млрд. долларро ташкил медод.

Пешрафти муносибатҳои қарзӣ боиси пайдоиши намудҳои нави хизматрасонии бонкӣ, ташкили бонкҳои махсусгардонидашуда ба монанди бонкҳои амонатгузорӣ, саноатӣ, содироту воридотӣ, ипотекӣ ва ғайра ғардид.

Аз нимаи дуюми асри XX сар карда, бонкҳои марказии дунё ба танзими муносибатҳои қарзӣ шу-

рӯъ намуданд. Ҷанги дуюми ҷаҳон, аз як тараф, боиси пастравии иқтисодиёти бисёре аз кишварҳо шуда бошад, аз тарафи дигар, боиси боло рафтани сатҳи таваррум гардид. Акнун кишварҳоро зарур буд, ки ҳаҷми пули дар муомилот бударо дар сатҳи ба мақсад мувофиқ нигоҳ доранд. Таъмини иҷрои ин мақсад ба ташкили дурусти муносибатҳои қарзӣ вобаста аст, зеро онҳо муносибатҳои ба додану гирифтани қарзи пулӣ алоқамандро дар бар мегиранд. Ташкили дурусти муносибатҳои қарзӣ имкон медиҳад, ки қарзҳои додашуда сари вақт баргардонида шаванд. Чунин муносибат барои танзими муомилоти пулӣ ва дар ҳолатҳои зарурӣ ба муомилот баровардани миқдори муайяни пул хеле зарур аст.

12.2. Сармояи қарзӣ ва сарчашмаҳои он

Маблағҳои пулии ширкату одамони алоҳида, ки дар истеҳсолоту муомилот истифода мешаванд, сармоя ном доранд. Маблағҳои пулии дар истеҳсолот истифодашавандаро *сармояи истеҳсолӣ* ва дар соҳаи муомилот истифодашавандаро *сармояи савдо* меноманд.* Хусусиятҳои хоси гирдгардишу** гардиши*** сармояҳои истеҳсолию савдо боиси муваққатан озод мондани маблағи муайян мегардад. Илова ба ин, ширкату одамоне ҳастанд, ки маблағҳои пулии худро дар бонкҳо пасандоз карда, аз ҳисоби даромади онҳо фаъолияту зиндагӣ мекунанд. Дар натиҷа ҳаҷми муайяни маблағҳои пулие пайдо мешавад, ки онҳоро барои қарздиҳӣ истифо-

да бурдан мумкин аст. Дар адабиёти иқтисодӣ ин маблағҳои пулӣ *захираҳои қарзӣ***** ном доранд. Қисми ин захираҳо, ки ба қарз дода мешаванд, дар якҷоягӣ бо арзиши молҳои ба қарз додашуда *сармояи қарзиро* ташкил медиҳанд.*****

*Вобаста ба мӯҳлати истифодаи воситаҳои истеҳсолот мафҳумҳои *сармояи асосӣ* (воситаҳои пулии барои хариди бино, дастгоҳҳо, воситаҳои наклиёт ва ғайра сарфшуда, ки мӯҳлати хизматашон зиёда аз 1 сол аст) ва *сармояи гардон* (воситаҳои пулии барои хариди ашёи хом ва воситаҳои дигари истеҳсолӣ сарфшуда, ки мӯҳлати хизматашон камтар аз як сол аст) низ истифода мешаванд.

**Гирдгардиши сармоя мӯҳлатест, ки аз харҷи пул барои хариди ашёи хом оғоз ёфта, харҷи музди меҳнат ва дигар харочотҳои истеҳсолиро дар бар мегирад ва бо фурӯши молу гирифтани пули он ба анҷом мерасад.

***Гардиши сармоя ин ҷамъи гирдгардиши онҳо дар як давраи муайян мебошад, масалан, семоҳа, нимсола ё як сол.

****Қонуну дастурҳои бонкҳои марказӣ ба бонкҳои тиҷоратӣ иҷозат намедиҳанд, то ҳамаи маблағҳои дар суратҳисобҳои мизоҷон бударо ба қарз диҳанд, зеро қисме аз онҳо (тахминан 30 фоиз) барои таъмини хизматрасонии ҳаррӯзаи мизоҷон зарур асту қисми дигарро (барои бонкҳои тиҷоратии дар Тоҷикистон фаъолияткунанда 12 фоиз дар соли 2007) бояд ҳамчун захираҳои ҳатмӣ дар ҳисоби алоҳидаи бонкҳои марказӣ нигоҳ доранд. Ҳамагӣ 60-80 фоизи ин захираҳо чун сарчашмаи сармояи қарзӣ истифода мешаваду халос. Ҳиссаи захираҳои қарзии истифодашаванда аз сатҳи рушди иқтисодиёти кишвар ва тартиботи муайянкардаи бонки марказии он вобаста аст. Илова ба ин, дар ҳолати аз меъёр зиёд доштани захираҳои қарзӣ низ бонк танҳо маблағи ҳашткаратаи сармояи худро ба қарз дода метавонаду халос. Яъне, агар сармояи бонк 10 млн. сомонӣ бошад, он

новобаста аз ҳаҷми бақияи суратҳисоби мизоҷонаш аз 80 млн. сомонӣ зиёдтар қарз дода наметавонад.

*****Гирдгардиши сармояҳои истеҳсолӣ, савдо ва қарзиро бо формулаҳои зерин ифода кардан мумкин аст:

– сармояи истеҳсолӣ: П – М (КК + ВИ)... И... М–П'

– сармояи савдо: П – М – П'

– сармояи қарзӣ: П – П'.

Дар формулаҳо: П – пул, М – мол, КК – қувваи корӣ, ВИ – воситаҳои истеҳсолот, И – истеҳсолот, П' – пули аз фурӯши мол воридшуда (формулаҳои сармояҳои истеҳсолию савдо) ва пули аз қарзи баргардонидашудаву фоизи он иборатбуда (формулаи сармояи қарзӣ).

Сарчашмаҳои сармояи қарзӣ инҳоянд:

– *маблағҳои пулии дар фондҳои амортизатсионӣ* ҷамъшуда.*

Арзиши воситаҳои асосӣ** (бино, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва ғайра) ҳангоми истифода қием ба қисм ба арзиши моли тайёр мегузарад. Ширкатҳо давоми чанд соли истифодаи воситаҳои асосӣ қисми даромад аз фурӯши молро дар фонди амортизатсионӣ ҷамъ меоранд. Баъдан баробари фарсуда шудани воситаҳои асосӣ онҳоро аз ҳисоби ин фонд нав мекунанд. Масалан, мӯҳлати истифодаи агрегатҳои Нерӯгоҳи барқии Норак 30 сол ва ҳавопаймоҳои ширкати ҳавоии Тоҷикистон 20 солро ташкил медиҳад. Дар давоми ин солҳо пайваста қисми маблағи барои истифодаи барқ ва ё аз фурӯши чиптаҳои ширкати ҳавоӣ воридшуда дар ҳисобҳои алоҳида (фонди амортизатсионӣ) бояд ҷамъ

шавад. Аз сабаби он ки ин маблағҳо баъди 20 ё 30 сол пурра ё қисман барои хариди ҳавопаймою агрегатҳои нав сарф мешаванд, то ин вақт имкон аст онҳоро ҳамчун сарчашмаи сармояи қарзӣ истифода кард.

*Ҳар як ширкат бо мақсади ташкили дурусти истеҳсолот ва ҳалли масъалаҳои истеҳсолию иҷтимоӣ фондҳои дахлдорро, ба монанди фонди музди меҳнат, фонди ҳавасмандгардонии кормандон, фонди иҷтимоӣ, фонди амортизатсионӣ ва ғайра ташкил медиҳад. Мақсади ташкили фонди амортизатсионӣ аз ҳисоби даромади ширкат ҷамъ кардани маблағҳои зарурӣ барои азнавсозии воситаҳои асосӣ мебошад.

**Ба воситаҳои асосӣ бино, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт, дастгоҳҳо, инвентар, чорвои корӣ ва ғайра, ки мӯҳлати хизматашон аз як сол зиёд аст, дохил мешаванд.

– *қисме аз воситаҳои гардони** ширкатҳо аз сабаби ба ҳам мувофиқ наомадани вақти вориди маблағҳои пулӣ аз фурӯши мол ва вақти истифодаи он барои хариди ашёи хом, сӯзишворӣ ва ғайра муваққатан озод мемонанд. Азбаски ин маблағҳо (ба ғайр аз бақияи касса) дар суратҳисобҳои бонкии ширкатҳо нигоҳ дошта мешаванд, имкон аст онҳо чун сарчашмаи сармояи қарзӣ истифода кард.

*Ифодаи пулии фондҳои гардон ва фондҳои муомилотӣ дар якҷоягӣ воситаҳои гардон номида мешавад. Ба фондҳои гардон захираҳои ашёи хом ва дигар воситаҳои зарурии мӯҳлати хизматашон камтар аз як сол, арзиши воситаҳои дар истеҳсолоти нотамом буда, хароҷотҳои давраи оянда, ки ба арзиши маҳсулот ворид шудаанд, дохил меша-

ванд. Фондҳои муомилотӣ аз арзиши молҳои тайёри дар анбор буда, молҳои дар роҳ ба харидор буда, маблағҳои дар кассаю суратҳисоби ширкат буда ва маблағҳои аз ҷониби харидорон пардохт нашуда иборатанд.

Илова ба он, маблағҳои пулии барои додани музди меҳнат сафарбаршуда то охири моҳ ё вақти дигари додани музди меҳнат озоданд. Масалан, музди меҳнати ҳаррӯзаи ошпаз дар шакли пули хӯрокҳои фурӯхташуда ба касса ё суратҳисоби ошхона ворид мешавад, вале он танҳо дар охири моҳ ба дасти ошпаз мерасад. То ин дам ин маблағ озод буда, онро метавон ба қарз дод.

– *маблағи фондҳои гуногуни аз ҳисоби фоидаи софи ширкатҳо ташкилшуда*, ки барои васеъ кардани истеҳсолот, тадқиқотҳои илмӣ ва бо мақсадҳои дигар ташкил шудаанд. Масалан, агар ширкат барои кормандонаш хонаи истиқоматӣ сохтанӣ бошад, он муддати дароз маблағи зарурироаз ҳисоби фоидаи софаш дар фонди дахлдор ҷамъ мекунад. То оғози сохтмони хона ин маблағҳо озоданд ва ширкат метавонад онҳоро дар ҳисоби алоҳидаи бонкӣ пасандоз карда, иловапулӣ ғирад. Бонк дар навбати худ ин маблағҳоро ба қарз медиҳад.

– *даромаду пасандозҳои аҳолӣ*, ки дар суратҳисобҳои бонкиашон нигоҳ дошта мешаванд. Одамони алоҳида бо мақсадҳои гуногун (сохтмони хона, хариди ҷевон, мошин, додани маълумоти олӣ

ба фарзандон, тӯй ва ғайра) қисме аз даромадашонро дар суратҳисобҳои бонкиашон ҷамъ мекунанд. Қисми зиёди ин маблағҳо муваққатан озоданд ва аз ҷониби бонкҳо ба қарз дода мешаванд. Даромади аз ҳисоби қарз гирифташуда байни бонкҳою пасандозкардагон тақсим мешавад.

– *захираю даромадҳои пулии давлат*, ки аз ҳисоби фаъолияти тиҷоратӣ, додани қарз ба давлатҳои дигар ва ғайра ворид мешаванд. Даромади буҷетҳои марказию маҳаллӣ то истифодаи онҳо, захираҳои асъории давлат,* маблағҳои дар фондҳои президентӣ ва фондҳои дигар буда то истифодаашон қисми сармояи қарзӣ мебошанд.

*Кишварҳо бо мақсади ҳимояи бозорашон аз таъсири манфии вазъи ногувор захираҳои асъориро ташкил медиҳанд. Мутобиқи тартиби қабулшуда ҳаҷми захираҳои асъории давлат бояд на кам аз харҷи семоҳаи он барои воридот бошад. Масалан, дар Тоҷикистон соли 2005 харҷи якмоҳа барои воридоти мол тахминан ба 50 миллион доллари ИМА баробар буд. Аз ин рӯ, захираҳои асъории кишвар зиёда аз 150 миллион долларро ташкил медоданд.

Хулоса, маблағҳои муваққатан озоди ширкатҳо, давлат ва одамони алоҳида, ки аз ҷониби бонкҳо ба қарз дода мешаванд, дар якҷоягӣ бо арзиши молҳои ба қарз додашуда сармояи қарзиро ташкил медиҳанд. Таъмини ҳаракати сармояи қарзӣ аз қарздиҳанда ба қарзгиранда, яъне додани маблағи пулӣ ба қарз ва сари вақт баргардонидани он ташкили дурусти муносибатҳои қарзиро талаб мекунад.

12.3. Қоидаҳои қарздиҳӣ

Раванди додани қарзро *қарздиҳӣ* меноманд. Асоси мавҷудияти категорияҳои иқтисодӣ, аз он ҷумла қарз, риояи талабот-принсипҳои муайяне аст, ки бе онҳо категория моҳияти худро гум мекунад.

Қоидаҳо (принсипҳо)-и қарздиҳӣ инҳоянд:

– *баргарданда будани қарз.*

Гирифтани қарз корест осон, вале баргардонидани он хеле мушкил. Беҳуда нест, ки дар бораи қарз чунин мегӯянд: *«пули бегонаеро мегирию пули худатро медиҳӣ».*

Баргардонидани қарз нишондиҳандаи фаъолияти самараноку боварибахши қарзгиранда ва ташкили дурусти муносибатҳои қарзӣ байни ӯ ва бонк мебошад. Ичрои саривақтии ӯҳдадориҳои қарзии қарздорон асоси ичрои ӯҳдадориҳои бонк дар назди пасандозкардагон аст, зеро қарз аз ҳисоби пасандозҳои онҳо дода мешавад. Бонк соҳиби мутлақи маблағҳои пулии ба қарз додашуда нест, бинобар ин, ҳар бор пеш аз додани қарз бонкро зарур аст, ки имконияти сари вақт баргаштани онҳоро дуруст муайян намояд. Агар қарзҳо сари вақт баргардонида нашаванд, бонк пасандозҳои аҳолиро дар мӯҳлатҳои муайяншуда баргардонида наметавонад, ки боиси косташавии боварии мардум ба бонк ва касодии он мегардад. Аз ин рӯ, баргар-

дандагии қарз хосияти объективии он буда, новобаста ба хоҳиши мо вуҷуд дорад. Пурра бекор кардани ин қоида аз ҷониби ҷамъият боиси зарарбинии бонкҳою пасандозкардагон ва аз байн рафтани қарздиҳӣ мегардад, ки ба манфиати ҷамъият нест.

– мӯҳлатнок будани қарз.

Қарз бояд на дар вақти барои қарздор мувофиқ, балки вақти дар шартнома нишондодашуда баргардонида шавад. Азбаски вайрон кардани талаби ин нишондод боиси сари вақт иҷро нашудани ӯҳдадориҳои бонк дар назди мизоҷону давлат мегардад, дар шартнома намудҳои муайяни ҷазо пешбинӣ шудааст. Бонк метавонад нисбат ба қарздори ноӯҳдабаро ҷазоҳои зеринро раво бинад: зиёд кардани фоизи қарз, муроҷиат ба додгоҳ оид ба гирифтани маблағи зарурӣ аз қарздор, касод эълон кардани қарздор ва фурӯши молу мулки он.

– додани иловапулӣ барои истифодаи қарз.

Моҳияти ин қоида аз додани иловапулӣ (фоизи қарз) ба қарздода иборат аст, зеро қарздода ин маблағҳоро аз дигарон (пасандозкардагон) гирифтааст ва барои истифодаи онҳо иловапулӣ медиҳад. Илова ба ин, бонк хароҷотҳои худро дорад,* ки яке аз сарчашмаҳои пӯшонидани онҳо фоизи қарз аст. Дар ҳолати фаъолияту истифодаи самараноки қарз қарздор фоидае ба даст меорад, ки қисми он ҳамчун фоизи қарз ба бонк дода мешавад.

*Додани музди меҳнати кормандони бонк, пули барқ, об, хизматрасонии телефонӣ, харидиқомпютеру таҷҳизоти зарурӣ ва ғайра аз ҷумлаи харочотҳои бонк мебошанд.

Фоизи қарз воситаи ҳавасмандкунии пулдорон барои додани пулашон ба қарз мебошад ва ҳамин ҳавасмандӣ боиси истифодаи васеи маблағҳои муваққатан озоди аҳолӣ, ширкатҳою давлат барои таъмини талаботи иловагии истеҳсолоту муомилот ба воситаҳои пулӣ гардидааст. Додани иловапулӣ қарздорро водор месозад, то қарзро барои фаъолияти фоиданок истифода кунад, ки ҳам барои пешрафти иқтисодиёти кишвар ва ҳам барои иҷроиши саривақтии ӯҳдадориҳои он дар назди бонку давлат хеле зарур аст.

Вазифаи дигари фоизи қарз ҳимояи маблағҳои пулии аҳолию давлат аз беқурбшавӣ мебошад. Дар ҳолати мавҷуд будани сатҳи муайяни таваррум фоизи қарзии мусбӣ намегузорад, ки қобилияти харидории пулҳои аҳолию давлат поён равад.

– таъмин будани қарз.

Манфиати қарздиҳанда бо роҳи ҳамчун гарав қабул кардани моликият, захираҳои молӣ, таҷҳизоту дигар воситаҳои истеҳсолоти қарзгиранда, кафолатномаҳои ширкату бонкҳо, замонатномаҳои шахсони алоҳида ва ғайра ҳимоя карда мешавад. Дар ҳолати барнагардонидани қарзу фоизи он моликияти ба гарав гузошташуда бо тартиби муайянкардаи қонуни дахлдор ба фурӯш монда мешавад. Албатта, кормандони бонкро зарур аст, ки арзиши

моликияти ба гарав гирифташударо дуруст муайян намоянд, вагарна маблаги аз фурӯши он ба даст омада барои адои қарз басанда нест *(Нигаред ба замимаи 23)*. Агар қарз дар асоси кафолатномаи ширкати дигар дода шуда бошад, маблағи зарурӣ аз суратҳисоби он ситонида мешавад. Аксари қарзҳо дар асоси гарав дода мешаванд, вале ширкату соҳибкороне низ ёфт мешаванд, ки бонкҳою шахсони алоҳидаро фиреб дода, боиси касодшавии онҳо мегарданд *(Нигаред ба замимаи 24)*.

– *истифодаи мақсадноки қарз.*

Истифодаи мақсадноки қарз асоси баргардонидани он дар вақти муайяншуда мебошад. Аз ин рӯ, зиёда аз 90 фоизи қарзҳо ба мақсади муайян дода мешаванд, яъне қарзгиранда ӯҳдадор аст қарзро танҳо барои фаъолияти муайян (масалан, хариди ашёи хом ва ё таҷҳизот) истифода кунад. Ин яке аз шартҳои гирифтани қарз буда, дар шартнома қайд мешавад. Бонк пайваста иҷрои онро назорат мекунад. Ширкату соҳибкороне, ки ин шартро вайрон мекунанд, мувофиқи талаби шартнома ва қонуни дахлдор ҷазо дода мешаванд.

Риояи қоидаҳои қарздиҳӣ имкон медиҳад, ки муносибатҳои қарзӣ дуруст ба роҳ монда шуда, маблағҳои муваққатан озоди корхонаю аҳолӣ барои таъмини пешрафти иқтисодиёт истифода шаванд.

Мавзӯи 13

ШАКЛ ВА НАМУДҲОИ ҚАРЗ

Таърихи рушди муносибатҳои қарзӣ шаҳодат медиҳад, ки вобаста ба сатҳи пешрафти ҷамъият ва муносибатҳои молию пулӣ аз ҷамъияти ибтидоӣ то ба имрӯз дар иқтисодиёт шаклҳои гуногуни қарз истифода мешаванд. Қарзҳо вобаста ба омилҳои зерин шаклбандӣ шудаанд: а) тарзи додани қарз – молӣ, пулӣ, омехта; б) мақсади истифодаю ҷонибҳои муносибатҳои қарзӣ – тиҷоратӣ, бонкӣ, давлатӣ, байналмилалӣ, истеъмолӣ. Дар навбати худ ҳар як шакли қарз вобаста ба мақсаду мӯҳлати додани он ва омилҳои дигар намудҳои худро дорад.

13.1. Шаклҳои ибтидоии қарз

Муносибатҳои қарзӣ аз шакли молии он оғоз ёфтаанд. *Қарзи молӣ* дар давраи ҷамъияти ибтидоӣ пайдо шуда, саравваl дар доираи як авлод ё қа-

била истифода шудааст. Он аз додани моли муайян ба каси дигар ва баргардонидани ҳамин мол ва ё моли дигари баробараризиш иборат буд. Дар баробари рушд ёфтани ин шакли қарздиҳӣ қисме аз ҳукуматҳо ҷаҳд кардаанд, онро ба тартиб дароранд. Масалан, дар Рими қадим қонуне мавҷуд буд, ки мувофиқи он шахсони алоҳида метавонистанд молашонро дар асоси шартнома ба қарз диҳанд ва адои қарзро талаб кунанд. Барои сари вақт ичро накардани шартномаи қарзӣ ҷазо пешбинӣ шуда буд. Мутобиқ ба ин қонун қарз ба ду намуд ҷудо мешуд: mutuum (қарзи аниқ) ва comodatum (қарзи озод). Дар намуди аввал mutuum қарздор бояд моли ба қарз гирифтаашро дар мӯҳлати муайяншуда бармегардонд. Дар намуди дуюм – comodatum қарздор ҳуқуқ дошт ба ҷойи моли ба қарз гирифтааш моли дигари баробараризишеро баргардонад.

Пайдоиши пулу муомилоти пулӣ доираи истифодаи қарзи молиро танг кард, зеро бо пул додани қарз муфидтар буд. Ҳамин тариқ, шакли нави қарз – *қарзи пулӣ* пайдо шуд. Пеш аз ҳама, пул молест, ки ба осонӣ метавон онро ба ҳама молҳои дигар иваз кард ва дуюм бо худ баргардонидану истифодаи пул осонтар буд. Ҳамин аст, ки одамон ин шакли қарзро ба хубӣ пазируфтанд.

Қарзи пулӣ доираи истифодаи қарзи молиро танг карда бошад ҳам, онро пурра аз байн набурд. Рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва зарурати мутобиқ гардонидани қарздиҳӣ ба талаботи замон шакли нави қарз – қарзи омехтаро ба миён овард, ки ба шаклҳои болоӣ (қарзҳои молию пулӣ) асос ёфта буд.

Қарзи омехта қарзест, ки қарздор метавонад онро дар шакли молӣ ва ё пулӣ баргардонад, яъне каси қарзи молӣ гирифта метавонад ба ҷойи мол арзишашро баргардонад ва баръакс каси қарзи пулӣ гирифта метавонад ба ҷойяш мол бидиҳад. Албатта, чунин тартиби қарзадокунӣ дар асоси розигии қарздода истифода мешавад.

Пешрафти муносибатҳои қарзӣ боиси дар асоси қарзи омехта пайдо шудани қарзи тиҷоратӣ гардид.

13.2. Қарзи тиҷоратӣ

Вобаста ба он ки қарзҳо аз ҷониби кӣ дода шудаанд ва ё онҳоро кӣ истифода мекунад, ба шаклҳои зерин ҷудо мешаванд: тиҷоратӣ, бонкӣ, давлатӣ, байналмилалӣ ва истеъмолӣ.

Қарзи тиҷоратӣ аслан байни худи корхонаҳои истеҳсолӣ (ба қарз додани ашёи хом, иҷроиши кор, хизматрасонӣ) ва байни онҳою муассисаҳои савдо истифода мешавад. Фурӯшанда – корхонаи истеҳсолӣ моли худро бо шарти баъди фурӯш баргардонидани пули он ба харидор медиҳад ва ё баръакс, харидор (масалан, корхонаҳои савдо) бо мақсади хариди молҳои серталаб пули онро пешакӣ ба корхонаҳои истеҳсолӣ медиҳад. Ин шакли қарз бештар байни фурӯшандаю харидори боэътимод ва ё ҳангоми ба савдо баровардани молҳои нави ба мардум ношинос, молҳои пештар ба савдо нарафта ва ҳолатҳои ба ҳамин монанд, инчунин ҳангоми

боварии фурӯшанда ба дертар савдо шудани молҳои навбаромаду серталаб истифода мешавад.

Қарзи тиҷоратӣ дар ҷамъи умумии савдо имрӯз дар кишварҳои аврупоӣ ҷойи намоёнро ишғол мекунад. Ҳамаи ширкатҳо (аз он ҷумла ширкатҳои мошинбарорӣ) тайёранд моли худро ба қарз диҳанд. Пешниҳодҳои зиёде ҳар рӯз аз ҷониби ширкатҳои истеҳсолкунандаи атриёт, либос ва ғайра дар шакли брошюраю китобҳои рекламавӣ ба сурогаи одамон фиристода мешавад. Роҳи дигари чунин намуди пешниҳод сайтҳои интернетӣ аст, ки дар онҳо молу хосиятҳои онҳо, нарху гарави хизматрасонӣ ва шартҳои ба қарз доданашон қайд шудааст.

Асоси пешрафти ин шакли қарз муносибатҳои зичи фурӯшандагону харидорон аст. Дар шароити рақобати сахти бозорӣ фурӯшандагон доимо дар ҷустуҷӯйи роҳҳои муфидтари ҷалби харидоронанд. Муносибатҳои дуру дароз байни корхонаҳои истеҳсолию корхонаҳои савдо боиси пайдоиши боварии байниҳамдигарӣ ва истифодаи чунин шакли муносибат гардидааст. Он дар навбати худ яке аз асосҳои пешрафти истеҳсолоту муомилот аст.

Қарзи тиҷоратиро вобаста ба мӯҳлату тартиби баргардонидани он ба намудҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

– қарзи тиҷоратии дар мӯҳлати муайян (аниқ) баргардонидашаванда;

– қарзи баъди фурӯши мол баргардонидашаванда (консигнатсия);

– қарзи қисм ба қисм дар асоси талабномаи фурӯшанда баргардонидашаванда.

Ҳанғоми истифодаи намуди аввал харидор баъди қабули мол ба фурӯшанда вексел медиҳад, ки дар он мӯҳлати аниқи додани пул қайд шудааст ва ё мувофиқи шартномаи тарафайн фурӯшанда баъди додани мол ба суроғаи харидор ҳуҷҷатҳои ба мол дахлдор ва талабномаи пулгириро мефиристад. Харидор баъди қабули ҳуҷҷатҳо талабномаи пулгириро бо розигии худ оид ба додани пули мол дар мӯҳлати муайяншуда ба бонки хизматрасонаш пешниҳод мекунад. Бонк дар мӯҳлати муайяншуда маблағи дар вексел ва ё талабномаи пулгирӣ нишондодашударо аз суратҳисоби харидор ба суратҳисоби фурӯшанда мегузаронад.

Солҳои охир мафҳуми консигнатсия вирди забони тоҷирони тоҷикистонӣ гардидааст, ки маъноаш аз истеҳсолкунандагон пешакӣ гирифтани молу баъди фурӯши он додани пулаш аст. Агар мол ба фурӯш наравад, харидор метавонад онро ба соҳибаш баргардонад. Ин намуди қарзи тиҷоратӣ низ дар пешрафти истеҳсолоту муомилот саҳми худро дорад. Хусусан, солҳои дар вазъи бӯҳрон қарор доштани иқтисодиёти Тоҷикистон тоҷирони хориҷӣ ба соҳибкорони тоҷикистонӣ молашонро ба консигнатсия медоданд, ки то як дараҷа боиси пур кардани бозору конеъ гардонидани талаботи мардум гардида буд. То ба имрӯз ин намуди қарздиҳӣ байни тоҷирони хориҷию дохилии боэътимод бокӣ мондааст.

Намуди сеюми қарзи тиҷоратӣ аслан байни фурӯшандагону харидороне истифода мешавад, ки додугирифти зич доранд. Масалан, комбинати шир ҳар рӯз ба мағозаҳои зиёди корхонаҳои савдо маҳсулоти ширӣ мефиристад. Барои корхонаи савдо пулгузаронии ҳаррӯза ба суратҳисоби комбинати шир муфид нест, бинобар ин, дар шартномаи байнашон басташуда тартиби ҳисоббаробаркунии нишон дода мешавад, ки мувофиқи он дар чанд рӯз як бор ба суратҳисоби фурӯшанда пул гузаронида мешавад. Масалан, комбинати шир ҳар саҳар маҳсулоти ширмашро ба нуқтаҳои савдо мерасонад, вале ҳар ҳафта як бор ба корхонаи савдо талабномаи пулгирӣ мефиристад, ки дар он маблағи қарзи якҳафтаинаи корхонаи савдо нишон дода шудааст. Корхонаи савдо дар ҳолати розӣ буданаш қарзи комбинати ширро пардохт мекунад. Байни корхонаҳои истеҳсолӣ низ ин намуди қарз метавонад истифода шавад. Масалан, корхонаи алюминий метавонад маҳсулоташро ба корхонаи дегистеҳсолкунӣ дода, талаб кунад, ки пули он вобаста ба истифодаи алюминий дар раванди истеҳсолӣ қисм-қисм пардохта шавад.

Истифодаи ин ва ё он намуди қарзи тиҷоратӣ ба шароити бозору сиёсати дохилии корхонаҳои истеҳсолию савдо ва соҳибкорони алоҳида вобаста аст. Корхонаҳое, ки моли серталаб доранд, метавонанд шартҳои сахттарро пешниҳод кунанд. Масалан, талаби баланди бозори ҷаҳониро ба пахтаю алюминийи тоҷик ба инобат гирифта, Ҳукумати Тоҷикистон соли 1995 қарор қабул кард, ки хари-

дорони ин молҳо бояд пулашро пешакӣ диҳанд ва то ҳол (соли 2008) ширкатҳои хориҷӣ ин талаброриоя мекунанд.

13.3. Қарзи бонкӣ

Қарзи бонкӣ яке аз шаклҳои аз ҳама маъмули муносибатҳои қарзист, ки дар ҳамаи кишварҳо васеъ истифода мешавад. Он танҳо аз ҷониби бонкҳою муассисаҳои молиявии ғайрибонкие дода мешавад, ки барои чунин намуди фаъолият иҷозатномаи бонки марказиро доранд. Истифодакунандагони қарзи бонкӣ ширкату корхонаҳо, соҳибкорон, сохторҳои давлатӣ ва аҳолӣ мебошанд. Тартиби додану баргардонидани қарз, фоиз ва масъалаҳои дигари ба он дахлдорро шартномаи қарзие, ки байни қарздиҳандаю қарзгиранда баста шудааст, муайян мекунад.

Қарзи бонкӣ аз қарзи тиҷоратӣ бо хусусиятҳои зеринаш фарқ дорад: а) агар қарзи тиҷоратӣ аз ҷониби корхонаю ташкилотҳо дода шавад, қарзи бонкӣ танҳо аз ҷониби муассисаҳои қарзӣ (бонкҳо ва муассисаҳои молиявии ғайрибонкӣ) дода мешавад; б) қарзи тиҷоратӣ бефоиз аст ва ё фоизи каме дорад, ки ба нархи мол ҳамроҳ шудааст. Фоиз доштани қарзи бонкӣ бошад, ҳатмист; в) дар аксари мавридҳо мӯҳлати қарзи бонкӣ нисбат ба мӯҳлати қарзи тиҷоратӣ дарозтар аст; г) қарзи бонкӣ дар асоси шартномаи махсуси қарзӣ дода мешавад, қар-

зи тиҷоратӣ ба шартномаи ҳамкорӣ, ки мақсади асосиаш хариду фурӯши мол аст, такя мекунад.

Қарзи бонкӣ вобаста ба омилҳои зерин ба намудҳои алоҳида ҷудо мешавад:

– вобаста ба тарзи додани он: а) қарзҳои нақдӣ (бо роҳи додани пули нақд) ва ғайринақдӣ (бо роҳи аз суратҳисоби бонк ба суратҳисоби қарзгиранда гузаронидани маблағи қарз); б) бозмаблағдиҳӣ (refinancing) – хариди векселҳо бо нархи арзонтар,* аз бозори байнибонкӣ харидани захираҳои қарзӣ, қарзгирӣ бо роҳи баровардани ӯҳдадориномаҳои бонкӣ (долговые объязательства);** в) қарзҳои векселӣ.***

*Векселҳо шаҳодатномаи қарзиеанд, ки аз ҷониби касе ба манфиати шахси дуюм имзо шудаанд. Шахси аввал тасдиқ кардааст, ки ӯ аз шахси дуюм – соҳиби векселҳо қарздор аст. Шахси дуюм метавонад ин векселҳоро бо нархи арзонтар ба бонк фурӯшад. Дар натиҷа, бонк соҳиби векселҳою қарзи ба ивази онҳо додашуда мешавад. Баробари расидани мӯҳлати дар векселҳо нишондодашуда бонк онҳоро ба бонки векселбароварда барои пардохт пешниҳод мекунад.

**Бонкҳо дар ҳолатҳои алоҳида метавонанд ӯҳдадориномаҳои бонкӣ бароварда, ба аҳолию корхонаҳо пешниҳод кунанд. Ӯҳдадориномаҳо низ шаҳодатномаи қарзиеанд, ки баъди мӯҳлати муайян аз ҷониби бонк харидорӣ мешаванд. Манфиати шахсоне, ки ӯҳдадориномаҳоро харидорӣ кардаанд бо роҳи додани фоизи муайян ҳимоя мешавад.

***Қарзест, ки дар асоси ба гарав гузоштани векселҳо дода мешавад. Зарур аст, ки маблағи қарз аз арзиши умумии векселҳои ба гарав гузошташуда камтар бошад.

– вобаста ба асъори қарз: бо пули миллӣ, асъори қарздиҳанда,* асъори кишвари сеюм.**

*Ширкатҳои тоҷикистоние, ки бо ширкатҳои хориҷӣ ҳамкорӣ мекунанд, метавонанд аз бонкҳои дохилӣ ва ё хориҷӣ қарзро бо асъори ҳамон кишвар гиранд. Фарз кардем, комбинати шири Душанбе аз ширкати руминиягӣ таҷҳизот мехарад. Он метавонад аз бонки руминиягӣ қарзро бо асъори ҳамин кишвар гирад.

**Чӣ хеле ки маълум аст, ҳисоббаробаркунӣ байни корхонаҳои кишварҳои гуногун аксар бо доллари ИМА ё евро анҷом дода мешавад. Масалан, харидорони молҳои эронӣ пули онҳоро бо доллари ИМА ё евро медиҳанд ва агар ба қарз эҳтиёҷ дошта бошанд, маҷбуранд қарзро бо ҳамин асъорҳо гиранд.

– вобаста ба гарави қарз: таъминбуда ва таъминнабуда. Қарзҳое, ки дар асоси ба гарав гирифтани моликияти қарзгиранда дода мешаванд, қарзҳои таъминбуда мебошанд. Қарзҳои бегарав ба намуди дуюм дохил мешаванд. Масалан, қарзҳое, ки бонкҳо ба кормандони худ медиҳанд, дар аксари ҳолатҳо гарави моликиятӣ надоранд.

– вобаста ба миқдори иштироккунандагон: дуҷониба (бонку қарзгиранда) ва бисёрҷониба (консорсиуми бонкҳо ва қарзгиранда ё қарзгирандаҳо).*

*Масалан, солҳои 1997-2007 қисми зиёди қарзҳои ба хоҷагиҳои пахтакории Тоҷикистон додашуда аз ҷониби консорсиуми бонкҳои швейтсарӣ дода шуда буданд. Ин консорсиум аз 5 бонк бо сарварии Credit Suisse Fist Boston иборат буд.

– вобаста ба муддати истифодаи қарз: кӯтоҳмуддат, миёнамуддат ва дарозмуддат.

Қарзҳои кӯтоҳмуддат асосан барои хариди ашёи хому пӯшонидани харочотҳои истеҳсолӣ ва ташкили захираҳои молӣ дар соҳаи савдо истифода мешаванд. Мӯҳлати истифодаи ин қарзҳо то як сол аст.* Қарзҳои мӯҳлати истифодаашон аз як то се сол ба қарзҳои миёнамуддат дохил мешаванд. Ин намуди қарзҳо бештар барои азнавкунии истеҳсолот, пӯшонидани харочотҳои корхонаҳои кишоварзӣ истифода мешавад. Қарзҳои дарозмуддат онҳоеанд, ки муддати истифодаашон аз се сол зиёд буда, барои хариди таҷҳизот, сохтмони иншоотҳо, васеъкунии истеҳсолот бо роҳи вориди технологияи нав ва мақсадҳои дигари инвеститсионӣ дода мешаванд.

*Ба ин ғурӯҳ қарзҳое низ дохил мешаванд, ки мӯҳлати истифодаашон аниқ нест. Масалан, қарзи онколӣ (Loan money on call) қарзест, ки бо гарави коғазҳои қиматнок дода шуда, мӯҳлати аниқ надорад ва бонк метавонад дар вақти дилхоҳ баргардонидани онро талаб кунад. Албатта, бонкро зарур аст, ки вобаста ба шарти шартнома қарздорро чанд рӯз неш дар ин бора хабардор намояд. Ин намуд бо сабаби нороҳат буданаш кам истифода мешавад.

– вобаста ба мақсади истифодаи қарз: а) барои зиёд кардани сармояи асосӣ (хариди таҷҳизоти ҳозиразамон, сохтмони биноҳои нав, васеъ кардани истеҳсолот); б) барои муваққатан пурра кардани воситаҳои гардон (сармояи гардон); в) барои қонеъ

гардонидани талаботи алоҳида (қарзҳои ипотекӣ).*

*Қарзҳои ипотекӣ дар асоси ба гарав қабул кардани замин ва ё хонаи мавҷуда ё сохташаванда дода мешаванд.

– вобаста ба ҳудуди қарз: а) қарзе, ки тамоми маблағаш дар як бор дода мешавад; б) қарзи ҳудуддошта (овердрафт, қарзи маҳдуд).

Овердрафт (Overdraft) муносибати қарзиест, ки мувофиқи он бонк ба қарзгирандаи боэътимод дар ҳолати зарурӣ (бе пешниҳоди талабнома) то маблағи муайян (10-15 фоизи ҳаҷми умумии маблағҳои дар як моҳ ба суратҳисоби қарзгиранда воридшаванда) қарз медиҳад. Ин намуди қарздиҳӣ дар кишварҳои аврупоӣ хеле маъмул аст. Рақобати сахти байнибонкӣ барои ҷалби мизоҷон бонкҳоро маҷбур кардааст, ки шаклҳои нав ба нави хизматрасониро пешниҳод кунанд. Овердрафт низ яке аз шаклҳои хизматрасонӣ аст. Агар барои истифодаи дигар шаклу намудҳои қарз мизоҷ ба бонк мурочиат кунад, ин намуди қарз ба таври автоматӣ дода мешавад. Байни мизоҷу бонк оид ба истифодаи ин намуди қарз шартнома баста мешавад ва дар ин асос талабномаҳои пулгирии ба номи мизоҷ омада новобаста ба набудани пул дар суратҳисоби он пардохта мешаванд. Қарзи овердрафтӣ баробари ба суратҳисоби мизоҷ ворид шудани пул баргардонида мешавад.

Қарзи ҳудуддошта (Credit line) намудест, ки ҳудуду шартҳои муайян дорад. Мувофиқи шартномаи қарзӣ мизоҷ метавонад то ҳудуди муайяншуда (масалан, 1 миллион сомонӣ) қарз гирад. Дар ҳолати зарурати гирифтани қарзи нав мизоҷ бояд қисме аз қарзҳои пешинаро баргардонад, зеро маблағи умумии қарзҳояш набояд аз 1 миллион сомонӣ зиёд бошад.

– вобаста ба тартиби баргардонидани қарз: а) қарзе, ки дар охири мӯҳлаташ баргардонида мешавад; б) қарзе, ки қисм-қисм дар давоми мӯҳлаташ баргардонида мешавад.

Имрӯзҳо дар охири мӯҳлат баргардонидани қарз бештар дар байни соҳибкорони миёнаҳол расм шудааст. Қарздор қарзро тамоми мӯҳлат истифода карда, дар охир пурра бармегардонад. Тартиби дигари қарзадокунӣ қисм ба қисм баргардонидани он то охири мӯҳлат аст. Ин намуди қарзгирӣ вобаста ба муфид будани он аз ҷониби корхонаҳои истеҳсолӣ васеъ истифода мешавад.

– вобаста ба фоизи қарз: а) қарзҳои фоизашон аниқ муайяншуда; б) қарзҳои фоизи тағйирёбанда дошта. Дар намуди аввал бонку қарзгир фоизи қарзро аниқ муайян карда, дар шартнома нишон медиҳанд ва қарзгирифта новобаста ба дигар шудани фоизи бозорӣ қарзашро бо фоизи шартномавӣ бармегардонад. Дар шароити бӯҳрони иқтисодӣ, ноустувор будани нархҳо (фоиз нархи қарз аст) ва тағйир ёфтани сатҳи таваррум бонкҳо бештар на-

муди дуюми фоизбандиро истифода мекунанд. Ин маънои онро дорад, ки ҳангоми дигар шудани фоизи бозорӣ фоизи қарзи қарздор низ мутобиқан дигар мешавад.

13.4. Қарзи давлатӣ

Қарзи давлатӣ қарзи дохилиест, ки ё аз ҷониби давлат ба аҳолию корхонаҳо ва ё аз ҷониби онҳо ба давлат дода шудааст. Қарзи давлатӣ аз буҷети кишвар ва бо фоизи кам дода мешавад. Сарчашмаи он буҷети ҷумҳуриявист, ки ҳукумат дар ҳолатҳои зарурӣ аз ҳисоби он ба буҷетҳои вилоятӣ, ноҳиявию маҳаллӣ қарз медиҳад. Ҳукумат метавонад маблағҳои аз талаботи буҷеташ зиёдатиро ба корхонаҳои давлатӣ низ ба қарз диҳад.

Ҳолати дигаре, ки зарурати истифодаи ин қарзро ба миён меорад, аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ надодани қарз ба корхонаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ аст. Ҳукумат дар ҳолатҳои алоҳида* бо роҳи додани қарзҳои имтиёзнок корхонаҳои ғайридавлатиро низ дастгирӣ мекунад.

*Соли 2004 ширкати автомобилбарории Fiat (Италия) зараровар будани фаъолияташро ба инобат гирифта, эълон кард, ки истеҳсолоташро баста, 5000 кормандонро ҷавоб медиҳад. Бекор мондани ин миқдор кормандонӣ пуртаҷриба вазъи сиёсии кишварро халалдор менамуд. Аз ин рӯ, ҳукумати Берлускони – сарвазири Италия маҷбур шуд ба ширкати Fiat барои ҳалли проблемаҳояш 2 миллиард евро қарзи дарозмуддат диҳад.

Намуди дигари қарзи давлатӣ дароз кардани мӯҳлати андозҳои пардохтнашуда аст. Дар Тоҷикистон солҳо 1993-2003 чандин маротиба ҳукумат мӯҳлати пардохти андози корхонаҳоро дароз кард, ки дар асл ин худ қарз додан ба он корхонаҳо буд. Ин намуди қарз дар адабиёти иқтисодӣ қарзи андозӣ (налоговый кредит) ном дорад. Дар аксари кишварҳо (масалан, Русия) тартибу шартҳои додани чунин қарз дар Кодекси андоз муайян шудааст.

Замонатномаҳои (гарантийные письма) ҳукумат ба корхонаю ташкилотҳои дохилӣ низ қарзи давлатӣ ҳисоб мешаванд. Қисме аз бонкҳои тиҷоратӣ ба корхонаҳои давлатӣ, ки зарароваранд, танҳо дар асоси замонатномаи ҳукумат қарз медиҳанд. Дар асл, ҳукумат дар асоси замонатномаи додааш баргардонидани чунин қарзро ба ӯҳдаи худ мегирад.

Намуди дигари қарзи давлатӣ вомҳоеанд, ки аҳолию корхонаҳо бо роҳи харидани вомбаргҳо ба ҳукумат медиҳанд. Ҳукумати ҳар кишвар бо мақсади ҷалби пулҳои муваққатан озоди аҳолию корхонаҳо вомбарг (займ) бароварда мефурӯшад. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз соли 1995 инҷониб вомбаргҳои худро дорад, ки аслан ба аҳолӣ фурӯхта мешаванд. Ба таври дигар, ин як намуди қарздиҳии аҳолӣ ба давлат аст.

Вазорати молия инчунин аз номи ҳукумат когазҳои қиматнок бароварда, дар бозори аввалиндараҷа мефурӯшад. Солҳои 1997-2002 бо ин роҳ ҳукумат аз корхонаҳою бонкҳо қарз гирифта, норасоии (deficit) буҷетро пур мекард. Баъдан, бо са-

баби аз меъёр зиёд ичро шудани буҷет (proficit) зарурати ин намуди қарзгирӣ аз миён рафт.

13.5. Қарзи байналмилалӣ

Қарзи байналмилалӣ қарзест, ки аз ҷониби бонк, ширкат ё ҳукумати як кишвар ба бонк, ширкат ё ҳукумати кишвари дигар дода мешавад.

Мавҷудияти бозорҳои ҷаҳонии пул имкон медиҳад, ки бонкҳо аз ҳамдигар маблағи заруриро ба қарз гиранд. Пешрафти интернету ба воситаи он савдо шудани воситаҳои пулии озод муносибатҳои байнибонкиро зичтару суръати ичрои амалиётҳоро тезтар гардонид. Акнун новобаста аз фарқияти вақт байни кишварҳои гуногун бозори интернетӣ доимо фаъол асту бонкҳо аз ҳам қарз мегиранд. Мӯҳлати истифодаи қарзҳои байнибонкӣ гуногунанд: аз якшаба (overnight) то чандсола. Мақсади ҷалби онҳо қонеъ гардонидани талаботи қарзии мизоҷони бонкҳо ва худи онҳост. Бонкҳо барои қонеъ кардани талаботи худ ва таъмини ичрои нишондиҳандаҳои бонки марказӣ (масалан, нишондиҳандаи пардохтпазирӣ) аз бонкҳои дигар қарз мегиранд.

Ширкатҳою сохторҳои дигари тоҷикистонӣ, ки бо ширкатҳои хориҷӣ ҳамкорӣ доранд, метавонанд аз бонкҳои кишварҳои онҳо қарз гиранд. Масалан, ҳукумати шаҳри Душанбе соли 1999 барои хариди автобусҳои «Икарус»-и дар мамлакати Венгрия истеҳсолшаванда аз Эксимбонки ҳамин кишвар қарзи сесола гирифта, онро дар мӯҳлати муай-

яншуда баргардонд. Ин таҷриба аз ҷониби дигар ширкатҳои тоҷикистонӣ низ васеъ истифода мешавад. Хусусан, онҳо аз бонкҳои тиҷоратии Русияю Қазоқистон, ки ҳамкорони наздики Тоҷикистонанд, қарзи зиёд мегиранд.

Намуди дигари қарзи байналмилалӣ қарзи байниҳукуматӣ мебошад. Мақсади ҷалби ин қарзҳо аксаран ҳалли проблемаҳои зерин аст:

– пӯшонидани касри буҷет. Қисми зиёди қарзҳои солҳои 1993-2003 гирифташуда бевосита барои пӯшонидани касри буҷет истифода шудаанд.

– ҳалли проблемаҳои озуқаворӣ. Масалан, соли 1993 Иттиҳоди Аврупо ба Ҳукумати Тоҷикистон барои хариди галла аз бозори ҷаҳонӣ 70 млн. доллари амрикоӣ қарзи имтиёзнок дод, ки он солҳои 2000-2007 баргардонида шуд.

– хизматрасонӣ ё баргардонидани қарзҳои хориҷӣ. Соли 2000 Иттиҳоди Аврупо талаб кард, ки Тоҷикистон қарзи соли 1993 гирифтаашро баргардонад. Азбаски вазъи молиявии кишвар хуб набуд, ҳукумат хоҳиш кард, то мӯҳлати қарз дароз карда шавад. Иттиҳоди Аврупо ба ин розӣ нашуда, роҳи дигари ҳалли проблемаро пешниҳод кард. Дар натиҷа, Иттиҳоди Аврупо дар асоси шартномаи нав ба Тоҷикистон 35 млн. доллари амрикоӣ қарзи бебозгашт дод. Тоҷикистон бад-ин восита ҳар соле маблағи 15 млн. долларро дода, қарзи Иттиҳоди Аврупоро пурра баргардонд.

– ташкили захираҳои асъории кишвар. Масалан, ташкили захираҳои асъории Тоҷикистони тоза-

истиқлол бо гирифтани қарз аз сохторҳои молиявии байналмилалӣ шурӯъ шуд.

– ёрдами ҳарбӣ. Ташкили куввахои мусаллаҳ ва бо лавозимоти ҳарбӣ таъмин кардани он яке аз мақсадҳои гирифтани қарз аз ҳукумати кишварҳои дигар мебошад.

Мақсади асосии қарздиҳии байниҳукуматӣ гирифтани фоида набуда, ҳимояи манфиатҳои қарздиҳанда бо роҳи аз ҷониби кишвари қарзгиранда дастгирӣ кардани он дар ҳалли масъалаҳои сиёсии байналмилалӣ, додани имтиёз ба ширкатҳои кишвари қарздиҳанда, роҳ додани сармояи он ба соҳаҳои сердаромади иқтисодиёт ва ғайра мебошад.

Қарзи байналмилалӣ низ мисли дигар қарзҳо намудҳои пулию молӣ дорад. Агар қисме аз кишварҳо ва сохторҳои молиявии байналмилалӣ, ба монанди Хазинаи байналмилалии асъор, Бонки ҷаҳонӣ ва ғайра ба Тоҷикистон қарзи пулӣ дода бошанд, қисми дигар, ба монанди кишварҳои ҳамсоя қарзи молӣ (гандум, газ, барқ ва ғайра) додаанд.

13.6. Қарзи истеъмолӣ

Қарзи истеъмолӣ қарзест, ки ба одамони алоҳида барои таъмини талаботашон дода мешавад. Он метавонад пулӣ ва ё молӣ бошад.

Қарзи истеъмолии пулӣ ба шахрвандон барои сохтмони хона, хариди қитъаи замин, ҷевон, гирифтани маълумоти олӣ ва мақсадҳои дигар дода

мешавад. Дар кишварҳои аврупоӣ, ИМА, Канада, Австралия ва ғайра аксари хонаҳои нав аз ҳисоби қарз сохта мешаванд. Мӯҳлати баргардонидани ин қарз вобаста ба вазъи молиявии қарздор то 40-50 сол давом мекунад. Дар баъзе аз мамлакатҳои араб (масалан, Арабистони Саудӣ) баробари хонадоршавӣ ба ҷавонон чунин қарзҳои имтиёзнок* медиҳанд. Ҷевону дигар лавозимоти хонаро низ аз ҳисоби қарз харидан мумкин аст. Барои ин муҳим аст, ки қарзгиранда ҷойи кор, моҳонаи доимӣ ва рафтори шоиста** дошта бошад.

*Аз ин намуди қарз танҳо шаҳрвандони кишвар истифода карда метавонанд. Дар Арабистони Саудӣ зиёда аз 7 млн. одамоне зиндагӣ мекунанд, ки ин ҳукукро надоранд, зеро онҳо мардуми аз дигар кишварҳо омада ва ё фарзандони аз онҳо таваллудшуда ҳастанд. Масалан, фарзандони тоҷиконе, ки баъди солҳои 1930-юм ба ин кишвар рафтаанд, дар он ҷой таваллуд шудаву ба воя расида бошанд ҳам, ҳукуқи шаҳрвандӣ надоранд.

**Масалан, дар сохторҳои ҳукумати маҳаллии ИМА барои ҳар як шаҳрванд таърихнома кушода шудааст, ки дар он тарҷумаи ҳоли шаҳрванд, моликияти дошгаи он, рафторҳои ношоистааш (агар карда бошад) ва дигар маълумоти зарурӣ ҷамъ оварда мешавад. Бонкҳо нещ аз додани қарз ба таърихномаи шахс шинос мешаванд.

Намуди дигари он қарз барои гирифтани маълумоти олӣ аст. Донишҷӯёни ба мактабҳои олӣ дохилшуда дар қисме аз мамлакатҳо (масалан, Шохигарии Белгия, Люксембур, Британиёи Кабир) метавонанд пули хонданро аз ҳисоби қарз дода, баъдан дар давоми чанд сол онро баргардонанд.

Қарзи истеъмолии молӣ аслан аз ҷониби корхонаҳои сохтмонӣ ҳангоми сохтан ё таъмир кардани хона ва гирифтани пули кор баъди чанд вақт, корхонахои савдо ҳангоми додани молу баъдан гирифтани пули он дода мешавад.

Яке аз роҳҳои додани қарзи истеъмолӣ роҳ додан ба овердрафт (overdraft) ҳангоми хариди молу иҷрои кор ё хизматрасонӣ мебошад. Дар кишварҳои пешрафта ҳисоббаробаркунӣ ба воситаи кортҳои бонкӣ анҷом дода мешавад ва ҳангоми басанда набудани бақияи суратҳисоби мизоҷ бонк ба таври автоматӣ ба ӯ қарз медиҳад. Маблағи қарз ба моҳонаи мизоҷ вобаста аст ва баробари ба суратҳисоб ворид шудани моҳона баргардонида мешавад.*

*Дар аксари ҳолатҳо мизоҷи аврупоӣ намедонад, ки он аллакай қарз гирифтааст, зеро қарз ҳангоми хариди мол ба таври автоматӣ дода мешавад. Масалан, ман ҳоло (соли 2006) мизоҷи Fortisbank ҳастам ва ҳангоми хариди молу хӯрокворӣ дар мағозаҳо аз корти ҳамин бонк истифода мекунам. Баъзан маблағи харид аз маблағи дар суратҳисобам буда зиёд аст. Бонк пули молро пурра медиҳад ва фарқи нархи молу маблағи дар суратҳисоби ман буда қарз ҳисоб мешавад. Баробари ворид шудани моҳона ва ё пули дигар ба суратҳисоби ман бонк қарзашро мегирад.

Мавзӯи 14

НАҚШИ ҚАРЗ ВА ҲУДУДИ ИСТИФОДАИ ОН

14.1. Нақши қарз дар пешрафти иқтисодиёт

Қарз дар пешрафти иқтисодиёт нақши зеринро мебозад:

– *таъмини қатънашавандагии раванди истеҳсолот ва фурӯши мол.*

Самаранокии истеҳсолот пайвастагии доимии гирдгардиши сармояро тақозо мекунад. Барои ин корхонаю ташкилотҳоро зарур аст, ки хариди саривақтии ашёи хому воситаҳои истеҳсолӣ, пардохти музди меҳнату ичрои ӯҳдадориҳои дигари пулиро таъмин намоянд. Азбаски дар баъзе ҳолатҳо воситаҳои пулии корхонаю ташкилотҳо бо сабабҳои дар мавзӯъҳои пешин қайдшуда талаботашонро пурра қонеъ гардонида наметавонанд, онҳо маҷбуранд барои гирифтани қарз ба бонкҳо мурочиат намо-

янд. Аз тарафи дигар, конеъ ғардонидани талаботи муваққатӣ аз ҳисоби қарз муфидтар аст, зеро мӯҳлати дароз дар суратҳисоб беҳаракат нигоҳ доштани воситаҳои пулии корхонаҳо ба мақсад мувофиқ нест. Истифодаи ин маблағҳо дар истеҳсолоти дигар ва ё дар бонк ба мӯҳлати дарозтар пасандоз кардани онҳо фоидаи зиёдтар медиҳад. Қисме аз ин фоидаро ба бонк чун фоизи қарз додан мумкин аст.

Дар пешрафти кишоварзӣ қарз нақши хоса дорад. Мавсимӣ будани соҳа, дарозии мӯҳлати истеҳсоли маҳсулот ва вобаста ба он талаботи зиёд ба маблағҳои пулӣ зарурати ҷалби қарзро ба миён меорад. Масалан, дар соҳаи пахтакорӣ харочот барои чуфти замин, хариди сӯзишворию доруҳои кимиёӣ, додани музди меҳнат ва ғайра аввали сол шурӯъ шуда, то моҳҳои сентябру октябр давом мекунад. Хочагиҳо дар ин давра даромаде надоранд ва агар дошта бошанд ҳам (масалан, аз соҳаҳои иловагӣ) он ночиз аст, бинобар ин харочотҳояшон аз ҳисоби қарзҳои хоричӣ ё дохилӣ* пӯшонида мешавад.

*Масалан, солҳои 1997-2007 қисми зиёди харочотҳои хоҷагиҳо дар соҳаи пахтакории Тоҷикистон аз ҳисоби қарзҳои консорсиуми бонкҳои Швейтсария бо сарварии Credit Suisse First Boston пӯшонида шуданд. Охири ҳар сол – баъди чинини пахта ва аз пунба тоза кардани он баргардонидани қарзҳои хоричӣ шурӯъ мешуд. Азбаски соҳаи пахтакорӣ рӯ ба таназзул ниҳода буд, хоҷагиҳо имкони сари вакт баргардонидани ҳамаи қарзҳоро надоштанд ва пардохти қисми зиёди онҳо ба солҳои дигар мегузашт. Аввали соли 2007 маблағи умумии қарзи хоҷагиҳо аз бонку ширкатҳои хоричӣ зиёда аз 400 млн. доллари амрикоиро ташкил

медод, ки ин тахминан баробари нархи пахтаи дар ду сол истеҳсолкардаи Тоҷикистон буд.

Нақши қарз дар пешрафти соҳаи савдо низ хеле баланд аст. Захираҳои молии ташкилотҳои савдо аксар аз ҳисоби қарзи бонк ташкил мешаванд. Солҳои охир аксари бонкҳо ба додани қарзҳои хурд (microcredits) шурӯъ кардаанд, ки сабабаш муфид будани ин намуди фаъолияти бонкӣ аст. Соҳибкорони дар соҳаи савдо фаъолияткунанда қарзҳоро самаранок истифода карда, сари вақт бармегардонанд. Ин аст, ки дар аксари бозорҳо шӯъбаҳои бонкҳои тиҷоратӣ кушода шудааанду онҳо ба қарздиҳии тоҷирон машғуланд.

Дар соҳаи саноат қарз барои хариди ашёи хом, додани музди меҳнат ва ғайра истифода мешавад. Қисме аз корхонаҳои пешқадам қарзро барои васеъ кардани истеҳсолоту хариди техникаю технологияи нав истифода мебаранд. Рақобати сахти бозорӣ ва зарурати ҳар чӣ тезтар истифода кардани таҷҳизотҳои электронии ҳозиразамон, техникаю технологияи нав корхонаҳоро маҷбур месозад, ки новобаста ба надоштани воситаҳои пулии худӣ истеҳсолоташонро бо ин навовариҳо таъмин кунанд. Дар чунин ҳолат бонк бо қарзи худ ба ёрдами онҳо меояд.

Васеъ кардани истеҳсолот, сохтмони иншоотҳои саноатӣ, хариди таҷҳизот ва ғайра аз ҳисоби қарз имкон медиҳад, ки талаботи доимо афзояндаи ҷамъият қонеъ гардонида шавад. Дар сохтори давлатӣ бартарии истифодаи қарз барои васеъ кардани

истеҳсолот нисбат ба истифодаи воситаҳои буҷетӣ аз он иборат аст, ки баргардандагии қарз корхонаҳоро маҷбур месозад маблағҳои пулиро самаранок истифода кунанд. Аз ҷониби дигар, назорати истифодаи самараноки воситаҳои пулӣ бар дӯши бонк меафтад.

Тавре ки мебинем, нақши қарз дар таъмини талаботи мавсимии хоҷагиҳо, ташкили захираҳои молӣ дар соҳаи савдо, хариди ашёи хом, техникаю технологияи наву пӯшонидани хароҷотҳои дигари истеҳсолӣ дар соҳаи саноат ва васеъ кардани истеҳсолот дар ҳамаи соҳаҳо хеле баланд аст. Таъмини пешрафти илму техника ва истифодаи қарз барои татбиқи навовариҳои он дар истеҳсолот нишондиҳандаи дигари нақши қарз дар рушди иқтисодиёт мебошад.

– ҷамъи маблағҳои муваққатан озод ва мутамарказонидани сармоя.

Одамони алоҳида ва корхонаҳо маблағҳои пулии муваққатан озодашонро ба бонкҳо танҳо ба хотири гирифтани фоизи муайян медиҳанд. Чунин маблағҳо аз суратҳисоби корхона ба суратҳисоби қарзии бонк гузаронида мешаванд.* Ба таври дигар, ба шарофати мавҷудияти категорияи иқтисодӣ – қарз ҷамъу истифодаи пулҳои муваққатан озод имконпазир мегардад. Маблағҳои пулии ба ин тариқ ҷамъшуда барои таъмини пешрафти истеҳсолот истифода мешаванд, яъне корхонаҳои ба пул мӯҳтоҷ ин маблағҳоро аз бонкҳо қарз гирифта қатъ нашавандагии истеҳсолоташонро таъмин мекунанд.

*Маблағҳои пулии дар суратҳисобҳо буда, дар ихтиёри соҳибонашон мебошад ва ҳар вақт, ки хоҳанд онҳоро истифода мебаранд.

Маблағҳои муваққатан озоди як шахс ё корхона барои қарздиҳии корхонаи дигар ва ё татбиқи барномаҳои калон ба монанди сохтмони бино, роҳҳо ва ғайра басанда нест. Илова бар ин, вақти озодии муваққатии ин маблағҳо ба вақти барои қарздиҳии корхона ё сохтмон зарурӣ рост намеояд.

Мутамарказонидани маблағҳои муваққатан озод дар бонкҳо имкон медиҳад, ки камбудиҳои зерин бартараф карда шавад:

– мувофиқ наомадани вақти пасандози маблағҳои пулии алоҳида ва вақти ба қарз додани маблағҳо;

– бартараф кардани мушкилоти камии маблағи пасандозҳои алоҳида барои қарздиҳӣ;

– давом додани қарздиҳӣ новобаста аз бармаҳал талаб кардани қисме аз пасандозҳо;

– додани фоизи муайян барои пасандозҳо новобаста аз барнагардонидани қисме аз қарзҳо.*

*Дар кишварҳои аврупоӣ агар пешпардохандаи баргардандагии қарзҳо 98 фоизро ташкил кунад, фаъолияти бонк самаранок ҳисобида мешавад. Қарзҳои баргардонидашуда зарари бонкҳо ҳисоб ёфта, аз фоидаи онҳо пӯшонида мешаванд.

Ҳамин тариқ, тавассути қарз маблағҳои муваққатан озоди ҷамъият мутамарказонида шуда,

барои таъмини пешрафти соҳаҳои мухталиф истифода мешаванд.

– таъмини бефосилагии муомилоти пулии нақдӣ ва гайринақдӣ.

Тавре ки дар мавзӯъҳои қаблӣ қайд кардем, ворид намудани пулҳои нақдӣ ба муомилот ва ғирифтани онҳо аз муомилот асоси қарзӣ дошта, ба воситаи бонкҳо амалӣ мегардад. Додани пули нақд ба мизоҷон ҳамон вақт имконпазир аст, ки агар дар суратҳисобҳояшон пул дошта бошанд. Ин маънои мавҷудияти муносибатҳои қарзӣ байни мизоҷон ва бонкҳоро дорад, зеро маблағҳои дар суратҳисобҳо буда қарзҳоеанд, ки ба бонкҳо дода шудаанд.* Додани пулҳои нақд аз кассаҳои бонкҳо маънои иҷрои ӯҳдадориҳои бонкиро дорад, яъне бонкҳо қарзашонро бармегардонанд. Ва баръакс, гирифтани пулҳои нақд аз муомилот бо роҳи воридшавии онҳо ба суратҳисоби мизоҷон маънои қарздиҳӣ ба бонкҳоро дорад. Яъне дар мавриди аввал қарзи бонк кам мешавад, дар мавриди дуюм зиёд. Ҳамин тариқ, ба муомилот баромадану аз муомилот баргаштани пулҳои нақдӣ ба муносибатҳои қарзии дуҷонибаи бонкҳою мизоҷонашон асос меёбад.

*Охири сол бонкҳо барои чунин бақияҳои пулӣ ба мизоҷон фоизи муайян медиҳанд. Масалан, Fortisbank охири хар сол вобаста ба маблағи дар суратҳисоби Сафорати Тоҷикистон дар Шоҳигарии Белгия буда, фоизи муайян медод. Маблағи фоиз соли 2005 284 евроро ташкил дод. Бонкҳои тиҷоратии дар Тоҷикистон буда низ барои бақияи

дар суратҳисобҳо буда фоиз медиҳанд. Масалан, Ориёнбонк соли 2005 барои чунин бақияҳо 0,5 фоиз додааст.

Нақши қарз дар ташкили муомилоти пулии ғайринақдӣ низ баланд аст. Мувофиқ наомадани маблағҳои пулии ба суратҳисоб воридшаванда ва ҷамъи пардохтҳо метавонад боиси иҷро нагардидани ӯҳдадориҳою пайдоиши нобоварӣ ба пардохтпазирии харидорон гардад. Ба воситаи қарз корхона, ташкилотҳою шахсони алоҳида дар ҳолати надоштани маблағҳои зарурӣ ӯҳдадориҳои пулии худро сари вақт иҷро мекунанд. Қарз имкон медиҳад, ки ашёи хом сари вақт ба истеҳсолот ворид шаваду молҳои зарурӣ ба корхонаҳои савдо расанд. Ҳамин тариқ, қарз дар таъмини бефосилагии муомилоти пулии ғайринақдӣ, ки асоси ташкили самараноки муомилоти молӣ ва савдо мебошад, нақши муҳимро мебозад.

Илова бар ин, таъмини туносуби дурусти ҳаҷми пул дар муомилот ва талабот ба он вазифаи асосии бонкҳои марказӣ буда, бо роҳи аз ҳисоби қарз қонеъ гардонидани талаботи иловагии ширкатҳою шахсони алоҳида ба даст меояд. Номутаносибии байни ин ду нишондиҳанда метавонад боиси ба савдо нарафтани қисме аз молҳою бозистодани истеҳсолот (дар ҳолати кам будани ҳаҷми пул) ва ё паст шудани қурби пулу боло рафтани нархҳо (дар ҳолати аз меъёр зиёд будани ҳаҷми пул) гардад. Ин аст, ки бонкҳои марказӣ қарзро ҳамчун яке аз воситаҳои танзимгари муомилоти пулӣ истифода мекунанд.

14.2. Ҳудуди қарз ва зарурати риояи он

Дуруст муайян кардани ҳудуди қарз асоси ташкили самараноки раванди қарздиҳӣ, баҳисобгирии имкониятҳои бонк ва қонеъ гардонидани талаботи асосноки қарзгирандагон мебошад, ки алоҳида барои қарзгирандагон ва умуман барои иқтисодиёт моҳияти хосса дорад.

Яке аз вазифаҳои асосии ҳукумат таъмини устувории қобилияти харидории пули миллӣ ва нигаҳдошти таваррум дар сатҳи муайян мебошад. Азбаски қарздиҳӣ яке аз роҳҳои асосии баровардани пул ба муомилот аст, он метавонад боиси зиёдшавии ҳаҷми пул ва пастшавии қурби он гардад. Ин дар навбати худ боиси болоравии нархҳою норозигии мардум аз сиёсати ҳукумат мегардад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ҳаҷми қарзҳои додашаванда аз ҷониби бонки марказӣ танзим карда шавад.

Бонкҳои марказӣ вобаста ба зарурати иқтисодӣ ҳудуди болоии маблағи қарзҳои ба хоҷагии халқ додашавандаро муайян мекунанд. Дар шароити бӯҳрони иқтисодӣ ин намуди маҳдудкунӣ васеъ истифода мешавад. Масалан, бо мақсади роҳ надодан ба қарздиҳии зиёд, ки метавонист боиси болоравии нархҳою бекурбшавии пули миллӣ гардад, солҳои 1994-2000 Бонки миллии Тоҷикистон барои сохтори бонкӣ сатҳи болоии қарзҳои додашавандаро муайян карда буд. Яъне бонкҳо дар якҷоягӣ наметавонистанд аз ҳудуди муайян берун бароянд. Ин намуди маҳдудкунӣ шифти қарзӣ (Credit ceiling) ном дорад.

Ҳаҷми умумии қарзҳои аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ додашаванда метавонад беҳудуд бошад, зеро вобаста ба амали мултипликатори бонкӣ қарзи аз ҷониби як бонк додашуда баробари ба сурат-ҳисоби корхонаи дигар расиданаш ба захираи қарзӣ мубаддал мешавад ва бонк имкон дорад онро боз ба қарз диҳад. Ба таври дигар, ҳаҷми умумии қарзҳои аз ҷониби бонкҳо додашаванда аз сармояи умумии онҳо вобаста нест. Вале вобаста ба зарурати танзими муомилоти пулӣ маблағи қарзҳои аз ҷониби бонки алоҳида додашаванда ҳудуди муайян дорад:

– маблағи умумии қарзҳои додашаванда аз захираҳои қарзии бонк вобаста аст, яъне бонк наметавонад аз захираҳои доштааш қарзи зиёдтар диҳад.* Илова ба ин, бонкро зарур аст, ки мӯҳлати қарзҳои додашударо ба мӯҳлати пасандозҳо алоқаманд кунад, вагарна сари вақт баргардонидани пасандозҳо номумкин мегардад.

*Бонкҳои марказӣ бо мақсади танзими ҳаҷми пули дар муомилотбуда ва таъмини пардохтпазирии бонкҳо қисме аз захираҳои қарзии онҳоро дар ҳисоби алоҳидаи худ нигоҳ медоранд. Ҳар як бонк вазифадор аст, ки баробари пайдо кардани захираҳои қарзӣ қисме аз онро ба ҳисоби алоҳидаи бонки марказӣ гузаронад. Фоизи ин пиппондиҳанда аз ҷониби бонки марказӣ муайян мегардад. Масалан, барои бонкҳои тиҷоратии дар Тоҷикистон фаъолияткунанда солҳои 1993-2000 он ба 20 фоиз баробар буд, баъдан Бонки миллӣ онро то 12 фоиз поён бурд. Кам кардани ин пиппондиҳанда имкон медиҳад, ки бонкҳои тиҷоратӣ қарзи зиёдтар диҳанд. Бонки миллӣ ҳаҷми пули дар муомилот бударо аз ҳисоби истифодаи воситаҳои дигар танзим мекунад.

– бо мақсади таъмини пардохтпазирии бонк ва иҷрои саривақтии ӯҳдадориҳояш дар назди мизоҷон онро зарур аст, ки ҳудуди қарзро барои мизоҷони алоҳида муайян намояд. Сари вақт барнагаштани қарзи алоҳида набояд боиси иҷро нашудани ӯҳдадориҳои пулии бонк дар назди мизоҷони дигар гардад. Масалан, мутобиқи қарори Бонки миллии Тоҷикистон саҳҳомони бонки тиҷоратӣ метавонанд аз он қарз гиранд, вале маблаги он набояд аз 20 фоизи сармояи бонк зиёд бошад. Муайян кардани ҳудуд барои қарзҳои калонтарин низ ба мақсад мувофиқ аст. Онро метавон нисбат ба захираҳои қарзӣ ва ё сармояи бонк муайян кард. Масалан, қарзи калонтарин набояд аз 25 фоизи сармояи бонк зиёд бошад.

Ташкили самараноки муносибатҳои қарзӣ такозо мекунад, ки талаботи қарзгиранда ба қарз дуруст муайян карда шавад. Аз талабот кам додани қарз ба корхона-метавонад боиси пурра иҷро нашудани ӯҳдадориҳои пулии он ва ворид нашудани ашёи хому пӯшонидани харочотҳои истеҳсолӣ гардад. Ин амал хатари сари вақт баргаштани қарзу фоизи онро ба миён меорад. Ва баръакс, аз меъёр зиёд додани қарз низ ба мақсад мувофиқ нест, зеро шахси қарзгирифта самаранокии истифодаи онро таъмин карда наметавонад, ҳарчанд барои он фоизи муайян медиҳад. Илова ба ин, мумкин аст талаботи корхонаи дигари ба қарз мӯҳтоҷ қонеъ нагардад.

Истифодаи қарзи молӣ низ ҳудуди муайян дорад, зеро маблағи он аз имкониятҳои корхона ё ширкати алоҳида вобаста аст. Ин корхона ва ё

ширкат наметавонад маблағҳои пулии худро муддати дароз ба ихтиёри корхонаи дигар диҳад, вагарна худи он мӯҳтоҷи қарз мегардад. Агар тамоми иқтисодиётро дар якҷоягӣ гирем, корхонаҳо наметавонанд, тамоми молашонро ба қарз диҳанд, зеро дар чунин ҳолат онҳо аз ҳамдигар молу ашё харида наметавонанд ва заводу фабрикаҳо аз кор бозмемонанд. Аз ин рӯ, ҳаҷми қарзҳои тиҷоратӣ ё молӣ низ ҳудуди муайян дорад ва вайрон кардани он ба мақсад мувофиқ нест.

14.3. Фоизи қарз

Қарздиҳанда муваққатан пул ё моли худро ба ихтиёри қарзгиранда медиҳад, то фоида гирад. Мақсади қарзгиранда низ истифодаи қарзу гирифтани фоида аст. Ба ҳам мувофиқ омадани манфиатҳои қарздиҳандаю қарзгиранда боиси ҳамкории онҳо мегардад. Қарзгиранда аз ҳисоби қарз истеҳсолот, савдо ё хизматрасониро ба роҳ монда, фоидае ба даст меорад, ки натиҷаи ҳамкории ӯ бо қарздиҳанда буда, байнашон тақсим мешавад. Ҳиссаи қарздиҳанда фоизи қарз ном дорад.

Ҳамин тариқ, *фоизи қарз* маблағест, ки қарздор ба қарздиҳанда барои истифодаи қарз медиҳад. Қисме аз иқтисоддонҳо онро нархи қарз низ меноманд.

Агар қарздиҳанда ба гирифтани фоизи зиёдтар манфиатдор бошад, қарзгиранда, баръакс, ба додани фоизи камтар манфиатдор аст. Дар шароити

зиёд будани қарздиҳандаҳо ва имкони истифода аз хизмати онҳо қарзгиранда метавонад қарзро аз оне гирад, ки фоизи камтар мехоҳад. Аз ин рӯ, қарздиҳанда бояд мизони фоизи қарзро тарзе муайян кунад, ки ҳам худаш фоида бинаду ҳам қарзгирандаро аз даст надиҳад.

*Мизони фоиз** (ставка процента) ин ҳиссаи фоиз дар маблағи қарз аст. Барои мисол, қарздиҳанда ба қарзгиранда 1000 сомонӣ қарзи яксола додааст ва қарзгиранда бояд дар охири мӯҳлати истифодаи қарз 1110 сомонӣ баргардонад. Дар ин ҳолат, даромади қарздиҳанда 1110 – 1000 = 110 сомониро ташкил медиҳад. Мизони қарз бошад, ба 11 фоизи солона баробар аст (110 / 1000 х 100 = 11).

*Онро сатҳи фоиз низ номидан мумкин аст, зеро ҳамаи бонкҳо барои қарзҳои додаашон фоиз мегиранд, вале сатҳи фоизи қарз дар ҳар кадоме аз онҳо метавонад гуногун бошад. Масалан, агар сатҳи фоизи қарзи бонке 10 фоиз бошад, мумкин аст бонки дигаре бо мақсади ҷалби қарзгирандагон барои чунин қарз 9,9 фоиз гирифтанӣ аст.

Омилҳои муайянкунандаи мизони фоизи қарз инҳоянд: а) таносуби маблағи талабот ба қарз ва ҳаҷми захираҳои қарзии пешниҳодшуда, б) мизони фоизи коғазҳои қиматнок дар биржа.*

*Мизони фоизи қарзро аслан таносуби талаботу пешниҳод муайян мекунад, вале сатҳи фоизи қарзҳои ба воситаи коғазҳои қиматнок ҷалбшаванда низ ба он таъсир мерасонад. Агар соҳибони захираҳои қарзӣ бинанд, ки фоизи коғазҳои қиматноки ҳукумат болотар аз фоизи пасандоз

аст, албатта, коғазҳои қиматнокро мехаранд. Дар натича маблағи захираҳои қарзӣ ва вобаста ба он маблағи қарзҳои пешниҳодшаванда камтар шуда, мизони фоизи қарз боло меравад.

Ҳамин тариқ, омили асосии ба мизони фоизи қарз таъсиркунанда талабот (спрос, demand) ба қарзу пешниҳоди (предложения, supply) захираҳои қарзӣ дар бозор аст. Андозаи талабот ба қарз аз нишондиҳандаҳои зерин вобаста аст: а) меъёри фоида дар ояндаи наздик; б) сатҳи таваррум дар ояндаи наздик; в) қарзгирии давлат. Ҳачми захираҳои қарзии пешниҳодшавандаро – а) сатҳи некӯаҳволии мардум; б) болоравии нархи саҳмияҳою амвол дар ояндаи наздик; в) хатари поён рафтани арзиши аслии қарз (риск) муайян мекунанд.

Меъёри фоида дар ояндаи наздик.

Харҷи корхонаю соҳибкорон барои ташкили истеҳсолоти нав, хариди техникаю технология ва ғайра аз фоиданокии он вобаста аст. Агар меъёри фоида зиёд бошад, талабот ба қарз меафзояд ва баръакс. Масалан, мутахассисони корхона ҳисоб карданд, ки меъёри фоида аз васеъ кардани истеҳсолот (сохтмони сехи нав, хариди таҷҳизот ва ғайра) 24 фоизро ташкил медиҳад. Мизони фоизи қарз дар ин давра ба 20 фоиз баробар аст. Дар чунин ҳолат корхона 4 фоизи даромади софро ба инобат гирифта, метавонад васеъкунии истеҳсолоташро аз ҳисоби қарз таъмин кунад. Ин боиси зиёдшавии талабот ба қарзу фоизи он мегардад. Ва баръакс,

агар меъёри фоида 24 фоиз не, балки 18 фоизро ташкил кунад, он гоҳ васеъкунии истеҳсолот бо истифодаи қарз зараровар аст, бинобар ин корхона аз ин амал даст мекашад.

Сатҳи таваррум дар ояндаи наздик.

Болоравии сатҳи таваррум дар ояндаи наздик боиси зиёдшавии талабот ба қарзу фоизи он мегардад, зеро истифодаи қарз дар шароити баъдан поён рафтани арзиши аслии он ба манфиати қарзгиранда аст. Масалан, ҳоло мизони фоизи қарз 12 фоиз аст. Сатҳи таваррум 7 фоиз буда, баъди 6 моҳ то 20 фоиз боло меравад. Корхонаи А инро ба инобат гирифта 10000 сомонӣ (таносубан 3000 доллар бо қурби 1 = 3,333) қарзи яксола мегирад. Азбаски бо болоравии сатҳи таваррум қурби пули миллӣ мутаносибан поён меравад, ҳангоми баргардонидани қарз маблаги он 10000 х 1,12 = 11200 сомониро ташкил кунад ҳам, таносуби асъориаш ба 2800 доллари амрикоӣ (11200:/3,333х1,20/) баробар аст. Қарздиҳанда ба ҷойи 360 доллари фоида (3000 х 1,12 – 3000) дар асл 200 доллари амрикоӣ (3000 – 2800) зарар мебинад. Ин аст, ки болоравии тавarруму ба ҳисоб нагирифтани он ҳангоми қарздиҳӣ ба манфиати қарзгиранда буда, талабот ба қарзро зиёд мекунад.

Қарзгирии давлат.

Омили дигари зиёдкунандаи талабот ба қарз талаботи давлат ба он аст. Ҳукумат барои пӯшонидани касри буҷет ва ё дастгирии корхонаҳои дав-

латӣ аз бонки марказӣ ва ё бонкҳои тиҷоратӣ қарз мегирад. Гарави баргардонидани чунин қарзҳо замонатномаҳои ҳукуматианд ва азбаски дар аксари ҳолатҳо корхонаҳои давлатӣ аз ӯҳдаи баргардонидани қарзҳо намебароянд, ҳукумат ҳалли ин масъаларо ба ӯҳдаи худ мегирад.

Сатҳи некӯаҳволии мардум.

Болоравии сатҳи некӯаҳволии мардум маънои болоравии даромади он ва зиёдшавии пасандозҳоро дорад. Ҳар қадар ки пасандозҳо зиёд шаванд, ҳамон қадар захираҳои қарзӣ афзуда, имконияти бонкҳо барои додани қарз зиёд мешавад. Ва баръакс, ҳангоми поён рафтани сатҳи некӯаҳволии мардум ва кам шудани даромадҳо одамон маҷбур мешаванд, ки пасандозҳои худро аз бонкҳо гирифта, барои зиндагӣ сарф кунанд. Гирифтани пасандозҳо маънои мутаносибан кам шудани захираҳои қарзӣ ва пешниҳоди онҳо дар бозорро дорад.

Болоравии нархи саҳмияҳою амвол дар ояндаи наздик.

Болоравии даромаднокии саҳмияҳо, нархи манзил, автомобил ва ғайра метавонад ба ҳаҷми захираҳои қарзӣ таъсири манфӣ расонад. Агар мардум донад, ки қурби саҳмияҳо, манзил, автомобилу дигар намуди моликият дар ояндаи наздик боло меравад, пулашонро пасандоз накарда аз бозор саҳмияю амвол мехаранд.

Масалан, аввали солҳои 1992 нархи манзил дар шаҳри Душанбе хеле паст буд. Дар манзилҳои

бисёрошёна нархи як м^2-и хона вобаста ба ҷойгиршавии он 40-100 доллярро ташкил медод, соли 2006 нархи он то 500-900 доллар боло рафт. Агар сабаби ин, аз як тараф, тинҷию амонӣ бошад, аз ҷониби дигар болоравии даромадҳои аҳолӣ буд. Ҳамин гуна болоравӣ дар нархҳои автомобилу амволи дигар низ мушоҳида шуд. Ин буд, ки мардум харидани амволро нисбат ба пасандозкунии пул дар бонк афзалиятноктар мешуморид.

Хатари поён рафтани арзиши аслии қарз (риск).

Хатари болоравии нархҳо дар ояндаи наздик қарздиҳандагонро маҷбур мекунад, ки фоизи қарзро боло баранд, вагарна аз қарздиҳӣ зарар мебинанд. Болобарии фоиз талабот ба қарзро кам мекунад, зеро корхонаю соҳибкорон низ дар сурати болоравии нархҳо ба фоиданокии пешбурди фаъолият аз ҳисоби қарз боварӣ надоранд.

Ҳамин тариқ, талаботу пешниҳод муайянкунандагони асосии мизони фоизи қарз буда, каму зиёд шудани яке аз онҳо боиси тағйири мизони фоиз мегардад. Зиёд шудани талаботу тағйир наёфтани маблағи пешниҳодшудаи захираҳои қарзӣ боиси болоравии мизони фоиз ва баръакс, зиёдшавии захираҳои қарзӣ дар ҳолати тағйир наёфтани талабот ба онҳо боиси паст шудани мизони фоиз мешавад.

Дар адабиёти иқтисодӣ инчунин мафҳумҳои *мизони номиналии фоиз* ва *мизони аслии фоиз* истифода мешаванд.

Мизони номиналии фоиз ин ифодаи пулии фоизи қарз мебошад. Масалан, агар 10000 сомонии ба қарзи яксола додашуда 110 сомонӣ даромад оварда бошад, мизони номиналии фоиз 11 фоиз аст.

Мизони аслии фоиз даромади аслии қарздиҳанда аст, ки вобаста ба дигар шудани сатҳи таваррум ҳисоб карда шудааст. Мизони аслии фоиз нишон медиҳад, ки даромади аслии қарздиҳанда аз нақшааш зиёд аст ё кам. Масалан, агар дар давраи истифодаи қарзи дар боло қайдшуда таваррум ба ҷойи 4 фоизи нақшавӣ 9 фоизро ташкил дода бошад, даромади аслии қарздиҳанда ба ҷойи 7 фоизи (11-4) пешбинишуда 2 фоизро (11-9) ташкил медиҳад. Ин маблағ мумкин аст, ҳатто барои пӯшонидани харочотҳои қарздиҳанда кофӣ набошад.

Аз ин рӯ, қарздиҳандаро зарур аст, ҳангоми муайян кардани мизони фоизи қарз таъсири мусбию манфии омилҳои дар боло қайдшударо ба инобат гирад.

14.4. Намудҳои фоизи қарз

Дар амалияи бонкдорию муносибатҳои қарзӣ вобаста ба шакли қарз, аз ҷониби кию ба кадом мӯҳлат дода шудани он ва омилҳои дигар намудҳои гуногуни фоизи қарз истифода мешаванд.

Намудҳои маъмулии фоизи қарз инҳоянд: а) мизони появии бонкӣ (базовая банковская ставка); б) мизони фоизи бозори пул; в) мизони фоизи қарз-

ҳои байнибонкӣ; г) мизони фоизи векселҳои хазинадорӣ; д) мизони фоизи бозори сармоя.

Мизони появии бонкӣ (prime-rate) сатҳи минималии фоиз аст, ки аз ҷониби бонкҳо барои қарзҳои пешниҳодкардаашон муайян карда мешавад. Мизони появӣ харочот ва фоидаи минималии бонкро дар бар мегирад. Ҳангоми додани қарз бонкҳо ба мизони появӣ чанд фоизи дигар илова мекунанд. Сатҳи фоизи иловагӣ вобаста ба мавҷудияти хатари барнагаштани қарз, дараҷаи таъмини қарз, сатҳи боварӣ ба пардохтпазирии қарзгиранда ва омилҳои дигар муайян карда мешавад.

Дар кишварҳои пешрафта ҳар як бонк вобаста ба сиёсати қарзиаш мизони появии худро дорад ва онро ҳар рӯз ба диққати шӯъбаҳояш мерасонад, то ба мизоҷон пешниҳод кунанд. Шӯъбаҳо вобаста ба омилҳои дар боло қайдшуда сатҳи фоизи иловагӣ ва фоизи қарзро муайян мекунанд.

Бо мақсади ҷалби қарзгирандагон (ширкату шахсони алоҳида) мизони появии (prime-rate) бонкҳои калон ҳаррӯза дар интернету матбуоти даврӣ чоп мешавад.

Мизони фоизи бозори пул.

Бозори пул қисми сохтории бозори сармоя аст, ки дар он маблағҳои пулӣ ва коғазҳои қиматноки мӯҳлаташон то як сол хариду фурӯш мешаванд. Захираҳои қарзии кӯтоҳмуддат, коғазҳои қиматноки ҳукуматӣ, векселҳои тиҷоратӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Фоидаи соҳибони маблағҳои пулӣ

ва коғазҳои қиматнок дар шакли фоиз муайян мешавад. Азбаски маблағҳои пулию коғазҳои қиматнок кӯтоҳмуддату бозоргиранд, талабот ба онҳо зиёд ва мизони фоизашон тағйирёбанда аст.

Мизони фоизи қарзҳои байнибонкӣ.

Азбаски дар ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда маблағи асосӣ ба қарзҳои бонкӣ рост меояд, мизони фоизи қарзҳои байнибонкӣ барои бонкҳою мизоҷони онҳо аҳамияти хоса дорад. Фоизи қарзи ба мизоҷ додашаванда, пеш аз ҳама, аз мизони фоизи қарзҳои байнибонкӣ вобаста аст. Агар мизони фоизи қарзи байнибонкӣ баланд бошад, фоизи қарзи ба мизоҷ додашаванда аз он баландтар хоҳад буд, зеро ба мизон харочоту фоидаи бонки қарздиҳанда илова мешавад.

Мизони қарзҳои байнибонкӣ дар навбати худ ба намудҳои зерин ҷудо мешавад:

– мизони фоизи қарзҳои пешниҳодшаванда. Ин мизони фоизест, ки бо он бонк омода аст ба бонкҳои дигар қарз диҳад. Дар марказҳои бозори ҷаҳонии сармоя бонкҳо ҳар рӯз мизони фоизашонро эълон мекунанд. Масалан, мизони LIBOR (London Inter-Bank Offer Rate) – мизони фоизи қарзи байнибонкиест, ки аз ҷониби калонтарин бонкҳои дар шаҳри Лондон буда (Barclays, Bank of Tokyo, National Westminster Bank, Bankers Trust) ҳар рӯз эълон мешавад. Марказҳои дигари бозори ҷаҳонии сармоя низ дорои чунин нишондиханда мебошанд. Масалан, PIBOR дар шаҳри Париж, FIBOR дар Франкфурт, MIBOR дар Маскав ва ғайра. Бонкҳо

ҳангоми гирифтани қарз аз ҳамдигар бештар LIBOR-ро истифода мекунанд. Ҳангоми додани қарз ба мизоҷ онҳо ба LIBOR ҳаққи худро илова менамоянд.

– мизони фоизи қарзҳои ҷалбшаванда. Ин мизони фоизест, ки бо он бонк омода аст аз бонкҳои дигар қарз гирад. Ин нишондиҳанда низ аз ҷониби бонкҳо ҳар рӯз эълон мешавад. Он дар бозорҳои ҷаҳонии сармоя бо номҳои LIBID (London Inter-Bank Bid Rate), PIBID (Париж), FIBID (Франкфурт), MIBID (Маскав) ва ғайра маълум аст. Мизони фоиз вобаста ба мӯҳлати пешниҳоди қарз метавонад гуногун бошад.

– мизони аслии қарзҳои байнибонкӣ. Ин мизони миёнаест, ки бо он бонкҳо рӯзи гузашта ба ҳам қарз додаанд. Дар байни кормандони бонкҳо ин нишондиҳанда бо номҳои LIACR (London InterBank Actual Rate), MIACR (Маскав) ва ғайра маълум аст.

– мизони қарзҳои кӯтоҳмуддати байнибонкӣ – INSTAR (Inter-Bank Short Term Rate). Ба ин гурӯҳ мизони қарзҳои дар асл додашудаи мӯҳлаташон якрӯза (овернайт), якҳафтаина, як моҳаю семоҳа дохил мешаванд.

Мизони фоизи векселҳои хазинадорӣ.

Бонкҳои марказӣ бо мизони муайян векселҳои хазинадории кишварашонро дар бозорҳо ба савдо мебароранд. Аслан векселҳо бо нархи аз арзиши номиналиашон камтар* фурӯхта мешаванд ва

мӯҳлати кӯтоҳу (то як сол) гарави пардохташон онҳоро бозорғир кардааст.

*Масалан, нархи номиналии векселӣ хазинадории 6-моҳа 150 сомонӣ аст. Нархи фурӯши он бошад 140 сомонӣ муайян шудааст. Ин маънои онро дорад, ки шахси онро харида баъди 6 моҳ ба ивазаш 150 сомонӣ мегирад. Мизони фоизи ин векселӣ хазинадорӣ 14,285 фоиз (10 / 140 х 100 / 6 х 12) аст.

Дар давоми сол вобаста ба сатҳи таваррум нархи аслии векселҳо дар бозор метавонад тағйир ёбад, зеро болоравии нархҳою бекурбшавии пул арзиши аслии ин векселҳоро паст мекунад. Бинобар ин, корхонаю шахсони алоҳида бо роҳи ба фурӯш баровардани векселҳо ҳаракат мекунанд ҳар чӣ тезтар аз онҳо ҳалос шаванд. Яку якбора ба бозор ворид шудани миқдори зиёди векселҳо боиси паст рафтани нархи фурӯшашон меғардад.

Мизони фоизи бозори сармоя.

Ин мизони фоизи ӯҳдадориномаҳои миёнамуддату дарозмуддати давлатӣ мебошад. Ба ин гурӯҳ коғазҳои қиматноки давлатӣ, ки мӯҳлати пардохташон аз як сол зиёд аст, дохил мешаванд. Бондҳои хазинадории ИМА, ӯҳдадориномаҳои мамлакатҳои Олмон, Британиёи Кабир, вомбаргҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра аз ҷумлаи онҳоянд. Аз хариди ин ӯҳдадориномаҳо ду намуди даромад гирифтан мумкин аст: а) даромади купонӣ – фарқи байни нархи номиналию нархи фурӯши онҳо, б) даромади аслӣ – фарқи байни

нархи номиналӣ ва нархи дар бозор вобаста ба таваррум тағйирёфтаи онҳо.*

*Масалан, одамон ӯҳдадориномаҳои 150 сомониро аз бонки марказӣ бо нархи 140 сомонӣ хариданд. Баъди чанде аз болоравии нархҳою пастшавии қурби пул тарсида, қисме аз одамон ӯҳдадориномаҳояшонро ба фурӯш баровардаанд. Азбаски хоҳишмандон каму фурӯшандагон зиёд буданд, нархи фурӯши ӯҳдадориномаҳо то 130 сомонӣ поён рафт. Фарз кардем, ки чорабиниҳои дахлдори ҳукумат хатари таваррумро бартараф намуда, қурби пулро устувор кард. Акнун онҳое, ки ӯҳдадориномаҳоро нафурӯхтанд, 10 сомонӣ даромади купонӣ мегиранд ва онҳое, ки аз бекурбшавии пул наҳаросида баъдан ӯҳдадориномаҳоро аз бозор харидаанд, – 20 сомонӣ. Албатта, онҳое, ки ӯҳдадориномаҳоро фурӯхтанд, 10 сомонӣ зарар дидаанд.

Дар амалияи бонкдорӣ намудҳои дигари мизони фоизи қарз низ вуҷуд дорад. Масалан, мизони фоиз барои шаклҳои алоҳидаи пасандозҳо, шаклҳои қарз, мизони фоиз барои қарзҳои кӯтоҳмуддат, миёнамуддату дарозмуддат, мизони фоизи коғазҳои қиматнок вобаста ба мӯҳлаташон ва ғайра.

Мизонҳои фоизи бозорҳои сармоя ба ҳам зич пайвандаанд. Истифодаи воситаҳои хозиразамони интиқоли маълумотҳои зарурӣ ҳамаи бозорҳоро дар фазои якхела вогузор кардааст. Кормандони бозорҳо (дилерҳо, маклерҳо) новобаста дар кадом қитъаи замин буданашон ҳамеша аз вазъи бозорҳои дигар хабардоранд. Дигар шудани мизон дар яке аз онҳо боиси тағйир ёфтани мизон дар бозори дигар мегардад. Мавҷудияти фарқи мизонҳо метавонад

боиси қаллобии «бозингарони» бозор шавад.* Бинобар ин, фарқи мизонҳо то дараҷае кам аст, ки иҷрои чунин амалиёт фоидаовар нест.

*Агар дар яке аз бозорҳо мизон камтару дар дигаре зиёдтар бошад, «бозингарон» маблағҳои пулию коғазҳои қиматноки он бозорро харида, дар ин бозор мефурӯшанд.

Мавзӯи 15

АСОСҲОИ ТАШКИЛИ МУНОСИБАТҲОИ ҚАРЗӢ

Муносибатҳои байни қарздиҳандаю қарзгиранда оид ба гирифтан, истифода кардану баргардонидани қарзро муносибатҳои қарзӣ меноманд. Асосҳои муносибатҳои қарзӣ зарурати таъмини пешрафти истеҳсолоту қонеъ гардонидани талаботи дигари қарзгирандагон мебошанд. Ташкили самараноки муносибатҳои қарзӣ ба сиёсати қарзии корхонаҳо, шахсони алоҳида, бонкҳои тиҷоратию муассисаҳои дигари қарзӣ, шарту шароитҳои қарздиҳӣ, истифодаю сари вакт баргардонидани қарз вобаста аст.

15.1. Сиёсати қарзии корхона

Ҳар як корхонае, ки истеҳсолоти доимӣ дорад, бо сабабҳои дар мавзӯъҳои пешин зикргардида истифодабарандаи қарзи тиҷоратӣ ё бонкӣ аст. Истифодаи қарз боиси аз даст рафтани як қисми фоидаи корхона мегардад, ки ба мақсад мувофиқ нест.

Аз ин рӯ, корхонаро зарур аст, ки сиёсати самараноки қарзии худро дошта бошад.

Сиёсати қарзии корхона ҳолатҳои ба қарз фурӯхтан ва ё харидани мол, тартиби муайян кардани фоизи ба нархи мол иловашаванда, додани имтиёзҳо дар ҳолати пардохти пули мол пеш аз мӯҳлат, ҳолатҳои гирифтани қарз, меъёрҳои интихоби қарздиҳанда, шартҳои қарз, таъмини истифодаи самараноку сари вақт барғардонидани онро дар бар мегирад.

Корхона бо харидори моли худ муносибатро тарзе бояд ташкил кунад, ки онҳо пули молашро сари вақт диҳанд, то ба қарз мӯҳтоҷ нашавад. Ташкили муносибати хуби ҳамкорӣ бо фурӯшандагон низ аҳамияти хоса дорад, зеро дар ҳолати хариди мол (масалан, ашёи хом) ва надоштани маблағи зарурӣ фурӯшандаҳо метавонанд ба он мӯҳлати муайян диҳанд. Ин амал боиси аз байн рафтани зарурати истифодаи қарзи бонкӣ ва додани фоизи иловагӣ мегардад.

Ҳолатҳои ба қарз фурӯхтан ва ё харидани мол.

Азбаски хариду фурӯши мол раванди доимӣ буда, ҳалли масъалаҳои он ба ӯҳдаи сохтори дахлдори корхона вогузор мешавад, зарур аст, ки ҳолатҳои ба қарз додани мол ва ё харидани он пешакӣ муайян карда шаванд. Масалан, корхона метавонад дар ҳолатҳои зерин молро ба қарз диҳад:

а) ба пардохтпазирии харидор боварӣ дорад;

б) харидори боэътимод ба нархи нисбатан баланди мол розӣ аст;

в) харидор кафолатномаи бонки боэътимодро дорад;

г) талабот ба ин мол дар бозор зиёд нест;

д) сифати мол ба талабот пурра ҷавоб намедиҳад;

е) мавсими фурӯши мол ғузаштааст ва ғайра.

Ҳолатҳои ба қарз харидани мол метавонанд инҳо бошанд:

а) мавҷуд набудани маблағи зарурӣ дар суратҳисоб;

б) паст будани иловапулии фурӯшанда нисбат ба фоизи қарзи бонкӣ;

в) бандҳои г, д, е-и сархати пешин.

Корхонаҳое, ки ба бозоргирии молашон боварӣ доранд, аз харидорони пардохтнопазир кафолатномаи бонкӣ талаб мекунанд. Кафолатномаи бонкӣ бо тартиби мавҷудбуда аз ҷониби бонкҳои тиҷоратию муассисаҳои дигари қарзие дода мешавад, ки ба фаъолияти самарноки мизоҷонашон ҳавасманданд *(Нигаред ба замимаи 30)*.

Тартиби муайян кардани фоизи ба нархи мол иловашаванда.

Вобаста ба сабаб ё ҳолати барои қарз фурӯхтани мол нархи он метавонад гуногун бошад. Масалан, дар ҳолати ба талаботи бозор ҷавобгӯй будани мол нархи яклухти* онро боло бурдан мумкин аст.

Сатҳи болобарии нархи мол ба сиёсати қарзии корхона вобаста аст. Корхонаҳо бояд сатҳи мавҷуда ва суръати болоравии таваррум, мизони фоизи корхонаҳои фурӯшанда, бозоргирии мол ва фоизи қарзи бонкиро ба инобат гиранд. Қисме аз ширкатҳои аврупоӣ дар ин кор LIBOR-ро (London Inter-Bank Offer Rate) истифода мекунанд, зеро он вобаста ба сатҳи таваррум муайян шудааст. Масалан, агар LIBOR 6 фоиз бошаду мӯҳлати қарз 3 моҳ, пас ба нархи фурӯши мол тахминан 1,5 фоиз илова мешавад. Корхонаҳои дигар вобаста ба бозоргирии молашон фоизи зиёдтарро илова мекунанд.

*Молҳо нархҳои яклухту чакана доранд. Нархи яклухт ҳангоми фурӯши мол ба харидоре истифода мешавад, ки баъдан онро ба бозор мебарорад. Нархи чакана ин нархест, ки шахсони алоҳида дар бозор ё мағоза ба фурӯшандаи мол медиҳанд. Масалан, харидор дегҳои оҳаниро аз корхона бо нархи яклухт (як дег 20 сомонӣ) харида, дар бозор онҳоро бо нархи чакана (як дег 23 сомонӣ) мефурӯшад.

Дар ҳама ҳолат зарур аст, ки фоизи иловашуда аз фоизи қарзи бонкӣ зиёдтар бошад, зеро мумкин аст корхона барои қонеъ гардонидани талаботаш аз он истифода барад. Он гоҳ, фарқи манфии байни ду намуди фоиз боиси зарари корхона мегардад.

Додани имтиёзҳо дар ҳолати пардохти пули мол пеш аз мӯҳлат.

Корхона метавонад имтиёзҳои зеринро ба харидорон пешниҳод кунад: а) додани мол бо нархи арзонтар ҳангоми хариди навбатӣ; б) кам кардани нархи моли ба қарз додашуда; в) ба ӯҳдаи худ гирифтани харҷи роҳ; г) бо нақлиёти худ расонидани мол ба харидор ва ғайра. Масалан, корхона эълон мекунад, ки хангоми додани пули мол дар давоми ҳафтаи аввал нархи он 2,5 фоиз кам карда мешавад. Чунин амал метавонад ҳам харидорро ҳавасманд кунаду ҳам корхонаҳои дигареро, ки ҳоло харидори моли ин корхона нестанд, зеро онҳо дар ин амал арзоншавии нархи яклухти молро мебинанд.

Ҳолатҳои гирифтани қарз.

Корхона на танҳо молашро ба қарз медиҳад, балки аз дигар корхонахои ҳамкор ё бонк қарз мегирад. Бинобар ин онро зарур аст, ки ҳолатҳои ба қарз харидани мол ва ё барои ин мақсад ҷалб кардани қарзи бонкиро муайян намояд. Агар иловапулии фурӯшанда аз фоизи қарзи бонкӣ зиёд бошад, корхона аз хизмати бонк истифода мекунад ва баръакс. Аз ин рӯ, сохторҳои дахлдори корхонаро зарур аст, ки вазъи бозор, фоизбандӣ ба қарзҳои тичоратию бонкӣ, шарту шароитҳои қарзгириро хуб донанд.

Меъёрҳои интихоби қарздиҳанда инҳоянд: а) арзон будани қарз (паст будани мизони фоизи қарздиҳанда); б) ба мӯҳлати зарурӣ додани қарз; в) шартҳои муносиб.

Имрӯз ба шарофати истифодаи хизматҳои интернетӣ корхонаҳо метавонанд қарздиҳандаро интихоб кунанд. Бонкҳо ба воситаи интернет хизматҳои худро пешниҳод мекунанд ва ҳар корхонае, ки ба шартҳои қарздиҳанда ҷавобгӯй аст, метавонад аз он қарз гирад. Масофаи байни қарздиҳандаю қарзгиранда аҳамияте надорад. Дар ҳолати доштани гарави боэътимод корхона метавонад аз хизмати бонки дар кишвари дигар буда истифода барад. Масалан, муассисаи «CL Group» Corporation дар саҳифаи интернетиаш ба хоҳишмандон пешниҳоди қарзӣ кардааст *(Нигаред ба замимаи 29)*.

Шартҳои қарз.

Таъмини қарз, тартиби баргардонидани қарз (қисм-қисм ё дар охир), фоизи қарз, тартиби додани фоиз (дар аввал, қисм-қисм ё дар охир) ва ғайра шартҳои қарзанд. Муфидии истифодаи қарз аз шартҳои он вобаста аст. Масалан, арзонӣ ё қиматии қарз ба тартиби додани фоиз вобастагии зич дорад. Дар аввал додани фоиз нархи аслии қарзро боло мебарад.

Фарз кардем, корхона аз бонк 10000 сомонӣ қарзӣ яксола мегирад. Фоизи қарз 20 фоиз буда, дар аввал гирифта мешавад. Яъне, корхона дар асл 8000 сомонӣ қарз гирифта, дар охир илова ба он 2000 сомонӣ бармегардонад. Дар ин ҳолат фоизи аслии қарз 25 фоизро (2000 : 8000 х 100) ташкил медиҳад.

Таъмини истифодаи самараноки қарз ва сари вақт баргардонидани он.

Роҳбарияти корхона метавонад дар сиёсати қарзии худ назорати истифодаи самараноки қарз ва баргардонидани саривақтии онро ба ӯҳдаи сохтори дахлдор вогузор намояд. Дар амал ин бештар вазифаи шӯъбаи махсуси назоратӣ ё шӯъбаи молия аст. Мақсади чунин назорат ташкили саривақтии фурӯши мол ва баргардонидани қарз мебошад. Он бояд баробари ворид шудани воситаҳои пулӣ ба суратҳисоби корхона баргардонида шавад, зеро таъхиркорӣ боиси додани фоизи барзиёд мегардад.

Татбиқи дурусти сиёсати қарзии корхона имкон медиҳад, ки воситаҳои пулии он самаранок истифода шуда, талаботи муваққатиаш бо харҷи камтар қонеъ гардонида шаванд.

15.2. Сиёсати қарзии бонки тиҷоратӣ

Бонкҳои тиҷоратӣ ва муассисаҳои дигари қарзӣ,* баъдан «бонк ё бонкҳои тиҷоратӣ» дар фаъолияти худ ба қонунҳои мавҷудаи кишвар оид ба бонкдорӣ такя карда, манфиати саҳмдорону соҳибони маблағҳои пулии дар онҳо пасандозшударо ҳимоя мекунанд. Сиёсати қарзии бонки тиҷоратӣ дар асоси қонунҳои амалкунанда, сиёсати қарзии ҳукумату бонки марказӣ ва мақсадҳои дар назди бонк гузоштаи шӯрои он муайян карда мешавад.

*Ба муассисаҳои дигари қарзӣ ломбардҳо, иттифоқҳои қарзӣ, муассисаҳои қарзии хурд ва ғайраҳо дохил мешаванд. Аз сабаби кам будани сармояшон бонки марказӣ ба онҳо танҳо барои иҷрои қисме аз вазифаҳои бонкӣ иҷозат медиҳад. Миқдори саҳҳомону мизоҷонашон низ маҳдуд карда шудааст.

Қисмҳои таркибии сиёсати қарзии бонки тиҷоратӣ инҳоянд: а) шартҳои қарз; б) тартиби муайян кардани қобилияти қарзадокунии қарзгиранда; в) таъминнокии қарз (роҳҳои таъмини иҷроиши ӯҳдадориҳои қарзӣ); г) чорабиниҳо оид ба таъмини бозгашти қарз ва тартиби баргардонидани он.

Шартҳои қарз.

Бонкҳои тиҷоратӣ фаъолияти қарзии худро асосан аз ҳисоби маблағҳои пулии дигарон (пасандозу амонатҳои шахсони ҳуқуқию воқеӣ) ба роҳ мемонанд ва барои сари вақт баргардонидани онҳо ҷавобгаранд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки маблағ, мӯҳлат ва шартҳои дигари ба қарз додани маблағҳои пулӣ дуруст муайян карда шаванд.

Шӯрои бонки тиҷоратӣ барои ҳамаи сохторҳои он нишондиҳандаҳои зеринро муайян мекунад:

– маблағи калонтарини қарз;

– ҳуқуқи қабули қарор оид ба додани қарз вобаста ба маблағи он;*

– тартиби баргардонидани қарз (қисм-қисм ё дар охир);

– мизони появии бонкӣ;

– тартиби муайян кардани фоизи қарзу гирифтани он (дар аввал, қисм-қисм ё дар охир).

*Масалан, шӯрои бонки тиҷоратӣ метавонад чунин тартиби қабули қарор оид ба додани қарзро муайян кунад: шӯъбаҳои бонк ҳуқуқ доранд оид ба додани қарзҳои маблағашон то 25000 сомонӣ мустақилона қарор қабул кунанд. Қарорҳои додани қарзҳои аз 25000 то 50000 сомониро идораҳои вилоятии бонк ва аз он зиёдаро кумитаи қарздиҳии раёсати бонк қабул мекунанд.

Қисми муҳимми сиёсати қарзии бонки тиҷоратӣ муайян кардани фоизи қарз мебошад. Ҳангоми муайянкунии он кормандони бонкро зарур аст, ки таъсири омилҳои гуногунро ба инобат гиранд.

Омилҳои умумииқтисодие, ки ба фоиданокии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ таъсир мерасонанд, инҳоянд: а) таносуби талаботу пешниҳод (спрос и предложения) дар бозорҳои пулу сармоя; б) тағйирёбии мизони фоизи қарзҳои бонки марказӣ (ставка рефинансирования); в) сатҳу суръати болоравии таваррум; ғ) мизони фоизу шартҳои бозори қарзии байнибонкӣ.

Ба фоиданокии фаъолияти бонкҳои алоҳида ва сатҳи фоизи онҳо омилҳои зерин низ таъсир мерасонанд: а) сиёсати бонк оид ба ҷалби пасандозу амонатҳо (сохтори воситаҳои ҷалбшуда); б) ҳаҷми воситаҳои худии бонк; в) фоиданокии фаъолияти бонкӣ; г) маблағу мӯҳлати қарзи додашуда; д) сатҳи пардохтпазирии мизоҷ; е) шакли таъмини қарз.

Сиёсати бонк оид ба ҷалби пасандозҳо нишон медиҳад, ки бонк бештар кадом намуди пасандозҳоро (кӯтоҳмуддат, миёнамуддат ё дарозмуддат) мепазирад. Каму зиёд будани мизони фоизи па-

сандозҳо ба сиёсати бонк оид ба ҷалби онҳо алоқамандии зич дорад. Масалан, агар бонк бештар пасандозҳои дарозмуддатро ҷалб карданӣ бошад, мизони фоизи барои онҳо додашавандаро баландтар мебардорад ва баръакс. Ба мӯҳлати дароз пасандоз кардани маблағҳо аз ҷониби корхонаҳою одамони алоҳида ба бонк имкон медиҳад, ки ҳиссаи қарзҳои дарозмуддатро дар ҷамъи умумии қарзҳо зиёд кунад. Азбаски чунин намуди қарзҳо нисбатан қиматтаранд, фоиданокии бонк низ зиёд мешавад.

Ҳар қадар ки ҳиссаи воситаҳои худии бонк дар ҳаҷми умумии захираҳои қарзиаш зиёд бошад, ҳамон қадар фоиданокии фаъолияташ баланд аст, зеро воситаҳои худӣ бепуланд. Барои истифодаи воситаҳои ҷалбшуда (пасандозҳо) бошад, бонкҳо фоиз медиҳанд. Ин таносубро ба инобат гирифта, бонк метавонад мизони фоизи қарзро вобаста ба пардохтпазирии мизоҷ каму зиёд кунад.

Фоиданокии фаъолияти бонкӣ на танҳо ба қарздиҳӣ вобаста аст. Дар баробари он бонк метавонад аз ҳисоббаробаркуниҳои нақдию ғайринақдӣ, хизматрасонии кассавии мизоҷон, табдили асъор, инкассатсияи пул ва ғайра фоида гирад. Агар фоидаи бонк аз намудҳои дигари фаъолияташ кофӣ бошад, он метавонад бо мақсади ҷалби мизоҷон мизони фоизи қарзҳояшро камтар кунад.

Сатҳи пардохтпазирии мизоҷ ва шакли таъмини қарз, ки онҳоро баъдан меомӯзем, омилҳои дигареанд, ки ҳангоми муайян кардани фоизи қарз ба инобат гирифта мешаванд.

Тартиби муайян кардани қобилияти қарзадокунии қарзгиранда.

Дар таҷрибаи бонкдорӣ усулҳои гуногуни муайян кардани қобилияти қарзадокунии мизоҷон истифода мешаванд. Ҳар як бонк вобаста аз сохтори бонкии кишвар, шакли ҳисобдорӣ, дастурамалҳои бонки марказӣ ва омилҳои дигар яке аз ин усулҳоро интихоб ва ҳангоми муайян кардани қобилияти қарзадокунии мизоҷон истифода мекунад. Моҳияти ин усулҳо аз таҳлили вазъи молиявии қарзгирандаю муайян кардани сатҳи пардохтпазирии он иборат аст. Вобаста ба сатҳи пардохтпазирии мизоҷ маблағу мӯҳлати қарз, фоизи он ва шартҳои дигари қарздиҳӣ муайян карда мешаванд.

Таъминнокии қарз (роҳҳои таъмини иҷроиши ӯҳдадориҳои қарзӣ).

Қарзҳои додашаванда намудҳои гуногуни таъминнокӣ доранд. Қисме аз онҳо бо амвол, қисми дигар бо коғазҳои қиматнок ва қисми сеюм бо замонатномаҳои корхонаю кафолатномаҳои бонкӣ таъминанд. Дар баробари онҳо қарзҳое низ ҳастанд, ки таъминашон танҳо боварӣ ба қарзгиранда аст. Шӯрои бонк дар сиёсати қарзиаш истифодаи намудҳои муайяни таъминнокии қарзҳоро пешбинӣ мекунад.

Чорабиниҳо оид ба таъмини бозгашти қарз ва тартиби баргардонидани он.

Додани қарз маънои то расидани мӯҳлати баргардониданаш фаромӯш кардани онро надорад. Бонк бо усулҳои дар таҷрибаи ҷаҳонии бонкдорӣ

маъмул фаъолияти қарздорро тахти назорат мегирад, то тавонад баргардонидани саривақтии қарзро таъмин намояд.

Дар тачрибаи муносибатҳои қарзӣ роҳҳои гуногуни баргардонидани қарз истифода мешавад:

– онро худи қарздор қисм-қисм дар давраҳои муайян бармегардонад;

– мувофиқи шартнома бонк ҳар сари чанд вақт маблағи муайяни онро аз суратҳисоби қарздор мегирад;

– он бо роҳи ба савдо мондани амволи қарздор баргардонида мешавад ва ғайра.

Роҳбарияти бонки тичоратӣ усули назоратии ба талаботаш чавобдиҳанда ва тартиби баргардонидани қарзҳоро муайян мекунад.

Ҳамин тариқ, сиёсати қарзии бонки тичоратӣ талаботи умумиро оид ба интихоби қарзгирандаи боэътимод, муайян кардани маблағу мӯҳлати қарз, таъминнокӣ ва тартиби баргардонидани онро дар бар мегирад.

Мавзӯи 16

РАВАНДИ ҚАРЗДИҲӢ

Раванди қарздиҳӣ ҷамъи амалиёти ба ҳам пайвастаест, ки аз пешниҳоди дархост барои гирифтани қарз шурӯъ шуда, бо баргардонидани он ба анҷом мерасад. Он дар асоси сиёсати қарзии бонк ба роҳ монда мешавад.

Раванди қарздиҳиро ба чанд марҳала ҷудо намудан мумкин аст: 1) омӯзиши дархости мизоҷ оид ба гирифтани қарз (дархости қарзӣ); 2) муайян кардани хатари барнагаштани қарз; 3) таҳлили қобилияти қарзадокунии қарзгиранда; 4) интихоби гарави қарз; 5) қабули қарор оид ба додани қарз ва шартҳои он; 6) бастани шартномаи қарзӣ ё гирифтани ӯҳдадориномаи қарзӣ (кредитное обязательства) ва додани қарз; 7) назорати иҷрои шартҳои шартнома ва баргардонидани қарз (дар ҳолати қисм-қисм баргардонидани он); 8) пурра баргардонидани қарз.

16.1. Ташкили раванди қарздиҳӣ

Барои дуруст ба роҳ мондани раванди қарздиҳӣ зарур аст, ки кормандони бонк дар масъалаҳои таҳлили фаъолияти қарзгирандагон, муайян намудани пардохтпазирию даромаднокии фаъолияти онҳо ва нишондиҳандаҳои дигар донишу малакаи кофӣ дошта бошанд.

Дар кишварҳои алоҳида вобаста ба пешрафти ҳисобдорӣ, тартиби ташкили муносибат байни мизоҷону бонкҳо, мавҷудияти сохторҳои махсуси ҷамъкунандаи маълумот оид ба фаъолияти корхонаҳо ва ғайра барои гирифтани қарз миқдору намудҳои гуногуни ҳуҷҷатҳо ба бонк пешниҳод мешаванд. Дар мамлакатҳои пешрафта вобаста ба сатҳи баланди истифодаи воситаҳои ҳозиразамони компютерӣ ва озодона чоп шудани ҳисоботҳои ширкатҳо дар матбуоти даврию электронӣ барои гирифтани қарз дархост лозим асту бас. Маълумоти дигари заруриро худи бонкҳо аз сайтҳои ширкатҳо ва муассисаҳои махсуси ҷамъкунандаи маълумот оид ба фаъолияти онҳо ба даст меоранд. Дар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, аз он ҷумла Тоҷикистон, бо сабаби қафомондагии соҳаи ҳисобдорӣ ҳангоми зарурати истифодаи қарз ба бонкҳо миқдори зиёди ҳуҷҷатҳо пешниҳод мешаванд.

Ташкили раванди қарздиҳӣ дар Тоҷикистон ба тартиби дар кишварҳои дигари Иттиҳоди Шӯравии пешин истифодашаванда монанд аст. Барои гирифтани қарз қарзгирандаро зарур аст, ки ба бонки дахлдор дархости қарзӣ (кредитная заявка) ва

ҳисоботҳои молиявию ҳуҷҷатҳои дигарро пешниҳод кунад.

Дархости қарзӣ ҳуҷҷатест, ки аз ҷониби қарзгиранда пур карда шуда маълумотҳои зеринро дар бар мегирад: а) маблағи қарз; б) асъори қарз (бо пули миллӣ ё асъори хориҷӣ); в) намуди қарз (нақдӣ, ғайринақдӣ, таъминбуда ё таъминнабуда ва ғайра); г) мӯҳлати қарз; д) мақсади истифодаи қарз (барои таъмини гирдгардиши воситаҳои гардон, хариди таҷҳизот, додани музди меҳнат ва ғайра); е) тартиби баргардонидани қарз (қисм-қисм ё дар охир); ж) тартиби баргардонидани фоизи қарз (дар аввал, қисм-қисм ё дар охир); з) таъмини қарз (бо амвол, замонатномаи ширкатҳои диғар, кафолатномаи ҳукумату бонкҳо ва ғайра).

Илова ба дархости қарзӣ корхонаҳо ба бонк ҳуҷҷатҳои зеринро низ пешниҳод мекунанд:

1. *Ҳисоботи молиявӣ*, ки тавозун (баланс) ва ҳисоботи фоидаю зарари корхонаро барои се соли охир дар бар мегирад. Таҳлили моддаҳои тавозун ба корманди бонк имкон медиҳад, ки вазъи молиявии қарзгиранда, сармояи он, дороию (активы) ӯҳдадориҳои онро муайян намояд. Ҳисоботҳои фоидаю зарар дар се соли охир маълумотҳои зарурироро оид ба даромаду харочотҳои қарзгиранда, маблағи фоида ва тақсими онро дар бар мегиранд. Дар асоси ин маълумотҳо корманди бонк метавонад оид ба пардохтпазирии қарзгиранда хулосаи зарурӣ барорад.

2. *Ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ (Cash flow).* Таҳлили гардиши воситаҳои пулӣ – вақту маблағи даромади воситаҳои пулӣ ба суратҳисобу кассаи корхона ва харҷи онҳо ба мақсадҳои гуногун имкон медиҳад, ки давраҳои зиёдшавии талаботи корхона ба қарз ва вақти муваққатан озод мондани воситаҳои пулии он муайян карда шаванд. Ин маълумотҳо барои муайян кардани мӯҳлати аслии қарз ва таъмини баргардонидани он заруранд.

3. *Ҳисоботҳои молиявии семоҳа.* Таҳлили онҳо имкон медиҳад, ки вазъи молиявии қарзгиранда ва талаботи иловагии он дар дохили сол муайян карда шаванд.

4. *Гувоҳномаҳои (справка) бонку сохторҳои андоз.* Гувоҳномаи бонк барои муайян кардани маблағи ӯҳдадориҳои пардохтнашудаи қарзгиранда, гарави онҳо (таъмини қарзҳои тиҷоратию бонкии аллакай гирифташуда) ва сатҳи хатари барнагаштани қарзи нав зарур аст. Гувоҳномаи сохтори андоз қарздор будан ё набудани қарзгирандаро аз сохторҳои андоз нишон медиҳад.

5. *Нақшаи корӣ (бизнес-план).* Дар он қарзгиранда тартиби истифода ва сарчашмаҳои баргардонидани қарзу фоизи онро нишон медиҳад. Дар асоси нақшаи корӣ қарзгиранда корманди бонк метавонад маълумоти зарурӣ оид ба фаъолияти он, имконоти гирифтани фоидаю баргардонидани саривақтии қарзро ба даст орад.

Илова ба маълумотҳои дар асоси таҳлили ҳуҷҷатҳои болоӣ гирифташуда бонкҳо аз сарчашмаҳои дигар низ истифода мекунанд. Дар кишварҳои аврупоӣ ва қитъаи Амрико муассисаҳои махсусе вуҷуд доранд, ки маълумотҳои заруриро оид ба вазъи молиявии ширкату соҳибкорон ҷамъ карда, ба бонкҳою ширкатҳои талабгор мефурӯшанд. Масалан, дар ИМА муассисаҳои номдори «Dun & Bradstreet», TRW, «Equifax», ва «Trans Union» ба чунин намуди фаъолият машғуланд. Дар Русия низ солҳои охир чунин намуди муассисаҳо ба фаъолият шурӯъ намудаанд. Маълумотҳои иловагии аз ин муассисаҳо ба даст омада, барои муайян намудани қобилияти қарзадокунии қарзгиранда ва қабули қарор оид ба додан ва ё надодани қарз ба он заруранд.

Баъди омӯзишу таҳлили дархости қарзӣ ва ҳуҷҷатҳои дигари пешниҳодшудаю ба даст омада, зинаи навбатӣ – сӯҳбат бо қарзгиранда (соҳиби корхона, роҳбар ва ё намояндаи он) аст. Дар асоси чунин сӯҳбат корманди бонк сатҳи кордонӣ, садоқатмандӣ, поквичдонӣ, самимият ва сифатҳои дигари қарзгирандаро муайян мекунад. Сӯҳбат имкон медиҳад, ки мақсади асосии гирифтани қарз ва имконияти баргардонидани он муайян карда шавад.

Баъди ҷамъи маълумотҳо ва сӯҳбат бо қарзгиранда корманди бонкро зарур аст, ки қарорро оид ба додан ё надодани қарз қабул намояд. Қабули қарор оид ба надодани қарз маънои мавҷуд будани

хатари барнагаштани қарзро дорад. Қарори қабул оид ба додани он маънои ба марҳалаи дигари раванди қарздиҳӣ гузаштани корманди бонкро дорад.

16.2. Хатари барнагаштани қарз

Муайян кардани *хатари барнагаштани қарз (Value at risk)* марҳалаи дигари раванди қарздиҳӣ мебошад. Ин нишондиҳандаро ба таври дигар хатари иҷро нашудани ӯҳдадориҳои қарзӣ низ меноманд.

Мувофиқи тафрибаи бонкдории ҷаҳонӣ ҳамаи қарзҳои додашударо дар якҷоягӣ сандуқи қарзҳо (кредитный портфель) меноманд. Дар дохили сабади қарзҳо онҳоро вобаста ба хатари барнагаштанашон ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо мекунанд. Асоси гурӯҳбандии қарзҳо баҳодиҳӣ ба қобилияти қарзадокунии қарзгирандаҳо мебошад.

Ба гурӯҳи аввал қарзҳои боэътимод дохил мешаванд. Аслан ин қарзҳоеанд, ки ба мизоҷони вазъи молиявиашон устувор дода шудаанд. Қарзҳои дигар вобаста ба устувории вазъи молиявии мизоҷон ба гурӯҳҳои дуюм, сеюм ё чорум дохил мешаванд.

Сабабҳои зерин метавонанд боиси болоравии хатари барнагаштани қарз гарданд: 1) тағйир ёфтани муҳити корӣ вобаста ба бӯҳрони иқтисодӣ дар кишвар ё мавзеи алоҳида, ки боиси бад шудани вазъи молиявии қарздор мегардад; 2) ба натиҷаи дилхоҳ ноил нашудани қарздор вобаста ба дигар

шудани вазъи иқтисодӣ ё муносибатҳои он бо ҳамкоронаш; 3) паст рафтани нархи амволе, ки чун гарави қарз қабул шудааст; 4) сӯиистифода кардани кормандони қарздор аз вазифа ва ба манфиати худ истифода кардани қарз.

Омилҳои ба сатҳи хатари барнагаштани қарз таъсиркунанда ба дохилию берунӣ чудо мешаванд.

Пайдоиши хатари барнагаштани қарз новобаста ба фаъолияти кормандони бонк омилҳои берунии хатари барнагаштани қарз мебошанд. Ба онҳо сабабҳои дар боло қайдшуда, иҷро накардани ӯҳдадориҳои қарзӣ аз ҷониби қарздорони бевиҷдон ва бад шудани вазъи молиявии қарздор новобаста ба фаъолияти он дохил мешаванд.

Ба омилҳои дохилӣ хатоиҳои кормандони бонк, аз вазифа сӯиистифода кардани онҳо, ба инобат нагирифтани вазъи молиявии мизоҷ, баҳои нодуруст додан ба фаъолияти он, риоя накардани дастурамалҳои бонк, хатоӣ дар сиёсати қарзии бонк ва ғайра дохил мешаванд.

Мақсади муайян кардани хатари барнагаштани қарз ҳимояи манфиатҳои бонк, надодани қарз ба мизоҷони беэътимод, чорабиниҳои зарурӣ барои ҳар чӣ тезтар баргардонидани қарзҳои хатарноку фоизи онҳо мебошад.

Роҳҳои асосии кам кардани хатари барнагаштани қарз ташкили дурусти раванди қарздиҳӣ, баланд бардоштани донишу малакаи касбии кормандони бонк, дуруст муайян кардани қобилияти қарзадокунии қарзгиранда ва ба инобат гирифтани он

ҳангоми қабули қарор оид ба додани қарзу муайян кардани шартҳои он мебошанд.

16.3. Қобилияти қарзадокунии қарзгиранда

Таҳти мафҳуми *қобилияти қарзадокунии қарзгиранда* имкониятҳои он оид ба иҷрои саривақтии ӯҳдадориҳои молиявӣ* ва баргардонидани қарзу фоизи он фаҳмида мешавад.

*Масалан, додани андозу пардохтҳои гумрукӣ ба гурӯҳи ӯҳдадориҳои молиявӣ дохил мешавад. Азбаски пардохти ин ӯҳдадориҳо ҳатмӣ мебошад, корманди бонкро зарур аст, ки маблағи онҳоро нисбат ба сармояи корхона муайян намуда, ҳангоми баҳодиҳӣ ба қобилияти қарзадокунии он ба инобат гирад.

Дар таҷрибаи бонкдории ҷаҳонӣ вобаста ба сатҳи пешрафти ҳисобдорию бонкдорӣ усулҳои гуногуни муайян кардани қобилияти қарзадокунии қарзгиранда истифода мешаванд.

Бонкҳои кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар фаъолияти худ бештар усули «панҷ с»*-ро (Five c's) истифода мекунанд, ки мувофиқи он паҳлӯҳои зерини фаъолияти қарзгиранда таҳлил мешаванд:

*Панҷ ҳарфҳои аввали калимаҳои зерини англисӣ: character, capacity, capital, collateral, conditions.

1. *Хислати қарзгиранда* (character).

Таҳти мафҳуми «хислат» поквичдонии қарзгиранда, сатҳи масъулиятшиносӣ ва хоҳиши баргардонидани қарз аз ҷониби он фаҳмида мешавад. Азбаски баҳисобгирии *омили маънавӣ* ҳангоми муайян кардани қобилияти қарзадокунии қарзгиранда хеле муҳим аст, яке аз зинаҳои аввали таҳлили вазъи молиявии корхона сӯҳбати рӯ ба рӯ бо роҳбари он мебошад. Ҳангоми сӯҳбат корманди бонкро зарур аст, ки ба рафтору гуфтор ва фаъолияти пешинаи қарзгиранда таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намояд. Барои муайян кардани хислати қарзгиранда ва додани баҳои муносиб ба он истифодаи сарчашмаҳои берунӣ* низ ба мақсад мувофиқ аст.

*Дар кишварҳои пешрафта сохторҳои махсус оид ба фаъолияти шаҳрвандон маълумоти заруриро ҷамъ карда, ба талабгорон мефурӯшанд.

2. *Пардохтпазирӣ* (capacity).

Пардохтпазирии қарзгиранда дар асоси таҳлили вазъи молиявии он дар чанд соли охир муайян карда мешавад. Мақсади асосии ин таҳлил пешбинӣ кардани қобилияти қарзадокунии қарзгиранда дар оянда мебошад.

3. *Сармоя* (capital).

Сармояи корхона асоси фаъолияти самарабахши он мебошад, аз ин рӯ, бисёре аз нишондиҳандаҳои иқтисодӣ нисбат ба сармоя муайян карда мешаванд. Зарур аст, ки таносуби қарзҳои мавҷудаи

қарзгиранда, даромади он, қарзҳои дигарон аз он нисбат ба сармояаш муайян карда шавад. Агар қарзҳои аллакай доштаи он нисбати сармояаш зиёд бошад, сатҳи қобилияти қарзадокуниаш паст аст ва баръакс. Сатҳи қобилияти қарзадокунии қарзгиранда дар навбати худ асоси муайян кардани шартҳои қарздиҳӣ мебошад. Бинобар ин корманди бонк ҳангоми таҳлили вазъи молиявии корхона аз нишондиҳандаҳое низ истифода мекунад, ки нисбат ба сармояи он муайян карда мешаванд.

4. *Таъминноки ё гарави қарз* (collateral).

Таҳти мафҳуми «гарави қарз» дороиҳои қарзгиранда (масалан, хонаи он), замонатнома ё кафолатномаҳои ҳукумат, бонкҳо ё корхонаҳои дигар фаҳмида мешавад, ки қарздиҳанда онҳоро ҳамчун гарав қабул мекунад. Корманди бонкро зарур аст, ки бозоргирии гарав, арзиши он, имконияти фурӯши он ҳангоми барнагардонидани қарз ва омилҳои дигари ба он вобастаро муайян намояд.

5. *Омилҳои умумииқтисодӣ* (conditions).

Ҳангоми муайян кардани қобилияти қарзадокунии қарзгиранда таъсири омилҳои умумииқтисодӣ,* ки даромаднокии фаъолияти қарзгиранда ба онҳо вобаста аст, ба инобат гирифта мешавад.

*Омилҳои умумииқтисодӣ инҳоянд: қурби пул, сатҳи таваррум ва суръати болоравии он, мизони фоиз, дошта ё надоштани имтиёзҳо нисбат ба молистеҳсолкунандагони хориҷӣ, тағйирёбии нархи мол вобаста ба мавсим,

сиёсати ҳукумат нисбат ба молистеҳсолкунандагони дохилӣ (масалан, додан ё надодани ёрдампулӣ, субсидия ба кишоварзон) ва ғайраҳо.

Усули дигари баҳодиҳӣ ба вазъи молиявии корхонаҳо ва бонкҳою муассисаҳои молиявии ғайрибонкӣ* бо номи **CAMEL** маъмул аст. Мутобиқ ба ин тартиби баҳодиҳӣ ё муайян кардани қобилияти қарзадокунии қарзгиранда таҳлили нишондиҳандаҳои зерин ба мақсад мувофиқ аст:

C – **C**apital Adequacy – басандагии сармоя.
A – **A**sset Quality – сифати дороиҳо (активҳо).
M – **M**anagement – идоракунӣ.
E – **E**arnings – даромаднокӣ.
L – **L**iquidity – ликвиднокӣ.**

*Бонк ва муассисаҳои молиявии ғайрибонкӣ дар баробари қарздиҳанда буданашон қарзгиранда низ ҳастанд.

**Имконияти дар мӯҳлати кӯтоҳ ба пул мубаддал шудани дороиҳоро ликвиднокии онҳо меноманд.

Корманди бонк маълумотҳои зарурӣ оид ба фаъолияти қарзгирандаро дар *парвандаи қарзӣ* (кредитное досье) чамъ меоварад. Ҳисоботу маълумотномаҳои зерини парвандаи қарзӣ асоси муайян кардани нишондиҳандаҳои болоӣ (Five c's ва CAMEL) мебошанд: 1) тавозун (баланс) ва ҳисобот оид ба фоидаю зарари қарзгиранда; 2) нишондиҳандаҳои (коэфитсиентҳои) вазъи молиявӣ ва тамоили пешрафти фаъолияти қарзгиранда; 3) маълумоти аз бонкҳою ширкатҳои ҳамкори қарзгиранда

ҷамъшуда оид ба сари вақт барнагардонидани қарзҳои он; 4) хулоса оид ба фаъолияти қарзгиранда; 5) ҳолномаи соҳибону роҳбари корхонаи қарзгиранда, фаъолияти роҳбарии онҳо то ба имрӯз; 6) сатҳи боварӣ (рейтинг, rating) ба қарзгиранда, ки нишондиҳандаи қобилияти қарзадокунии он мебошад.

Илова ба нишондиҳандаҳои Five c's ва CAMEL корманди бонк нишондиҳандаҳои дигари молиявиро низ муайян мекунад. Ба ин гурӯҳ нишондиҳандаҳои зерин дохил мешаванд: коэфитсиентҳои ликвидноки,* коэфитсиентҳои гардишноки,** коэфитсиентҳои қобилияти пардохткунӣ (финансовый леверидж),*** коэфитсиентҳои фоиданоки,**** коэфитсиентҳои хизматрасонии қарзҳо.*****

*Коэфитсиентҳои ликвидноки қобилияти баргардонидани қарзҳои кӯтоҳмуддати қарзгирандаро нишон медиҳанд. Онҳо ба ду намуд ҷудо мешаванд: коэфитсиенти ликвидноки ҷорӣ (дороиҳои ҷорӣ / пассивҳои ҷорӣ) ва коэфитсиенти ликвидноки баландсуръат ё фаврӣ (пули нақд (бақияҳои кассаю суратҳисоб) + коғазҳои қиматноки ликвидӣ + дебиторҳо / пассивҳои ҷорӣ).

Дороиҳои ҷорӣ (активҳо) = пулҳои дар кассаю суратҳисоббуда + қарзи дигарон (дебиторҳо) + захираҳо + дороиҳои дигар.

Пассивҳои ҷорӣ = қарзҳои кӯтоҳмуддат + ҳисобҳои пардохтнашуда + қисми баргардонидашавандаи қарзҳои дарозмуддат ва фоизи онҳо + пассивҳои дигари ҷорӣ.

**Ин коэфитсиентҳо нишон медиҳанд, ки қарзгиранда то кадом дараҷа дороиҳои худро самаранок ё фаъолона истифода мебарад. Ба ин гурӯҳ коэфитсиентҳои зерин дохил мешаванд: коэфитсиенти гирдгардиши дороиҳо = да-

ромад аз фурӯш / дороиҳо; коэфитсиенти гардишпокии воситаҳои асосӣ = даромад аз фурӯш / арзиши воситаҳои асосӣ; коэфитсиенти дебиторҳо дар фурӯши ҳаррӯза = дебиторҳо / маблағи фурӯши якрӯза.

***Ин коэфитсиентҳо қобилияти ичрои ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддату дарозмуддати қарзгирандаро нишон медиҳанд. Ба онҳо дохил мешаванд: коэфитсиенти қарздорӣ = ӯҳдадориҳои пулӣ / дороиҳо; коэфитсиенти қарздорӣ нисбати сармоя = ӯҳдадориҳои пулӣ / сармояи корхонаи қарзгиранда; коэфитсиенти қарздорӣ нисбат ба воситаҳои гардонии моддӣ = ӯҳдадориҳои пулӣ / воситаҳои гардонии моддӣ.

Воситаҳои гардонии моддӣ = сармоя – даромадҳои берунинақшавӣ.

Даромадҳои берунинақшави (goodwill) – даромадҳоеанд, ки ба фаъолияти корхона вобаста нестанд. Масалан, гирифтани даромади иловагӣ аз боло рафтани арзиши амвол.

****Коэфитсиентҳои фоиданокӣ: даромаднокии умумӣ = фоидаи умумӣ / даромад аз фурӯш; даромаднокии соф = фоидаи соф / даромад аз фурӯш; меъёрҳои фоида = фоидаи соф / дороиҳо, фоидаи соф / сармоя; даромади дивидендӣ = дивиденд барои як саҳмия / нархи миёнаи бозории як саҳмия.

*****Коэфитсиенти хизматрасоиии қарзҳо нишон медиҳад, ки ба ҳар сомонии фоизи қарз чӣ қадар фоида рост меояд. Ин коэфитсиент = фоида пеш аз додани фоизу андозҳо / фоизҳои додашуда.

Баъди таҳлили коэфитсиентҳои молиявии дар боло қайдшуда корманди бонк ба таҳлили гардиши воситаҳои пулии қарзгиранда (cashflow) шурӯъ мекунад. Ин таҳлил даромадҳои пулии қарзгиранда ва харочотҳои онро дар давраи муайян дар бар мегирад. Мақсади таҳлил муайян кардани талаботи қарз-

гиранда ба воситаҳои пулӣ, вақти додани қарз, мӯҳлату вақти баргардонидани он мебошад.

Таҳлили вазъи молиявии қарзгиранда, муайян кардани коэфитсиентҳои гуногун, гардиши воситаҳои пулӣ, омӯзиши ҳолномаи роҳбарони он ба корманди бонк имкон медиҳад, ки ба қарзгиранда баҳои муносиб диҳад.

Вобаста ба баҳои додашуда қарзгирандагон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

Гурӯҳи аввал – қарзгирандагони вазъи молиявиашон устувор: қарзҳои пешинаро сари вақт баргардонидаанд, гардиши пулӣ (cashflow) ва таъминнокии қарзашон (гарав) аввалиндараҷа мебошанд. Ба чунин қарзгирандагон қарзҳои арзону имтиёзнок додан мумкин аст.

Гурӯҳи дуюм – қарзгирандагони вазъи молиявиашон нисбатан устувор: қарзҳоро сари вақт баргардонидаанд, гардиши пулу таъминнокии қарз ба талабот ҷавобгӯй мебошанд. Бонк вобаста ба сиёсати қарзиаш метавонад ба онҳо қарзи имтиёзнок ё беимтиёз дихад.

Гурӯҳи сеюм – қарзгирандагони вазъи молиявиашон қаноатбахш: қарзҳои пешгирифта бо каме таъхиркорӣ баргардонида шудаанд, гардиши пулию гарави қаноатбахш доранд. Ба чунин қарзгирандагон қарзҳои беимтиёз ва доимоназоратшаванда (масалан, қарзи револверӣ, ҳудуддошта) додан лозим аст.

Гурӯҳи чорум – қарзгирандагони вазъи молиявиашон шубҳанок: қарзҳои пешгирифта сари

вақт баргардонида нашудаанд, гардиши пулию гарави қарз шубҳаоваранд. Аз чунин қарзгирандагон гарави иловагӣ талаб намуда, истифодаи қарзро тахти назорати доимӣ гирифтан зарур аст.

Гурӯҳи панҷум – қарзгирандагони вазъи молиявиашон бад: мавҷудияти қарзҳои пешгирифта нобоварӣ ба низоми идоракунии корхона, гардиши пулию гарави ғайриқаноатбахш доранд. Ба чунин қарзгирандагон танҳо дар асоси гаравномаҳои бонку ширкатҳои боэътимод қарз додан мумкин аст.

Ба гурӯҳҳо чудо кардани қарзгирандагон ба бонк имкон медиҳад, ки нисбат ба онҳо шартҳои дахлдори қарздиҳӣ, мизони фоизи муносиб ва гарави боэътимоди қарзро истифода кунад. Таъминнокии қарз ё ба таври дигар, гарави он яке аз шартҳои асосии додани қарзу асоси баргардонидани он мебошад.

16.4. Таъминнокии қарз ва интихоби гарави он

Тахти мафҳуми «таъминнокии қарз» усулҳои таъмини бозгашти қарзу фоизи он ё ба таври дигар ичрои ӯҳдадориҳои қарзӣ фаҳмида мешавад.

Дар амал бонкҳо хангоми ташкили муносибатҳои қарзӣ бо қарзгирандагони боэътимод таъминнокии махсусро талаб намекунанд. Ӯҳдадориномаи қарзии қарзгиранда (кредитное обязательство), ки пеш аз гирифтани қарз аз чониби он имзо мешавад, ба бонк ҳукук медиҳад, ки дар мӯҳлати

муайян аз суратҳисоби қарздор маблағи қарзу фоизи онро гирад.

Нисбат ба қарзгирандагони беэътимод, корхонаю шахсони алоҳидае, ки бори аввал қарз гирифтанианд ва ё бо бонк муносибати қарзии доимӣ* надоранд, тартиби дигари муносибатҳои қарзӣ истифода мешавад. Кормандони бонк вазъи молиявии онҳоро пурра таҳлил карда, дар ҳолати зарурӣ гарави бозгашти қарзро дар шакли амволу замонатномаҳо талаб мекунанд.

*Қисме аз мизоҷон ба қарз талаботи зиёд надоранд ва мумкин аст дар давоми сол ду ё се маротиба қарзро истифода кунанду халос, бинобар ин, кормандони бонк вазъи молиявии онҳоро хуб намедонанд. Аз ин рӯ, ҳар бор, ки онҳо қарз гирифтанӣ шаванд, кормандони бонк вазъи молиявии онҳоро аз нав таҳлил мекунанд. Албатта, агар аз вақти таҳлили фаъолияти онҳо ҳангоми гирифтани қарзи пешгирифта муддати зиёд гузашта бошад. Агар қарзгиранда гарави боэътимод дошта бошад, (масалан, амволе, ки арзиши бозориаш басанда аст, кафолатномаи бонк ё ширкати боэътимоди дигар) қарздиҳанда метавонад бе таҳлили иловагии вазъи молиявиаш ба он қарз диҳад.

Усулҳои таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои қарзӣ инҳоянд:

1. *Ҷаримабандӣ.*

Дар ҳама шартномаҳои қарзӣ барои сари вақт барнагардонидани қарзу фоизи он ҷарима пешбинӣ мешавад. Мизони фоизи ҷарима ба сатҳи хатари барнагаштани қарз вобаста аст. Масалан, дар шартнома пешбинӣ мешавад, ки бонк барои ҳар як рӯзи

аз мӯҳлат баъдан баргардонидани қарз аз қарздор 0,5 фоизи иловагӣ ҷаримапулӣ мегирад. Ин амал ҳисси масъулиятшиносии роҳбарияти корхонаро зиёд карда, онро маҷбур мекунад, ки истифодаи самараноки қарз ва баргардонидани саривақтии онро таъмин намояд. Дар шароити афзалияти моликияти хусусӣ ва ҳавасмандии махсуси соҳиби он барои истифодаи самараноки воситаҳои пулӣ ҷаримабандӣ яке аз усулҳои маъмултарини таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои қарзӣ мебошад.

2. *Гарав (залог).*

Гарав яке аз усулҳои беҳтарини таъмини иҷроиши ӯҳдадориҳои қарзӣ ҳисобида мешавад. Бонкҳо ба сифати гарави баргардонидани қарз бино, таҷҳизот, воситаҳои нақлиётӣ, коғазҳои қиматнок, амонат, ашёи хом, маҳсулотҳои нимтайёр ва ғайриҳои дигари қарзгирандаро қабул мекунанд. Вобаста ба қобилияти қарзадокунии қарзгиранда бонк метавонад қисме аз онҳоро дар бонк нигоҳ дорад. Масалан, қисме аз воситаҳои нақлиётӣ, амонат, коғазҳои қиматноки қарзгирандаро дар бонк нигоҳ доштан мумкин аст *(Нигаред ба замимаи 34)*. Қисми дигари моликияти ба гарав гузошташуда дар ихтиёри қарзгиранда монда, дар раванди истеҳсолӣ истифода мешавад.

Дарачаи истифодаи ин усул дар таҷрибаи бонкдории кишвар ба қонунҳои амалкунандаи он вобаста аст. Дар аксари кишварҳо сохторҳои ҳукуматӣ моликияти шахрвандонро пурра ба қайд гирифта, масъалаҳои ба гарав мондани онҳоро идора

мекунанд. Масалан, ҳангоми ба гарав қабул кардани хонаи шаҳрванд ё бинои корхона бонк ба сохтори дахлдори ҳукумати маҳаллӣ мурочиат мекунад. Агар ин моликият аллакай ба гарав гузошта шуда бошад ё онро ҳабс карда бошанд, сохтори ҳукуматӣ барои дубора ба гарав гузоштани он иҷозат намедиҳад. Аксар вақт қарзгирандагон ба воситаи нотариус ҳуқуқи идоракунии моликияти худро ба бонк медиҳанд. Ин маънои онро дорад, ки дар ҳолати сари вақт ё мӯҳлати дигари баъдан муайяншуда барнагардонидани қарз бонк метавонад моликияти ӯро ба воситаи суд ба фурӯш бароварда, баргардонидани қарзашро таъмин намояд. Ин амал камбудиҳои зиёд дорад, вале дар шароити имрӯза беҳтарин усули таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои қарзӣ буда, аз ҷониби бонкҳо васеъ истифода мешавад. Бояд қайд кард, ки ин усули таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои қарзӣ ба манфиати қарзгиранда нест, зеро дар аксари ҳолатҳо нархи амвол аз нархи бозории он паст муайян карда мешавад ва фарқи нарх (баъди баргардонидани қарз бо роҳи фурӯхтани моликияти қарздор) ӯро қонеъ намекунад.

3. *Замонат (поручительство).*

Таҳти мафҳуми «замонат» пурра ё қисман ба ӯҳдаи худ гирифтани гарави қарзи қарзгиранда аз ҷониби ширкати дигар – замонатшаванда (поручитель) фаҳмида мешавад. Тартиби ба расмият даровардани он имзои шартномаи замонати байни ширкати замонатшуда ва бонки қарздиҳанда мебошад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар аксари ҳолатҳо ширкати замонатдиҳанда ҳамкор ё саҳҳомӣ қарзгиранда мебошад, вале барои бонк муносибатҳои байни замонатдиҳанда ва қарзгиранда аҳамият надорад. Муҳим аст, ки қарзи додашаванда гарави боэътимод дошта бошад.

Дар кишварҳои пешрафта шартномаи замонатӣ ба шакли муайян дароварда шудааст ва иҷро накардани талаботҳои зарурӣ боиси беэътибории он мегардад. Корманди бонк фаъолияти замонатдиҳандаро бо тартиби барои қарзгирандагон муайяншуда таҳлил менамояд. Агар вазъи молиявии он ғайриқаноатбахш бошад, бонк дархости қарзгирандаро оид ба додани қарз рад мекунад ва баръакс.

Азбаски баргардонидани қарз ба вазъи молиявии замонатшуда низ вобаста аст, қарздиҳанда фаъолияти онро таҳти назорат мегирад ва дар ҳолати бад шудани вазъи молиявиаш чораҳои заруриро мебинад, то қарзи додашуда баргардонида шавад.

Дар ҳолати аз ҷониби қарздор қисман ё пурра иҷро нашудани ӯҳдадориҳои қарзӣ бонк ба ширкати замонатшуда мурочиат менамояд. Он баъди гирифтани маълумоти зарурӣ аз қарздор (мумкин аст ӯ аллакай қисми қарзро дода бошад), ӯҳдадориҳои боқимондаи қарздорро иҷро мекунад.

4. *Кафолатнома (гарантия).*

Кафолатнома аслан аз ҷониби ҳукумат, бонкҳо ва муассисаҳои дигари қарзӣ дода мешавад.

Бонкҳои тиҷоратию ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ҳангоми қарздиҳӣ ба сохторҳои давлатӣ ё ширкатҳои хусусие, ки ҳукумат ба фаъолияти онҳо манфиатдор аст, дар аксари ҳолатҳо кафолатномаи ҳукуматро талаб мекунанд. Кафолатномаи ҳукуматӣ* ба тартиби дар таҷрибаи ҷаҳонӣ қабулшуда пешниҳод мешавад. Сарчашмаи иҷроиши ӯҳдадориҳои дар кафолатнома нишондодашуда буҷети кишвар мебошад.

*Масалан, дар Ҷумҳурии Белорус кафолатномаҳои ҳукуматӣ бо тартиби дар «Муқаррарот оид ба ҷалб, истифода ва баргардонидани қарзҳои давлатии хориҷӣ», ки бо Низомномаи муштараки Шӯрои Вазирон ва Бонки миллии Ҷумҳурии Белорус (№ 826/23 аз 01.06.1999) тасдиқ шудааст, дода мешаванд. Дар Тоҷикистону Молдова тартиби додани кафолатномаро «Қонун оид ба қарзи давлатӣ ва кафолатҳои давлатӣ» муайян мекунанд. Таркиби сохтории кафолатномаи бонкӣ бояд ба талабҳои «Қоидаҳои ягонаи додани Кафолат»-и Палатаи савдои байналмилалӣ, № 458 (International Chamber of Commerce (ICC) низ ҷавобгӯй бошад.

Кафолатномаи бонкӣ – ӯҳдадории хатии бонк ё муассисаи қарзӣ оид ба додани маблағи муайян ба ташкилот, бонк ё ширкати дигар баробари ворид шудани дархости аввалини он мебошад. Кафолатномаи бонкӣ дар шакли номаи кафолатӣ (гарантийное письмо) ва ё дар шакли хабар ба қарздиҳанда (ба воситаи SWIFT ё телекс) дода мешавад. Ҳангоми омодасозии кафолатномаи бонкӣ иҷрои талаботи аз ҷониби қонуни дахлдор муайяншуда ҳатмӣ мебошад, вагарна он беэътибор донис-

та мешавад. Масалан, қонун муайян мекунад, ки қайди маълумотҳои зерин дар кафолатнома ҳатмӣ аст: маблағи кафолат, мӯҳлати амали кафолатнома, номҳои қарзгиранда, қарздиҳанда, кафолатдиҳанда ва ғайра *(Нигаред ба замимаи 30)*.

Асоси муроҷиат ба кафолатдода иҷро нашудани ӯҳдадориҳои қарзӣ аз ҷониби қарздор мебошад. Агар маблағи қарзу фоизи он дар мӯҳлати муайяншуда баргардонида нашаванд, бонки қарздода ба кафолатдода муроҷиат мекунад. Дар ин ҳолат кафолатдода аввал ба қарздор оид ба масъалаи пайдошуда хабар медиҳад, то ки он ба қарздода маблағи дигаре пардохт накунад. Баъдан, дар мӯҳлати дар кафолатнома нишондодашуда маблаги кафолатиро ба ҳисоби қарздода мегузаронад.

Қисман иҷро кардани ӯҳдадориҳои қарзӣ аз ҷониби қарздор наметавонад боиси кам кардани маблаги кафолатӣ гардад, албатта, агар дар кафолатнома чунин шартҳо қайд нашуда бошад.

Иҷро накардани ӯҳдадориҳои дар кафолатнома нишондодашуда метавонад боиси муроҷиати бонки қарздода ба додгоҳ гардад. Додгоҳ баҳси байни қарздодаю кафолатдодаро дар асоси қонунҳои мавҷуда баррасӣ мекунад.

Кафолатнома ӯҳдадориномаи мустақил буда, ба иҷро шудан ё нашудани ӯҳдадориҳои қарздор вобаста нест. Маблағи кафолатӣ бояд баробари ворид шудани дархости аввалини қарздода пардохта шавад. Кафолатномаи бонкӣ бо ин хосияташ аз замонат фарқ мекунад.

Муносибатҳои пулии кафолатдодаю қарздорро шартномаи алоҳида муайян мекунад. Агар байни онҳо чунин шартнома имзо нашуда бошад, қарздор метавонад пули кафолатдодаро напардозад.

Ҳамин тариқ, ҷаримабандӣ, гарав, замонат ва кафолатнома намудҳои таъмини бозгашти қарзанд, ки аз ҷониби қарздиҳандагон истифода мешаванд. Корманди бонк вобаста ба вазъи *молиявӣ* ва имкониятҳои қарзгиранда як ё чанде аз онҳоро чун гарави бозгашти қарз интихоб мекунад.

16.5. Додани қарз ва назорати истифодаи он

Зинаи дигари раванди қарздиҳӣ *қабули қарор оид ба додани қарз* мебошад. Вобаста ба сиёсати қарзии бонк ва маблағи қарз қарор аз ҷониби *комиссияи* махсуси шӯъба, идораи вилоятӣ (минтақавӣ) ва ё кумитаи қарздиҳии раёсати бонк (кредитный комитет) қабул карда мешавад.

Агар қарори сохтори дахлдори бонк мусбӣ бошад, корманди бонк ба қарзгиранда дар ин бора хабар медиҳад. Баъд аз ин *шартномаи қарзӣ* аз ҷониби бонку қарзгиранда ба имзо мерасад, ки дар он шартҳои қарз – мақсад, маблағ, мӯҳлат, мизони фоиз, тартиби истифодаи қарзу баргардонидани он, тартиби додани фоизи қарз, тартиби назорати таъминнокии қарз, ҳуҷҷатҳои аз ҷониби қарздор дар давраи истифодаи қарз пешниҳодшаванда, ӯҳдадо-

риҳои тарафайн ва шартҳои дигар қайд мешаванд *(Нигаред ба замимаи 31)*.

Бонк маблағи қарзро дар мӯҳлати дар шартнома нишондодашуда ба суратҳисоби қарзгиранда ё суратҳисоби дигари аз ҷониби он пешниҳодшуда мегузаронад.

Истифодаи самаранок ва таъмини бозгашти қарз яке аз вазифаҳои асосии қарздор мебошад. Барои ин муҳим аст, ки қарз дар раванди истеҳсолӣ истифода шуда, баробари озод шудани воситаҳои пулӣ баргардонида шавад.

Формулаи ҳаракати қарз:

П .... И .... П*

Дар ин ҷо: **П** – маблағи пули ба қарз додашуда;
И – истифодаи қарз дар истеҳсолот ё соҳаи дигар;
П* – қарзӣ барғардонидашуда бо фоизи он.

Зарурати риояи қоидаҳои қарздиҳӣ низ талаб мекунад, ки маблағи ба қарз додашуда ҳамаи марҳалаҳои болоиро гузарад, вагарна иҷрои талаботи шартномаи қарзӣ (баргардонидани қарзу фоизи он) амри маҳол мегардад *(Нигаред ба замимаи 32)*.

Зинаи дигари раванди қарздиҳӣ – *назорати бонкӣ аз болои истифодаи қарз* мебошад. Дар ин амал корманди бонк аз парвандаи қарзии қарздор (кредитное досье) истифода мекунад, ки дар он маълумотҳои зарурӣ дар пайдарҳамии зерин ҷамъоварӣ шудаанд:

1) маводи ба қарз дахлдошта (нусхаҳои шартномаи қарзӣ, ӯҳдадориномаи қарзӣ, кафолатномаҳо ва ғайра);

2) маълумотҳои молиявию иқтисодӣ (ҳисоботҳои молиявӣ, маълумотномаҳои сохтори андозу бонкҳои диғар, нақшаи корӣ ва ғайра);

3) мавод оид ба қобилияти қарзадоқунии мизоҷ (маводи таҳлилӣ, маълумотҳои аз муассисаҳои таҳлилӣ (ширкатҳои аудиторӣ, муассисаҳои маълумоти қарзӣ) ғирифташуда ва гайра);

4) маводи таъмини бозгашти қарз (ҳуҷҷатҳо барои ба ғарав гузоштани амвол, барои додани ҳуқуқи истифодаи коғазҳои қиматноки қарздор ва ғайра);

5) мукотиба оид ба истифодаи қарз (мукотиба бо мизоҷ, навишти гуфтугӯйҳои телефонӣ ва ғайра).

Бонкҳо барои ҳамаи мизоҷони худ, ки истифодабарандаи қарзанд, чунин парвандаҳо мекушоянд ва дар онҳо маълумотҳои дахлдорро ҷамъ мекунанд.

Назорати бонкӣ ба чанд намуд ҷудо мешавад: 1) назорат дар асоси таҳлили маълумотҳои пешниҳодшуда; 2) назорати бевосита дар худи корхона; 3) назорат дар асоси маълумотҳои аз шахсони сеюм гирифташуда.

Қарздор мувофиқи талаби шартномаи қарзӣ ҳар моҳ ё дар вақтҳои дигар ба бонк тавозун, ҳисоботҳои молиявӣ ва маълумотҳои дигари заруриро пешниҳод мекунад. Корманди бонк дар асоси онҳо фоиданокии фаъолияти мизоҷ, пардохтпазирии он,

дараҷаи иҷрои ӯҳдадориҳо дар назди фурӯшандагон ва нишондиҳандаҳои дигарро муайян карда, хулосаи дахлдор мебарорад. Агар сатҳи хатари баргаштани қарз боло рафта бошад, пас ӯ ба дидани чорабиниҳои дахлдор шурӯъ мекунад.

Корманди бонк инчунин имкон дорад хатари бозгашти қарзро дар худи корхона тафтиш кунад. Ин амал бо роҳи шиносоӣ бо тартиби нигаҳдошти ашёи хом, молҳои тайёр ва захираҳои дигари истеҳсолӣ, амволи корхона ва ғайраҳо, ки гарави баргашти қарз мебошанд, анҷом дода мешавад. Натиҷаи чунин назорат пешниҳоди хулосаи корманди бонк ба роҳбарияти худ ва корхона оид ба вазъи таъмини бозгашти қарз ва зарурати чораҷӯйиҳои дахлдор мебошад.

Илова бар ин, корманди бонк барои доштани маълумоти зарурӣ оид ба вазъи молиявии корхона аз сарчашмаҳои берунӣ истифода мебарад. Барои ин мақсад он метавонад ба муассисаҳои махсуси ҷамъкунандаи маълумот оид ба фаъолияти корхонаҳо, муассисаҳои андоз, гумрук, бонк (агар қарздор мизоҷи бонки дигар бошад), корхонаҳои болоии қарздор мурочиат карда, маълумоти дахлдорро ҷамъ оварад. Ин имкон медиҳад, ки корманди бонк оид ба вазъи молиявии қарздор хулосаи зарурӣ барорад.

Мақсади ҳама намудҳои назорати бонкӣ сари вақт муайян кардани хатари бознагаштани қарз, чорабиниҳои оид ба ҳар чӣ тезтар бартараф кардани он ва ё баргардонидани қарзу фоизи он мебошад.

Зинаи охирини раванди қарздиҳӣ *баргардонидани қарзу фоизи он* мебошад. Риояи қоидаҳои қарздиҳӣ дар байни одамони алоҳида низ аҳамияти хоса дорад *(Нигаред ба замимаи 33)*. Боварӣ ба мизоҷ, пеш аз ҳама, аз иҷрои ӯҳдадориҳои қарзии он вобаста аст. Дар асоси ин боварӣ бонкҳо ба мизоҷон имтиёзҳо дода, дар ҳолати зарурӣ гарави пардохти пули моли харидаашонро ба ӯҳдаи худ мегиранд. Бинобар ин, зарур аст, ки қарздор қарзашро дар мӯҳлати муайяншуда баргардонад.

Баргардонидани қарзу фоизи он маънои ба итмом расидани муносибатҳои қарзии бонку мизоҷро надорад, зеро фаъолияти давомдори корхона дар шароити номӯътадилии вазъи иқтисодӣ онро боз мӯҳтоҷи қарз карда, ба бонк меорад. Илова бар ин, хизматҳои бонкӣ танҳо аз додани қарз иборат нестанд. Корхонаҳо аз хизматҳои дигари онҳо низ истифода мекунанд. Бинобар ин зарур аст, ки байни бонку мизоҷ муносибатҳои доимии боваринок барқарор шаванд.

Мавзӯи 17

МУНОСИБАТҲОИ АСЪОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ТАВОЗУНИ ПАРДОХТ

Ҳар як мамлакат новобаста ба вазъи иқтисодию сиёсиаш бо кишварҳои дигар муносибатҳои иқтисодию сиёсӣ дорад. Муносибатҳои иқтисодӣ инҳоро дар бар мегирад: муносибатҳои алоқаманд ба хариду фурӯши мол, муҳоҷирати қувваи корӣ, вориди сармоя, қарзгирӣ, амалиётҳои асъорӣ, ҳамкориҳои илмию техникӣ ва ғайра. Муносибатҳои сиёсӣ аз ҳамкориҳо оид ба ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ, равобити дипломатӣ, ташкилу идораи созмонҳои байнидавлатӣ ва минтақавию умумиҷаҳонӣ иборатанд. Ташкили дурусту самараноки муносибатҳои иқтисодиву сиёсӣ зарурати муносибатҳои асъориро ба миён меорад.

17.1. Мафҳуми асъор ва амалиёти асъорӣ

Мафҳумҳои «пул» ва «асъор» ҳаммаъноянд. Ҳар ду ҳам ифодакунандаи воситаи муомилот ё хариду фурӯш мебошанд. Вале бо мақсади фарқ ё ҷудо кардани пулҳои аз ҷониби ҳукумати кишвар баровардашуда аз пулҳои мамлакатҳои дигар иқтисоддонҳо нисбат ба пулҳои ҳукумати худ мафҳумҳои «пул», «пули миллӣ» ё «асъори миллӣ» ва нисбат ба воситаҳои муомилотии кишварҳои дигар мафҳуми «асъор» ё «асъори хориҷӣ»-ро истифода мекунанд. Масалан, мо нисбат ба доллари амрикоӣ ё рубл мафҳуми «асъор» ё «асъори хориҷӣ»-ро истифода мекунем, худи амрикоиҳою русҳо нисбат ба пулҳояшон мафҳумҳои «пул» (money, currency, деньги), «пули миллӣ» ё «асъори миллӣ» (national currency, национальная валюта)-ро истифода мекунанд.

Ҳамин тариқ, «асъор» номи умумии пулҳои миллии кишварҳои дигарест, ки дар муомилоти пулии кишвари мо қонунан ва ё ғайриқонунӣ истифода мешаванд. Масалан, дар муомилоти пулии Тоҷикистон истифодаи васеи долларҳои амрикоӣ, евро, рубли русӣ ва қисман асъорҳои кишварҳои ҳамсоя ба чашм мерасад.

Илова ба асъори нақдию ғайринақдӣ дар бонкҳо чекҳо, векселҳо, ӯҳдадориномаҳо (аз он ҷумла ӯҳдадориномаҳои қарзӣ) ва дигар коғазҳои қиматнок бо асъори хориҷӣ, филизу сангҳои қиматбаҳо (тилло, нуқра, платина, алмос, ёқут (рубин), изумруд, ёқути кабуд (сапфир), марворид (жемчуг)

ва гайра (ба истиснои маснуоти заргарӣ ва диғар маснуоти маишӣ, инчунин шикастаи чунин маснуот) нигоҳ дошта мешаванд, ки дар якҷоягӣ *арзишҳои асъорӣ* ном гирифтаанд.

Амалиёти алоқаманд ба истифодаи асъору коғазҳои қиматноки асъориро *амалиёти асъорӣ* меноманд.

Ба амалиёти асъорӣ инҳо дохил мешаванд: 1) амалиёти алоқаманд ба гузариши ҳуқуқи моликият* ва ҳуқуқҳои дигар** ба арзишҳои асъорӣ; 2) ворид кардан*** ва фиристодани**** арзишҳои асъорӣ ба кишвар, инчунин берун бурдан ва фиристодани арзишҳои асъорӣ аз кишвар; 3) интиқоли асъор ҳангоми иҷрои ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ.

*Масалан, фурӯши мол ба ширкати хориҷӣ боиси ба ширкати тоҷикистонӣ гузаштани ҳуқуқи моликият ба асъори воридшуда мегардад.

**Гирифтани қарз аз бонки хориҷӣ ҳуқуқи моликият ба асъорро дигар намекунад, вале қарзгирифта (бонки тоҷикистонӣ) ҳуқуқ пайдо мекунад қарзро мӯҳлати муайян истифода барад.

***Шахсони алоҳида метавонанд миқдори муайяни асъори хориҷиро бо худ ба кишварашон биёранд ва ё аз он бароварда ба кишварҳои хориҷӣ баранд. Масалан, ҳангоми сафари хизматӣ ба хориҷи кишвар.

****Бонкҳои тиҷоратӣ барои қонеъ гардонидани талаботашон ба асъори хориҷӣ бо бонкҳои хориҷӣ оид ба фиристодани миқдори муайяни асъор шартнома мебанданд. Бонки хориҷӣ дар мӯҳлатҳои муайяншуда миқдори зарурии асъори хориҷиро ба воситаи ширкатҳои миёнарав (масалан, ширкати ҳавоӣ) ба бонки тоҷикистонӣ мефиристад.

Азбаски истифодаи арзишҳои асъорӣ дар муомилоти пулии кишвар метавонад ба вазъи иқтисодии он таъсири мусбӣ ё манфӣ расонад, ҳукумати кишвар тартиби истифодаи онҳоро муайян мекунад.

Доираи гардиши арзишҳои асъории хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фаъолияти сохторҳои танзиму назораткунандаи гардиши онҳоро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъорӣ» муайян менамояд.

Иҷрокунандагони амалиётҳои асъорӣ (шаҳрвандон, корхонаю ташкилотҳои ватанию хориҷӣ) ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1. *Резидентҳо*. Ба онҳо дохил мешаванд: а) шахсони алоҳидаи ҷойи истиқомати доимиашон дар Тоҷикистон буда, аз он ҷумла онҳое, ки муваққатан дар хориҷи кишваранд; б) шахсони ҳуқуқие, ки мувофиқи қонунгузории Тоҷикистон ташкил шудаанд ва дар он ҷойгиранд; в) корхонаю ташкилотҳои шахсони ҳуқуқӣ набуда, ки мувофиқи қонунгузории Тоҷикистон ташкил шудаанд ва дар он ҷойгиранд; г) намояндагиҳои дипломатӣ ва дигари расмии Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷӣ; д) шӯъбаю намояндагиҳои шахсони ҳуқуқӣ, корхонаю ташкилотҳои резидентҳо, ки берун аз қаламрави Тоҷикистон ҷойгиранд.

2. *Ғайрирезидентҳо*, ки аз инҳо иборатанд: а) шахсони алоҳидаи ҷойи истиқомати доимиашон берун аз Тоҷикистон буда, аз он ҷумла онҳое, ки муваққатан дар кишвари моянд; б) шахсони ҳу-

қукие, ки мувофиқи қонунгузории кишварҳои хориҷӣ ташкил шудаанд ва берун аз Тоҷикистон ҷойгиранд; в) корхонаю ташкилотҳои шахсони ҳуқуқӣ набуда, ки мувофиқи қонунгузории кишварҳои хориҷӣ ташкил шудаанд ва берун аз Тоҷикистон ҷойгиранд; г) намояндагиҳои дипломатӣ ва дигари расмии кишварҳои хориҷӣ, инчунин ташкилотҳои байналмилалӣ, шӯъбаю намояндагиҳои онҳо дар Тоҷикистон; д) шӯъбаю намояндагиҳои шахсони ҳуқуқӣ, корхонаю ташкилотҳои ғайрирезидентҳо, ки дар қаламрави Тоҷикистон ҷойгиранд.

Зарурати ҷудо кардани шахсони алоҳида ва ҳуқуқӣ ба резидентҳою ғайрирезидентҳо дар истифодаи тартибу қоидаҳои гуногуни иҷрои амалиёти асъорӣ аз ҷониби онҳо мебошад. Масалан, ғайрирезидентҳо ҳуқуқ доранд, саҳмияҳои бонку корхонаҳои тоҷикистониро бо асъори хориҷӣ бихаранд, аммо шаҳрвандони Тоҷикистон чунин ҳуқуқро надоранд, зеро дар ҳудуди кишвар бояд ҳама муомилот бо пули миллӣ анҷом дода шавад.

Амалиёти асъорӣ вобаста ба моҳияти иқтисодӣ ва мӯҳлати иҷроишашон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: *амалиёти асъории ҷорӣ* ва *амалиёти асъории алоқаманд ба ҳаракати сармоя.*

Ба *амалиёти асъории ҷорӣ* дохил мешаванд: а) интиқоли асъори хориҷӣ ба Тоҷикистон ва аз Тоҷикистон барои воридоту содироти мол, пардохти корҳои иҷрошуда, хизматҳои расонидашуда ва фаъолияти дигар; б) интиқоли фоиз, дивидендҳо ва даромадҳои дигари барои пасандозҳо, сар-

моягузориҳо, қарзҳо додашаванда ба Тоҷикистон ва аз Тоҷикистон; в) интиқолу пардохтҳои ғайритиҷоратӣ ба Тоҷикистон ва аз Тоҷикистон. Ба онҳо дохил мешаванд: музди меҳнат, стипендия, нафақа, иловапулӣ, ҷубронпулӣ, харҷи сафари хизматӣ ба хориҷи кишвар, интиқоли пули хариди бино ва лавозимоти дигар барои намояндагиҳои дипломатӣ, нигаҳдошти онҳо, харочотҳо барои сафарҳои варзишию санъатӣ ва ғайраҳо.

Амалиёти асъории алоқаманд ба ҳаракати сармоя инҳоро дар бар мегиранд: а) сармояғузориҳои мустақим (прямые инвестиции), яъне маблағгузориҳо дар ташкили корхонаҳо бо мақсади гирифтани фоида ва иштирок дар идоракунии онҳо; б) сармояғузориҳои бавосита (портфельные инвестиции), яъне хариди коғазҳои қиматнок;* в) интиқоли асъори хориҷӣ барои хариди бино, таҷҳизот ва моликияти дигар, ки мутобиқи қонунгузории кишвар ба гурӯҳи амволи ғайриманқул (недвижимое имущество) дохил шудаанд.

*Шахсони алоҳида метавоианд аз бозори коғазҳои қиматнок саҳмияҳои корхонаю ташкилотҳо, ӯҳдадориномаҳои бонки марказию бонкҳои тичоратиро бихаранд. Мақсади хариди чунин коғазҳои қиматнок гирифтани фоида асту халос.

Ҷамъи амалиёти асъорие, ки аз ҷониби резидентҳою ғайрирезидентҳо дар кишвар ичро шудаанд, бозори асъорро ташкил медиҳанд. Мисли ҳама гуна бозорҳои дигар дар бозори асъор низ миёнаравҳо ҳастанд, ки кори бозорро ба танзим меда-

роранд. Дар он бонкҳо, нуқтаҳои мубодилаи асъор, брокеру* дилерҳо** фаъолият мекунанд. Шарти зарурии иштирок дар бозори асъор доштани иҷозатномаи (литсензия) бонки марказӣ мебошад.

*Брокер – шахс ё ширкати алоҳида, ки дар биржа чун миёнарав байни харидорону фурӯшандагон фаъолият мекунад. Онҳо аз ному ҳисоби мизоҷон амал карда, барои миёнаравиашон даромади муайян мегиранд. Масалан, фоизи муайян аз арзиши шартномаи байни харидору фурӯшанда басташуда.

**Дилер – шахс ё ширкати алоҳида, ки ба хариду фурӯши коғазҳои қиматноку молҳои дигар дар биржа машғул аст. Он фаъолияташро аз ному ҳисоби худ ба роҳ мемонад. Фарқи нархҳои хариду фурӯш даромади дилерро ташкил медиҳад.

Муносибатҳои асъорӣ наметавонанд бе қоидаҳои муайяну ба талаботи ҷонибҳо ҷавобгӯй ташкил карда шаванд. Бо мақсади ташкили дурусти муносибатҳои асъорӣ, истифодаи асъори муносиб, таъмини устувории қурби он ва ҳалли масъалаҳои дигари ба он алоқаманд кишварҳои ба ҳам муносибати зичи иқтисодӣ дошта аз оғози асри XIX байни худ шартномаҳои дуҷонибаю бисёрҷониба баста, дар онҳо масъалаҳои заруриро пешбинӣ намудаанд. Ҳамин тариқ, тартиби муайяни истифодаи асъор ё *низоми асъорӣ* ба миён омад, ки он бо мурури замон ба шароити нав мутобиқ карда мешуд.

17.2. Низоми асъорӣ ва рушди он

Пешрафти савдои байналмилалӣ зарурати интихобу истифодаи пули ҷаҳонӣ ё ба таври дигар асъори ҷаҳониро ба миён овард. Он дар навбати худ зарурати *ташкили низоми асъорӣ* – бозори асъор, қабулу истифодаи қоидаҳои ягонаи табдили асъор, таъмини устувории қурби он ва ҳалли масъалаҳои дигари ба он алоқамандро талаб кард.

Албатта, ҳар як кишвар *низоми пули миллии* худро дорад, ки аз инҳо иборат аст:

– воҳиди пули миллӣ (масалан, сомонӣ);

– режими қурби пул (басташуда ва ё озодшинокунанда) ва таъмини устувории он;

– шартҳои табдили пули миллӣ;

– тартиби фаъолияти бозорҳои пул ва тилло;

– тартиби ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ дар кишвар;

– таркиб ва тартиби идораи захираҳои тиллоию асъории кишвар;

– ҳуқуқи муассисаҳои танзимкунандаи муносибатҳои пулӣ дар кишвар.

Пешрафти муносибатҳои иқтисодию сиёсӣ боиси дар асоси низомҳои пулии миллӣ ташкил шудани *низоми асъории байналмилалӣ* гардид. Мақсади ташкили он ҳисоббаробаркуниҳои байнидавлатӣ, қарздиҳию дастгирии якдигар, нигаҳдошти намояндагиҳои дипломатӣ ва ҳалли масъалаҳои дигари байналмилалӣ мебошад.

Низоми асъории байналмилалӣ аз ҷузвҳои зерин иборат аст:

– воситаҳои пардохти байналмилалӣ (тилло, фунт-стерлинг, доллари ИМА, СДР, евро ва пулҳои миллии давлатҳои алоҳида бо назардошти тарафайн);

– режими курби асъорҳо ва таъмини устуворӣ онҳо;

– тартиби ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ;

– шартҳои табдилшавандагии (конвертируемость) асъорҳо;

– тартиби фаъолияти бозорҳои ҷаҳонии асъорҳо ва тилло;

– мақоми (статус) ташкилотҳои байнидавлатии танзимкунандаи муносибатҳои асъорӣ.

Азбаски боби 8-уми ҳамин китоб ба таърихи пайдоишу пешрафти низоми пули миллӣ ва низоми асъории байналмилалӣ бахшида шудааст, дар ин ҷо бо мақсади таъмини пайвастагии омӯзиши мавзӯъ зинаҳои рушди низоми асъории байналмилалиро дида мебароем.

Низоми асъории байналмилалии аввалин, ки ба стандарти тиллоӣ асос ёфта буд, соли 1867 дар асоси шартномаи байнидавлатӣ (ш. Париж, Фаронса) қабул карда шуд. Вазифаи асосии он таъмини истифодаи тилло ҳамчун асъори ягона буд, вале он дер давом накард, зеро ҷанги якуми ҷаҳон боиси бад шудани вазъи молиявии қисми зиёди кишварҳо гардид. Акнун онҳо имкон надоштанд, ки пулҳои зиёди дар давраи ҷанг баровардаашонро ба тилло иваз намоянд. Аз ин рӯ, мачбур шуданд аз ин низо-

ми асъорӣ даст кашида ба *низоми асъории байналмилалии дуюм* гузаранд. Шартномаи байнидавлатие, ки соли 1922 дар конференсияи иқтисодии байналмилалӣ (ш. Генуя, Италия) баста шуд, асоси пайдоиши ин низоми асъорӣ гардид. Он ба стандарти шиори тиллоӣ асос ёфта буд. Акнун ҳукуматҳо бо мақсади таъмини устувории пулашон ӯҳдадор шуданд, ки пулҳои шаҳрвандонашонро ба асъорҳои кишварҳои стандартҳои тиллоӣ ё хишти тиллоӣ дошта иваз менамоянд. Ба ин гурӯҳи мамлакатҳо Олмон, Австрия, Дания ва ғайра дохил мешуданд.

Вале ин низоми асъорӣ низ ба талабот ҷавобгӯй набуд, зеро кишварҳои стандарти тиллоиро қабул карда имкони қонеъ гардонидани талаботи кишварҳои дигарро надоштанд. Ин аст, ки 22 июни соли 1944 дар ш. Бреттон-Вуди ИМА *низоми асъории байналмилалии сеюм* қабул шуд ва кишварҳо дар баробари стандарти шиори тиллоӣ истифодаи доллари ИМА ва фунт-стерлингро ҳамчун асъорҳои захиравӣ маъқул донистанд. Акнун қурби пулҳои кишварҳои дигар бо ҳамин ду асъор муайян карда мешуд ва ҳар кишваре, ки ин ду намуди асъорро захира ё ҷамъ мекард, ҳуқуқ дошт онро ба ИМА ё Британиёи Кабир пешниҳод карда, ба иваз аш миқдори муайяни тилло гирад. Албатта, ин боиси истифодаи васеи доллари амрикоӣ дар ҳисоббарокуниҳои байналмилалӣ ва боло рафтани обрӯйи он гардид, вале ин амал дар навбати худ сабаби кам шудани захираҳои тиллоии ИМА

гардид. Аз ин рӯ, ИМА соли 1971 аз ивази пулҳояш ба тилло даст кашид, ки он маънои шикасти низоми Бретон-Вудиро дошт. Соли 1976 *низоми асъории байналмилалии чорум*, ки бо номи низоми асъории Ямайка (аз номи маҳал дар Индонезия) маълум аст, қабул шуд. Ин низоми асъорӣ то ба имрӯз амал мекунад. Мувофиқи он қурби асъорҳо нисбат ба якдигар дар бозор озодона муайян мешаванд ва дигар давлат гарави бо қурби муайян ба тилло иваз намудани пулҳои коғазиро намедиҳад.

Ҳамин тариқ, пешрафти савдои байналмилалӣ, пайдоишу истифодаи воситаҳои навтарини ҳисоббаробаркунӣ, болоравии боварии кишварҳо ба якдигар ва таъсиси муассисаҳои байналмилалии молиявӣ боиси ба талабот мувофиқ гардидани низоми асъорию рушди муносибатҳои асъорӣ гардид.

17.3. Қурби асъор

Зарурати истифодаи асъори хориҷӣ барои ҳисоббаробаркуниҳои байналхалқӣ дар навбати худ зарурати хариди онро ба миён меорад. Хариду фурӯши асъор бошад, дар бозори он амалӣ мегардад.

Бозори асъор ин ҷамъи муносибатҳо оид ба иҷрои амалиёти асъорӣ мебошад. Дар бозори асъор асъорҳои хориҷӣ хариду фурӯш мешаванд. Иштироккунандагони бозори асъор бонкҳои марказӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, муассисаҳои молиявии ғайрибонкӣ, брокеру дилерҳо мебошанд.

Қисми асосии асъори дар бозор хариду фурӯхташаванда ғайринақдӣ буда, қисми камтари он нақдӣ мебошад.

Бозорҳои асъорӣ ба *бозорҳои ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва миллӣ* ҷудо мешаванд. Онҳо бо миқдор ё намудҳои асъорҳо, ҳаҷми хариду фурӯши онҳо ва хусусиятҳои амалиётҳои асъорӣ аз ҳам фарқ мекунанд. *Бозорҳои ҷаҳонии асъор* дар Лондон, Ню-Йорк, Сюрих, Токио, Сингапур ҷойгиранд. Ин бозорҳо аслан ба хариду фурӯши асъорҳои озодтабдилшаванда машғуланд. *Бозорҳои минтақавӣ* илова ба асъорҳои умумиҷаҳонӣ ба хариду фурӯши асъорҳои дар ҳамин минтақа нуфуздошта низ машғуланд. Масалан, дар бозори Маскав кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҳангоми зарурат рубли русиро мехаранд. *Бозори асъории миллӣ* қисми низоми пулии ҳар як кишвар буда, барои ташкили дурусти амалиёти асъорӣ хизмат мекунад.

Режими қурби пули миллӣ, ки қурби асъорҳои хориҷӣ ба он вобаста аст, аз ҷониби ҳукумат муайян карда мешавад. Он метавонад *басташуда** (фиксированный) ва ё *озодшинокунанда*** бошад. Кишварҳое, ки захираҳои калони асъорӣ доранд, режими аввалро истифода мекунанд ва аз ҳисоби фурӯши захираҳои асъорӣ устувории қурби пулашонро таъмин менамоянд. Қисми зиёди кишварҳо режими озодшинокунандаро интихоб кардаанд, ки мувофиқи он қурби пулро бозор муайян мекунад.

*Масалан, пулҳои миллии кишварҳои зерин ба асъорҳои озодтабдилшавандаи кишварҳои пешрафта баста шу-

дааид: Аргентина, Сурия, Панама, Туркманистон, Венесуела, Нигерия, Салтанати Умон ва ғайра ба доллари амрикоӣ; Ливиё, Руанда, Мянма – ба СДР; Намибия, Литва, Эстония ба евро ва ғайра. Ин кишварҳо қурби пулашонро нисбат ба асъори хориҷӣ аниқ муайян кардаанд ва онро аз ҳисоби фурӯши захираҳои асъорӣ нигоҳ медоранд.

**Кишварҳое, ки дар онҳо қурби пул озод муайян карда мешавад: ИМА, Италия, Шветсария, Ҳиндустон, Украина, Канада, Русия, Британиёи Кабир, Озарбойҷон, Тоҷикистон ва ғайра.

Асъорҳо дар бозор бо нархи муайяни бозорӣ хариду фурӯш мешаванд. *Қурби асъор ин нархи воҳиди пулии муайянест, ки бо воҳиди пулии кишвари дигар ифода ёфтааст.* Масалан, агар имрӯз дар бозори асъории Тоҷикистон ба ивази 5 млн. доллари ИМА 17 млн 241 ҳазор сомонӣ дода бошанд, пас қурби доллар ба 3,4482 сомонӣ (17,241:5) баробар аст ва қурби сомонӣ 0,29 долларро (1:3,4482) ташкил медиҳад.

Зарурати муайян кардани қурби асъор аз инҳо иборат аст: а) мубодилаи асъорҳои гуногун бо мақсади хариду фурӯши молҳою пардохти хизматрасонихо, вориди сармоя ва гирифтани қарзҳо; б) қиёси нархҳои бозорҳои ҷаҳонию ватанӣ, нишондиҳандаҳои арзишии мамлакатҳои гуногун (маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, маҷмӯи маҳсулоти миллӣ, даромади миллӣ ба ҳар сари аҳолӣ ва ғайра); в) баҳодиҳии дороиҳо (активҳо)-и бонкҳою ширкатҳо бо асъори хориҷӣ баъди ҳар чанд вақт.

Бонкҳо ва нуқтаҳои мубодилаи асъор дар фаъолияти худ *қурби харидор* (bid rate – қурбе,

ки бо он асъори хоричиро мехаранд) ва *қурби фурӯшандаро* (offer rate – қурби асъори хоричии ба фурӯш баровардашуда) истифода мекунанд. Фарқи байни қурби фурӯшанда ва қурби харидор даромади бонк ё нуқтаи мубодилаи асъорро ташкил медиҳад, ки сарчашмаи пӯшонидани харочоту гирифтани фоидаи онҳо мебошад.

Қурби асъор ба омилҳои зиёде вобаста аст, ки аввалини онҳо талаботу таклифот мебошад. Ҳама омилҳои ба талаботу таклифот таъсиррасонанда бевосита ё бавосита ба қурби асъор таъсир мерасонанд. Масалан, сатҳи баланди болоравии даромадҳои аҳолӣ боиси болоравии даромадҳои шахсони алоҳида ва талаботи онҳо ба мол, аз он чумла молҳои воридотӣ мегардад. Ин ҳолат талабот ба асъори хоричиро зиёд ва қурби онро боло мебарад. Ва ё агар мардум бештар ба молҳои хоричӣ мароқ зоҳир кунад, он боиси болоравии талаботу қурби асъор мегардад. Омили дигар ин сатҳи баланди таваррум дар дохили кишвар мебошад, ки он боиси паст рафтани қурби пули миллӣ ва болоравии қурби асъор мегардад.

Вазъи тавозуни пардохт низ ба қурби асъор таъсири манфӣ ё мусбӣ мерасонад. Агар тавозуни пардохт мусбӣ (яъне ба манфиати кишвар) бошад, қурби пули миллӣ боло рафта, мутаносибан қурби асъор поён меравад ва баръакс. Ба тавозуни пардохт ҳаракати сармоя таъсир мерасонад, ки он ба мизони фоизу вазъи сиёсӣ дар кишвар вобаста аст. Мизони фоизи баланд боиси аз кишварҳои дигар ворид шудани сармоя мегардад ва бараъкс агар ми-

зони фоиз паст шавад, сармоя «мегурезад». Даромади сармоя ба кишвар ва баромади он аз кишвар ҳаҷми асъори хориҷӣ ва қурби онро дигар мекунад.

Дар амалияи иқтисодӣ намудҳои гуногуни қурби асъор истифода мешаванд:

– *қурби номиналии асъор* – қурби бозории асъор, ки дар асоси талаботу таклифот муайян карда мешавад;

– *қурби аслии асъор* – қурби номиналии асъор, ки ҳангоми муайянкунии он дигаршавии сатҳи нархҳо дар кишвари худ ва кишвари дигаре, ки қурби пул нисбат ба асъори он муайян карда мешавад, ба ҳисоб гирифта шудааст. Масалан, ҳангоми муайян кардани қурби пули миллӣ нисбат ба доллар дигаршавии сатҳи нархҳо дар Тоҷикистон ва ИМА ба инобат гирифта мешавад:

$$Қа = Нх : Нк \times Қн$$

Дар ин ҷо: Қа – қурби аслии асъор;*
Нх – индекси нархҳо дар кишвари хориҷӣ;
Нк – иидекси нархҳо дар дохили кишвар;
Қн – қурби номиналии асъор.

*Масалан, соли 2006 индекси нархҳо дар Тоҷикистон – 108 фоиз, дар ИМА – 102 фоиз ва қурби сомонӣ баробар ба 0,2900 доллари амрикоӣ буд. Мутаносибан, қурби доллар 3,4482 сомониро (1:0,29) ташкил медод. Дар ин ҳолат, қурби аслии сомонӣ 0,2739 доллар (102:108х0,29) буда, аз қурби номиналии он 0,0161 доллар камтар аст. Агар ҳамин формуларо истифода карда қурби аслии долларро ҳисоб кунем, пас, он 3,6510 сомониро (108:102х3,4482) ташкил медиҳад, ки аз қурби номиналии он пасттар аст.

Чунон ки мебинем, баландии сатҳи таваррум дар кишвари мо нисбат ба кишвари хориҷӣ боиси паст шудани *қурби аслии сомонӣ* нисбат ба қурби номиналии он мегардад. Зарурати истифодаи ин қурб гарави пешбинӣ кардани тағйирёбии қурби пули миллӣ ва нархҳо дар бозори ватанӣ мебошад.

Азбаски ҳар кишвар на танҳо бо як давлат, балки бо кишварҳои зиёд ҳамкорӣ дорад, ҳангоми таҳлили иқтисодӣ нишондиҳандаи дигари қурби пул – *қурби пурсамари асъорӣ* (эффективный валютный курс) низ истифода мешавад, ки дар он сатҳи болоравии нархҳо дар кишварҳои ҳамкор ба инобат гирифта мешавад. Масалан, агар ҳиссаи муайяни савдои берунии Тоҷикистон ба Иттиҳоди Аврупо, Русия, Ӯзбекистон, Қазоқистон рост ояд, ҳанғоми ҳисоби қурби пули миллӣ индекси нархҳо дар ин кишварҳо ба инобат гирифта мешавад.

Азбаски тағйирёбии қурби асъор ба вазъи иқтисодии кишвар таъсири манфӣ ё мусбӣ мерасонад, зарур аст, ки самти дигаршавии он пешбинӣ карда шавад. Паст шудани қурби пули миллӣ ба манфиати содиркунандагони мол аст, зеро онҳо имкон пайдо мекунанд, ки аз фурӯши даромадҳои асъориашон маблағи зиёдтари пули миллиро ба даст оранд.* Воридкунандагони молҳо аз ин зарар мебинанд, зеро хариди доллар дар бозори дохилӣ барояшон гаронтар мегардад.

*Масалан, агар пештар содиркунанда аз бозори асъорӣ ба ивази 100 ҳазор доллари ИМА доштааш 300 ҳазор сомонӣ мегирифт, баъди паст шудани қурби сомонӣ (1

доллар = 3,4482 сомонӣ) ба ивази ҳамин миқдори доллар ӯ 344,82 ҳазор сомонӣ ба даст меорад.

Дигаршавии қурби пул ба вазъи молиявии ҳукумат низ таъсир мерасонад. Албатта, паст шудани қурби пул боиси кам шудани қарзи аслии дохилӣ мегардад, вале арзиши бо пули миллӣ доштаи қарзи хориҷии он меафзояд, зеро барои харидани миқдори зарурии асъори хориҷӣ дар бозор акнун маблағи зиёдтари пули миллӣ лозим аст.

Аз ин рӯ, ҳукумати кишварро зарур аст, ки сиёсати асъориашро вобаста ба вазъи иқтисодӣ, тавозуни пардохт, захираҳои асъорӣ ва омилҳои дигари ба он алоқаманд муайян намуда, устувории қурби пули миллиро таъмин намояд.

17.4. Тавозуни пардохт

Тавозуни пардохт (balance of payment) ин ҷамъи маълумотҳои омории ба тартиби муайян даровардашудаест, ки ҳамаи амалиёти иқтисодии дар давраи муайян байни резидентҳои кишвар ва ғайрирезидентҳо иҷрошударо дар бар мегирад.

Мақсади тартиб додани тавозуни пардохт доштани маълумотҳои зарурӣ ҳангоми аз ҷониби ҳукумату сохторҳои алоҳида қабул кардани қарорҳо оид ба сиёсати асъорӣ, молиявӣ ва савдои байналмилалӣ мебошад.

Дар аксари кишварҳо сохтани тавозуни пардохт вазифаи бонки марказӣ мебошад. Сохторҳои дигар (омор, молия, гумрук, андоз, бонкҳои тиҷоратӣ ва ғайра) вазифадоранд сари вақт маълумотҳои заруриро ба бонки марказӣ пешниҳод намоянд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавозуни пардохт аз ҷониби Бонки миллӣ сохта мешавад.

Тавозуни пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон
(семоҳаи аввали соли 2006)*

(ҳазор доллари ИМА)

1. Ҳисоби амалиёти ҷорӣ	**– 33604,4**
А. Молҳо ва хизматрасониҳо – 148786,5	
1. молҳо (тавозуни савдо)	– 91279,0
2. хизматрасониҳо	– 57507,5
Б. Даромадҳо аз сармоягузорӣ ва музди меҳнат	– 11004,6
1. музди меҳнат	– 14,1
2. сармоягузориҳо	– 9411,4
В. Трансфертҳои ҷорӣ	126186,7
2. Ҳисоби амалиёт бо сармоя ва воситаҳои молиявӣ	**42780,6**
А. Ҳисоби амалиёт бо сармоя	
1. Трансфертҳои сармоявӣ	
Б. Ҳисоби молиявӣ	42780,6
1. Сармоягузориҳои мустақим	15906,3
2. Сармоягузориҳои мачмӯӣ	0,0
3. Сармоягузориҳои дигар	26874,3
3.1. Дороиҳо (- зиёдшавӣ)	– 49636,3
– асъори нақди хориҷӣ	– 7583,4
– бақияи ҳисобҳои ҷорӣ ва амонатӣ	– 10958,2
– қарзҳо ва пешпардохтҳои савдо	– 30944,7
– қарзҳо ва вомҳои додашуда	0,0
– қарзҳои мӯҳлатнопн гузашта	0,0
– дороиҳои дигар	– 150,0
3.2. Ӯҳдадориҳо (+зиёдшавӣ)	76510,6

– асъори нақди хориҷӣ	0,0
– бақияи ҳисобҳои ҷорӣ ва амонатӣ	36992,2
– қарзҳо ва пешпардохтҳои савдо	17645,0
– қарзҳо ва вомҳои ҷалбшуда	2580,7
– қарзҳои мӯҳлаташон гузашта	0,0
– ӯҳдадориҳои дигар	19292,7
3. Саҳвҳои соф ва таҳрифот	**7008,2**
4. Тавозуни умумӣ	**2168,0**
5. Молиякунонии фарқи тавозун	**2168,0**
а) Дороиҳои захиравӣ (- зиёдшавӣ)	– 16268,5
б) Қарзҳои Хазинаи байналмилалии асъор	– 85775,6
в) Трансфертҳои сармоявӣ	99862,4
г) Ӯҳдадориҳои нопардохта	13,7
д) Қарзҳои аз нав ба расмият даровардашуда	0,0

www.nbt.tj Қисми «Тавозуни пардохт».

Тавозуни пардохт бо тартиби навишти дучониба (ҳам дар кредиту ҳам дар дебети тавозун) сохта мешавад. Масалан, ширкати нидерландӣ ба ивази алюминий ба Ширкати алюминийи тоҷик евро медиҳад. Ин амалиёт дар кредити *ҳисоби амалиёти ҷорӣ* бо аломати «+» ва дар дебети *амалиётҳо бо сармоя ва воситаҳои молиявӣ* (зерҳисоби *асъори хориҷии нақдина*) бо аломати «-» инъикос меёбад.

Тартиби инъикоси амалиёт дар тавозуни пардохт

Амалиёт	Кредит, плюс (+)	Дебет, минус (-)
А. Молҳо ва хизматрасониҳо	Содироти молу хизматрасонӣ (хизматрасонӣ ба ғайрирезидентҳо)	Воридоти молу хизматрасонӣ (хизматрасонӣ аз ҷониби ғайрирезидентҳо)
Б. Даромадҳо аз сармоягузорӣ ва музди меҳнат	Даромадҳои резидентҳо аз ғайрирезидентҳо	Даромадҳои ғайрирезидентҳо аз резидентҳо
В. Трансфертҳо (ҷорӣ ва сармоявӣ)	Маблағҳои воридшуда	Маблағҳои додашуда
Г. Амалиёт бо сармоя ва воситаҳои молиявӣ	*Зиёд шудани ӯҳдадориҳо нисбат ба ғайрирезидентҳо* (масалан, аз ҷониби ғайрирезидентҳо харидани пули миллии нақдина) ва ё *кам шудани дархостҳо (требований) ба ғайрирезидентҳо* (масалан, кам шудани бақияи суратҳисобҳои резидентҳо дар бонкҳои ғайрирезидентӣ)	*Зиёд шудани дархостҳо (требований) ба ғайрирезидентҳо* (масалан, додани қарзҳо ба ғайрирезидентҳо) ва ё *кам шудани ӯҳдадориҳо нисбат ба ғайрирезидентҳо* (масалан, аз ҷониби резидентҳо баргардонидани коғазҳои қиматноке, ки ғайрирезидентҳо харида буданд)

Тавозуни пардохт нишондиҳандаи мусбӣ ё манфӣ будани натиҷаи муносибатҳои иқтисодии киш-

вару шаҳрвандони он бо кишвару шаҳрвандони хориҷӣ мебошад. Ҳамаи амалиёти ба додугирифти асъору арзишҳои асъорӣ вобаста дар қисмҳои дахлдори он инъикос карда мешаванд.

17.5. Моддаҳои тавозуни пардохт ва тавсифи онҳо

Қисми муҳимми тавозуни пардохт ***ҳисоби амалиёти ҷорӣ*** мебошад, ки он тавозуни савдо, тавозуни хизматрасониҳо, тавозуни даромадҳо аз маблағгузориҳо ва музди меҳнат, тавозуни трансфертҳоро дар бар мегирад.

Дар *тавозуни савдо* амалиёти ба содироту воридоти мол дахлдор қайд мешаванд. Молҳои содиршуда дар қисми кредит ва воридшуда дар дебети тавозун инъикос меёбанд. Фарқи содироту воридот бақияи тавозун буда, метавонад манфӣ ё мусбӣ бошад. Агар арзиши молҳои аз Тоҷикистон ба хориҷи кишвар содиршуда аз арзиши молҳои ба он воридшуда зиёд бошад, тавозун мусбӣ аст ва баръакс. Ҳама кишварҳо кӯшиш мекунанд тавозуни мусбӣ дошта бошанд, зеро ин маънои зиёд шудани дархост нисбат ба кишварҳои хориҷӣ, ба савдо рафтани молҳо дар бозори ҷаҳонӣ ва вазъи хуби молиявиро дорад.

Тавозуни хизматрасониҳо хизматҳои аз ҷониби ғайрирезидентҳо ба резидентҳо ва баръакс (аз ҷониби онҳо ба ғайрирезидентҳо) расонидашударо дар бар мегирад. Ба ин гурӯҳ дохил мешаванд:

а) хизматҳои нақлиётӣ (боркашӣ, иҷораю суғуртаи воситаҳои нақлиётӣ); б) хизматҳои сайёҳон (харҷи хӯрок, зист, нақлиёт ва ғайра); в) ҳаққи хизмати ташкилотҳои лоиҳасозӣ, ёрии ҳуқуқӣ, харҷи иштирок дар симпозиуму конференсияҳо, намоишгоҳҳою ярмаркаҳо ва ғайра; ғ) пардохтҳо барои истифодаи иҷозатномаи фаъолияти муайян, ҳуқуқи нашри китобҳо, молҳои аудиоӣ ва видеоӣ; д) хизматрасониҳое, ки ба моддаҳои дигар дохил нашудаанд, ба монанди хизматҳои иттилоотӣ, маданӣ, маишӣ ва ғайраҳо.

Тавозуни даромадҳо аз маблағгузориҳо ва музди меҳнат аз ду қисм иборат аст: 1) даромадҳо аз маблағгузориҳо (дивиденди коғазҳои қиматнок, фоизи қарзҳои додашуда ва ғайра); 2) даромадҳо аз музди меҳнат (маоши кормандоне, ки муваққатан дар хориҷи кишвар фаъолият доранд*).

*Дар Русия ба ин гурӯҳ шаҳрвандоне дохил карда мешаванд, ки на зиёда аз 183 рӯз дар як сол дар хориҷи кишвар фаъолият мекунанд. Агар шаҳрванд дар хориҷи кишвар аз ин мӯҳлат зиёд бошад, он ба гурӯҳи ғайрирезидентҳо дохил карда мешавад.

Тавозуни трансфертҳо. Трансфертҳо амалиёте мебошанд, ки яктарафа буда, ба ивази молу хизматҳои расонидашуда пулу мол дода ё хизмате расонида намешавад. Масалан, ёрии башардӯстона (бебозгашт) дар шакли молҳои хӯрокворию тиббӣ, аъзоҳаққии кишварҳо дар ташкилотҳои байналмилалӣ ва ғайра.

Ҳисоби амалиёт бо сармоя ва воситаҳои молиявӣ амалиёти байналмилалӣ бо дороиҳо (активҳо)-и дарозмуддату кӯтоҳмуддатро дар бар мегирад. Дар ин қисми тавозуни пардохт трансфертҳои сармоявӣ, маблағҳои ба сармоя гузошташуда, дороиҳою ӯҳдадориҳо инъикос меёбанд.

Трансфертҳои сармоявӣ аз трансфертҳои ҷорӣ бо намуду мӯҳлати худ фарқ мекунанд. Онҳо аслан ба бебозгашт додани воситаҳои асосӣ алоқаманданд. Бахшидани қарзҳо,* бебозгашт додани патент, ҳуқуқи иҷозатномадиҳӣ, ҳуқуқи моликият ба фондҳои асосӣ, сохтану бебозгашт додани объектҳои инфраструктуравӣ, бебозгашт додани маблағҳои пулие, ки барои сохтмон ё хариди фондҳои асосӣ сарф мешаванд, аз ҷумлаи онҳоянд.

*Масалан, соли 2005 Ҳукумати Русия қарзҳои аз он дошгаи Тоҷикистонро ба маблағи 300 млн. доллари амрикӣ бахшид.

Ҳисоби молиявӣ амалиёт бо дороиҳо ва ӯҳдадориҳои резидентҳо дар назди ғайрирезидентҳоро дар бар мегирад. Натиҷаи мусбии ҳисоби молиявӣ нишондиҳандаи камшавии дороиҳои хориҷии резидентҳо ва зиёд шудани ӯҳдадориҳои онҳо дар назди ғайрирезидентҳо мебошад. Баръакс, агар натиҷаи ин ҳисоб манфӣ бошад, дороиҳо зиёд шуда, ӯҳдадориҳо кам шудаанд. Ҳисоби молиявӣ сармоягузориҳои мустақим (прямые инвестиции), сармоягузориҳои маҷмӯӣ (портфельные инвестиции)

ва сармоягузориҳои дигарро (прочие инвестиции) дар бар мегирад.

Сармоягузориҳои мустақим гуфта сармоягузориҳоеро меноманд, ки: 1) бевосита ба истеҳсолу фурӯши мол равона шудаанд; 2) боиси ба даст овардани бастаи саҳмияҳои назоратӣ (контрольный пакет акции) гардидаанд. Ин намуди сармоягузорӣ имкон медиҳад, ки сармоягузор дар идораи корхона иштирок намояд.

Маблағҳое, ки барои хариди саҳмияҳои ширкатҳои ғайридавлатию давлатӣ ва коғазҳои қиматноки ҳукумат сарф шудаанд, ба гурӯҳи сармоягузориҳои маҷмӯӣ дохил мешаванд. Мақсади чунин намуди сармоягузорӣ гирифтани фоида аст, на назорати фаъолияти саҳмиябарор.*

*Корхона ё ширкате, ки саҳмияҳояш дар бозор фурӯхта мешаванд.

Фарқ гузоштан байни сармоягузориҳои мустақиму маҷмӯӣ шарт мебошад. Дар аксари кишварҳо агар сармоягузор соҳиби аз 10 фоиз зиёди саҳмияҳои корхона ё ширкат бошад, маблағҳои сарфкардаи он ба гурӯҳи сармоягузориҳои мустақим ворид карда мешавад ва баръакс.

Сармоягузориҳои дигар ҳама намуди маблағгузориҳои ба гурӯҳҳои сармоягузориҳои мустақиму маҷмӯӣ дохилнашударо дар бар мегиранд. Ба сармоягузориҳои дигар дороиҳо ва ӯҳдадориҳо (асъори нақдӣ ва амонатҳо, қарзу пешпардохтҳо дар соҳаи савдо, қарзҳои додашудаю ҷалбшуда, қарз-

ҳои мӯҳлаташон гузашта, дороиҳою ӯҳдадориҳои дигар) дохил мешаванд.

Дороиҳо (активҳо) гуфта ҳама шаклҳои сармоягузории маблағҳои муваққатан озодро меноманд. Ба онҳо пул, замин, корхонаҳо, саҳмияҳои ширкатҳо, коғазҳои қиматноки давлатӣ, манзил ва ғайра дохил мешаванд. Дороиҳои ғайрирезидентҳо, ки дар бонкҳо ва иқтисодиёти кишвари мо маблағгузорӣ шудаанд, ӯҳдадориҳои моро ташкил медиҳанд.

Дар қисми «асъори нақди хориҷӣ» зиёд ё камшавии асъори нақди хориҷӣ дар кассаи бонкҳо ва соҳаи ғайрибонкӣ (масалан, дар дасти аҳолӣ) инъикос карда мешавад. «Бақияи ҳисобҳои ҷорӣ ва амонатӣ» (дар қисми дороиҳо) тағйирёбии бақияи маблағҳои пулии дар ҳисобҳои ҷорию амонатӣ доштаи резидентҳо дар бонкҳои ғайрирезидентиро дар бар мегирад. Маблағҳои пулии ғайрирезидентҳо дар бонкҳои мо дар қисми ӯҳдадориҳо сабт мешавад.

Қисми «қарзҳо ва пешпардохтҳо дар соҳаи савдо» фарқи қарзҳои дебеторию кредитории соҳаи савдоро (воридоту содироти молҳою хизматрасонӣ) нишон медиҳад.

Ҳар як кишвар ҳам қарзгиранда ҳасту ҳам қарздиҳанда. Қарзҳои додашуда дар қисми дороиҳо ва қарзҳои ҷалбшуда дар қисми ӯҳдадориҳо инъикос меёбанд. Мутаносибан қарзҳои мӯҳлаташон гузашта низ дар қисмҳои даҳлдори дороиҳо ва ӯҳдадориҳо нишон дода мешаванд.

Ҳамаи маблағгузориҳое, ки ба қисмҳои дар боло нишондодашудаи ҳисоби молиявӣ ворид нагаштаанд, дар қисми «дороиҳои дигар» ё «ӯҳдадориҳои дигар» сабт мешаванд. Ҳуқуқи муаллифӣ, нишони молҳо (товарные знаки), саҳмияҳои худӣ, харҷи корҳои илмию таҷрибавӣ ва ғайра аз ҷумлаи онҳоянд.

Ҳар як кишвар дар қатори дороиҳои дигар захираҳои асъорӣ дорад, ки маблағи онҳо дар тавозуни пардохт сабт шуда, ҳангоми муайян кардани бақияи тавозун ба ҳисоб гирифта мешавад.

Муқоисаи натиҷаи ***ҳисоби амалиёти ҷорӣ*** ва ***ҳисоби амалиёт бо сармоя ва воситаҳои молиявӣ*** натиҷаи тавозуни пардохтро нишон медиҳад. Нобаробарии ду қисми дар боло қайдшудаи тавозун бо истифодаи моддаи «саҳвҳои соф ва таҳрифот»* ва даровардани тағйирот ба захираҳои асъорӣ бартараф карда мешавад.

*Саҳвҳои соф ва таҳрифот (чистые ошибки и пропуски) амалиётеро дар бар мегиранд, ки баҳисобгирии аниқи онҳо ғайриимкон аст. Масалан, ба кишвар ворид кардани молҳо аз ҷониби соҳибкорони хурд, харҷи асъори хориҷӣ ҳангоми сафарҳои хизматӣ, маблағҳои асъории аҳолӣ ва ғайра.

Ҳамин тариқ, натиҷаи тавозуни пардохт нишондиҳандаи самаранокии муносибатҳои асъории кишвар ва вазъи молиявии он буда, барои пешбинӣ кардани чораҳои зарурӣ оид ба бартараф кардани таъсири манфии нобаробарии моддаҳои алоҳидаи

он ба қурби асъор, сохтани шароити мусоид барои вориди сармоя ва пешрафти истеҳсолоту зиёдшавии содироти молу хизматрасонӣ ва ғайра истифода мешавад.

17.6. Касри тавозуни пардохт ва роҳҳои пӯшонидани он

Касри тавозуни пардохт маънои зиёд шудани ӯҳдадориҳои хориҷии кишвару резидентҳоро дорад. Он нишондиҳандаи вазъи молиявии кишвар буда, ба қурби пул ва таваррум таъсири бевосита мерасонад. Аз ин рӯ, ҳукуматро зарур аст, ки барои ба мақсад мувофиқ гардонидани натиҷаи тавозуни пардохт чораҳои дахлдорро пешбинӣ намояд.

Касри тавозуни пардохтро бо роҳҳои зерин пӯшонидан мумкин аст:

1. Касри ҳисоби амалиётҳои ҷории тавозуни пардохтро, ки натиҷаи кам будани содироти молу хизматрасонӣ нисбати воридоти онҳо мебошад, бо роҳи *ташкили шароити мусоиди инвеститсионӣ (сармоягузорӣ)* бартараф намудан мумкин аст, зеро он боиси зиёд ворид шудани сармояи мустақим, хариди коғазҳои қиматноки корхонаҳо, ҳукумат ва дороиҳои дигари ватанӣ мегардад. Сарчашмаи дигари пӯшонидани касри ҳисоби амалиётҳои ҷорӣ фурӯхтани дороиҳои хориҷии резидентҳо (масалан, асъори хориҷӣ, саҳмияҳо, моликият дар хориҷа) мебошад. Албатта, на ҳама вақт ворид шудани сармоя боиси пурра бартараф кардани кас-

ри ҳисоби амалиёти ҷорӣ мегардад, бинобар ин ҳукумат аз сарчашмаҳои дигар низ истифода мекунад.

2. *Истифодаи захираҳои асъории давлат.* Агар сиёсати пулию қарзии давлат ба таъмини устувории қурби пул равона шуда бошад, онро зарур аст, ки барои пӯшонидаи касри тавозуни пардохт аз захираҳои асъорӣ, тиллоӣ ва сангҳои қиматбаҳояш истифода кунад.

Дар ҳолати мусбӣ будани тавозуни пардохту зарурати устувор нигоҳ доштани қурби пул бонкҳои марказӣ қисме аз асъори хориҷии воридшударо харида, захираҳои асъории давлатро зиёд мекунанд. Дар ҳолати манфӣ будани тавозуни пардохту зарурати устувор нигоҳ доштани қурби пул касри тавозуни пардохт метавонад аз ҳисоби кам кардани захираҳои асъории давлат пӯшонида шавад.

Бояд донист, ки истифодаи захираҳои асъории давлат барои пӯшонидани касри тавозуни пардохт ҳудуди муайян дорад. Мӯҳлати дароз манфӣ будани тавозуни пардохту истифодаи захираҳои асъорӣ барои пӯшонидани он метавонад боиси аз сатҳи зарурӣ камтар шудани захираҳои асъорӣ гардад.

Аз ин рӯ, ҳукуматро зарур аст, ки роҳҳои дигари пӯшонидани касри тавозуни пардохтро истифода кунад.

3. *Истифодаи қарзҳои хориҷӣ.* Қарзҳои хориҷӣ сарчашмаи дигари пӯшонидани касри тавозуни пардохт мебошанд. Ҳукумат метавонад аз давлатҳои дигар, ташкилотҳои молиявии байналмила-

лӣ (масалан, аз Хазинаи байналмилалии асъор, Бонки ҷаҳонӣ), сектори хусусӣ ва ё бонкҳои тиҷоратии хориҷӣ қарз гирад. Тавре ки аз тавозуни пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, қарзи он аз Хазинаи байналмилалии асъор 85775,6 ҳазор доллари амрикоиро ташкил медиҳад, ки барои ташкили захираҳои асъории давлату таъмини баробарвазнии тавозуни пардохт сарф шудааст.

Зарур аст, ки қисми бештари қарзҳои ҷалбшуда барои пешрафти соҳаҳои истеҳсолӣ сарф шаванд, зеро ин боиси зиёдшавии истеҳсоли маҳсулоту хизматрасонӣ мегардад. Содироти ин маҳсулот ба хориҷи кишвар ва ё фурӯши он дар дохили кишвар ва аз ин ҳисоб кам кардани воридоти маҳсулот ҳаҷми асъори хориҷиро меафзояд. Чунин амал имкон медиҳад, ки қарзҳои хориҷӣ сари вақт баргардонида шаванд.

Агар қарзҳои хориҷӣ барои додани музди меҳнат, нафақа ё соҳаҳои дигари ғайриистеҳсолӣ сарф шаванд, вазъи молиявии кишвар заиф шуда, қобилияти пардохтпазирии он суст мешавад, ки ба мақсад мувофиқ нест. Илова ба ин, ҷалби қарзҳои хориҷӣ ҳудуди муайян дорад ва вайрон кардани он ба манфиати ҳукумат нест. Давлату ташкилотҳои молиявии ҷаҳонӣ низ ба ин роҳ намедиҳанд.* Бинобар ин ҳукумат метавонад аз усулҳои дигари таъмини баробарвазнии тавозуни пардохт истифода кунад.

*Масалан, солҳои 2000-2006 аз сабаби зиёд шудани ҳиссаи қарзи хориҷӣ дар Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ Хази-

наи байналмилалии асъор ба Ҳукумати Тоҷикистон танҳо гирифтани қарзҳои имтиёзнокро маслиҳат медод.

4. *Дастгирии соҳаҳои содиркунандаи мол ва мамониатсозии сунъӣ дар воридоти мол.* Дар ҳолатҳои алоҳида бо мақсади зиёд кардани содироти молу ба даст овардани асъори хориҷӣ мамлакатҳо аз ҳисоби буҷети худ қисме аз хароҷотҳои соҳаҳои содиркунандаи молро мепӯшонанд. Ин имкон медиҳад, ки содиркунандагон нархи моли худро дар хориҷи кишвар поён бурда, аз фурӯши он фоида гиранд ва ба кишвар асъори хориҷиро ворид созанд.

Дар навбати худ барои кам ворид кардани маҳсулот ба кишвар ва ҳавасмандгардонии истеҳсолоти дохилӣ ҳукумат метавонад аз баъзе чорабиниҳои маҳдудкунанда ба монанди ҷорӣ кардани боҷи гумрукии баланд (пошлина) ва маҳдуд кардани ҳаҷми воридот (квота) истифода барад. Бояд дар назар дошт, ки чунин чорабинӣ хусусияти муваққатӣ дорад, зеро кишварҳои дигар низ метавонанд нисбат ба молҳои аз кишвари мо содиршаванда маҳдудиятҳо муайян кунанд.

5. *Танзими амалиётҳои асъорӣ.* Танзими амалиёти асъорӣ бо роҳҳои зерин амалӣ мегардад: 1) тағйири мизони фоизи бонки марказӣ вобаста ба зарурати вориди сармоя ё маҳдудияти он; 2) хариду фурӯши асъори хориҷӣ аз ҷониби бонки марказӣ дар бозори асъории дохилӣ; 3) тағйир додани таркиби (диверсификатсия) захираҳои асъорӣ;* 4)

муайян кардани режими курби пули миллӣ дар бозори дохилӣ; 5) девалватсия ё ревалватсияи курби пули миллӣ.

*Захираҳои асъории давлат аз ҳисоби асъорҳои хориҷии озодтабдилшаванда ташкил карда мешаванд. Бонки марказиро зарур аст, ки вобаста ба дигар шудани курби онҳо дар бозори ҷаҳонӣ ҳиссаи асъорҳои алоҳидаро каму зиёд кунад. Масалан, агар захираҳои асъории кишвар аз доллари амрикоӣ (50 фоиз), фуит-стерлинг (15 фоиз), евро (25 фоиз) ва иен (10 фоиз) иборат бошад, дар ҳолати поён рафтани курби доллару боло рафтани курби евро бонки марказӣ метавонад қисме аз захираҳои долларирро ба евро табдил диҳад.

Мақсади танзими амалиётҳои асъорӣ таъмини устувории курби пули миллӣ мебошад. Давлат бояд имкон надиҳад, ки курби асъор бо роҳи сунъӣ боло равад, зеро он бар ҳарари резидентҳо мебошад.

Бояд дар назар дошт, ки истифодаи ҳар гуна маҳдудият дар амалиётҳои асъорӣ боиси аз ҷониби кишварҳои дигар ворид кардани чунин маҳдудиятҳо нисбат ба кишвари мо мегардад. Аз ин рӯ, чунин чорабиниҳо бояд муваққатӣ бошанд.

Ҳамин тариқ, давлат метавонад роҳҳои гуногуни пӯшонидани касри тавозуни пардохтро вобаста ба вазъи иқтисодии кишвар, муносибатҳои асъории он бо кишварҳои дигар, ҳамкорӣ бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, зарурати ҳимояи бозори дохилӣ ва ғайра истифода барад.

Мавзӯи 18

МУНОСИБАТҲОИ ҚАРЗИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Зарурати махсусгардонии истеҳсолоту муфид будани истеҳсоли молҳо дар минтақаҳои алоҳида рӯз то рӯз ба раванди ҷаҳонишавии (глобализатсия) иқтисодиёт суръат мебахшад. Пайваста боло рафтани нархҳо дар бозори ҷаҳонӣ ва зарурати кам кардани арзиши аслии маҳсулоту хизматрасонӣ кишварҳои алоҳидаро маҷбур месозад, ки ба ин раванд ҳамроҳ шаванд.

Табиист, ки ҷаҳонишавии иқтисодиёт соҳаҳои савдою хизматрасонии байналмилалиро боз ҳам тараққӣ дод ва зарурати таъмини саривақтии ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ дар ин соҳаҳо боиси зиёдшавии истифодаи қарзу ташкили самараноки муносибатҳои қарзӣ гардид. Аз ин рӯ, омӯзиши моҳияти қарзу ташкили муносибатҳои қарзии байналмилалӣ (бозори сармояи қарзӣ, ташкилотҳои миёнарави молиявӣ-бонкӣ ва ғайра) мувофиқи мақсад мебошад.

18.1. Бозори байналмилалии сармояи қарзӣ

Сармояи қарзӣ гуфта маблағҳои пулиеро меноманд, ки ба мизоҷон ба ивази гирифтани фоиз ва дар мӯҳлати муайян баргардонидани онҳо дода шудаанд. Мавзӯи 12 ба омӯзиши сармояи қарзӣ ва сарчашмаҳои он дар сатҳи кишварҳои алоҳида бахшида шудааст. Ин мавзӯъ ба хусусиятҳои хоси ташкилу фаъолияти бозорҳои байналмилалии сармояи қарзӣ бахшида мешавад.

Бозори байналмилалии сармояи қарзӣ амалиёти зеринро дар бар мегирад: а) қисми амалиёти бозорҳои сармояи қарзии кишварҳои алоҳида (муносибатҳои қарзӣ бо ғайрирезидентҳо);* б) амалиёти қарзию амонатӣ бо асъори хориҷӣ, ки берун аз каламрави мамлакати ин асъорро бароварда иҷро шудаанд.**

*Дар дохили кишвар байни резидентҳою ғайрирезидентҳо муносибатҳои қарзӣ вуҷуд доранд. Масалан, ширкатҳои хориҷии дар каламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда метавонанд аз бонкҳои тоҷикистонӣ қарз гиранд.

**Масалан, амалиёти долларии дар каламрави ИМА иҷрошуда ба ин гурӯҳ дохил намешаванд.

Рушди фаъолияти бозори байналмилалии сармояи қарзӣ аз бозорҳои миллии сармоя шурӯъ шудааст. Аввалан дар онҳо амалиёти қарзии байналмилалӣ иҷро мешуданд. Баробари пешрафти савдои байналмилалӣ ва зиёд шудани амалиёти

асъорӣ зарурати ҷудо кардани амалиёти асъорӣ аз бозорҳои қарзии миллӣ ва бунёди қоидаҳои умумиҷаҳонии ин шакли фаъолият ба миён омад. Ин аст, ки бозорҳои калонтарини сармояи қарзии дар шаҳрҳои Лондон, Париж, Ню-Йорк буда ба бозорҳои байналмилалӣ мубаддал шуданд. Фаъолияти онҳо дар асоси қодаҳои умумии аз ҷониби иштироккунандагони бозор муайянкарда ба роҳ монда шуд. Баъдан, дар баробари зиёд шудани амалиёти қарзии асъорӣ бозорҳои Сюрих, Токио, Брюссел, Баҳрайн ва ғайра ба фаъолият шурӯъ намуданд. Имрӯзҳо вобаста ба пешрафти илм, хусусан пайдоишу истифодаи васеи Интернет дар соҳаи бонкдорӣ, тартиби иҷрои амалиёти қарзии асъорӣ ва фаъолияти бозорҳои сармоя комилан тағйир ёфта истодааст.

Амалиёти қарзӣ дар бозори байналмилалии сармояи қарзӣ аз ҷониби инҳо иҷро мешаванд: бонкҳои марказӣ, ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, ширкатҳои суғуртавӣ, хазинаҳои нафақа, биржа ва ширкатҳо.

Вобаста ба мӯҳлати истифодаи сармояи қарзӣ бозори байналмилалии онро ба се қисм тақсим намудан мумкин аст:

1. *Бозори байналмилалии пул* – бозори қарзҳои кӯтоҳмуддат (аз як рӯз то як сол). Ба ин гурӯҳ қарзҳою пасандозҳои байнибонкӣ, сертификатҳои бонкҳо, векселу розигиномаҳои (аксептҳо) бонкҳо дохил мешаванд.

2. *Бозори байналмилалии қарзҳои миёнамуддату дарозмуддати хориҷӣ* – бозори

қарзҳои мӯҳлаташон аз як сол зиёд. Чунин намуди қарзҳо аз ҷониби бонкҳои хориҷӣ барои пешрафти соҳаҳои истеҳсолӣ, сохтмони иншооту роҳҳо ва ғайра дода мешаванд. Масалан, чӣ хеле ки пештар қайд шуда буд, солҳои 1996-2006 гурӯҳ (консорсиум)-и бонкҳои шветсариягӣ барои маблағгузории кишту истеҳсоли пахта ба корхонаҳои тоҷикистонӣ қарз дод. Бонки венгерӣ низ қарзи дарозмуддатеро ба комбинати шири шаҳри Душанбе дод, ки он мӯҳлати панҷсола дошт. Бонки дигари ҳамин кишвар соли 1998 ба ҳукумати шаҳри Душанбе барои хариди троллейбусҳо қарзи дарозмуддат дода буд.

3. *Бозори байналмилалии молиявӣ* ин бозори коғазҳои қиматнок мебошад, ки нимаи дуюми солҳои 1960-ум ба фаъолият шурӯъ намуда буд. Қарзгирандаҳо-бароварандагони коғазҳои қиматнок ҳукуматҳо, ташкилотҳои байналмилалӣ, ширкатҳои байналмилалӣ (транснациональные компании), ҳукуматҳои маҳаллӣ ва муассисаҳои давлатӣ мебошанд. Онҳо коғазҳои қиматноки худро ҳамчун гарави баргардонидани қарз ба бозор бароварда, ба ивазаш қарз мегиранд.

Ҳоло ҳиссаи асосии қарзҳои байналмилалӣ (тақрибан 80 фоиз) ба қарзҳои аз ҳамин бозор гирифта рост меоянд.*

*Масалан, мувофиқи маълумотҳои Вазорати молияи ИМА (Department of Treasure) соли 2005 қарзи федералии он 2 трлн. доллярро ташкил дод, ки қисми бештари он ба ӯҳдадориномаҳои қарзӣ рост меояд. 50,1 фоизи онҳоро шаҳрвандону кишварҳои хориҷӣ (Ҷопон, Британиёи Кабир, Чин) харидаанд. Илова ба ӯҳдадориномаҳои қарзии ҳукума-

ти ИМА коғазҳои қиматноки ширкатҳои ғайридавлатии ИМА ба маблағи 4 трлн доллар дар дасти хориҷиён мебошад.

www.washprofile.org/ru/node/3521

Дар Тоҷикистон низ аз соли 1997 инҷониб вомбаргҳои Вазорати молия ба фурӯш бароварда шудаанд, ки мақсад аз он ҷалби воситаҳои пулии аҳолӣ барои пӯшонидани касри буҷети давлатӣ мебошад.

Коғазҳои қиматнок (облигации) ба мӯҳлатҳои гуногун (аз 5 то 40 сол) бароварда мешаванд. Онҳо вобаста ба даромаднокӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд: *одӣ, бо фоизи «шинокунанда», бефоиз, табдилшаванда ва опсиондор.*

Коғазҳои қиматноки одӣ беш аз 60 дарсади онҳоро ташкил медиҳанд. Фарқи коғазҳои қиматноки одӣ аз коғазҳои қиматноки дигар ин аст, ки барои тамоми мӯҳлати истифодаи қарз ба дорандагони коғазҳои қиматноки одӣ фоизи дар аввал аниқ муайяншуда дода мешавад.

Фоизи *коғазҳои қиматноки гурӯҳи дуюм (фоизашон «шинокунанда»)* вобаста ба тағйирёбии мизони фоизи бозорӣ дигар мешавад. Қарзгирандагону қарздиҳандагон дар ин амал бештар ба либор (LIBOR – London Inter-Bank Offered Rate) ва ё тағйирёбии нархи молҳои алоҳида (нафт, тилло) дар бозори ҷаҳонӣ такя мекунанд.

Дорандагони *коғазҳои қиматноки бефоиз* даромади худро на ҳар сол, балки танҳо як маротиба дар охири мӯҳлати онҳо мегиранд. Дар асл дорандагони ин намуди коғазҳои қиматнок даромад-

ди муайян мегиранд, аммо на дар намуди фоиз, балки дар шакли кам кардани нархи фурӯши онҳо. Вобаста ба мӯҳлат нархи фурӯши ин намуди коғазҳои қиматнок метавонад 30-40 фоизи нархи дар рӯяшон навиштаро (нархи номиналӣ) ташкил диҳад. Дорандагон дар охири мӯҳлат онҳоро бо нархи номиналиашон бармегардонанд, ки аз нархи фурӯшашон зиёд аст. Фарқи нархҳои номиналию фурӯш фоидаи дорандагони онҳоро ташкил медиҳад.* Илова бар ин, дорандагони чунин намуди коғазҳои қиматнок андоз намесупоранд.

*Масалан, коғазҳои қиматноки мӯҳлатаашон 6-солаи ширкати А, ки нархи номиналиашон 100 сомонӣ мебошад, бо нархи 40 сомонӣ фурӯхта мешаванд. Агар ҳисоб кунем, ки соли 2006 мизони фоизи пасандоз дар бонкҳои тиҷоратӣ 15-20 дарсад буда, рӯй ба пастшавӣ дорад, харидани ин коғазҳои қиматнок фоидаовар аст.

Коғазҳои қиматноки табдилшаванда ба дорандагонашон даромади камтар медиҳанд, вале онҳо ҳуқуқ доранд баъди мӯҳлати муайян коғазҳои қиматнокро ба саҳмияҳои ширкати онҳоро бароварда иваз кунанд, албатта, агар фоизи коғазҳои қиматнок аз дивиденди саҳмияҳо камтар бошад.

Коғазҳои қиматноки опсиондор намуди нисбатан нави коғазҳои қиматноканд, ки хусусиятҳои хоси намудҳои дигари онҳоро ба худ гирифтаанд. Чунин намуди коғазҳои қиматнок ба дорандагонашон ҳуқуқ медиҳад, ки як намуди онҳоро ба намуди дигар иваз намоянд. Масалан, онҳо ҳуқуқ

доранд коғазҳои қиматнокро ба саҳмияҳои ширкат ва ё коғазҳои қиматноки фоизашон «шинокунанда»-ро ба коғазҳои қиматноки одӣ иваз намоянд.

Мақсади баровардани коғазҳои қиматнок ҷалб кардани маблағҳои пулии аҳолӣ ва ҳукуматҳою ширкатҳо мебошад. Ин маблағҳо барои пӯшонидани касри буҷет ва дар ҳаёт татбиқ кардани барномаҳои калони фоиданок сарф мешаванд.

Ҳамин тариқ, фаъолияти бозори байналмилалии сармояи қарзӣ пайваста диғар шуда, ба талаботи замон мувофиқ меғардад. Вобаста ба пешрафти илму техника шаклҳои нави ӯҳдадориномаҳо ва қарзҳо пешниҳод мешаванд, ки мақсади онҳо ҷалби воситаҳои пулии муваққатан озод мебошад. Ин маблағҳои пулӣ ҳамчун қарз барои пешрафти истеҳсолот, савдо ва ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ истифода мешаванд.

18.2. Қарзи байналмилалӣ ва намудҳои он

Қарзи байналмилалӣ гуфта истифодаи сармояи қарзӣ дар муносибатҳои байналмилалии иқтисодии алоқаманд ба муваққатан додани захираҳои молию асъориро меноманд. Истифодаи қарзи байналмилалӣ ба қоидаҳои зерини қарздиҳӣ асос меёбад: баргарданда будани қарз, мӯҳлатнок будани он, фоиздор будани он, таъмин будани он, ба мақсади муайян истифода кардани он.

Қарзи байналмилалӣ вобаста ба хусусиятҳои зерин намудҳои гуногун дорад:

сарчашмаи захираҳои қарзӣ – дохилӣ (қарздиҳӣ ба савдои берунӣ аз ҳисоби захираҳои асъории дохилӣ), берунӣ (қарзгирӣ барои савдои берунӣ аз бонкҳою ширкатҳои хориҷӣ);

қарздиҳанда – давлатӣ, бонкӣ, ширкатӣ (фирменный) – қарзи аз ҷониби ширкатҳои алоҳида додашуда ва қарзҳои ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ;

самти истифодаи қарз – тиҷоратӣ (алоқаманд ба савдои берунӣ ва хизматрасонӣ), молиявӣ (барои маблағгузории бевосита, сохтмони иншоотҳо, хариди коғазҳои қиматнок, баргардонидани қарзҳои пешина, мудохилаи асъорӣ (валютная интервенция);

шакли қарз – молӣ (дар шакли мол аз ҷониби фурӯшандагон ба харидорон), асъорӣ (дар шакли асъори хориҷӣ ё пули миллӣ);

асъори қарз – бо асъори мамлакати қарзгиранда, бо асъори мамлакати қарздиҳанда, бо асъори мамлакати сеюм, бо асъори байналмилалӣ (масалан, СДР – Special Draving Rights);

мӯҳлати қарз – кӯтоҳмуддат (то як сол), миёнамуддат (то панҷ сол), дарозмуддат (аз панҷ сол зиёд).

таъминноки қарз – таъминбуда (бо векселҳо, мол, коғазҳои қиматнок, моликият ва ғайра), таъминнабуда* (бланковые);

*Чунин намуди қарзҳо танҳо бо ӯҳдадориномаи қарздор таъминанду халос.

18.3. Ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ

Ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ – ташкилотҳои асъорию қарзие мебошанд, ки дар асоси шартномаҳои байнидавлатӣ ва бо роҳи муттаҳид кардани захираҳои пулии гурӯҳи мамлакатҳо ташкил шудаанд. Мақсади ташкили онҳо ҳалли масъалаҳои умумӣ ва таъмини пешрафти иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад. Ба ин масъалаҳо дохил мешаванд: амалиёт дар бозори байналмилалии асъор бо мақсади танзими иқтисодиёти ҷаҳонӣ, ҷонибдорию ҳавасмандгардонии савдои байналмилалӣ, танзими муносибатҳои асъорӣ, қарзию молиявии байни давлатҳо, ёрии қарзӣ ба кишварҳои мӯҳтоҷ.

Ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ инҳоянд:

Бонки ҳиссоббаробаркуниҳои байналмилалӣ (Bank for International Settlements – BIS), ки соли 1930 аз ҷониби кишварҳои аврупоӣ таъсис дода шудааст. Мақсади ташкили он мусоидат ба ҳамкории байни бонкҳои марказӣ, таҳлилу назорати иҷрои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, ҳиссоббаробаркуниҳои молиявии байналмилалӣ, омӯзишу коркарди стандартҳои ягонаи назорати бонкӣ ва гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаи муно-

сибатҳои пулию қарзӣ мебошад. Қароргоҳи он дар шаҳри Базел (Швецсария) ҷойгир аст.

Бо таъсиси Хазинаи байналмилалии асъор (соли 1944) қисме аз вазифаҳои Бонки ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ ба ин ташкилоти навтаъсис гузашт. Ҳоло Бонки ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ ба ташкили ҳамкориҳои бонкҳои марказӣ, ташкили ҳисоббаробаркуниҳо, идораи захираҳои асъории қисме аз бонкҳои марказӣ, гузаронидани тадқиқотҳои илмии соҳавӣ, коркарду татбиқи стандартҳои ягонаи назорати бонкӣ машғул аст. Ин бонк ба бонкҳои марказии кишварҳои дигар, аз он ҷумла Тоҷикистон, дар таълими кормандон ва ташкили назорати бонкӣ ёрӣ мерасонад.

Хазинаи байналмилалии асъор (International Monetary Fund) – сохтори махсуси Созмони Милали муттаҳид буда, соли 1944 аз ҷониби 28 мамлакати ҷаҳон таъсис дода шудааст. Ҳоло шумораи аъзои он ба 184 адад расидааст. Қароргоҳи он дар шаҳри Вашингтон (ИМА) ҷойгир мебошад.

Хазинаи байналмилалии асъор вазифаҳои зеринро ичро мекунад:

– мусоидат ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи сиёсати пулӣ;

– вусъат додани рушди савдои байналмилалӣ;

– таъмини суботи курби пулҳои миллӣ;

– мусоидат ба рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ.

Аз соли 1996 инҷониб Хазинаи байналмилалии асъор дар Тоҷикистон чандин барномаҳоро татбиқ кард, ки мақсади онҳо таъмини устувории қурби пули миллӣ мебошад. Ин ташкилот аслан бо бонкҳои марказӣ ҳамкорӣ карда, назорати риояи дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодиро вазифаи худ қарор додааст. Ба таври дигар, онро бонки марказии бонкҳои марказӣ меноманд.

Хазинаи байналмилалии асъор ба кишварҳои қафомонда барои ташкили захираҳои қарзӣ, таъмини устувории пули миллӣ ва пӯшонидани касри тавозуни пардохт қарзҳои имтиёзнок медиҳад. Ҳамаи қарзҳои аз ҷониби ин ташкилот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон додашуда имтиёзнок буда, мӯҳлати дароз доранд.

Бонки ҷаҳонӣ (World Bank) – соли 1944 бо имзои шартномаи Бреттон-Вуд таъсис дода шудааст. Вазифаи асосии он мусоидат ба пешрафти иқтисодиёти кишварҳои қафомонда ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ мебошад. Бонки ҷаҳонӣ ин вазифаи худро бо роҳҳои зерин амалӣ мегардонад: гузаронидани ислоҳот дар соҳаҳои сохтори давлатӣ, маорифу тандурустӣ, савдо, хусусигардонии моликият. Бартарияти ҳамкорӣ бо Бонки ҷаҳонӣ истифодаи қарзҳои камфоизи он мебошад. Аз ҷониби дигар, гирифтани қарз аз ин бонк рейтинги қарзии кишварро боло бурда, боиси ҳавасмандии инвесторони хориҷӣ мегардад.

Бонки ҷаҳонӣ дар ҳайати худ чунин ташкилотҳои молиявиро муттаҳид кардааст: Бонки байналмилалии бозсозӣ ва рушд, Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ, Ассосиатсияи байналмилалии рушд, Маркази байналмилалии танзими даъвоҳо оид ба сармоягузорӣ, Агентии бисёрҷониба оид ба гарави сармоягузорӣ.

Бонки байналмилалии бозсозӣ ва рушд (International bank for reconstruction and development) соли 1946 ба фаъолият шурӯъ намуда, вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

– фаъолияти сармоягузорӣ дар мамлакатҳои мутараққӣ;

– фаъолияти таҳлилӣ ва машваратӣ оид ба масъалаҳои иқтисодӣ;

– миёнаравӣ дар тақсими захираҳо байни кишварҳои пешрафтаю қафомонда.

Қарзҳои бонк танҳо дар асоси гарави ҳукумати кишвар ва барои пешбурди истеҳсолот дода мешаванд. Бонк ҳуқуқ надорад қисми сармоя ё саҳмияҳои корхонаҳоро харидорӣ кунад.

Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (International Finance Corporation) соли 1956 бо мақсади дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии рушди сектори ғайридавлатии иқтисодиёт дар кишварҳои мутараққӣ таъсис дода шудааст. Он бе гарави ҳукуматҳо фаъолият карда, ҳуқуқ дорад дар ташкили корхонаҳо саҳм дошта бошад. Он 25 фоизи арзиши

барномаҳоро маблағгузорӣ карда, ҳуқуқ дорад 35 фоизи саҳмияҳои корхонаҳоро харидорӣ намояд.

Ассосиатсияи байналмилалии рушд (International Development Association) соли 1960 таъсис ёфтааст. Вазифаи он ёрӣ ба мамлакатҳои қафомонда, ки имконияти гирифтани қарз аз Бонки байналмилалии бозсозӣ ва рушдро надоранд, мебошад. Кишварҳое, ки даромади солонаи аҳолиашон камтар аз 865 доллари амрикоиро ташкил медиҳад ба гурӯҳи мамлакатҳои қафомонда дохил мешаванд. Ассосиатсия ба онҳо қарзҳои бефоиз ва дарозмуддат (30-40 сол) медиҳад.

Солҳои 1996-2006 Тоҷикистон аз ҳамин ассосиатсия қарзҳои имтиёзнок гирифтааст.

Маркази байналмилалии танзими даъвоҳо оид ба сармоягузорӣ (International Centre for Settlement of Investment Disputes) соли 1966 бо мақсади ҳалли даъвоҳо байни ҳукуматҳо ва сармоягузорони хориҷӣ таъсис дода шудааст. Марказ инчунин ба сармоягузорони хориҷӣ оид ба ҳалли масъалаҳои зарурӣ маслиҳатҳои ҳуқуқӣ медиҳад. Соле он зиёда аз 30 даъворо баррасӣ мекунад.

Агентии бисёрҷониба оид ба гарави сармоягузорӣ – Multilateral Investment Guarantee Agency (соли таъсисаш 1980) ба расонидани ёрӣ ба мамлакатҳои қафомонда оид ба ҷалби сармояи хориҷӣ машғул аст. Ин ёрӣ бо роҳи ба сармоягу-

зорони хориҷӣ додани гарав аз хатари сиёсӣ (ҷанг, кашида гирифтани моликият, нобасомониҳои шаҳрвандӣ, вайрон кардани шартнома ва ғайра) амалӣ карда мешавад. Агентӣ инчунин ба ҳукуматҳо оид ба ҷалби сармоя маслиҳатҳо медиҳад.

18.4. Ташкилотҳои молиявии минтақавӣ

Ташкилотҳои молиявии минтақавӣ низ ташкилотҳои асъорию қарзие мебошанд, ки дар асоси шартномаҳои байнидавлатӣ ва бо роҳи муттаҳид кардани захираҳои асъории мамлакатҳои минтақаи муайян ташкил шудаанд. Мақсади ташкили онҳо ҷамъи захираҳои озод ва истифодаи онҳо барои пешрафти иқтисоди минтақа ва ҳалли масъалаҳои умумӣ дар соҳаи муносибатҳои асъорӣ мебошад.

Ба ин гурӯҳ *Бонки аврупоии бозсозӣ ва рушд, Бонки аврупоии сармоягузорӣ, Бонки осиёии рушд, Бонки африқоии рушд, Бонки байниамрикоии рушд, Бонки исломии рушд, Бонки Осиёи марказии ҳамкорию рушд, Хазинаи арабии асъор* ва ғайра дохил мешаванд.

Бонки аврупоии бозсозӣ ва рушд (European Bank for Reconstruction and Development) соли 1991 бо мақсади ёрӣ ба мамлакатҳои соҳибистиқлолшуда таъсис дода шудааст. Қароргоҳи бонк дар шаҳри Лондони Британиёи Кабир ҷойгир аст. Бонк бештар хусусияти тиҷоратӣ дошта, ба соҳаҳои

ғайридавлатӣ қарз медиҳад. Тоҷикистон низ дар қатори дигар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ саҳҳомии ин бонк буда, аз қарзҳои он истифода мекунад. Бонки аврупоии бозсозӣ ва рушд дар Тоҷикистон ба ширкати «Оби зулол» ва бонкҳои тиҷоратӣ қарзҳои дарозмуддат додааст. Илова ба ин, ин бонк соҳиби қисме аз саҳмияҳои бонкҳо, аз он ҷумла бонки "Эсхата" мебошад.

Бонки аврупоии сармоягузорӣ (European Investment Bank) муассисаи молиявии Иттиҳоди Аврупоӣ буда, соли 1957 барои дастгирии рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупоӣ таъсис дода шудааст. Маблағҳои асъории он барои таъмини рушди баробарвазни иқтисодиёти кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупоӣ равона шудаанд. Аслан он ба мамлакатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупоӣ қарз медиҳад. Қисми ками қарзҳои он ба мамлакатҳои ҳамкори Иттиҳоди Аврупоӣ, ба монанди Туркия, Булғория ва ғайра дода шудааст.

Бонки осиёии рушд (Asian Development Bank) соли 1966 аз ҷониби кишварҳои осиёӣ (Чин, Ҷопон, Корея ва ғайра) таъсис дода шудааст. Баъдан ба он кишварҳои дигари аврупоӣ (ба монанди Финландия, Фаронса, Олмон) ва осиёӣ, аз он ҷумла Тоҷикистон (соли 1998) ворид шудаанд. Қароргоҳи бонк дар шаҳри Манилаи Кишвари Филиппин ҷойгир шудааст. Бонк беҳ кардани шаронти зисти мардуми минтақаро вазифаи асосии худ дониста,

онро бо роҳҳои зерин амалӣ меғардонад: додани қарзҳои имтиёзнок, ёрии техникӣ, маблағҳои бебозгашт, гаравномаҳо барои қарзҳои аз кишвару ташкилотҳои молиявии дигар гирифташуда, сармоягузорӣ.

Тоҷикистон бо Бонки осиёии рушд ҳамкории зич дорад. Дар ин давра (аз соли 1998 то ба ҳол) Бонки осиёии рушд ба Тоҷикистон ба маблағи зиёд ёрии техникӣ ва қарзӣ расонидааст. Масалан, таъмири роҳҳои Душанбе – Қӯрғонтеппа – Кӯлоб, Душанбе – Ваҳдат – Нуробод – сарҳади Қирғизистон, силсилаи обтаъминкунии ноҳияи Ёвон аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Бо мақсади кам кардани сатҳи камбизоатӣ барномаҳои зиёди дигар дар соҳаҳои Маорифу тандурустӣ иҷро шудаанд. Бонки осиёии рушд то соли 2007 ба Тоҷикистон 56 ёрии техникӣ, 9 ёрии бебозгашт (грант) ва 24 қарз додааст, ки маблаги умумиашон 307.33 млн. доллари амрикоиро ташкил медиҳад (*Нигаред ба* www.asiandevbank.org).

Бонки африқоии рушд (African development bank) соли 1964 аз ҷониби мамлакатҳои минтақаи Африқо бо мақсади мусоидат ба пешрафти иқтисодиёти кишварҳои африқоӣ таъсис дода шудааст. Баъдан қисме аз кишварҳои аврупоӣ ба узвияти он ҳамроҳ шуданд. Аз қарзҳои он аслан кишварҳои қафомондаи африқоӣ истифода мекунанд.

Бонки байниамрикоии рушд (Inter-American Development Bank) соли 1959 бо мақсади дастгирии рушди иқтисодиёти кишварҳои Амрикои

лотинӣ таъсис дода шудааст. Қароргоҳи бонк дар шаҳри Вашингтони ИМА ҷойгир мебошад. Қарзҳои он ба рушди иқтисодиёт, дастгирии корхонаҳои хурду миёна, маорифу тандурустӣ ва инфрасохтор равона шудаанд.

Бонки исломии рушд (Islamic Development Bank) соли 1973 аз ҷониби кишварҳои исломӣ таъсис дода шудааст. Тоҷикистон ба узвияти он соли 1997 (дар маҷлиси солонаи бонк дар шаҳри Конакри, Гвинея) қабул шудааст. Мақсади бонк мусоидат ба рушди иқтисодиёти кишварҳои аъзои он ва ҷаҳони исломӣ мутобиқ ба қоидаҳои шариат мебошад. Ба ҳайати бонк Корпоратсияи исломӣ барои рушди бахши хусусӣ (Islamic Corporation for the Development of the Private Sector), Корпоратсияи исломӣ барои суғуртаи сармоягузорӣ ва қарзҳои содиротӣ (Islamic Corporation for Insurance of Investment and Export Credit), Пажӯҳишгоҳи исломии тадқиқот ва омӯзиш (Islamic Research and Training Institute) дохил мешаванд. Ҳар кадоми ин муассисаҳо вазифаҳои муайяни худро доранд.

Ҳамкории Тоҷикистон бо Бонки исломии рушд соли 1998 шурӯъ шуда, то ба имрӯз давом дорад. Бонк бо қарзҳои бефоизи худ дар пешрафти иқтисодиёти кишвари мо саҳми хоса дорад. Қарзҳои он барои барқарор кардани мактабу касалхонаҳо, сохтмони иншоотҳои нав, хариди таҷҳизот ва мақсадҳои дигар сарф шудаанд. Масалан, қисми зиёди шоҳроҳи Кӯлоб – Хоруғ – Кулма (сарҳади Чин)

аз ҳисоби қарзҳои Бонки исломии рушд сохта шудааст.

Бонки Осиёи марказии ҳамкорию рушд (Centralasian Bank for Cooperation and Development) соли 1995 аз ҷониби кишварҳои Қазоқистон, Қирғизистону Ӯзбекистон таъсис дода шуд. Баъдан ба он Тоҷикистон ҳамроҳ гардид. Қароргоҳи бонк дар шаҳри Алмаатои Қазоқистон ҷойгир шуда, мақсади ташкили он татбиқи барномаҳои калони моҳияти минтақавӣ дошта мебошад. Бонк то ба имрӯз чандин барномаҳоро дар ҷумҳуриҳои ҳамсоя маблаггузорӣ кардааст.

Хазинаи арабии асъор (Arab Monetary Fund) соли 1976 аз ҷониби 20 мамлакати арабзабон (қароргоҳаш шаҳри Работи кишвари Марокаш) таъсис дода шудааст. Мақсади ташкили ин хазина таъмини устувории асъорҳои кишварҳои араб, ҳамоҳанг кардани сиёсати иқтисодию асъории онҳо мебошад.

Ба гурӯҳи бонкҳои минтақавӣ инчунин Бонки байнидавлатӣ (қароргоҳаш дар шаҳри Маскав, Федератсияи Русия), Бонки рушди Евразия (қароргоҳаш дар шаҳри Остонаи Қазоқистон) ва ғайраро ворид намудан мумкин аст, ки аз ҷониби чанд кишвар таъсис дода шудаанду ба иқтисодиёти онҳо хизмат мерасонанд.

ЗАМИМАҲО

Замимаи 1

НАБАҲРАСОЗОНИ ҚОНУНӢ

Дар асрҳои миёна қариб ҳамаи кишварҳои аврупоӣ кам кардани вазни пулро ҳамчун воситаи гирифтани даромади иловагӣ истифода мекарданд. Аз ин рӯ, вазни тангаҳои дар муомилоти ин кишварҳо буда пайваста кам шуда, қурби онҳо поён мерафт. Масалан, дар асри XIII пули миллии Фаронса – ливри турноӣ (Livre tournois) аз 98 гр нуқраи холис иборат буд. Дар асри XVII ба ҳадде расид, ки он 11 гр вазн дошту халос. Мисоли дигар динори испанӣ аст. Сараввал, дар асри VII динор аз 4,225 гр тиллои холис иборат буд. Мусулмонони испанӣ бо ростқавлию поквичдонии худ дар ташкили савдою муомилоти пулӣ ном бароварда буданд, ки шаҳодати он устувории қурби пули миллиашон буд. Дар миёнаи асри XII вазни динор 4 гр тиллои холисро ташкил медод, яъне он каме тағйир ёфта буду халос. Вале баъди аз ҷониби шоҳҳои христианӣ забт шудани Испания (охири асри XII) вазни динор, ки акнун «мараведи» ном гирифта буд, яку якбора то ба 0,91 гр кам шуд. Дере нагузашта тангаҳои тиллоӣ то ба дарачае хурду сабук шуданд, ки ҳукумат маҷбур шуд онҳоро ба тангаҳои нуқрагин, ки 1,69 гр вазн доштанд, иваз намояд. Дар асри XV мараведиро аз муомилот гирифтанд, зеро он ҳамагӣ 0,0975 гр вазн дошта, аз сабаби хурдию сабукиаш дигар ба муомилот хизмат карда наметавонист.

Murray N. Rothbard. What Has Government Done to Our Money? – The Ludwig von Mises Institute, 1980. p.67

Замимаи 2

ЧӢ ХЕЛ ҲАШТЯК ДОЛЛАР ШУД

Дар асри XVIII тангаҳои майдаи мустамликадорони амрикоиро доллар меномиданд. Ҳоло ин номи пули миллии 27 кишвар аст, пешсафии доллари амрикоӣ зиёда аз ним аср боз касеро ба ҳайрат намегузорад.

Калимаи «доллар» шакли вайроншудаи «талер» мебошад. Талер номи тангаи асримиёнагӣ аст, ки соли 1519 дар Олмон ба муомилот бароварда шуда буд. Дар мамлакатҳои гуногун онро ба таври худ – daler, dalar, daaler, talero таллафуз мекарданд. Соли 1873 дар Олмон талер аз муомилот гирифта шуда, ба ҷойи он марка ворид шуд, вале dalar фаромӯш нашуд.

Ин ном дар кишварҳои ба тозагӣ кашфшуда бори дуюм истифода гардид. Дар мавзеъҳои аз ҷониби британиёниҳо ва испаниҳо кашфшуда тангаҳои испанӣ «песо» истифода мешуданд, ки қисми зиёди муҳоҷирон аз рӯи одат онҳоро доллар меномиданд. Пайдоиши аломати ба ҳама шиноси $ низ ба ҳамин вобаста аст. Мафҳуми дарози англисӣ piece of eight (ҳаштяк ё аз ҳашт як ҳиссааш), ки муҳоҷирон ба таври дигар «песо»-ро меномиданд, дар навишт ҳашти хатзада буд. Он баъдан шакли $-ро гирифт.

Соли 1786 ҳангоми ба муомилот ворид кардани пули миллии ИМА ҳукуматдорон қарор доданд, ки одати мавҷударо ба инобат гирифта, ба он номи нешинаро диҳанд.

Соли 1792 як доллар ба 1,6033 гр тилло ё 24,057 гр нуқраи холис баробар буд. Баъди 80 сол (1873) доллари тиллоӣ воҳиди расмии пул эълон шуда, соли 1900 мувофиқи талаби қонун оид ба стандарти тиллоӣ як доллар ба 1,50463 гр тиллои холис баробар карда шуд.

Ин тартиб тахминан 30 сол – то бӯҳрони солҳои 1929-1933 вуҷуд дошт. Баъдан ҳукумат аз ӯҳдаи нигоҳдории баробарии дар боло қайдшуда набаромада, соли 1933 аз

стандарти тиллоӣ даст кашид. Девалвatсияи васеи доллар гузаронида шуд. Мувофиқи қарордод дар бораи захираҳои тиллоӣ, вазни тиллоии доллар то ба 0,88867 гр ё 42 фоиз кам карда шуд. Аз ин баъд унтсияи тиллоӣ* ба 35 доллар иваз мешуд.

**Аз муаллиф*: Дар бозорҳои ҷаҳонии савдои тилло унтсия воҳиди ченакест, ки ба 31,1035 гр тилло баробар аст.

Баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ИМА ба киштвари абарқудрат мубаддал гашт. Мувофиқи нақшаи Маршалл ба Аврупои харобгашта пулҳои зиёди амрикоӣ ворид карда шуд, ки истифодаи долларро ҳамчун асъори асосии захиравии киштварҳои ғарбӣ таъмин намуд. Иқтисодиёти дар натиҷаи ҷанг харобгаштаи мамлакатҳои аврупоӣ паметавонист ба экспансияи асъории ИМА муқобилият кунад. Ҳиссаи доллар дар ҷамъи захираҳои асъорию тиллоии бонкҳои марказӣ торафт зиёд мешуд, зеро дар он вақт ҳамеша имкони ба тилло иваз намудани асъори амрикоӣ (бо қурби қопунан муайяншуда) мавҷуд буд.

***Аз муаллиф*: Ҷорҷ Маршалл вазири корҳои хориҷии ИМА дар он давра буд.

Вале нимаи дуюми солҳои 1960-ум эътибори доллар ҳамчун асъори қурбаш устувор коста шуд. Бекурбшавӣ (девалвatсия)-и навбатии доллар боиси болоравии таваррум ва дефитсити тавозуни пардохти ИМА гардид. Охири соли 1971 ба ивази унтсияи тиллоӣ аллакай 38 доллар медоданд, вазни тиллоии доллар бошад, то 0,818513 гр ё қариб 8 фоиз кам карда шуд. Баъди чанде (камтар аз як сол) ивази доллар ба тилло қатъ гардид. Аз ин баъд бекурбшавии доллар боз ҳам вусъат ёфт. Соли 1973 қурби доллар боз 10 фоиз кам карда шуд. Нархи унтсияи тиллоӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ то ба 150 доллар* расид.

*Имрӯз (соли 2007) барои як унтсияи тиллоӣ 725 доллар медиҳанд, яъне дар 100 сол қурби доллар дах маротиба поён рафт.

Вале то лаҳзаи қатъи ивази доллар ба тилло он аллакай ба боварии мардуми ҷаҳон даромада, дар бисёр мамлакатҳои дунё ҳамчун асъори дуюми ғайрирасмӣ эътибор пайдо карда буд. Солҳои охир қисме аз кишварҳои Амрикои лотинӣ онро ҳамчун асъори асосӣ қабул карданд.

Илова ба асъори амрикоӣ 26 мамлакати дигар низ, аз он ҷумла Канада, Австралия, Зеландияи Нав ба асъорашон номи «доллар»-ро додаанд. Қисми зиёди мамлакатҳое, ки ҳоло ба гурӯҳи долларӣ дохил мешаванд, баъди озод шудан аз мустамликаи Британиёи Кабир барои асъорашон номи доллярро интихоб кардаанд. Масалан, баробари аз мустамликаи Британиёи Кабир озод шудан (соли 1857) доллари канадагӣ воҳиди расмии асъори Канада эълон шуд. Ҳоло ҳам дар қисме аз бонкнотаҳои канадагӣ акси шоҳи Британиёи Кабир – Елизабетаи II чоп дода шудааст. Чӣ хеле ки маълум аст, Австралияю Зеландияи Нав низ мустамликаҳои собиқи Британиёи Кабир буданд.

Доллари сингапурӣ яке аз дастовардҳои охирини гурӯҳи долларӣ мебошад. Пулҳои сингапурии соли 1967 ба муомилот воридшуда бо акси гулҳо, паррандаҳою киштиҳо бисёр зебоанд. Аммо бонкнотаҳои ҳозираи амрикоӣ шакли дилбазан доранд. Шакли пулҳо аз аввали аср бетағйир мондааст, рангҳои асосӣ «ҳира» дар рӯи пул ва «сабз» дар пушти он мебошанд. Ҳамаи пулҳо ҳаҷми якхела (157х66 мм) доштаа, бо акси президент аз ҳам фарқ мекунанд.

Шӯҳрати оммавӣ ва осонии сохтани доллар боиси он гардид, ки миқдори доллархои қалбакӣ хеле зиёд шуд. Дар баробари ин, то вақтҳои охир доллар яке аз асъорҳои аз ҳама беҳимояттарин буд. Чопи доллархои нав (соли 1996) вазъиятро бисёр тағйир надод, зеро рамзҳои нави ҳимоявӣ барои набаҳрасозон монеаи ҷиддӣ нашуданд.

Алексей Байбаков, Рӯзноман «Коммерсант» № 13 аз 04.04.2001.

Замимаи 3

John Carvel, social affairs editor
Monday, January 27, 2003
The Guardian, United Kingdom

АЗ ДИДАНИ РӮЙНАВИШТИ СУРАТҲИСОБАТОН ДАР ҲАРОСЕД? ШУМО ТАНҲО НЕСТЕД

Агар ҳангоми гирифтани рӯйнавишти суратҳисоби бонкиатон шумо худро бемор ҳис кунед ва ё ҳангоми ба почтаатон омадани талабномаи пулгирӣ саратон чарх занад, донед, ки на танҳо шумо аз ин дар азобед.

Тадқиқотгарони Донишгоҳи Кембриҷ (University of Cambridge) дар байни ҳазор нафар пурсиш гузаронида, дар панҷяки онҳо нишонаҳои психологию ҷисмониеро ошкор намуданд, ки аз мавҷудияти ваҳми молиявӣ (financial phobia) шаҳодат медиҳад.

Ҳангоми бо пул муносибат кардан дили қариб нисфи ваҳмзадагон ба тапиши сахт шурӯъ мекунад, 15 фоизи онҳо мондашавӣ, 12 фоизашон худро нохинҷор ҳис мекунанд, сари 11 фоизашон чарх мезанад.

Ҳамин тариқ, тадқиқотгарон ба хулоса омаданд, ки зиёда аз 9 миллион нафар ё 20 фоизи аҳолии Британиёи Кабир аз ваҳми молиявӣ дар азобанд. Хусусан, ваҳмзадагон дар байни занону ҷавонон бештаранд.

Вақте ки ин одамон бо пул ва коғазҳои қиматнок сару кор мегиранд (масалан, ҳангоми тафтиши бақияи суратҳисоби бонкиашон), онҳоро хиссиёти бекарорӣ, ғамзадагӣ ва гунаҳгорӣ пахш мекунад. Ҳол он ки гап дар бораи камбудиҳои молиявӣ намеравад, ин танҳо назорату идоракунии пули шахсӣ асту халос.

Олимон аз кормандони сохаҳои молиявӣ, хусусан бонкҳо, талаб мекунанд, ки патичаи тадқиқотро ба инобат гирифта, ҳангоми муносибат бо мизоҷон халиму эҳтиёткор бошанд.

www.guardian.co.uk 27.01.2003

Замимаи 4

ПУЛИ ҶАҲОНӢ

То саршавии Ҷанги якуми ҷаҳон вазифаи пули ҷаҳониро фунт-стерлинги Британиёи Кабир иҷро мекард. Аммо баробари пуркувват шудани вазъи иқтисодии Фаронса, ИМА-ю Олмон ва ба муомилоти байналмилалӣ ворид шудани асъорҳои онҳо фунт-стерлинг ин вазифаро аз даст дод. Аз соли 1918 сар карда то саршавии Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ барои ба ин вазифа соҳиб шудан франки Фаронса, доллари ИМА ва фунт-стерлинги Британиёи Кабир ба ҳам қувваозмоӣ карданд. Аввали солҳои 30-юм маркаи немисӣ низ ба мусобиқа ҳамроҳ шуд, вале патиҷаҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон онро тамоман бекурб кард.

Британиёи Кабиру Фаронса аз ҷанг ғолиб баромада бошанд ҳам, вазъи иқтисодию сиёсиашон хеле вазнин буд. Аз як тараф, иқтисодиёташон хароб шуда бошад, аз тарафи дигар, онҳоро хатари ба муборизаи озодихоҳӣ бархостани мустамликаҳои бепуморашон таҳдид мекард.

Танҳо ИМА – ягона кишвари абарқудрат аз ҷанг боз ҳам пуркувваттар шуда баромад. ИМА тавонист дар муддати кӯтоҳ флоти ҳарбӣ ва қувваҳои ҳавоии калонтаринро дар ҷаҳон ташкил кунад. То Ҷанги дуюми ҷаҳон флоти баҳрии Британиёи Кабир ва қувваҳои ҳавоии Олмон нисбатан буданд. Илова ба ин, ИМА истеҳсоли яроқи атомиро ба роҳ монд. ИМА дар соҳаи иқтисодӣ ба маркази калонтарини қарздиҳии ҷаҳонӣ мубаддал шуд. Дере нагузашта иқтисодиёти ин кишвар зиёда аз нисфи иқтисодиёти умумиҷаҳониро ташкил дод. Ба ИМА аз чор се ҳиссаи захирахои тиллоии бонкҳои дар ҷаҳонбуда рост меомад. Баъди анҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳон доллар дар қатори асъорҳои дигар тиллоро низ аз муомилоти ҷаҳонӣ танг карда баровард ва ба воситаи ягонаи савдои байналмилалию маблағгузорӣ мубаддал гашт.

Танҳо баъди солҳои 90-уми асри XX баробари доллари ИМА йени Японию маркаи Олмон ва баъдан евро дар муомилоти байналмилалӣ истифода шуданд. Вазъи ногувори иқтисодиёти ИМА ва пастравии курби доллар дар бозори ҷаҳонӣ солҳои 2002-2007 мавқеи евроро хеле мустаҳкам кард.

*****

Замимаи 5

СИФАТИ ТИЛЛО

Дар замонҳои ниҳоят қадим одамон тиллою нуқраро намешинохтанд, бинобар ин барои дарёфташон кӯшиш ҳам намекарданд. Талабот ба ҷавоҳироти тиллоию нуқрагин вақте пайдо шуд, ки одамон ба камбағалу доро ҷудо шуданд. Ба дороён нишонаи фарқкунандае лозим буд, ки дорой ва ба табақаи дигар мансуб буданашонро нишон диҳанд. Аз ин рӯ, дар давлатҳои қадимаи Мисру Бобул ва дигар манотиқи шарқию ғарбии олам ҳаҷми истеҳсоли тиллою нуқра зиёд шуд. Ҳоло ҳар як шахс, хусусан заноҳо, ҷаҳд мекунанд, ҷавоҳироти тиллоию нуқрагини зиёд дошта бошанд, зеро ин на танҳо воситаи зинат, инчунин роҳи ҷамъи дорой мебошад.

Нишондиҳандаи сифати тиллою нуқра ин тамғаи дар зевар мавҷудбуда мебошад. Дар дунё ду намуди тамғабандӣ мавҷуд аст: каратӣ ва метрикӣ:

1. Дар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, аз он ҷумла Тоҷикистон, тамғаи метрикӣ ҳамчун нишондиҳандаи сифати зеварҳои тиллоӣ истифода мешавад. Дар доҳили тамға ададҳои 375, 500, 585, 750, 958 барои зеварҳои тиллоӣ; 800, 830, 875, 925 ва 960 барои зеварҳои нуқрагин; 950 барои тиллои сафед (платина); 900, 995, 999 барои танғаҳои тиллоии хотиравию маросимӣ истифода мешавад, ки миқдор ё фоизи филизро дар ҳамбаста (сплав) нишон медиҳад. Масалан, тамғаи 750 маънои онро дорад, ки дар таркиби зевар 75 фоиз тилло ва бокимонда филизҳои дигаранд ё ба таври дигар аз 1000 ҳиссаи зевари тиллоӣ 750 ҳиссааш тиллои холис аст.

2. Дар мамлакатҳои гурӯҳи дуюм (хусусан кишварҳои аврупоӣ) ҳамчун нишондиҳандаи сифати филизҳои қиматбаҳо тамғаи «каратӣ» истифода мешавад. Дар доҳили тамға ададҳои 9, 14, 18, 22 ё 24 навишта шудааст. 1 карат ба 41,666 метрика баробар аст. Аз ин рӯ, зеварҳои тамғаи мет-

рикии 750 ва тамғаи каратии 18 дошта сифати якхела доранд.

Азбаски тиллои холис бисёр мулоим аст, он дар саноати ҷавоҳиротсозӣ истифода намешавад. Таркиби қисми зиёди ҷавоҳирот аз се филиз – тилло, нукра ва мис иборат аст. Ҷавоҳироте низ хастанд, ки дар таркиби онҳо илова ба тилло, нуқраю мис инчунин никел, синк, палладий ва платина мавҷуд аст. Агар ранги аслии тилло зарди баланд бошад, ранги ҷавоҳироти тиллоӣ аз ҳиссаи филизҳои номбаршуда дар таркиби он вобаста мебошад. Масалан, бо тағйир додани ҳиссаи нуқраю мис ранги ҷавоҳиротро аз зарди камранг то сурх дигар кардан мумкин аст. Аз ҷумла, барои истеҳсоли тиллои сафед ба таркиби он никел ҳамроҳ мекунанд.

*****

Замимаи 6

ПЛАТИНА

Шаҳри мо ҳангоми вучуд доштани СССР-и пурҳашамат бо сабаби заводҳои ҳарбии зиёд доштанаш барои тамоми хориҷиён пӯшида буд. Дар заводи ҳамсоя марде кор мекард. Дар бораи он, ки чӣ тавр ӯ ба ин завод ба кор омадааст, нақлҳои зиёд аст. Аз ҳама маъмулаш чунин аст: ӯ боре аз кӯҳ барои харидани намак ба шаҳр мефарояд, вале пулаш камӣ мекунаду бо мақсади пулёбӣ ба кор медарояд. Бо мурури замон пурра ба шаҳр кӯчида сокини он мешавад. Акнун худи ҳодиса.

Ин мард бо ҳар роҳ аз завод тӯрҳои бисёри сурохиҳои майда доштаи симинро мебарорад, то барои харгӯшхояш хонача созад. Ҳамин тариқ, тӯрҳоро дуздида хоначаро месозад. Аз худ бисёр розӣ ....

Баъди чанд рӯз ба завод гурӯҳи калони кормандони вазоратҳои амният корҳои дохилӣ ва ғайра меоянд. Чӣ ҳодисае рӯй додааст. Гӯё дар завод дуздии калоне шудааст, ки маблағи он даҳҳо миллион рублро (бо арзиши онвақта 13-15 млн. доллари ИМА – Ш.Р.) ташкил медиҳад. Албатта, барои он мард ҳам ачиб аст: кӣ бошад оне, ки ин қадар моликияти мардумро дуздидааст? Вале баъди чанде ӯ кӣ будани дуздро донист. Баъди ду рӯз ӯро баста ба назди харгӯшҳояш бурданд. Эҳ, агар он харгӯшҳо медонистанд, ки дар чӣ хел хонаи қиматбаҳое зистаанду зиёд шудаанд. Тӯрҳос, ки ин мард дуздида буд, платинӣ буданд.

Ҳодисаҳои ачиб www.anekd.net 20.11.2001

Платина – филизи қиматбаҳоест, ки нархи он дар бозори ҷаҳонӣ аз нархи тилло чандин маротиба боло аст, онро тиллои сафед ҳам мегӯянд – *муаллиф*.

*****

Замимаи 7

БАРТАРИИ ПУЛҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ

Камбудиҳои истифодаи бонкнотаю тангаҳо дар арзиши баланди истеҳсол ва аз набаҳрасозон ҳимоя кардани онҳост. Танҳо дар ИМА Бюрои истеҳсоли бонкнотаҳою тангаҳои он (U.S. Bureau of Engraving and Printing) ҳар рӯз 37 млн. бонкнотаҳои арзиши номиналиашон гуногунро ба маблағи 696 млн.доллар аз чоп мебарорад, ки 95 фоизи он барои ивазкунии бонкнотаҳои фарсудашуда истифода мешавад.

Ҳисоб шудааст, ки новобаста аз истифодаи маводи пуркуввати ҳозиразамон бонкнотаи 1 доллара ба ҳисоби миёна 22 моҳ хизмат мекунаду халос. Бояд ба инобат гирифт, ки имрӯзҳо дар муомилоти пулии ҷаҳонӣ 540 млрд. доллари ИМА истифода мешавад.

То ҳол роҳи дурусту безарари нобуд кардани бонкнотаҳои фарсудашуда мавҷуд нест. Масалан, баъди пайвастани ду Олмон тангаҳои подаркори Ҷумҳурии Демократии Олмонро ба шахтаҳои бекормонда реҳтанд. Бонкнотаҳои коғазиро сӯзонидан мумкин нест, зеро он боиси зарарраосонӣ ба муҳиту фазои атроф мегардад. Онҳоро ба замин гӯр кардан низ зарарнок аст, зеро аз маводҳои сахти ҳалнашаванда сохта шудаанд, ки дахсолаҳо дар таги замин бетағйир меистанду ба ҳосилнокии он таъсири манфӣ мерасонанд. Илова ба ин, бонкнотаҳо, ки аз даст ба даст мегузаранд боиси паҳншавии касалиҳо мегарданд. Хушбахтона, истифодаи пулҳои электронӣ ин камбудиҳоро аз байн мебарад.

www.washingtonprofile.org 07 july 2003

Замимаи 8

Ин ҳодиса дар сайти интернетӣ чоп шудааст. Ҳангоми хондани он ба масъалаҳои зерин диққат диҳед: ҳамкорӣ, дӯстии одамон, дастгирии якдигар, нархнома, чек, истифодаи кортҳо, мавҷудияти қонуни алоҳида оид ба истифодаи онҳо, поквичдонии пешхизмат, нақши адвокат, истифодаи дониши ӯ, ноутбуку принтер дар сумкача, асоси қонунӣ пайдо кардани ҳимояи манфиати мехмонон, роҳи ҳалли проблема, ба манфиати худ истифода кардани вазъияти пайдошуда, тақсими чубронпулӣ, андоз аз чубронпулӣ.

ГАРДИШИ ФАЛАК

Соли 2000, шаҳри Ню-Йорк. Ман бо занам дар Амрико. Моро одамони латиф, шарики кориам – Чезари ва чияни ӯ Марселла хамрохӣ мекунанд. Онҳо амрикоиҳоеанд, ки решаи итолиёӣ доштаанд, ҳанӯз бобои онҳо ба ин ҷо кӯчидааст. Мо бо Чезари ба корҳои худ машғул будем, занаму Марселла мағозаҳоро меомӯхтанд. Марселла мустақилона забони русиро меомӯхт ва бисёр хурсанд буд, ки имкон дорад забони гуфтугӯии худро сайкал дихад.

Бегтарин рӯзи баҳор, ман бо хоҳиши том ҳамаро ба ресторан даъват мекунам. Аз Чезари хоҳиш кардам, ки моро ба ресторани аз ҳама бегтарин ва дӯстдоштааш барад. Ресторани итолиёис, ки Чезари моро ба он ҷо овард, бисёр ором буд. Истеъмоли хӯрокҳои болаззату шароби бегтарин, шунидани мусиқию нӯшидани қаҳва бо коняк ба ман кайфияти хоса бахшид. Ҳангоми сӯҳбат бо дӯстон ман аз пешхизмат хоҳиш кардам, ки ҳисобӣ кунад. Хушҳолиам ҳадду канор надошт. Духтараки пешхизмат нархномаро овард. Баъди мутолиаи он ман корти бонкиамро бароварда ба ӯ додам.

Баъди чанд дақиқа пешхизмат чекро овард, ки ман ба он имзо гузошта, боз ба хаёлҳои ширин фурӯ рафтам. Духтарак рафт, вале тез баргашта бо чеҳраи нигувор аз ман

ҳуҷҷат пурсид. Чунин ҳол дар Амрико бисёр кам воме-хӯрад, ман ҳайрон шуда бошам ҳам, инро нишон надода, ба ӯ шиносномаи хориҷиамро додам. Пешхизмат рафт.

Акнун ӯ аз пештара дида тезтар баргашт, вале танҳо не, бо ҳамроҳи муҳофизаткунанда ва дарҳол ба айбдоркунии ман шурӯъ намуд. Ӯ манро барои кӯшиши истифодаи корти қарзии шахси дигар айбдор мекард. Дар Амрико истифодаи корти бонкии шахси дигар ҷиноят вазнин ҳисобида шуда, барои он мӯҳлати дарози ҳабс муайян шудааст.

Духтараки пешхизмати бисёр латиф дар чанд лаҳза ба шахси нурғазаб мубаддал шуда буд ва кӯшишҳои ба ӯ фаҳмондани вазъияти бавуҷудомада натиҷа намедоданд. Муҳофизаткунанда бошад, аллакай бо ратсия полисро чеғ мезад.

Оҳиста-оҳиста ман ба вазъияти пайдошуда сарфаҳм рафта, дохили сумкачаи занамро мекобам. Аниқ. Корти бонкии ман дар сумкачаи занам буд. Ман бошам, аз ҳамёнам корти ӯро бароварда ба пешхизмат додаам. Кортҳо чун ду қатраи об ба ҳам монанд буданду дар куҷое иваз шудаанд. Танҳо имзоҳо фарқ мекарданд, фамилияҳои ману занам низ гуногунанд. Бисёр кӯшиш мекардам, ки вазъияти бавуҷудомадаро ба пешхизмат фаҳмонам, вале бенатиҷа буд.

Ногаҳон Марселла ба ман дод зад, бо забони русӣ: «Даматро гир, аз ин баъд танҳо ман гап мезанам». Бо ин суханҳо Марселла аз сумкачаи на чандон калони худ, ки дар ин се рӯзи бо мо гаштанаш доимо бо ӯ буд, ноутбук – компютерчаи дастиро бароварда ба чопи ҷумлае шурӯъ намуд.

Тақрибан баъди се дақиқа ӯ аз чопкунак (принтер) варақеро бароварда аз ману занам хоҳиш кард, ки онро имзо намоем. Ман каме дар ҳайрат мондам, вале Чезари бо аломати тасдиқ сар ҷунбонд, ки маъноаш чунин буд: ба Марселла бовар кун, ӯ чӣ кор карданашро медонад. Мо ба чизе сарфаҳм нарафта коғазро имзо мекунем ва Марселла бо овози хоса эълон мекунад: «Ман, Марселла Сентинелли, адвокати литсензиядоштаи Штати Ню-Йорк аз ин лаҳза манфиати ин ҷанобони хориҷиро ҳимоя мекунам. Ҳар коре, ки ман

мекунам, бо мақсади ҳимояи манфиати онҳо ва дар асоси супориши онҳо карда мешавад!»

Оҳо, гардиши фалакро бубинед. Марселла дар ин вақт нишаста ба чопи боз як ҳуҷҷати дигар машғул мешавад, овози пешхизмат дигар намебаромад, дар толор политсайҳо бо директори ресторан пайдо мешаванд. Хеҷ кас гайрат намекунад, ки чизе гӯяд. Сардори патрули политсейҳо даҳонашро кушода чизе гуфтанӣ мешавад, вале Марселла боз эълон мекунад: «Ман, Марселла Сентинелли, аз номи мизоҷони худ соҳибони ресторанро дар вайрон кардани қонуну қонуниятҳои зерини Штати Ню-Йорк гунаҳгор мехисобам:

– Шумо мизоҷони манро барои истифодаи ғайриқонунии корти бегона гунаҳгор кардед;

– Шумо имконият надодед, ки мизоҷони ман хатои кардаашонро ислоҳ намоянд;

– ва гайраву ва ҳоказо.

Ҳамагӣ Марселла ҳашт банди гунаҳгоркуниро номбар кард, ки ҷарима барои вайрон кардани онҳо на каму на зиёд, ду миллион долларро ташкил медод. Баробари аз ҷониби ӯ хондани аризаи айбдоркунӣ андомии директор дигар мешуд, «чоғаш пайваста поён рафта, кариб ба замин мерасид». Тақрибан баъди ду дақиқа директор дастафшонӣ намуда, бо забони итолиёвӣ чизе гуфт ва аз куҷое ду пешхизмат бо коняки хеле қимат ва лаълии пур аз мева пайдо шуда, онҳоро ба назди мо гузоштанд. Ҳамааш аз ҳисоби ресторан.

Директор аз политсайҳо барои ин нофаҳмӣ бахшиш пурсида, онҳоро ба хӯрдани хӯроки нисфирӯзӣ даъват кард. Баъди он дурудароз худро сафед карда, барои камбудии кормандонаш бахшиш пурсид ва Марселларо ба кабинеташ даъват кард.

Марселла баъди 15 дақиқа баргашта боифтихор ба ман шартномаи сулҳро (бо директори ресторан) нишон дод. Мутобиқи ин ҳуҷҷат ресторан розӣ ҳаст, ки ба ӯ 50000 доллар чубронпулӣ дихад. Илова ба ин то охири умр ҳан-

гоми истифодаи ин ресторан арзиши хӯроку нӯшокиҳои истифодакардаи Марселла 30 фоиз кам карда мешавад. Илова ба ҳамаи ин харҷи имрӯзаро ресторан ба ӯҳдаи худ гирифтааст.

Вақти хайрухуш Марселла аз ман рақами суратҳисоби бонкиамро пурсид ва ваъда дод, ки нисфи маблағи ҷуброппулиро ба он мегузаронад. Ана ҳамин хел.

Аз ҳама аҷибаш ин, ки баъди як моҳ ба ҳисоби ман 16814,76 доллар ворид шуд. Фарқи байни 25000 доллари ваъдагӣ ва маблағи воридшударо андозҳои Штати Ню-Йорк ташкил додаанд.

Ҳодисаҳои аҷиб. www.anek.ru 11.02.2002

Замимаи 9

Дункан Грем-Роу

ТЕЛЕФОНИ ДАСТӢ ҲАМЧУН ҲАМЁН, ЧИПТА ВА ШИНОСНОМА

17 декабри соли 2003 дар Ҷопон озмоиши истифодаи телефонҳои дастӣ барои пардохти арзиши молҳо, чиптаи кино ва роҳпулӣ шурӯъ шуд.

Ширкатҳои Sony ва NTT DoCoMo дар якҷоягӣ телефонҳои дастиеро ихтироъ кардаанд, ки дар дохилашон корти бонкӣ ҷой дода шудааст. Барои пардохти пул басанда аст, ки дорандаи чунин телефон онро ба мошини баҳисобгиранда наздик орад. Ҳамин тариқ, ин навоварӣ мушкилоти бо худ гардоиидани чиптаҳои коғазӣ ва кортҳои бонкиро ҳал менамояд.

Озмоиш дар Ҷопон то тобистони соли 2004 давом карда, дар ин вақт ҳазорҳо кормандони 25 ширкатҳои дар он иштироккунанда бо телефонҳои махсус пули чиптаро дода, дар майдонҳои ҳавоӣ аз қайд мегузаранд.

Бо корти бонкӣ додани пули чипта дар дохили автобусҳо ҳанӯз аз соли 1998 истифода мешавад. Фарқияти шакли нави ҳисоббаробаркунӣ аз он иборат аст, ки баъди пардохт чеки он дар хотираи телефон нигоҳ дошта мешавад.

www.newscientist.com 16.12.2003

Замимаи 10

АМАЛИ БОШУУРОНАЮ СУДМАНД

Марк Хэнсен (Mark Victor Hansen) ва Роберт Аллен (Robert G. Allen) муаллифони китоби «Миллионер дар як дақиқа: Роҳи осонтарини бойшавӣ / The One Minute Millionaire: The Enlightened Way to Wealth» ҳисоб кардаанд, ки барои миллионер шудан ҳар рӯз ба суратҳисоби бонкии худ гузоштани як доллар (дар як моҳ 30 доллар) басанда аст. Агар бонк ба шумо 3 фоизи солона диҳад, пас барои миллионер шудан 147 сол лозим аст, агар фоизи бонк 5 фоиз бошад – 100 сол. Баъзан бонкҳо 15 фоиз ҳам медиҳанд, ки он гоҳ барои миллионер шудани шумо 40 сол басанда аст.

www.washingtonprofile.org. 09 июли соли 2003.

Соли 2003 фоизи пасандозии бонкҳои тиҷоратӣ дар Тоҷикистон то ба 20 фоиз баробар буд. Ҳамин сол, қонуни амнистияи пулҳои бо роҳҳои ғайриқонунӣ ба даст овардаи шаҳрвандон қабул шуд. Мувофиқи он шахсони дар давоми ду моҳ маблағҳои пулии нақди худро ба бонкҳои тиҷоратӣ гузошта ва ё аз хориҷа ба суратҳисоби худ гузаронида аз ҷавобгарӣ озод буданд. Дар натиҷа, ба бонкҳои тиҷоратӣ зиёда аз 500 млн. сомонӣ (мутобиқ ба 170 млн. доллари ИМА) ворид шуд.

Мувофиқи ҳисобҳои муаллиф, агар шахсе дар бонк 210000 доллар бо 20 фоизи солона пасандоз карда бошаду фоизи ҳармоҳаи он ба болояш зам шавад, баъди 10 сол бе гузоштани маблағи иловагӣ соҳиби 1097664 доллар ё ба таври дигар *миллионер* мешавад.

*****

Замимаи 11

Таъсиррасонии ҳукумат метавонад манфӣ ва ё мусбӣ бошад. Масалан, ситонидани ҷаримаҳо ва бо ин восита таъмин кардани иҷрои қоидаҳои умумиҷамъиятӣ яке аз вазифаҳои сохторҳои дахлдори ҳукуматӣ мебошад. Дар кишварҳои алоҳида тартиби гуногуни ҷаримаситонӣ мавҷуд аст. Дар Тоҷикистон ҳаҷми ҷарима ба маблағи чандкаратаи музди меҳнати минималӣ баробар карда мешавад. Дар қисме аз мамлакатҳо он аз даромади солонаи гунаҳгор вобаста аст. Барои мисол:

ҶАРИМА 170 ҲАЗОР ЕВРО

Юсси Салонойяи 27-сола, ки фарзанди соҳиби яке аз ширкатҳои калонтарини истеҳсолкунандаи маҳсулоти ҳасибӣ дар Финляндия мебошад, қоидаи ҳаракати роҳро вайрон кард. Ӯ дар дохили шаҳр ба ҷойи 40 км. бо суръати 80 км. дар як соат мошин ронда, ба ақидаи нозирони роҳ хатари ба садама дучор шуданро ба миён овард. Политсияи шаҳри Хелсинки барои ин гуноҳ аз ӯ ҷарима ситонид. Азбаски соли 2002 даромадҳои солонаи Юсси тақрибан 10 млн. евро буданд, маблағи ҷарима 170 ҳазор евроро ташкил дод.

www.bbc.uk.co 11.02.2004.

Замимаи 12

The Value Of Money
(Арзиши пул)

It can buy a House / Бо он метавонӣ хона бихарӣ,

But not a Home / аммо на муҳити онро.



It can buy a Bed / Бо он метавонӣ кати хоб бихарӣ,



But not Sleep / аммо на хобро.



It can buy a Clock / Бо он метавонӣ соат бихарӣ,



But not Time / аммо на вақтро.



It can buy you a Book / Бо он метавонӣ китоб бихарӣ,

But not Knowledge / аммо на донишро.



It can buy you a Position / Бо он метавонӣ вазифа бихарӣ,



But not Respect / аммо на эътироф ё ҳурматро.



It can buy you Medicine / Бо он метавонӣ дору бихарӣ,





But not Health / аммо на саломатиро.



It can buy you Blood / Бо он метавонӣ хун бихарӣ,



But not Life / аммо на ҳаётро.



So you see money isn't everything. And it often causes pain and suffering. I tell you this, because I am your Friend, and as your Friend I want to take away your pain and suffering! So send me all your money and I will suffer for you!

Cash only please.

Тавре ки мебиисд, пул мӯъҷиза нест. Он дар аксари ҳолатҳо боиси дарду азоб аст. Ман инро ба Шумо барои он мегӯям, ки дӯстатон ҳастам ва ҳамчун дӯст мехоҳам дарду азобро аз Шумо дур кунам. Аз ин рӯ, ҳамаи нулҳои худро ба ман фиристед, ман ба ҷойи Шумо азоб мекашам. Пули нақд диҳед, беҳтар аст.

www.freefunpages.com 24.04.03 / *Тарҷумаи муаллиф.*

Замимаи 13

Дар ҷаҳони имрӯза қариб ҳама чиз арзиши пулӣ дошта, хариду фурӯш мешавад. Чизҳои мавҷуднабуда низ метавонанд ҳамчун мол баромад кунанд. Масалан, ҳуқуқи истифодаи замин, ҳаво, партови газҳои заҳролуд ба фазо ва ғайра. Дар кишварҳои пешрафта ҳатто ҳуқуқи бо одамони номдор наҳорӣ хӯрдан низ ба савдо монда мешавад.

АРЗИШИ НАҲОРӢ БО БАФФЕТ ЧОРЯК МИЛЛИОН

Музоядаи ғайриодии интернет-сайт «eBay». Дар он «ҳуқуқи наҳорӣ бо миллиардер Уоррен Баффет», ки дар ҷаҳон баъди ҷаноби Билл Гайтс сармоядори рақами ду ҳисоб мешавад, ба савдо гузошта шуд. Дар эълони рекламавии «eBay» чунин навишта шуда буд: ин имконияти нодирест барои сӯҳбат бо шахси нодир. Баффет фарди «афсонавӣ» аст. Дар музояда барои соҳиб шудан ба ҳуқуқи наҳорӣ бо ҷаноби Баффет 141 нафар бо ҳам мубориза бурданд. «Имконияти нодир» насиби шахсе шуд, ки он номи аслии худро пинҳон намуда, бо лақаби Schtinyt дар музояда иштирок намуд.

250000 доллар – ин буд арзиши «имконияти нодир». Мувофиқи шарти музояда Schtinyt метавонад ба наҳорӣ 7 нафар дӯстонеашро даъват намояд, ки қисми харҷи музоядаро ба ӯҳда мегиранд. Наҳорӣ бояд дар яке аз ресторанҳои Ню-Йорк дода шавад, вале дӯстдори кока-колаю хӯрокҳои одӣ будани ҷаноби Баффетро ба инобат гирифта, мумкин аст он дар ягон оҳхонаи хӯрокхояш арзон баргузор гардад.

Коммерсант-Деньги, № 30 аз 04.08.2003

Замимаи 14

САВДОГАРОНИ ФАЗО

Чикаго. Дар ИМА музоядаи аввалини Биржаи муҳити шаҳри Чикаго баргузор гардид. Дар он квотаҳои партови гази карбонат ба фазо ба фурӯш монда шуданд. Ширкатҳое, ки корхонаҳояшон фазоро олуда месозанд, имкон доранд аз корхонаҳои тозакор қисми квотаҳоро бихаранд. Дар музояда ширкатҳои Ford Motor, Motorola, DuPont, American Electric Power ва мерияи шаҳри Чикаго иштирок карданд. Ҳаҷми квотаҳои фурӯхташуда 125 ҳазор тонна гази карбонат ва нархи миёнаи 1 тонна 0,8-1 долларро ташкил дод.

www.finansmag.ru № 30, Октябри 2003.

Замимаи 15

НАРХИ ШУМОРАИ ТЕЛЕФОНӢ 500 ҲАЗОР ДОЛЛАР

Ширкати ҳавоии мамлакати Чин Sichuan Airlines шумораи телефонии 88-88-88-88-ро бо нархи 500 ҳазор доллар харид. Дар мамлакати Чин «ҳашт» рақами *бахосият* ҳисоб шуда, дар забони хитоӣ калимаи «ҳашт» ба калимаи «гул-гулшукуфӣ» монанд аст.

Шумораҳои бахосият барои чиниҳо аҳамияти хоса доранд. Масалан, дар шумораҳои телефонӣ ё мошинашон дошгани рақамҳои 6, 8 ва 9 барои онҳо хушбахтӣ дониста мешавад. Нӯҳ нишонаи дарозумрӣ буда, рақамҳои 168 дар якҷоягӣ соҳиби онро ба комёбиҳо ҳидоят мекунад. Аз ин рӯ, чанд сол пеш ширкатҳои телефонӣ бо мақсади ба даст овардани даромади барзиёд фурӯши музоядавии шумораҳои бахосиятро ба роҳ монданд. Аммо кормандони Sichuan Airlines ҳамаро бовар кунониданианд, ки нархи қимати ин шумораи телефонӣ ба соҳибиқболии он дахл надошта, танҳо барои ба осонӣ дар ёди одамон мондану аз ҷониби онҳо бо хоҳиши том истифода карданаш харида шудааст.

Коммерсантъ-Деньги № 34 аз 01.09.2003.

Замимаи 16

«МАБЛАҒГУЗОРИИ МУФИД»

Соли 2002 қисме аз ширкатҳои калонтарини ИМА ба монанди Nortel, Enron, Worldcom ва ғайра касод шуданд, ки сабабаш асосан камбудиҳо дар тартиби ҳисобдории онҳо буд. Ҳамин вақт дар рӯзномаҳо чунин қиссаи шӯҳиомезе аз чоп баромад: «Агар Шумо як сол пеш 1000 доллари худро барои хариди саҳмияҳои ширкати Nortel сарф карда бошед, имрӯз аз фурӯши онҳо 49 доллар гирифта метавонеду халос. Агар 1000 долларатонро барои хариди саҳмияҳои ширкатҳои Enron ё Worldcom сарф карда бошед, нархи имрӯзаи онҳо мутаносибан 16,5 ва 5 доллярро ташкил медиҳад. Вале агар Шумо 1000 доллари худро барои хариди пивои Будвайзер сарф карда бошед, пас имрӯз даромади Шумо фақат аз фурӯши шишаҳои он 214 доллярро ташкил медиҳад».

www.washprofile.org Economy, 2002.

Замимаи 17

Бо мақсади таъмини иҷрои барзиёди қисми даромади буҷет ҳукумати кишварҳои пешрафта маблағи андозро ба намуди даромад вобаста мекунанд.

Агар андоз аз даромади шаҳрвандон 15-25 фоизро ташкил диҳад, андоз аз бурд метавонад то 70 фоиз бошад. Масалан, шаҳрванди ИМА Эндрю Уайттаке 25 декабри соли 2002 дар бозии лотерея соҳиби бурди калон шуд. Маблағи бурд 314 млн. доллари ИМА-ро ташкил дод, вале баъди гирифтани андоз ба ҷаиоби Эндрю Уайттаке 112 млн. доллар боқӣ монду халос.

www.svoboda.org/hotnews/2002/12/27/

Замимаи 18

ЧОПИ ПУЛИ НАҚД

Мутобиқи маълумотҳои Раёсати хазинадории ИМА (US Treasury Department) аз соли 1929 то соли 2001 ба муомилот бонкнотаҳои долларии номиналҳои гуногун ба маблағи 567 млрд. доллар бароварда шудааст. Аз он чумла, бонкнотаҳои якдоллара тақрибан ба маблағи 7,5 млрд. доллар, дудоллара ба маблағи 1,25 млрд. доллар, панҷдоллара – 8,5 млрд. доллар, даҳдоллара – 13,8 млрд. доллар, бистдоллара – 94 млрд. доллар, панҷоҳдоллара – 53,5 млрд. доллар, саддоллара – 387,5 млрд. доллар. Илова ба ин, бонкнотаҳои номиналашон 500 доллара, 1000 доллара, 5000 доллара ва 10000 доллара низ бароварда шудааст.

Дар ҳамин давра, тангаҳои арзишашон гуногун ба маблағи 32 млрд. доллар истеҳсол шудааст. Мувофиқи ҳисобҳои гуногун тахминан аз 30 то 40 фоизи долларҳои нақдии дар муомилот буда, берун аз ҳудуди ИМА чарх мезанад.

Дар ИМА пулҳои нақд батадриҷ вазифаи таърихии худ – воситаи пардохти умумиро гум карда, ҷои аввалро ба «пулҳои электронӣ» медиҳанд. Мувофиқи тадқиқоте, ки ширкати AVA/Dov Consulting гузаронидааст, дар ИМА соли 2001 танҳо 33 фоизи харидҳо ба воситаи пули нақд анҷом ёфтааст, ҳол он ки ин адад соли 1999 39 фоизро ташкил медод. 21 фоизи амалиёти хариду фурӯш (22 фоиз соли 1999) бо ёрии кортҳои қарзӣ ва 18 фоизи онҳо бо истифодаи чекҳо анҷом дода шудааст. 15 фоизи харид ба кортҳои дебетӣ рост меояд, гарчанде соли 1999 он ба 11 фоиз баробар буд.

www.washingtonprofile.org 2002.

Замимаи 19

ЭМИССИЯИ ПУЛҲОИ НАҚД

Эмиссияи пулҳои нақд монополияи давлат аст, аз ин рӯ, хукумат ё бонки марказӣ метавонад онҳоро ба миқдори барояш зарурӣ барорад. Масалан, асъори амрикоии имрӯз дар муомилот буда танҳо 4-5 фоиз бо захираҳои тиллоию асъорӣ таъмин асту халос. Захираҳои тиллоӣ ва асъорию молӣ дар якчоягӣ 20-25 фоизи долларҳои дар муомилот бударо таъмин менамоянд. Азбаски зиёда аз 60 фоизи ин маблағҳо берун аз ИМА давр мезананд, онҳо ба муомилоти пулии дохилии давлат таъсири манфӣ намерасонанд (33,51).

Новобаста ба таъмини ками доллар бо захираҳои асъорию тиллоӣ курби он нисбатан устувор буда, воситаи асосии муомилот дар бозори ҷаҳонӣ мебошад. Баъди шикасти Иттиҳоди Шӯравӣ доллар бо суръати баланд ба муомилоти пулии ҷумҳурихои тозаистиклол, аз он ҷумла Тоҷикистон, ворид шуд. Мувофиқи маълумотҳо (соли 2003) дар муомилоти пулии Русия зиёда аз 40 млрд. доллар истифода мешуд. Ҳачми долларҳои дар муомилоти пулии Тоҷикистон буда на кам аз 50 млн.доллар аст.

*****

Замимаи 20

НОМА «БА ДЕҲАИ БАФФЕТ»

Номаи дар ҳақиқат вуҷуддошта ба почтаи сайти www.fundmeneger.bir.ru фиристода шуда буд. Дар асл он ба номи Уоррен Баффет (яке аз сармоягузорони номдори амрикой, ки бо сарвати 36 млрд. долларааш дар рӯйхати доротарин одамони дунё баъди ҷаноби Гейтс ҷойи дуюмро ишғол мекунад) навишта шуда буд:

Ба Уоррен Баффети мӯҳтараму номдор ва бузургу хосса!

Ассалому алайкум ҷаноби Уоррен Баффет. Ман ба Шумо бори дуюм нома менависам, зеро ба номаи аввалаам ҷавоб нагирифтам. Баъди фиристодани нома шабҳо хоб надорам, дар фикри онам, ки нома ба Шумо расида бошад ё на.

Номи ман Олег. 19 сола. Дар Донишкадаи авиатсионии Маскав таҳсил дорам, муҳандис шуданиам. Ба компютер шавқу завқ дорам, ба варзиш низ машғулам. Бо духтаракс вомехӯрам, ки бисёр дӯсташ медорам.

Ман аз Шумо бисёр хоҳиш мекунам. Магар Шумо наметавонед, ки ба номи ман суратҳисоби бонкӣ кушоед, албатта, бо хоҳиши худатон. Ман худ инро карда наметавонам, зеро пул надорам. Ба он суратҳисоб 12 млн. долларро пасандоз кунед. 12 фоизи даромади солонаашро баробар таксим мекунем. Баъдан Шумо пули худро (ҷамъи 6 фоиз) баргашта мегиред. Ба ман бошад, ҳамагӣ 6 фоизи даромади солона мемонад. Ё ба ман 1,2 млн. доллари ИМА тӯҳфа кунед, хоҳиш мекунам. Ман онро дар бонк гузошта аз ҳисоби даромади солонааш тамоми умр зиндагӣ мекунам. Ман ба пул бисёр эҳтиёҷ дорам. Бе ёрдами Шумо ба мақсадам расида наметавонам.

Ман хуб дарк мекунам, ки ин маблағ барои Шумо почиз аст, вале барои ман сарвати калон. Он барои ману

фарзандони маи кифоят мекунад. Ба Шумо ваъда медиҳам, ки ин пулҳоро барои корҳои нопоям сарф нахоҳам кард. Кори муайяперо пеша карда аз ҳисоби фоидаам ба камбизоатон ёрӣ мерасонам.

Хоҳиш мекунам ба ман ҷавобашро нависед. Онро бесаброна интизорам. Ман ба Шумо маълумотҳои шиносномаамро мефиристам, албатта, агар шумо розӣ шавед, ки ба ман ёрӣ медиҳед.

Шуморо ба муносибати соли нав табрик менамоям. Ба Шумо омади кор, хушбахтӣ, саломатӣ ва муваффақиятҳои нав ба нав орзу менамоям.

Бо эҳтиром, Олег.

Илова: Ман хуб мефаҳмам, ки номаҳои ба номатон омадаро кормандопатон мутолиа мекунанд, бинобар ин, бисёр мехостам, ки онҳо ба хоҳиши ман диққат дода онро ба шумо расонанд.

Сарчашман дигар: www.anckd.ru 16.01.2003 Наклҳои аҷиб.

Аз муаллиф. Донишҷӯи мӯҳтарам, ба фикри шумо Олег дар тартиби кушодани суратҳисоби бонкӣ, ҳисоби даромади солона, мӯҳлати гирифтани «қарз», тартиби навишти нома ба кадом камбудиҳо роҳ додааст?

*****

Замимаи 21

Ҳангоми сафирӣ дар Шоҳигарии Белгия идораи воситаҳои пулии сафорат низ ба ӯҳдаам буд. Дар аввал барои ғузароиидани маблағ ба суратҳисоби ширкати дигар ё додани музди меҳнати кормандон ман ба бонк рафта ба корманди он оид ба гузаронидани маблағи муайян супориши даҳонӣ медодам. Корманди бонк аз рӯи гуфтаҳои ман дар компютер *супоришномаи пулдиҳиро* пур карда аз чоп мебароварда, ки аз ҷониби ман ба имзо расида барои иҷроиш ба корманди бонк баргардонида мешуд.

Расми 7. Супоришномаи пулдиҳӣ.

BASCULE : 43084.9

RECU 01.07.2002

REF: 255200207010000700001151

par FABRICE GIRAUD
Virement du compte 001-3646102-45
Au nom de REP.REP.TADJIKISTAN CE
sur le compte 210-0662259-92
de X-TRENTE 8 DECO
d'un montant : de 386.45 EUR
via quittance

votre communication :
FACTURE NUM : 72 / UN STORE A ENROULEUR

Fortis Banque sa 001364610245
Montagne du Parc 3 B – 1000 Bruxelles
RC Bruxelles 76 034 TVA BE403.199.702 086109122

Ин супоришномаи пулдиҳӣ бо забони форсиасвӣ навишта шуда, дорои реквизитҳои зерин аст: номи шӯъбаи бонк – Bascule, таърихи рӯз – 01.07.2002 ва рақами амалиёт – 2552002071900000 830000193, номи корманди бонк – Fabrice Giraud, шумораи суратҳисоб – 001-3646102-45 ва номи Намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмонҳои аврупоӣ, ки қисми таркибии сафорат буд – Res.Rep.Tadjikistan CE, шумораи суратҳисоб – 210-

3694008-33 ва номи ширкат – X-TRENTE 8 DECO, ки ба он пул гузаронида мешавад, маблағи пул – 386,45 евро, мақсади пулгузаронӣ – Un store a enrouleur, ки дар тарҷума маънои хариду часпонидани пардаи дар шифт ҷамъшавандаро дорад. Дар охир номи бонк – Fortis Banque, суроғаи он ва шумораи суратҳисоби сафорат навишта шудааст.

Бонк рӯзи дигар рӯйнавишти суратҳисоби сафоратро мефиристод, ки дар он иҷрои амалиёт ва маблағи пули боқимонда нишон дода шудааст.

Ин шакли ҳисоббаробаркунӣ нисбатан пешрафта аст, вале он ҳам аз камбудиҳо холӣ нест, зеро:

1. Сафорат ба бонк барои пур кардани супоришнома аз ҷониби корманди он ҳақ медод;

2. Барои иҷрои амалиёти бонкӣ вақти зиёд сарф мешавад.

Аз ин рӯ, мо дар ҷустуҷӯйи тартиби пешрафтаи ташкили ҳисоббаробаркунӣ бо *супоришномаи пулдиҳӣ* будем, ки он баъдан ёфт шуд. Номаш *ҳисоббаробаркуниҳои электронӣ* буда, оид ба он баъдан маълумот дода мешавад.

*****

Замимаи 22

Солҳои 2001-2006 аз сабаби камии буҷети Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Белгия ва набудаии воҳиди алоҳида илова ба мансаби сафирӣ вазифаи ҳисобдор (бухгалтер)-и сафорат низ ба ӯҳдаам буд. Аз ин рӯ, бо бонку истифодаи шаклҳои гуногуни ҳисоббаробаркунӣ муносибати бевосита доштам. Қисми зиёди ҳисоббаробаркунихои сафорату мизочон бо истифодаи талабнома-супоришномаи пулдиҳӣ анҷом меёфт.

Тартиби амали ии намуди ҳисоббаробаркунӣ чунин аст. Байни сафорат ва мизоҷ (масалан, ширкати «Electrabel») оид ба таъмини сафорат ба барқ шартнома имзо шуда буд. Мувофиқи талаби шартнома сафорат аввали ҳар моҳ бояд пули барқи дар моҳи гузашта истифодакардаашро дихад. Барои ии ширкати «Electrabel» дар қатори ҳуҷҷати шаҳодатдиҳандаи истифодаи барқ, инчунин талабнома-супоришномаи пулдихиро мефиристод, ки дар онҳо миқдори барқи истифодашуда ва нархи умумии он, ном, сурога, шумораи суратҳисоби ширкат ва ному сурогаи сафорат навишта шуда буд.

Расми 1. Талабнома-супоришномаи пулдиҳӣ



Ман ҳамчун ҳисобчӣ (бухгалтер) дар қисми дуюми талабнома-супоришномаи пулдиҳӣ (*нигаред ба расми 2*) шумораи суратҳисоб (001-3646102-45), таърихи гузаронидании пул (12.03.03), таърихи пур кардани талабнома-супоришномаи пулдиҳӣ (10.03.03) ва имзои худро гузошта онро барои ичроиш ба бонки хизматрасонамон – Fortisbank мефиристодам.

Расми 2. Қисми дуюми талабнома-супоришномаи пулдиҳӣ



Fortisbank дар давоми ду рӯзи корӣ ин супоришро ичро намуда, ба мо ҳамчун далели ичрои он рӯйнавишти суратҳисобро мефиристод.

Расми 3. Рӯйнавишти суратҳисоби Сафорат



COMPTE A VUE 001-3646102-45/EUR EXTRAIT 037/001
REPRESENTATION REPUBLIQUE 20-05-2003

			DATE VAL.	
SOLDE PRECEDENT				6.732,40+
20-05	085	VOTRE VIREMENT AVEC DATE-MEMO AU PROFIT DU COMPTE 000-0001105-38 DE ELECTRABEL BRUX/BRUS VIA PC/WEB BANKING COMMUNICATION, REF A741829-38	20-05	152,71-
	086	VOTRE VIREMENT AVEC DATE-MEMO AU PROFIT DU COMPTE 000-1710030-17 DE BELGACOM BDC VIA PC/WEB BANKING	20-05	82,54-
	087	VOTRE VIREMENT AVEC DATE-MEMO AU PROFIT DU COMPTE 210-0361140-81 DE C.ARTIGES ET FILS SA VIA PC/WEB BANKING COMMUNICATION, P. N 237	20-05	60,00-
NOUVEAU SOLDE				6.437,35+

84

IBAN [illegible] 0013 4461 0245

Ҳамин тариқ, бо харҷи камтарин ҳисоб байни сафорату ширкати барқӣ баробар карда мешуд.

*****

Замимаи 23

ЗАМИНИ ТАГИ МИКРОСКОП

Қитъаи хурдакаки замин дар қисми ҷанубу ғарбии штати Индианаи ИМА қариб буд, ки қиматтарин моликияти дунё гардад.

Ҳукуматдорони округи ҷанубу гарбии штати Индианаи ИМА ҷаҳд доранд замини хурдакакеро (0,09 м^2) бо нархи 1500 доллар фурӯшанд. Вале касе хоҳиши харидани ин замини ба маркаи почта баробарро надорад. Аз рӯйи маълумотҳои аудиторон пештар ин замин қисми замини калонтаре (майдонаш 1,15 акр – зиёдтар аз 6 ҳазор м^2) будааст. Ҳукуматдорон фикр доранд, ки ин замин соли 1960 бо мақсади пайдо кардани ҳуқуқи истифодаи кӯли дар назди он буда харида шудааст. Мутобиқ ба қонуни округ аз кӯл танҳо онҳое истифода карда метавонистанд, ки дар соҳили он замин дошта бошанд. Чанд рӯз пеш Якумин бонки миллии Амрико (First National Bank of America) моликияти қарздореро, ки ин замин низ аз они ӯ буд, ба савдо монд. Мувофиқи қоидаи биржа нархи минималии моликияти ба савдо гузошташаванда 1,5 ҳазор доллар аст, бинобар ин замини хурдакак ба ҳамин нарх ба савдо гузошта шуд. Прокурори округ эълон кард, ки ҷаҳд дорад ҳар чӣ тезтар аз ин замин ва ҷавобгарии фурӯши он халос шавад. Мумкин аст онро ба ягон ташкилоти хайрия тӯҳфа кунанд.

www.kommersant.ru/k-money № 46(551) аз 21.11.2005.

Замимаи 24

СОҲИБКОРИ «МОҲИР» ВА БОНКҲОИ ФИРЕБХЎРДА

Соҳибкор Энтони (Тино) Де Анжелис бf шарофати фиребгариҳояш лақаби «Шоҳи амрикоии равғани зайтун»-ро соҳиб шуд. Ӯ дорои ширкати калонтарине буд, ки Амрикоро бо равғани растанӣ таъмин мекард. Де Анжелис баъди он ки корҳояш каме омад накард, барои пешбурди фаъолияташ аз бонкҳою ширкатҳои сармоягузорӣ 175 млн. доллар қарз гирифт. Бонку ширкатҳо ҳамчун гарави қарз миллионҳо литр равғани растание қабул карда буданд, ки дар асл вуҷуд надошт. Де Анжелис дониши мактабии физикаро истифода карда буд. Дар анбори худ ӯ ба кормандони бонк системаҳои калони «пур аз равғанро» нишон медод. Дар асл бошад, системаҳо пур аз об буда, фақат қисми болои онҳоро равган мепӯшониду халос. Баъди он ки ин фиребгарӣ соли 1968 ошкор гардид, илова ба зарари бонку ширкатҳои қарздода ду ширкати молиявие, ки саҳмияҳои корхонаи Де Анжелисро харида буданд, касод шуданд.

Дар ҳамин давра соҳибкори дигари амрикоӣ Билли Эстес низ бо роҳи ба гарав гузоштани мошину лавозимоти кишоварзӣ, ки дар асл вуҷуд надоштанд, қарзи зиёд гирифт. Фиребгарии ин соҳибкор одӣтар буд; ӯ ба қарздиҳандагон ҳуҷҷатҳои қалбакӣ сохтаашро пешниҳод мекард.

Ин ду ҳодиса иқтисоддонҳои амрикоиро водор намуд, ки тартиби тафтиши қобилияти қарзадокунии қарзгирандагонро катъиян дигар намоянд.

www.washingtonprofile.org. 17.07.2002.

Замимаи 25

АЗ ТАЪРИХИ ПУЛИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Таърихи пайдоиши муомилоти пулӣ дар қаламрави Тоҷикистон аз даврањои қадим ибтидо мегирад. Тангаҳои қадимтарине, ки дар қаламрави Тоҷикистон пайдо гардидаанд, дорикҳои тиллоии ҳахоманишиянд (асрҳои VI-V то милод), ки дар бозёфти машҳури «Хазинаи Амударё», ки ҳанӯз соли 1878 дар ноҳияи Қубодиён кашф гардида буд, ба даст омадаанд. Сарзаминҳои Суғд ва Бохтари қадим, ки ҳудуди Тоҷикистони имрӯза ҷузъе аз қаламрави онҳост, қисмати муҳимми империяи Ҳахоманиширо ташкил намуда, дар меҳвари савдои қадими байналмилалии Шарқу Ғарб қарор гирифта буданд.

Муомилоти пулӣ дар қаламрави Тоҷикистон мунбаъд дар аҳди Искандари Мақдунӣ ва Селевкиён (асри IV–миёнаи асри III то милод) рушд пайдо кард. Зикри ин матлаб муҳим аст, ки дар давраи ҳукмронии Антиохи I (ибтидои асри III то милод) дар Бохтар сиккахона амал мекард, ки дар он тангаҳои калони нукрагин (тетрадрахма) бо ному тасвири шоҳ сикка зада мешуд. Шукуфоии бештари муомилоти пулӣ дар қаламрави Тоҷикистон ба давраи мавҷудияти давлати Юнонӣ-Бохтарӣ (асрҳои III-II то мелод) тааллуқ дорад. Дар аҳди Кӯшониён рушди муомилоти пулӣ идома ёфт ва хусусиятҳои нави маҳаллӣ пайдо кард. Тангаҳо дар он айём аз тилло, нукра ва мис сикка зада мешуданд. Дар қаламрави Тоҷикистони қадим бештар аз 20 хазинаи тангаҳои кӯшонӣ бозёфт гардидааст.

Дар тангаҳои кӯшонӣ тасвирҳое, ки бо дини зардуштӣ робита доштанд, бартарӣ пайдо намуда буданд. Дар айни замон шоҳони кӯшонӣ сиёсати мӯътадили ҳамонши мазҳабиро амалӣ намуда, дар тангаҳои худ тасвири худои ҳиндувон Шива ва ҳамчунин Буддоро ҷой дода буданд. Онҳо халку фарҳангҳои мухталифро муттаҳид намуда бу-

данд, ки дар шароити ҳамзистии осоишта иикишоф меёфтанд.

Дар асрҳои миёна муомилоти пулӣ дар давраи нахустин давлати мутамаркази тоҷикон – Сомониён дар асрҳои IX-X ба авҷи аълои тараққиёти худ расид. Дар ин замон дар бештар аз 30 шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросон сиккахонаҳо амал мекарданд. Дирҳамҳои Сомонӣ на танҳо дар ҳудуди ин давлат, балки фаротар аз қаламрави он дар муомилот қарор доштанд. Рушди минбаъдаи муомилоти пулӣ дар Осиёи Миёна ба давраи Темуриён (асри XV) рост меояд. Хазинаҳои бузурги тангаҳои мисини Темуриён дар Душанбе, Хуҷанд, Ҳисор, Регар ва маҳалҳои дигар бозёфт гардидаанд.

Сикказании танга дар қаламрави Осиёи Миёна то соли 1920 идома ёфт. Барориши нахустин пулҳои коғазӣ дар қаламрави Осиёи Миёна, ки мисли сиккаҳои нукра «танга» ном доштанд, ба солҳои охири ҳукмронии амири охирини Бухоро Саид Олимхон рост меояд. Пулҳои коғазӣ бо арзиши 20, 50 100, 300, 500, 1000, 2000, 5000, 10000 танга ба муомилот бароварда шуда буданд. Моҳи сентябри соли 1920 дар қаламрави аморати Бухоро Ҷумҳурии Халқии Шӯроии Бухоро ташкил гардид, ки барориши ҳамон пулҳои коғазии амириро танҳо бо фарқиятҳои ҷузъӣ идома дод, аз ҷумла дар доираи болоӣ навиштаи «Ҳукми ҳумоюни олӣ содир шуд» ба нишонаи шӯравӣ – тасвири дос ва бастаи гандум иваз гардид ва ному вазифаи мансабдорон дигар карда шуданд. Тамоми матни ин пулҳо ба забони тоҷикӣ навишта шудааст.

Дар қаламрави Тоҷикистони кунунӣ то соли 1925 ягон муассисаи бонкӣ мавҷуд набуд. Зарурияти ифтитоҳи муассисаи мустақили бонкӣ бо ташкили Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (соли 1924) ба миён омад. Моҳи майи соли 1925 таъсиси воҳиди Ҷумҳуриявии душанбегӣ, баъдтар воҳиди тоҷикистонии Бонки давлатии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ эълон гардид. Ташкили низоми муосири бонкӣ танҳо баъди истиқлолият

ба даст овардани Тоҷикистон (9 сентябри соли 1991) ва ташкили Бонки миллии Тоҷикистон муяссар гардид. Бо вуҷуди он, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1991 истиқлолият ба даст оварда, то охири соли 1993 дар ҳудуди ҷумҳурӣ пулӣ давраи Иттиҳоди Шӯравӣ ва баъдтар аз 1 январи соли 1994 пули нақди Федератсияи Русия гардиш мекард. Тоҷикистон дар байни давлатҳои нави мустақил ягона кишваре боқӣ монда буд, ки дар қаламрави он то соли 1995 рубли Федератсияи Русия дар муомилот истифода мешуд. Ин вазъият як қатор мушкилоти ҷиддии иҷтимоию иқтисодиро ба миён овард: қарзи давлатии ҷумҳурӣ аз сабаби парасидани пули нақд барои пардохти музди кор, нафақа ва кӯмакпулиҳо бемайлон меафзуд; маблағгузории иқтисодиёт амалан қатъ гардид ва ниҳоят Бонки миллии Тоҷикистон имконияти гузаронидани сиёсати мустақилонаи пулию қарзӣ ва асъориро надошт. Ҳалли ин мушкилот ва масъалаҳои дигар зарурати ҷорӣ кардани пули худиро ба миён овард. Ҳамин тариқ, бо мақсади татбиқи сиёсати самараноки иқтисодӣ, суръатбахшӣ ба дигаргуниҳои иқтисодӣ ва бунёди низоми мустақили пулии Тоҷикистон бо ташаббуси шахсӣ ва дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси ҷорӣ кардани пули миллии Тоҷикистон қарор қабул гардид. Мутобиқи қарори Комиссияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷорӣ намудани пули миллӣ аз 6 майи соли 1995, № 8 (324) «Дар бораи тартиби дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилот баровардани пули миллӣ – рубли тоҷикӣ» аз 10 майи соли 1995 пули миллии Тоҷикистон бо арзиши 1, 5, 10, 20, 50, 100, 200, 500, 1000 рубли тоҷикии намунаи соли 1994, бароришии Бонки миллии Тоҷикистон ба муомилот бароварда шуд.

Ба муомилот баровардани пули миллӣ барои рушди минбаъдаи ҷумҳурӣ аҳамияти муҳимми иқтисодӣ дошт ва нодидаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангие гардид, ки бо мусоидати Хазинаи Байналмилалии Асъор сурат гирифт. Ин воҳиди пулӣ дар муддати 5 соли дар муомилот қарор доштанаш дар ташкили заминаҳои истиқлолияти иқтисодии

кишвар нақши муҳим бозид ва барои оғози фаъолияти нави комилан миллии пулӣ шароити зарурӣ муҳайё гардонд. Бо фароҳам омадани суботи сиёсӣ ва иқтисодии кишвар Бонки миллии Тоҷикистон соли 1999 бо муассисаи Giesecke & Devrient (Олмон) барои тайёр кардани пули миллӣ, ки таърихи гузашта ва фарҳангии имрӯзаи халқи тоҷикро инъикос менамояд, шартнома баст. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2000, № 415 дар хусуси аз таърихи 30 октябри соли 2000 ба муомилот бароварданн воҳиди нави пули миллии кишвар – «Сомонӣ», ки ба ифтихори бунёдгузори нахустин давлати мутамаркази тоҷикон Исмоили Сомонӣ (849-907) номгузорӣ шудааст, эълон гардид ва пулҳои коғазӣ бо арзиши 1, 5, 10, 20, 50, 100 сомонӣ ва воҳиди хурди он бо арзиши 1, 5, 20, 50 дирам ба муомилот бароварда шуданд. Дар пулҳои коғазии нав расми арбобони бузурги муосир ва гузаштаи халқи тоҷик ва ҳамчунин тасвири ёдгориҳои меъморӣ ва таърихии Тоҷикистон, ашёи санъату ҳунари мардуми тоҷик ҷой дода шудаанд. Бо мақсади такмили сохтори низоми пулии кишвар бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №У11 645 аз 28 августи соли 2001, аз таърихи 3 сентябри соли 2001 тангаҳои филиззии барориши Бонки миллии Тоҷикистон бо арзиши 1, 3, 5 сомонӣ ва 5, 10, 20, 25, 50 дирам ба муомилот бароварда шуданд. Ин тангаҳо дар корхонаи сикказании шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Русия тайёр карда шуданд. Муқаррар гардид, ки тангаҳои филиззӣ бо пулҳои коғазии ҳамарзиш баробар гардиш хоҳанд кард.

Пули миллӣ, ки дар минтақаи гардиш эътибори кофӣ дорад, рамзи шоёни Тоҷикистони мустақил гашт ва ба сифати воситаи боэътимоди танзими иқтисодиёти тараққикардаистодаи кишвари мо хизмат хоҳад кард. Имрӯз сомонӣ яке аз пулҳои устувор дар Иттиҳоди давлатҳои мустақил маҳсуб мегардад, ки таваҷҷӯҳи доираҳои молиявии давлатҳои ҳамсояро ба худ ҷалб намудааст. Моҳи ноябри соли 2004 аввалин тангаҳои хотиравии Тоҷикистон ба муомилот бароварда шуданд: тангаҳои арзиши 5 сомонӣ ба ифтихори

10-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тангаҳои арзиши 3 сомонӣ ба ифтихори 80-солагии пойтахти Тоҷикистон, шаҳри Душанбе. Ин тангаҳо дар ду шакл – аз нуқра ва маводи омехта (латун ва мелхиор) сикка зада шудаанд. Тангаҳое, ки аз маводи омехта сикказанӣ шудаанд, дар муомилоти пулии ҷумҳурӣ қарор доранд.

www.president.tj/pul.htm

Замимаи 26

РЕКЛАМА

Соли 1797 Наполеон Бонапарт қурби пули миллии кишварашро бо роҳи зерин боло бурд. Ӯ эълон кард, ки дар рӯйи яке аз тангаҳои 5-франка чеке ба маблағи 1 миллион франк кандакорӣ шудааст ва ҳар касе ин тангаро ба бонк пешниҳод кунад, соҳиби як миллион франк мегардад. Бонки Фаронса то ҳол гарави додани ин маблағро ба ӯҳда дорад, вале касе то ба имрӯз он тангаро ба бонк пешниҳод накардааст.

«10 самых эффективных рекламных ходов в истории»
www.rokfeller.ru 28.09.05

Замимаи 27

ЧОПХОНАИ РУБЛҲОИ ҚАЛБАКӢ

Дар Фаронса охири асри XVIII додани нуқра ба ивази бонкнотаҳо қатъ карда шуд. Дере нагузашта императори Фаронса – Наполеон, ки орзуи вайронкунии суботи молиявии Русияро дошт, чун қалбакикор ном бароварда. Ӯ дар шаҳри Париж чопхонае сохт, ки дар он ҳунармандон рублҳои қалбакӣ чоп мекарданд. Ин рублҳо сифатан аз рублҳои аслии русӣ бехтар буданд ва бо ҳамин сабаб ҳам баъдан шинохта шуданд. Истифодаи рублҳои қалбакӣ низ тартиби хоса дошт. Фаронсавиҳои миншатдор ин пулҳоро ба ивази ғизову молҳои дигар ба савдогарони рус медоданд. Ҳангоми гурез аз Маскав «Артиши бузург» захираҳои ин пулҳоро бо худ мебурд ва аскарони сармозада онҳоро оташ зада гарм мешуданд. Қисме аз ин пулҳо мӯҳлати дароз дар муомилоти Русия буданду ба пешрафти иқтисодиёташ халал мерасониданд.

www.isragold.com Раздел «Темная сторона бизнеса».

Замимаи 28

ҶАЗО БАРОИ ТАҲЛИЛИ МОЛИЯВИИ НОДУРУСТ

Таҳлилу баҳодиҳии нодуруст метавонад боиси зарари ширкати фаъолияташ таҳлилшуда гардад.

Судбозӣ байни консерни LVMH ва ширкати Morgan Stanley ба итмом расид. Додгоҳи шаҳри Париж ширкати Morgan Stanley-ро вазифадор кард, ки ба ширкати LVMH 30 млн. евро ҷарима диҳад.

Консерни LVMH, ки ба он ширкатҳои номдори Givenchy, Kenzo, Christian Dior ва ғайраҳо шомиланд, 14 моҳ пеш ба додгоҳ мурочиат карда буд. Сабаби он натиҷабардории «нодурусти» таҳлилгари ширкати Morgan Stanley ҷаноби Клер Кнет дар соли 1999 буд. Ҳукуқшиносони консерни LVMH тасдиқ мекарданд, ки баркасдона баҳои манфӣ додан ба вазъи молиявии консерн боиси ба он ҳамроҳ нашудани ширкати Gucci гардид. Илова ба ин, LVMH ҷавобгарро ба баҳодиҳии нодурусти саҳмияҳои консерн айбдор кард. Судя Жильбер Косте гуфт: «Хатоиҳои ҷиддии Morgan Stanley нисбати LVMH боиси зарари калони маънавӣ, моддӣ ва имичии консерн гардидаанд, ки бояд барқарор карда шаванд». Маблағи дар аввал талабкардаи консерн 100 млн. свроро ташкил медод, вале додгоҳ танҳо қисме аз онро қонеъ гардонид.

www.kommersant.ru/k)money № 3 аз 26.01.2004.

Замимаи 29

РЕКЛАМАИ ҚАРЗДИҲӢ БА ВОСИТАИ ИНТЕРНЕТ

Кредитная организация :	"CL Group" Corporation
Отрасль деятельности :	Всё
Страна :	Россия
Сумма кредита, min, тыс. USD :	10000
Сумма кредита, max, тыс. USD :	10000000000
Срок кредитования от, мес. :	60
Срок кредитования до, мес. :	300
Процентная ставка, % :	3
Условия кредитования :	1. Минимальный размер кредита на один проект. – 10 млн $, либо эквивалент в евро, под 3% годовых на 5 лет с возможной пролонгацией – продлением. 2. Предпочитаемые отрасли для инвестирования – нет.

Сумма от 10 млн $ или евро до – пока ограничений нет.
% годовые ставки – от 3% годовых.
% ставки комиссионные за работу – от 2% до 5% от суммы кредита.Зависит от суммы!
3. Основные условия и требования по кредиту:
1. Обеспечение по кредиту: гарантия солидного банка – гарантия АА,ААА.
1. а) предоставляются сведения: банк гарант и его адрес, сайт, банки корреспонденты за границей.
2. Организация-заказчик должна отвечать следующим требованиям:
должна быть легально действующей компанией не связанной с запрещенными видами деятельности по международным нормам, а также эти действия компании не должны быть направлены на создание политических преимуществ одному или группе лиц и не связаны с производством и (или) торговлей вооружениями.
3. Организация-заказчик для получения кредита (ссуды, инвестиций) должна в обязательстве предоставить документы, подтверждающие ее юридическую дееспособность и дающие представления о деятельности компании и ее проекте, для реализации которого требуется привлечение кредита.
Требуется :
1. Бизнес план или ТЭО, Банк гарант – гарантия АА,ААА (гарантия на возврат суммы в срок).
2. Правительственная гарантия (гарантия на возврат суммы в срок).

***

Первоначально для экспертизы высылайте:
1. Описание проекта или Бизнес план, ТЭО.

2. Реквизиты вашей компании – контакт,адрес,сайт.
3. Реквизиты Банк гаранта – адрес, сайт, телефон, страна или реквизиты Правительства.
4. Копию банковской гарантии или копию правительственной гарантии.
5. Письмо намерение на кредит.
6. Точную сумму кредита – в долларах США или Евро.
7. Выбранный вариант получения кредита (описание вариантов выше).
8. Срок погашения кредита.
9. Письмо банка гаранта, адресованное на вашу компанию о готовности предоставить гарантию с банковской печатью.

E-Mail : businessw@bk.ru, bizness21@rambler.ru

URL : http://www.davangel.nm.ru/inv.htm

Телефон : +(3741) 548365

Замимаи 30

Омӯзиши *намунаҳои поёнӣ имкон медиҳад, ки хонанда ба масъалаҳои зерин сарфаҳм равад:*

- *ҳолатҳои дода шудани кафолатномаи бонкӣ;*
- *ӯҳдадории кафолатдиҳанда;*
- *шартҳои пардохти маблағ дар асоси ин кафолатнома;*
- *маблағу мӯҳлати амали кафолатнома;*
- *асоси қонунии амали кафолатнома;*
- *кишваре, ки дар он ҳангоми зарурат давои қарздиҳанда баррасӣ мешавад.*

Фирме_____

БАНКОВСКАЯ ГАРАНТИЯ № _____

г._____

Страна_____ "____"_____20__ г.

Банк_____принял к сведению Ваше предложение к контракту N _____ от "___"_____20__г. с фирмой АСКОН на поставку _____, в сроки _____, на сумму _____USD.

Банк _____выступает гарантом фирмы АСКОН ЛТД, регистрационное свидетельство _____ и обязуется вернуть Вам наличными (безналичным переводом) сумму ____ USD плюс _____ % годовых в случае, если фирма АСКОН не выполнит своих обязательств о поставке поименованной продукции (товаров) _____ и вследствие этих причин Вами не будут получены (приняты) указанная продукция.

Наше обязательство о немедленном возврате указанной выше суммы вступит в силу, также и в следующих случаях:

1. Если фирма АСКОН откажется от контракта вследствие опоздания в поставке_____ или невыполнения гарантированных показателей со стороны фирмы АСКОН (поставщика) согласно условиям контракта.

2. Если фирма АСКОН будет объявлена банкротом или неплатежеспособной, или будет назначен куратор.

3. Если фирма АСКОН откажется продолжать исполнение поименованного контракта.

4. Если фирма АСКОН откажется от контракта вследствие аннуляции выданной ей ранее экспортной лицензии или если форс-мажорные обстоятельства будут длиться дольше, чем это предусмотрено в контракте или если фирма передает выполнение контракта третьему лицу без согласия фирмы _____(ЗАКАЗЧИКА).

5. Во всех случаях, когда фирма АСКОН признает свое обязательство о возврате произведенных ранее платежей произведенных фирмой _____ (ЗАКАЗЧИКОМ) или имеется решение арбитража_____на условиях предусмотренных в контракте, согласно которому фирма АСКОН обязана вернуть Вам означенную сумму платежей.

Настоящее обязательство (гарантия) вступит в силу немедленно по производству фирмой _____(ЗАКАЗЧИКОМ) любого платежа согласно условиям контракта N _____ от "___"_____20__ г.

Гарантия остается в силе до момента окончания выполнения своих обязательств фирмой АСКОН по поименованному контракту и вступления фирмой _____(ЗАКАЗЧИКОМ) во владение _____ (продукцией, товарами).

Уполномоченное лицо банка
Полные реквизиты банка
Печать

****

Date: _____

Payment guarantee no. _____ for _____ ...

We, the FBME Bank Ltd., Nicosia, Cyprus, have been informed that you have concluded a Contract no _____ dated _____ for the provision of financial services from North Finance Company Ltd. Furthermore, we understand that as a security for the payment obligations of North Finance Company Ltd. an indemnity by a bank shall be furnished.

At the request of Messrs North Finance Company Ltd, we, the FBME Bank, Nicosia, Cyprus, hereby irrevocably undertake to pay you on your first demand, irrespective of the validity and the effects of the above mentioned contract and waiving all rights of objection and defense arising therefore, any sum or sums up to _____ (say_____) upon receipt by us of your duly signed request for payment stating that:

1. As per the terms of contract No _____ dated _____ you have effected payment of USD _____, value date _____ in favor of North Finance Company Ltd to their account No. 073144 with the FBME Bank Ltd.

2. North Finance Company Ltd. has not refunded the amount of USD..... within 3 (three) days from your withdrawing request dated _____, sent to them on _____.

3. The amount of USD _____ remained unpaid by North Finance Company Ltd. and therefore you demand payment for USD.....under the terms of payment guarantee No _____ issued by the FBME Bank Ltd., Nicosia.

Special condition:

Any and all requests for payment under this guarantee must be accompanied by the following document:

– a copy of withdrawing form duly stamped by North Finance Company Ltd. and originally signed by the Director Mr. Denis Sukhotin.

This document must show an additional stamp by the issuing bank confirming the authenticity of the signature of Mr. Denis Sukhotin.

Our obligation will be reduced by the sum of each payment made by us under this guarantee.

For the purpose of identification, your request for payment in writing has to be presented to us through the intermediary of your bank confirming that the signatures thereon are legally binding upon you.

Your claim will be considered as having been made once we are in possession of your written request for payment or a tested telex or authenticated swift message to this effect from your bank confirming that they have received your written claim and that they will send it to us by courier service.

Our indemnity is valid until (... three months issuing date) and expires in full and automatically if your claim has not been made on or before that date.

This guarantee is governed by English Law and place of jurisdiction is Cyprus.

Yours truly,
The FBME Bank Ltd.

*****

Замимаи 31

ШАКЛИ НАМУНАВИИ ШАРТНОМАИ ҚАРЗӢ

Шартномаи қарзии № _____

Таърихи бастани шартнома: «___»_____ соли 2006

Макони бастани шартнома: ш. Душанбе

Бонки тиҷоратии Зироатбонк, баъдан «Бонк», дар шахси Салим Ҳайратзод, ки дар асоси Оинномаи Бонк ва қонунҳои мавҷуда амал мекунад, аз як ҷониб ва ҷамъияти саҳҳомии «Оламоро», баъдан «Қарздор» дар шахси Маъруфи Сайёд, ки дар асоси оинномаи корхона ва қонунҳои мавҷуда амал мекунад, аз ҷониби дигар, оид ба масъалаи зерин шартнома бастанд:

1. Максади шартнома

1.1. Мувофиқи ин шартнома Бонк ӯҳдадор мешавад, ки маблағи _____ сомониро ба мӯҳлати _____ ба Қарздор диҳад. Қарздор ӯҳдадор мешавад, ки қарзи гирифтаашу фоизи онро бо тартиб ва дар мӯҳлати дар шартнома нишондодашуда баргардонад.

1.2. Қарз барои _____ (масалан, хариди таҷҳизот) дода мешавад.

1.3. Барои баҳисобгирии қарзи додашуда Бонк барои Қарздор ҳисоби қарзии № _____ - ро мекушояд.

1.4. Қарздор ӯҳдадор мешавад, ки ҳангоми истифодаи қарз қоидаҳои зерини қарздиҳиро риоя кунад: мӯҳлатнок, баргардонда, мақсаднок, пулакӣ, таъмин будани қарз.

2. Ӯҳдадориҳои ҷонибҳо

2.1. Бонк ӯҳдадор мешавад:

2.1.1. Бо тартиб ва дар мӯҳлати дар шартнома нишондодашуда қарз бидиҳад.

Маблағи қарз: _____

Таърихи додани он: _____

2.1.2. Ба Қарздор оид ба иҷрои ин шартнома машварат дихад.

2.2. Ӯҳдадориҳои Қарздор:

2.2.1. Қарзро дар мӯҳлати на дертар аз _____ бо роҳи ба ҳисоби қарзӣ гузаронидани пул ё супоридани пули нақд бармегардонад.

2.2.2. Фоизҳои қарзро мувофиқи мизон ва шартҳои дар шартнома муайяншуда пардохт менамояд.

2.2.3. Бозгашти қарзи гирифта ва фоизи онро бо тартибу шартҳои дар шартнома муайяншуда таъмин менамояд.

2.2.4. Ба Бонк оид ба дигар шудани суроғаи ҷойи зист, кор, пом ва ҳолатҳои дигар, ки ба иҷрои ӯҳдадориҳои шартномавӣ таъсир мерасонанд, дар давоми 3 рӯз хабар медиҳад.

3. Нархи қарз ва тартиби ҳисоби он.

3.1. Илова ба баргардонидани қарзи гирифташуда Қарздор ӯҳдадор мешавад, ки ба Бонк маблағҳои зеринро пардохт менамояд:

3.1.1. Барои истифодаи қарз дар мӯҳлати дар шартнома муайяншуда _____ % солона.

3.1.2. Барои истифодаи қарз берун аз мӯҳлати шартномавӣ _____ % солона. Ин мизон барои вақти аз мӯҳлати баргардонидани қарз мувофиқи шартнома то таърихи аслии баргардонидани он истифода мешавад.

3.2. Фоизи қарз аз ҷониби Бонк ҳисоб карда шуда, бо талаби Қарздор тартиби ҳисобкунӣ ба он пешниҳод мешавад. Ҳангоми муайян кардани маблағи фоиз миқдори рӯзҳои сол

мутобиқан 365 ё 366 ва миқдори рӯзҳои моҳ аз рӯи миқдори аслии онҳо истифода мешавад.

3.3. Дар ҳолати тағйир ёфтани шартҳои ташкили захираҳои қарзӣ, вобаста ба тағйири қонунҳои мавҷуда, тағйири шартҳои Бонки миллӣ (дигар шудани мизони фоизи қарзҳои он, мизони захираҳои ҳатмӣ дар Бонки миллӣ, меъёрҳои дигари ҳатмӣ) Бонк ҳуқуқ дорад якҷониба мизони фоизи қарзи мувофиқи моддаи 3.1. ҳамин шартнома додашударо тағйир дода, дар давоми на дертар аз 5 рӯз ба Қарздор хабар диҳад. Қарздор ҳуқуқ дорад шартҳои нави шартномаро қабул намояд ва ё қарзу фоизи онро пеш аз мӯҳлат баргардонад. Дар ин ҳолат фоиз танҳо барои мӯҳлати истифодаи аслии қарз ҳисоб карда мешавад.

4. Тартиби пардохт

4.1. Бонк қарзро ба Қарздор дар мӯҳлати дар моддаи 2.1.1. ҳамин шартнома нишондодашуда бо роҳи ба суратҳисоби он гузаронидани пул ва ё бо пули нақд аз кассаи бонк медиҳад.

4.2. Қарзи додашуда дар мӯҳлати дар моддаи 2.2.1. ҳамин шартнома пешбинишуда баргардонида мешавад.

4.3. Пардохти фоиз барои истифодаи қарз аз ҷониби Қарздор таърихи 21 ҳар моҳ, вале на дертар аз рӯзи охирини моҳ, амалӣ мешавад.

4.4. Баргардонидани қарз ба ҳисоби қарзии № _____ ва фоиз барои истифодаи он ба ҳисоби № _____бо роҳи зерин амалӣ мешавад:

– пардохти пул аз суратҳисоби Қарздор дар асоси супоришномаи хаттии он;

– интиқоли воситаҳои пулии Қарздор ба воситаи муассисаҳои алоқа ва ё муассисаҳои дигари қарзӣ;

– супоридани пули нақд аз ҷониби Қарздор ба кассаи Бонк дар асоси ордери кассавии даромад (приходный кассовый ордер);

– бо роҳҳои дигари дар қонунҳои мавҷудаи Тоҷикистон қабулшуда.

4.5. Қарздор ҳуқуқ дорад баъди хабардор кардани Бонк пештар аз як рӯзи корӣ ӯҳдадориҳои худро пеш аз мӯҳлат иҷро намояд.

4.6. Дар ҳолати зиёда аз 10 рӯз пардохт накардани қарзу фоизи он бо тартиби дар шартнома нишондодашуда Бонк ҳуқуқ дорад яктарафа пеш аз мӯҳлат баргардонидани қарзу фоизҳои дахлдорро талаб кунад.

4.7. Дар ҳолатҳои аз ҷониби қонунҳои амалкунанда пешбинишуда Қарздор ҳуқуқ дорад иҷрои ӯҳдадориҳои қарзии дар шартнома нишондодашударо ба шахси сеюм водор намояд.

4.8. Дар ҳолати пайдо шудани қарзи сари вақт баргардониданашуда (просроченная задолженность) аз ҳисоби қарзи асосию фоизи он маблағҳои аз ҷониби Қарздор ё шахси сеюм пардохтшуда новобаста аз хоҳиши онҳо аввал барои пӯшонидани карзҳои фоизӣ (проценты за пользование кредита), баъдан барои баргардонидани қарзи додашуда равона мешаванд.

5. Назорати бонкӣ

5.1. Дар рафти қарздиҳӣ Бонк истифодаи мақсадноки қарз ва таъминнокии (гарави) онро назорат мекунад.

6. Таъминнокии қарз

6.1. Қарзи дар асоси ин шартнома додашуда бо _____ (масалан, амвол, замонат, кафолатномаи бонк) таъмин шудааст.

7. Ҷавобгарии тарафҳо

7.1. Дар ҳолати иҷро накардан ва ё нопурра иҷро кардани ӯҳдадориҳои дар ин шартнома қайдшуда тарафҳо бо тартиби дар қонунҳои амалкунанда пешбинишуда ҷавобгаранд.

7.2. Дар ҳолати вайрон кардани мӯҳлати пардохти фоизҳо Қарздор ба Бонк дар ҳаҷми 0,5 %-и маблағи пардохтнашуда барои ҳар рӯзи аз мӯҳлат дер додани он ҷарима медиҳад.

7.3. Баргардонидани қарзу фоизи он аз ҷониби Қарздор дар ҳама ҳолат, аз он ҷумла дар ҳолатҳои аз он новобаста, ҳатмӣ аст.

8. Мӯҳлати амали шартнома

8.1. Ин шартномаи қарзӣ баробари имзо шудани он расмӣ гардида то пурра барҷардонидани қарзу фоизи он амал мекунад.

8.2. Тағйир додан, бекор кардан ва ё дароз намудани мӯҳлати шартнома, ба ғайр аз ҳолатҳои дар он нишондодашуда, дар асоси шартномаи иловагӣ ба расмият дароварда мешавад.

9. Муқаррароти ниҳоӣ

9.1. Даъвоҳои ҳангоми иҷрои ин шартнома пайдошуда аз ҷониби додгоҳ мутобиқ ба қонунҳои амалкунанда ҳал карда мешаванд.

9.2. Дар ҳама ҳолатҳои дигари дар ин шартнома пешбининашуда тарафҳо ба қонунҳои амалкунанда такя мекунанд.

9.3. Ҳама харҷҳои ба бастани ин шартнома вобаста аз ҷониби Қарздор пардохт мешаванд.

9.4. Шартномаи мазкур дар ду нусха тартиб дода шудааст, ки ҳар ду қувваи ҳуқуқии якхела дошта, баъди имзо ҳар ду ҷониб як нусха аз онҳоро нигоҳ медоранд.

10. Суроға, ҳисобҳои бонкӣ ва имзои ҷонибҳо

Бонк: _____ **Қарздор**: _____

Замимаи 32

«ҚАРЗИ ТАБАРӢ»

Порворис* бо ваъдаи ба гарав гузоштани табарашу баъди се моҳ баргардонидани маблағи дучанд аз мулёвӣ 10 сомонӣ қарз мегирад. Ҳангоми аз ҳавлӣ баромадани порворӣ мулёвӣ мегӯяд:

– Ист, фикрс ба сарам омад. Охир барои ту баъди се моҳ якбора баргардонидани 20 сомонӣ мушкил мешавад, магар бехтар нест, ки нисфашро ҳозир бидиҳӣ?

Порворӣ розӣ шуда 10 сомонии гирифтаашро ба мулёвӣ бармегардонад.

Баъдан ӯ дар роҳ ба хонааш фикр мекунад:

– Аҷоиб. Пул надорам, табар ҳам, болои он 10 сомонӣ қарздор шудам. Аз ҳама ачибаш ин, ки дар ин кор хатоиеро намебинам.

Аз муаллиф: Хатоӣ дар чист?

*Порвору Мулёв – номи ду деха дар ҷануби кишвар.

Замимаи 33

ҶАВОНМАРДӢ ВА АХЛОҚИ МУБОРАК

Рӯзе ҳазрати Муҳаммад (с) дар миёни саҳобаҳон нишаста сӯҳбат доштанд. Ногоҳ Зайд ибни Саъна, ки аз донишмандони яҳуд буд, дохили масҷид шуда, сафҳои саҳобагонро убур карда, ба назди Расули Акрам (с) омад. Сипас густохона домани либоси мубораки он ҳазратро гирифта ба ин тарафу он тараф кашиду фарёд бароварда:

– Қарзи маро адо кун, эй Муҳаммад (с)! Шумо қабилаи Банӣ Ҳошим дар адо кардани қарз ваъдаи дуруст надоред (яъне, ваъдахилофед).

Ӯ ин суханонро дар ҳоле гуфт, ки замони ваъдаи пардохти пул пурра нашуда, то мӯҳлати ваъдашуда чанд рӯзи дигар боқӣ монда буд.

Ҳазрати Умар ибни Хаттоб, ки он ҷо ҳозир буд, хашмнок шуда, шамшерро аз ғилоф кашид ва аз Расулуллоҳ (с) иҷозати қатли онро хост. Ҳазрати Муҳаммад (с) ба Умар (р) гуфтанд:

– Мо туро ба ин даъват накардаем, ки ҳар кас гуноҳе кард, ба қувваи қаҳр мутавассил шавӣ (яъне, қаҳру ғазабро ба кор барӣ). Ту мебоист ба ин кас (яҳудӣ) ба хубӣ фаҳмонӣ, ки қарзашро муаддабона талаб намояд.

Яҳудӣ, ки ин ҳама мулоимат ва ҷавонмардии Расулуллоҳро мушоҳида мекард, чунин гуфт:

– Эй Муҳаммад (с), қасам ба Худо, ки туро ба ҳақ фиристодааст. Ман наёмадам, ки аз ту қарзи худро талаб кунам, балки барои имтиҳон кардани ахлоқи ту омадаам ва ман медонам, ки ваъдаи мо ҳанӯз пурра нашудааст. Лекин ман тамоми авсофи писандида ва ахлоқи ҳасанаи туро дар Таврот хондаам. Ҳамаи онҳоро дар ахлоқу зиндагии ту дида будам, фақат як сифат носанҷида монда буд. Ман боре таҷриба накарда будам, ки дар ҳолати ғазаб худро идора карда метавонӣ ё не? Ҳоло бароям равшан шуд, ки дар вақти

шиддати ҷаҳли ҷоҳилон ҳилм (мулоиматӣ) ва ҷавонмардият афзуда мешавад. Мехоҳам ба ман калима арза кунӣ, то мусулмон шавам.

Ҳамин тавр, яҳудӣ мафтуни ахлоқи ҳамидаи Расулуллоҳ (с) гашта, ба саффи мусулмонон пайваст.

www.ahbor.com/article.php?aid=102

Замимаи 34

ИСТИФОДА АЗ ҲОЛАТИ МУСОИД

Шаҳри Сюрих, Швейтсария. Марде ба бонки тиҷоратӣ омада хоҳиш мекунад, ки ба ӯ 100 франк (баробар ба 70 доллари амрикоӣ) қарзи яксола диҳанд. Корманди бонк мегӯяд, ки мувофиқи қоидаи бонки онҳо қарзгиранда бояд гарави боэътимод дошта бошаду онро дар бонк нигоҳ дорад. Мард эълон мекунад, ки ӯ тайёр аст мошини сабукрави худро чун гарави қарз дар бонк монад. Корманди бонк розӣ шуда ба он мард қарз медиҳад.

Баъди як сол, ҳангоми баргардонидани қарзу фоизи он корманди бонк аз ӯ мепурсад:

– Барои чӣ шумо, ки соҳиби чунин мошини қиматбаҳоед, аз бонки мо қарзи ночизе гирифтед?

Мард ҷавоб медиҳад:

– Ман сафари яксолаи хориҷӣ доштам ва барои нигоҳ доштани мошинам аз боики шумо дида дигар ҷойи муносибу арзонтаре наёфтам.

Аз муаллиф: Дар ҳақиқат иҷораи ҷойи нигаҳдошти мошин дар шаҳрҳои аврупоӣ моҳе то 200 евроро (баробар ба 300 доллари амрикоӣ) ташкил медиҳад. Агар онро дар кӯчаҳои марказӣ монед, нарх боз ҳам қиматтар аст. Масалан, нархи якрӯзаи нигаҳдошти мошин дар кӯчаҳои марказии шаҳри Брюссел 12 евро мебошад.

Акнун бармегардем ба муносибати қарзии болоӣ. Агар фоизи қарз ба 4 баробар бошад, марди зирак барои нигаҳдошти мошинаш моҳе 0,33 франк (баробар ба 0,23 доллари амрикоӣ) додааст халос.

*****

Замимаи 35

ҲИКОЯТИ ВАЗЪИ ЧОВИ НОМУБОРАК ВА ХАЛАЛҲО, КИ БАД-ОН САБАБ ДАР МАМОЛИК ЗОҲИР ШУД

Садруддин ва баъзе умаро аҳёнан дар боби *чов*, ки дар вилояти Хитой равон аст ва ба тадбиру тарвиҷи он дар ин вилоёт баҳсею андешае мекарданд ва он қазияро дар бандагии ҳазрат арза доштанд. Гайхоту сурати он ҳол аз Пӯлодчингсонғ истикшоф фармуд (пурсид). Тақрир кард (Пӯлод гуфт), ки *чов* коғазе аст, ки тамға (мӯҳр)-и подшоҳ бар он ҷо аст ва дар тамомати Хитой ба ҷои дирами маскук (сикказадашуда) меравад...

Гайхоту чун подшоҳе бағоят сахӣ (аслан исрофкор) буд ва бахшиш ба ифрот мекард ва моли олам ба ҷуди ӯ вофӣ па (яъне агар моли олам дар ихтиёраш мебуд, ҳамаро ба боди фано медод), он қазияро мустаҳсан дошт (яъне пули коғазӣ маъқулаш шуд). Ва Садруддин мехост, ки дар мамолик вазъе ниҳад, ки дигарон накарда бошанд, бад-он восита дар он боб саъйи тамом менамуд... Ярлиғ (фармони подшоҳ) шуд, ки ба зудӣ онро тамом кунанд.

Ва одинаи бистуҳафтуми шаъбон (мутобиқ ба 23 июли 1294) Оқбуқо ва Тағочор ва Садруддин ва Тамочиноқ ба ҷиҳати ичрои чов ба ҷониби Табрез равон шуданд. Ва пуздаҳуми рамазон (14 август) он ҷо расиданд ва ярлиғ расониданд ва чови бисёр тартиб карданд. Ва рӯзи шанбе нуздаҳуми шавволи санаи салоса ва тисъина ва ситтумиа (соли 693 мутобиқ ба 13 сентябри соли 1294) дар шаҳри Табрез чов берун оварданд ва равон карданд (яъне чов ба муомилот бароварда шуд).

Ва фармон чунон буд, ки ҳар офарида, ки наситонад, дарҳол ӯро ба ёсо (қатл) расонанд.

Як ҳафта аз бими шамшер меситаданд, аммо ба ивази он зиёдат чизе ба касе намедоданд. Ва бештари мардуми Табрез аз роҳи изтирор (тангдастӣ) сафар ихтиёр карданд ва

ақмишаву ағзия (либосу хӯрокворӣ) аз рӯи бозор баргирифтанд, чунонки ҳеч чиз ёфт набуд. Ва мардум ба чиҳати мева хӯрдан паноҳ бо боғҳо доданд. Ва шаҳре чунон анбӯҳ (серодам) аз мардум холӣ шуд ба куллӣ. Ва рунуду авбош ҳар киро дар кӯчаҳо меёфтанд, бараҳна мекарданд. Ва корвон аз он чо мунқатеъ (канда) шуд.

Ва рунуд (авбош, роҳзанон) ба шаб ба сари кӯчаҳои боғ камин кардандӣ ва агар мискине харворе ғалла ё сабаде мева ба ҳилат ба даст оварда будӣ, то ба хона барад, онро аз вай меситаданд ва агар монеъ шудӣ, гуфтандӣ «бифурӯш ва баҳои он чови муборак биситон ва бинамой, ки аз кучо харидӣ». Бар чумлаи халқ дар он бало гирифтор шуда буданд ва мискинон даст ба дуо бардошта...

Ва дар гӯшаҳо атъима (таомҳо) ба зар мефурӯхтанд ва боз халқеро бад-он баҳона бикуштанд ва муомилоту тамғоҳо ба куллӣ барафтод. Ва рӯзе дарвеше бар сари бозор инони Садруддин бигирифт ва гуфт:

Бӯи чигари сӯхта олам бигирифт,
Гар нашнидӣ, зиҳӣ димоғе, ки турост.

Садруддин ба таъсири он сухан... ярлиғ ҳосил кард, ки муомилоти атъима ба зар кунанд. Бад-он сабаб мардум далер шуданд ва зоҳиран муомилат ба зар мекарданд. Ва бад-он восита гоибон рӯй ба шаҳр ниҳоданд ва ба андак замон боз маъмур (обод) шуд.

Ва оқибатуламр, кори чов ба чое нарасид ва тарки он гирифтанд ва халоиқ аз он заҳмат халос ёфтанд (39, 1197-1199).

АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. *Ғафуров Б. Ғ.* Тоҷикон, таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна. – Китоби якум. – Душанбе: Ирфон, 1983.

2. *Александрова Н.Г., Александров Н.А.* Банки и банковская деятельность для клиентов. – СПб.: Питер, 2002.

3. Банки и банковское дело. Учебник для вузов / Под ред. *И.Т.Балабанова.* – СПб.: Питер, 2001.

4. Банковское дело: стратегическое руководство / Под ред. *Владимира Платонова, Майкла Хиггинса.* – М.: Изд. «Консалтбанкир», 2001.

5. Банковское дело. Учебник / Под ред. проф. *В.И. Колесникова*, проф. *Л.П. Кроливецкой.* – М.: Финансы и статистика, 2002.

6. Банковское дело. Учебник / Под ред. О.И. Лаврушина. – М.: Финансы и статистика, 2002.

7. *Войтов А.Г.* Деньги. – М.: Дашков и К°, 2002.

8. *Гогохия Д.Ш.* Деньги, норма процента, валютный курс и занятость. – М.: Институт экономики РАН, 1998.

9. Денежное обращение и банки: Учеб.пособие / Под редакцией *Г.Н. Белоглазовой, Г.В. Толоконцевой.* – М.: Финансы и статистика, 2001.

10. Деньги, кредит, банки. Учебник / Под ред. проф. *О.А. Лаврушина.* – М.: Финансы и статистика, 1999.

11. Деньги. Кредит. Банки: Учебник для вузов / Под ред. проф. *Е.Ф. Жукова.* – М.: ЮНИТИ, 2002.

12. *Кураков Л.П., Тимирясов В.Г., Кураков В.Л.* Современные банковские системы. Учебное пособие. – М.: Гелиос АРВ, 2000.

13. *Лобанова Т.Н.* Банки: организация и персонал. Учебно-практическое пособие. – М.: Городец, 2000.

14. Общая теория денег и кредита. Учебник для вузов / Под ред. акад. РАЕН *Е.Ф. Жукова.* – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2001.

15. *Усов В.В.* Деньги. Денежное обращение. Инфляция. Учебное пособие для вузов. – М.: Банки и биржи, ЮНИТИ, 1999.

16. *David Palfreman and Philip Ford.* Elements of Banking. – London: Pitman publishing, 1988.

17. *Перемалотов В.В., Хайкин Р.М.* Деньги. – М.: Экономика, 2002.

18. Банковское дело. Учебное пособие для вузов / Под ред. *Белоглазовой Г.Н. и Кроливецкой Л.П.* – СПб.: Питер, 2002.

19. *Самойлов Г.О., Бачалов А.Г.* Банковская конкуренция. – М.: Экзамен, 2002.

20. *Рудый К.В.*. Финансово-кредитные системы зарубежных стран: Учебное пособие / – М.: Новое знание, 2003.

21. *Воронин В.П., Федосова С.П.* Деньги, кредит, банки: Учебное пособие. – М.: Юрайт-издат, 2002.

22. *Балабанов И.Т., Гончарук О.В., Савинская Н.А.* Деньги и финансовые инструменты. – СПб.: Питер, 2002.

23. *Howard Means.* Money & Power: The History of Business. – New York: John Wiley & Sons, Inc., 2001.

24. *Титова Н.Е., Кожаев Ю.П.* Деньги, кредит, банки: Учебное пособие. – М.: ВЛАДОС, 2003.

25. *Murray N. Rothbard.* What Has Government Done to Our Money? – The Ludwig von Mises Institute, 1980.

26. *Laura Pedersen, Peter Model.* Play Money: My Brilliant Career on Wall Street. – New York: Crown Publishing, 1991.

27. The Book of Investing Wisdom: Classic Writings by Great Stock-Pickers and Legends of Wall Street / Edited by *Peter Krass.* – New York: John Wiley & Sons, Inc., 2000.

28. Небанковская кредитная организация: Создание, функционирование и ликвидация: Учебно-практическое пособие / Под ред. *Тосуняи Г.А.* – М.: Дело, 2003.

29. *Жарковская Е.П.* Банковское дело: Учебник. – М.: Омега-Л, 2003.

30. *Вагин И.О.* Деньги, власть, сила. – М.: Рипол классик, 2002.

31. *Дик Френсис.* Горячие деньги. – М.: ЭКСМО-Пресс, 2000.

32. *Maria Nemeth.* The Energy of Money. – New York: The Ballantine Publishing Group I, 1999.

33. Деньги. Кредит. Банки. Учебник / *Г.Е.Алпатов, Ю.В.Базулин* и др.; Под ред. В.В. Иванова, Б.И. Соколова. – М.: Изд-во Проспект, 2003.

34. *Яковлев И.Э.* Мир денег. – СПб.: Питер, 1999

35. *Rueff J.* The Monetary Sin of the West. – New York: MacMillan Publishing Group, 1972.

36. Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон. Ал-бом / *Р.М. Масов, С.Г. Бобомуллоев.* – Париж: Чопхонаи ЮНЕСКО, 2005.

37. Таърихи тиҷорат. Маводи таълимӣ / *Б. Исоматов, Ҳ. Фақеров.* – Душанбе: «Паёми ошно», 2004.

38. *Шарипов Х.* и другие. Краткий словарь-справочник по рыночной экономике. – Душанбе: Ирфон, 2005.

39. رشیدالدین فضل الله همدانی. جامع التواریخ. –جلد دوم. – تهران ۱۳۷۳

МУНДАРИҶА

ОҒОЗ 4

Мавзӯи 1. ПАЙДОИШИ ПУЛ, ЗАРУРАТ ВА МОҲИЯТИ ОН

1.1. Заминаҳои пайдоиши пул ва хосиятҳои зарурии он 7
1.2. Таърихи пайдоиши пулҳои филиззӣ ва коғазӣ 12
1.3. Зарурат ва моҳияти пул 17

Мавзӯи 2. ВАЗИФА ВА НАМУДҲОИ ПУЛ

2.1. Вазифаҳои пул ва тавсифи онҳо 21
2.2. Намудҳои пул 31
2.3. Пулҳои коғазӣ 35
2.4. Пулҳои ғайринақдӣ 39

Мавзӯи 3. НАҚШИ ПУЛ ДАР ПЕШРАФТИ ИСТЕҲСОЛОТ ВА ДАВЛАТДОРӢ

3.1. Пул ва такрористеҳсоли васеъ 49
3.2. Сиёсати иқтисодии давлат ва нақши пул дар татбиқи он ... 53
3.3. Нақши пул дар муносибатҳои байналмилалии мамлакат ... 57

Мавзӯи 4. МУОМИЛОТИ ПУЛӢ ВА ТАРТИБИ ТАШКИЛИ ОН

4.1. Мафҳуми муомилоти пулӣ 64
4.2. Чон ва эмиссияи пул 67
4.3. Мултипликатори бонкӣ 73

Мавзӯи 5. ҚОНУНИ МУОМИЛОТИ ПУЛӢ ВА НАЗОРАТИ ГАРДИШИ ПУЛ

5.1. Миқдори пул ва пешбинихандаҳои ба он алоқаманд 79
5.2. Қонуни муомилоти пулӣ ва назорати гардиши пул 86
5.3. Ҳаҷми пул ва зарурати назорати он 90

Мавзӯи 6. МУОМИЛОТИ ПУЛИИ ҒАЙРИНАҚДӢ

6.1. Асосҳои ташкили муомилоти пулии ғайринақдӣ 95
6.2. Қоидаҳои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ 98
6.3. Шаклҳои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ 106
6.4. Ҳисоббаробаркуниҳои электронӣ 130
6.5. Ҳисоббаробаркуниҳои байнибонкӣ 134

Мавзӯи 7. МУОМИЛОТИ ПУЛИИ НАҚДӢ

7.1. Асосҳои иқтисодии муомилоти пулии нақдӣ 141
7.2. Гардиши пули нақд 144
7.3. Ташкили муомилоти пули нақдӣ ва банақшагирии он 148

Мавзӯи 8. НИЗОМИ ПУЛӢ

8.1. Низоми пулӣ ва намудҳои он 154
8.2. Қоидаҳо ва ҷузвҳои низоми пулӣ 160
8.3. Низоми пулии Ҷумҳурии Тоҷикистон 168

Мавзӯи 9. ТАВАРРУМ ВА ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШИ ОН

9.1. Мафҳуми таваррум 172
9.2. Тартиби ченкунии таваррум 177
9.3. Заминаҳои пайдоиши таваррум 180
9.4. Намудҳои таваррум 186

Мавзӯи 10. ОҚИБАТҲОИ ТАВАРРУМ ВА ТАНЗИМИ ОН

10.1. Оқибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии таваррум 194
10.2. Тартиби танзими таваррум 200
10.3. Роҳҳои баромадан аз вазъи ногувори таваррумӣ 204
10.4. Таъсири таваррум ба фаъолияти бонкҳо 210

Мавзӯи 11. ҚАРЗ, ЗАРУРАТ ВА МОҲИЯТИ ОН

11.1. Мафҳуми қарз 217
11.2. Зарурати истифодаи қарз 219
11.3. Вазифаҳои қарз 225

Мавзӯи 12. ПАЙДОИШ ВА ПЕШРАФТИ МУНОСИБАТҲОИ ҚАРЗӢ

12.1. Муносибатҳои қарзӣ ва марҳалаҳои асосии рушди онҳо 230
12.2. Сармояи қарзӣ ва сарчашмаҳои он 238
12.3. Қоидаҳои қарздиҳӣ 244

Мавзӯи 13. ШАКЛ ВА НАМУДҲОИ ҚАРЗ

13.1. Шаклҳои ибтидоии қарз 248
13.2. Қарзи тиҷоратӣ 250
13.3. Қарзи бонкӣ 254
13.4. Қарзи давлатӣ 260
13.5. Қарзи байналмилалӣ 262
13.6. Қарзи истеъмолӣ 264

Мавзӯи 14. НАҚШИ ҚАРЗ ВА ҲУДУДИ ИСТИФОДАИ ОН

14.1. Нақши қарз дар пешрафти иқтисодиёт 267
14.2. Ҳудуди қарз ва зарурати риояи он 274
14.3. Фоизи қарз 277
14.4. Намудҳои фоизи қарз 283

Мавзӯи 15. АСОСҲОИ ТАШКИЛИ МУНОСИБАТҲОИ ҚАРЗӢ

15.1. Сиёсати қарзии корхона 290
15.2. Сиёсати қарзии бонки тиҷоратӣ 296

Мавзӯи 16. РАВАНДИ ҚАРЗДИҲӢ

16.1. Ташкили раванди қарздиҳӣ 303
16.2. Хатари барнагаштани қарз 307
16.3. Қобилияти қарзадокунии қарзгиранда 309
16.4. Таъминнокии қарз ва интихоби гарави он 316
16.5. Додани қарз ва назорати истифодаи он 323

Мавзӯи 17. МУНОСИБАТҲОИ АСЪОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ТАВОЗУНИ ПАРДОХТ

17.1. Мафҳуми асъор ва амалиётҳои асъорӣ 329
17.2. Низоми асъорӣ ва рушди он 335
17.3. Қурби асъор 338
17.4. Тавозуни пардохт 344
17.5. Моддаҳои тавозуни пардохт ва тавсифи онҳо 348
17.6. Касри тавозуни пардохт ва роҳҳои пӯшонидани он 354

Мавзӯи 18. МУНОСИБАТҲОИ ҚАРЗИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

18.1. Бозори байналмилалии сармояи қарзӣ 360
18.2. Қарзи байналмилалӣ ва намудҳои он 365
18.3. Ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ 367
18.4. Ташкилотҳои молиявии минтақавӣ 372

ЗАМИМАҲО

Замимаи 1 377
Замимаи 2 378
Замимаи 3 381
Замимаи 4 382
Замимаи 5 384
Замимаи 6 386
Замимаи 7 387
Замимаи 8 388
Замимаи 9 392
Замимаи 10 393
Замимаи 11 394
Замимаи 12 395
Замимаи 13 400
Замимаи 14 401
Замимаи 15..... 402
Замимаи 16 403
Замимаи 17 404
Замимаи 18 405
Замимаи 19 406
Замимаи 20 407
Замимаи 21 409

Замимаи 22 411
Замимаи 23 414
Замимаи 24 415
Замимаи 25 416
Замимаи 26 421
Замимаи 27 422
Замимаи 28 423
Замимаи 29 424
Замимаи 30 427
Замимаи 31 431
Замимаи 32 436
Замимаи 33 437
Замимаи 34 439
Замимаи 35 440

АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА 442

Учебное пособие

Шариф Рахимзода

Денежное обращение и кредит
(на таджикском языке)

Муҳаррири нашриёт: Б.Мирзоев
Муҳаррири техникӣ: Ф.Дӯстмуродова
Муҳаррири ороиш: З.Ҷамолов
Саҳифабанд: З.Ҷамолов
Мусаҳҳеҳ: Б.Мирзоев

Ба матбаа 01.04.09 супорида шуд. Ба чопаш 13.05.09 имзо шуд Андозаи 60x90 1/16. Когази офсетӣ. Гарнитураи Times. Чопи офсетӣ Ҷузъи чопии шартӣ 28.05. Теъдоди нашр 1000 нусха. Супориши № 30 Нархаш шартномавӣ.

Дар матбааи ҶДММ "ЭР-граф" ба табъ расидааст.
734036, Душанбе, кӯчаи Р. Набиев, 218.
Тел: +992 (37) 881-15-16

Барои қайдҳо

50 copy

ISBN 978-99947-42-05-9